**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 37.026+373**
**ТКБ: 74.202+74.2**
**Н - 84**

**НОСИРОВ САЪДУЛЛО ШУКУЛОЕВИЧ**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ДИДАКТИКИИ ТАШАККУЛИ ДОНИШ, МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Мушовири илмӣ: Гулмадов Файз – доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**ДУШАНБЕ – 2025**

МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА……………………………………………………...................4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ РАВАНДИ ПЕДАГОГӢ ОИД БА ТАШАККУЛИ ДОНИШ, МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН…….........................................................................................21**

1.1. Хусусиятҳои назариявию дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон.........................................................................21

1.2. Ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон – омили муайянкунандаи накш ва махсусиятҳои раванди таълим.................................34

1.3. Таносуби таълим ва инкишофи тамоилҳои имконпазири ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон.........................................................55

**ХУЛОСАҲОИ БОБИ ЯКУМ**…...................................................................................89

**БОБИ II. МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛИ ДОНИШ, МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ЗЕҲНӢ ДАР АМАЛИЯИ ТАЪЛИМ……………………........93**

2.1. Банақшагирӣ, мазмун ва методикаи машғулиятҳои гуногун оид ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон.......................93

2.2. Намудҳои таълим ва фаъолнокии маърифатии хонандагон дар дарсҳои фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ ………………………………………........................117

2.3.Робитаи байнифаннӣ ва мураттабсозии дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ дар таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ......................................142

**ХУЛОСАҲОИ БОБИ ДУЮМ**…..............………..............................................179

**БОБИ III. АСОСҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАШАККУЛИ МАФҲУМҲОИ ИЛМӢ, УМУМӢ, МУШАХХАС ВА ҚОНУНҲОИ ИЛМӢ.........................184**

3.1. Асосҳои назариявии ташаккули мафҳумҳои илмӣ, умумӣ ва мушаххаси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ.............................................................184

3.2. Хусусиятҳои омӯзиши мафҳумҳои илмӣ, донишҳои таҷрибаи ҳаётӣ ва шароити педагогии татбиқи онҳо дар раванди таълим................................212

3.3. Аҳаммияти маърифатии қонунҳои илмии фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон...............238

**ХУЛОСАҲОИ БОБИ СЕЮМ**…..................................................................255

**БОБИ IV. ТАҲҚИҚОТИ ОЗМОИШИИ РОҲУ УСУЛҲОИ ТАШАККУЛИ ДОНИШ, МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН........................................................................................259**

4.1. Нақши шаклҳои гуногуни ташкили таълим дар азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон ....................................................259

4.2. Ҷойгоҳи системаи дарсҳо дар татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон....................................................................282

4.3. Таъсири озмоишҳои таълимӣ ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон...................................................................303

**ХУЛОСАҲОИ БОБИ ЧОРУМ** ……. ..........................................................328

**ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ…………………………………………..................332**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....................................…………………………...........337**

## МУҚАДДИМА

Имрӯз таълим, тарбия ва инкишофи шахсияти дорои неруи баланди зеҳнӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои меҳварӣ, дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Дар робита ба ин, зарурати баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, маҳорати касбии омӯзгорон ва имкониятҳои эҷодии хонандагон ба миён меояд. Ҳамзамон, пешрафти босуръати илму техника ва раванди рӯзафзуни ҷаҳонишавӣ дар ҷомеаи муосир дигаргуниҳои азимро дар пай дорад, ки бе баланд бардоштани сифати таҳсилот ба дастовардҳои назаррас ноил гардидан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон бояд вазифаи асоситарини муассисаҳои таълимӣ дониста шавад, ки дар ин бобат нақши асосиро таълим мебозад.

Таълим раванди басо муҳимми ҳақиқати воқеӣ ба шумор рафта, ба пешравиҳои равандҳои дигар – тарбия ва инкишоф мусоидат менамояд. Таълим ҳамчун фаъолияти маърифатии хонанда теъдоди зиёди алоқа ва муносибатҳо, омилҳои мухталифи қоидаҳо ва хусусиятҳои гуногунро дар бар мегирад. Ба пиндори аксарият, таълим маҷмуи амалиёти пайдарпайи тарафайни омӯзгору хонандагон мебошад, ки ба мақсади омӯзиш ва азхудкунии низоми донишу маҳорат ва малакаҳо аз ҷониби омӯзгор роҳбарӣ карда мешавад.

Тавре ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст: «Омӯзиш фаъолиятест, ки барои ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳои барои маълумоти васеъ ва фаъолияти меҳнатии минбаъда зарур нигаронида мешавад. … Хонанда ҳар қадар фаъолона донишҳоро аз худ кунад, ҳамон андоза маҳорат ва малакаҳоро фаъолона ба даст меорад. Фарогирии донишҳо кори зеҳни хонандаро фаъол мегардонад»[1].

Шароити тағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, ки вазифаҳои таълимро зиёд ва гуногунпаҳлу гардонидааст, дар назди мактаб талаботҳои

[1]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – С. 74.

навро ба миён мегузорад. Дар чунин ҳолат яқин аст, ки дигар таълими анъанавӣ ва шаклу тарзҳои он қонеъкунанда набуда, сифати таълимро дар сатҳи зарурӣ таъмин карда наметавонад. Бинобар ин, бо ёрии шаклу методҳои нави таълим мунтазам зеҳни хонандагон, тафаккур ва қобилияти эҷодӣ, ҳамзамон, донишҳои ҷамъбастӣ ва ҷаҳонбинии илмии ба мавқеи мубрами ҳаёти онҳо нигаронидашударо бояд ташаккул дод.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф вазифаҳои таълим ва таҳсилот дар шароити давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, махсусан тайёр намудани шахсони соҳибмаълумоти дорои тафаккури эҷодӣ, донишҳои амиқ, ғояҳои сулҳдӯстӣ, инсонпарварӣ, ватанпарастӣ муайян шуда, риояи адолати иҷтимоӣ, арзишҳои умумибашарӣ, ҳуқуқ ва қонунҳои эътирофшуда ва амсоли ин баён ёфтаанд.

Дар илмҳои педагогикаю психология, методика ва амалияи таълим диққати зиёд ба амалигардонии принсипи дидактикию психологии шуурнокӣ, фаъолнокӣ ва мустақилияти хонандагон дода мешавад. Ин, бешубҳа, дуруст ва асоснок мебошад, зеро бидуни шуурнокӣ, фаъолнокӣ, азхудкунии мустақилонаи маводи таълимӣ, идроки амиқи он, ҷамъбаст ва истифодаи он дар амал инкишофи зеҳнии шахсият имконнопазир аст.

Масъалаи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон фавқулода мураккаб ва серпаҳлу буда, ҳалли он рафъи омилҳои зиёдро тақозо менамояд. Танҳо зимни омӯзиши як ё ду фанни таълим ҳал намудани он ғайриимкон мебошад.

Мусаллам аст, ки хонандагон маҷмуи донишҳо ва маҳорату малакаҳои зарурии ро ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимӣ дар тамоми давраи таҳсил ва дигар манбаъҳои илмию маърифатӣ ба даст меоранд. Асоси ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагонро ҷамъбаст, амиқию фароҳӣ, мураттабии донишҳо ва бошуурона азхудкунию татбиқи амалии онҳо ташкил медиҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар таърихи илми педагогикаи тоҷик, маҳз дар ҳалли масъалаи мукаммалсозии тадрис, дониш ва ташаккули

маҳорату малакаҳо мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик саҳми босазо гузоштанд.

Масъалаҳои назариявии таълим ва ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои хонандагон дар асарҳои олимони гузаштаю имрӯзаи соҳаи педагогика, аз ҷумла Х. Буйдоқов, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, У. Зубайдов, Ҷ. Шарифов, Н. Сангинов, И. Каримова, А. Мирализода, Х. Раҳимзода, С. Холназаров, Қ. Қодиров, Ф. Гулмадов, С. Неъматов, Х. Раҳимзода, Л. Иматзода, С. Шербоев, А. Нуров, Б. Қодиров, Х. Сабурӣ, Г. Мухаметов, Л. Рӯзиева, Т. Зиёзода ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд, ки ба мо ҷиҳати шиносоӣ бо паҳлуҳои гуногуни раванди таълим ёрии калон расониданд.

Дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи М. Лутфуллозода, Н. Сангинов, Х. Буйдоқов, Ҷ. Шарипов масъалаҳои асосҳои дидактикии корҳои мустақилона дар раванди таълим, масъалаҳои умумидиктикии таълим, хусусиятҳои махсуси дарсҳои такрор ва ҷамъбастӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ гардидаанд. Муҳаққиқон У. Зубайдов, Ф. Шарифзода, Б. Қодиров масоили таълими тафриқа, таълими ҳамгиро, робитаҳои байнифаннӣ ва тафаккури эҷодии хонандагонро асоснок намудаанд. Т. Зиёзода назария ва амалияи санҷиши дониш ва маҳорату малакаҳои хонандагон дар таълими дарсҳои таъриху ҳуқуқи инсонро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Олимони намоёни тоҷик С. Шербоев, С.Э. Негматов, Л.Т. Рӯзиева масъалаҳои таълими забони тоҷикӣ, таҳсилоти лингвистӣ, методҳои инноватсионӣ дар таълими забонҳои русӣ ва англисиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор додаанд.

Оид ба такмили раванди таълим ва ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон олимони рус, ба монанди М.А. Данилов, М.Н. Скаткин, М.И. Махмутов, А.М. Матюшкин, Т.И. Шамова, М.И. Загвязинский, Л.В. Занков, В.В. Давидов, Д.В. Элконин, Ю. В. Шаров, Г.И. Шукина, И.Я. Лернер, В.В. Краевский, Н.А. Менчинская, Г.С. Костюк, А.В. Усова, Ю.К. Бабанский, Н.Ф. Талызина, В.К. Дяченко, В.П. Зинченко, Б.С.

Гершунский, П.И. Пидкасистый, И.П. Подласый, В.С. Кукушин, Е.В. Коротаева ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд.

Раванди таълим аз ҳар ҷиҳат аз ҷониби педагогҳо ва психологҳои хориҷи дур – Х. Гайселхарт, П. Гриффин, Х. Дарлинг, Ҷ. Дюи, В.И. Кирнос, Ф. Лазер, Д. Мак Рас, Б.Х. Милнер, А.И. Даев, Х. Рикки, А. Роу, В. Штерн ва дигарон коркард шудааст.

Гарчанде мавзуъҳои ба дидактика, хусусиятҳои раванди таълим, таълими тафриқа, ҳамгиро, азхудкунии дониш, ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ, методикаи таълими фан ва дигар масъалаҳои ба омӯзонидану омӯхтани хонандагон алоқаманд дар ин ё он шароит пажуҳиш ва баррасӣ шуда бошанд ҳам, ҳанӯз масъалаи назариявию дидактикии ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи алоҳидаю ҳамаҷонибаи педагогӣ қарор нагирифтааст.

Дар таҳқиқотҳои илмии ба соҳаи таълим ва таҳсилот бахшидашуда комёбиҳои назаррас ба даст оварда шудаанд, вале асоси онҳоро андешаҳои эмперикӣ ташкил медиҳанд.

Бояд зикр кард, ки имрӯз проблемаи муҳим дар татбиқи ғояҳо оид ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки бо сабабҳои зерин дар сатҳи зарурӣ ҳалли пурраи худро наёфтаанд:

– нарасидани омӯзгорони дорои касбияти баланд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва сатҳи пасти донишҳои педагогию психологӣ ва дидактикии онҳо;

– дастрасии пурра надоштани омӯзгорон ба дастурҳои методӣ оид ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон;

– номукаммалию ноустувории барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва омӯзиши нокифояи хусусиятҳои азхудкунии мафҳуму қонунҳои илмӣ, мавҷуд набудани дастуру раҳнамо, барномаҳои махсуси омӯзиши мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ барои хонандагон;

– маҳорати пасти касбии омӯзгорони фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ оид ба рушди тамоюлҳои имконпазири воқеии таълимии хонандагон;

– омода набудани омӯзгорон ба ташхиси шахсияти хонандагон дар татбиқи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон.

Таҳлили адабиёти илмию педагогӣ ва марбути таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон дод, ки ихтилофҳои зерин дар раванди воқеии таълим ошкор карда шаванд:

– миёни раванди таълим роҷеъ ба таъмини татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ ва фаъолияти камсамари омӯзгорону хонандагон;

– миёни эътирофи муҳиммияти ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон ва мушкилоти татбиқи он дар низоми таҳсилоти муосир;

– миёни шавқу рағбати хонандагон ба омӯзишу худинкишофдиҳии зеҳн ва ҷавобгӯи талабот набудани шароити ташкили таъмини босамари ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани сатҳу сифати раванди таълим;

– миёни талаботи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ ва мавҷуд набудани дастурҳои илмию методии истифодаи методика ва роҳу воситаҳои татбиқи он.

Ҳамин тавр, бинобар сабаби коркарди нокифояи проблемаи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон, махсусан дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъзеи он дар ихтилофҳои боло зикр шуданд, мо мавзуи **«Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон»**-ро ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи "Шаклу усулҳои инноватсионии таълим

дар асоси талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар шароити муосир” иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Аз ҷиҳати назариявӣ ва озмоишӣ муайян ва асоснок кардани роҳу усулҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли чунин вазифаҳо заруранд:

– муайян намудани дараҷаи коркарди илмии масоили ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар раванди таълим;

– ошкор намудани омилҳои назариявию дидактикии ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон нигаронидашуда дар дарсҳои силсилаи фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ;

– асоснок намудани омилҳои пешбари педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон;

– таҳияи барномаи омӯзиш ва ташаккули мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмӣ ва риояи талаботи он;

– таҳқиқ намудани имкониятҳои воқеии таълимии хонандагон дар раванди таълим ба мақсади ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ онҳо дар дарсҳои силсилаи фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ;

– ба роҳ мондани омӯзиши таъминкунандаи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон тавассути шаклу методҳои нави таълим ва муайян сохтани тарзҳои истифодаи онҳо зимни тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ;

– ба тариқи озмоишӣ санҷидани натиҷаҳои таҳқиқот оид ба шароити муосири татбиқи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ;

– дар асоси маълумотҳои бадастомада тарҳрезӣ намудани амсилаи намунавии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон ҷиҳати самараноксозии тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ.

**Объекти таҳқиқот**. Раванди ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ зимни таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Роҳу усулҳои муассири ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ ба таври самаранок ташаккул меёбад, агар:

– мувофиқи талаботи методологии илмҳои педагогию психологӣ манбаи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон, ҳамчунин хусусиятҳо ва механизмҳои инкишофи онҳо дар раванди таълим ошкор карда шавад;

– аз ҷиҳати назариявӣ-дидактикӣ ва методологӣ маҷмуи воситаҳои такмили раванди таълим оид ба азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон коркард ва истифода бурда шавад;

– низоми тадриҷан мураккабшавандаи мафҳумҳои илмӣ, мафҳумҳои умумӣ, мафҳумҳои мушаххас, қонунҳои илмӣ ва ғояҳои ҷаҳонбинии илмӣ, ҳамзамон, алоқаҳо ва муносибатҳои байни ҳодисаҳо мазмуни таълимро фаро гиранд;

– мақсаду вазифаҳои дарс зимни таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ возеҳу равшан ва мазмуни маводи таълимӣ фаҳмидаю дарк карда шавад;

– омӯзонидану омӯхтан бо риояи талаботи принсипҳои дидактикии таълим дар шароити муосир зимни таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ дуруст ва оқилона ба роҳ монда шавад;

– таълим бо назардошти хусусиятҳои фардию психологӣ, дараҷаи тамоилҳои имконпазири воқеии таълимии хонандагон ва муносибати онҳо ба омӯзиш ба роҳ монда шавад;

– дар раванди таълим алоқаҳои байнифаннӣ ва ҳамгироии донишҳо зимни таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ, ки ба азхудкунии дониш,

ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон мусоидат менамояд, истифода бурда шавад;

– фаъолнокии маърифатӣ ва эҷодию ҷустуҷӯии хонандагон дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ таъмин карда шавад;

– зимни банақшагирию гузаронидани дарсҳо маводи таълимӣ, метод ва тарзу воситаҳои муносиб интихоб карда шавад.

**Марҳилаҳои таҳкикот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳилаи бо ҳам алоқаманд гузаронида шуд.

**Марҳилаи якум, ҷустуҷӯӣ** (солҳои 2007 – 2009). Ин марҳилаи таҳқиқот муайян намудани проблемаи таҳқиқот ва унсурҳои таркибии он – мақсаду вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот оид ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон, омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмию методӣ, педагогию психологӣ ва дидактикӣ вобаста ба мавзуъ, таҳияи барномаи корҳои таҷрибавӣ-озмоиширо дар бар гирифт.

**Марҳилаи дуюм, муқарраркунанда** (солҳои 2010 – 2016). Ин марҳилаи таҳқиқот гузаронидани корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, муайян намудани дараҷаи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон, сатҳи касбияти омӯзгорон, маърифати педагогии онҳо ва ташкили раванди таълимро фаро гирифта буд. Ҳамзамон, дар ин марҳила фарзияҳо мавриди санҷиш қарор гирифтанд; озмоишҳои муқарраркунандаю назоратӣ доир карда шуда, натиҷаҳои асосии бадастомада дар диссертатсия асоснок ҷамъбаст гардиданд.

**Марҳилаи сеюм, озмоиши ташаккулдиҳанда** (солҳои 2017 – 2022)-ро дар бар гирифт. Дар ин давра маводи назариявӣ ва таҳқиқотии озмоиш ҷамъбаст ва натиҷаҳои аз он бадастомада ба низом даровarда шуданд. Натиҷагирию хулосаҳо асоснок ва мавод дар шакли диссертатсия ба тартиб даровarда шуда, амсила ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон оид ба татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон манзур гаштанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро ташкил медиҳанд:**

1. Таълимоти фалсафӣ дар бораи шуури шахсият, таҳлили диалектикии ҳодисаҳои дар табиат ва ҷомеа рӯйдиҳанда ва дарки ягонагии олам, ки дар асоси он донишҳои бунёдии илман асоснок, маҳорат ва малакаҳо ташаккул меёбанд.

2. Нуктаи назари педагогҳо (М. А. Данилов, М. Н. Скаткин, М. И. Махмутов, А. М. Матюшкин, В. А. Кан-Калик, Т. И. Шамова, М. И. Загвязинский, Л. В. Занков, Ю. В. Шаров, Г. И. Шукина, И. Я. Лернер, В. В. Краевский, Г. С. Костюк, Н. Ф. Талызина, А. В. Усова, Ю. К. Бабанский, В. К. Дяченко, В. П. Зинченко, Б. С. Гершунский, П. И. Пидкасистый, И.П. Подласый, Х. Буйдоқов, У. Зубайдов, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, И. Х. Каримова) ва психологҳо (В. Г. Ананев, Л. С. Виготский, В. В. Давидов, Г. А. Ковалёв, А. Н. Леонтев, К. К. Платонов, С. Л. Рубинштейн, А. А. Бодалёв, Д. В. Элконин, Б. Ф. Ломов, В. Н. Мясишев, В. А. Петровский) дар бораи ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои хонандагон.

3. Консепсияҳои педагогию психологӣ ва методӣ дар бораи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои хонандагон, муносибати фаъолона ба таълим, натиҷаҳои таҳқиқотҳои ба проблемаҳои назария ва методикаи омӯзиши ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳо нигаронидашуда.

4. Ғояҳои арзишманди назару ақидаҳо ва тавсияву дастурҳои муҳимми пешниҳодшуда дар бораи ислоҳоти соҳаи маориф, навсозии мазмуни таҳсилот бо назардошти талаботҳои давлати соҳибистиқлол, ҷомеаи навин ва дар айни замон дигаргуниҳои ҷаҳони муосир.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки:**

– муқаррарот ва хулосаҳои дар таҳқиқот овардашуда, амсилаи таҳиягардидаи роҳу усулҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ зимни таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ дар умум ба рушди зеҳнии хонандагон мусоидаткунанда муайян карда шуданд;

– нақши самаранокии истифодаи шаклу усулҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ нишон дода шуд;

– шартҳои педагогии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон зимни таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ бо назардошти хусусиятҳои психологӣ, синнусолӣ ва майлу рағбати хонандагон дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуданд;

– мақсади асосии тамоюли рӯ овардани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба аз худ намудани мафҳуму қонунҳо ва назарияҳои илмӣ муайян карда шуд;

– дар ҷараёни ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон қобилияти маърифатии онҳо ҳангоми мақсаднок ба роҳ мондани иҷрои супоришҳои таълимӣ муайян карда шуд;

– барои татбиқи ташаккули дониш, маҳорату малакаҳо ва инкишофи қобилиятҳои зеҳнии хонандагон аз технологияҳои пешқадами инноватсионӣ истифода бурда шуд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи маълумотро осори илмии мутафаккирон, педагогҳо ва психологҳо, ки дар он ҷанбаҳои назариявию дидактикии ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон инъикос ёфтаанд, ҳамчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои нишондиҳандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон ташкил медиҳад.

**Заминаҳои эмперикии таҳқиқот.** Заминаҳои эмперикии таҳқиқотро муносибати амалии муҳаққиқ бо объекти таҳқиқшаванда: таҷриба ва маълумотҳои эътимодноки аз оилаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

бадастомада; омӯхтану истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ба мушоҳида гирифтани ҷараёни татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ зимни дарсҳои фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ; таҳлили маълумотҳои ҳангоми озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда бадастомада ва ҷамъбасту арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо; мушоҳидаҳои илмӣ-педагогӣ, сухбатҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ бо омӯзгорону хонандагон; муайян намудани муносибати хонандагон ба омӯзиши фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ, иштирок ба дарсҳои омӯзгорон ва таҳлили онҳо ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқотҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 56, 67, 87, 88, 89, 91, 58 шаҳри Душанбе, муассисаи давлатии таълимии "Литсей барои хонандагони болаёқат" дар шаҳри Душанбе, №№ 5, 11, 96, 59, МДТ «Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Ҳисор ва МТМУ-и №34 ноҳияи Рӯдакӣ гузаронида шуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки:

– масъалаи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ дар шароити муосир мавриди таҳқиқи муфассал қарор гирифта, ҷанбаҳои назариявӣ-дидактикӣ ва амалии он баррасӣ ва коркард шуданд;

– хусусиятҳои гуногунпаҳлуи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон ҳамчун категорияҳои умумиилмӣ ва педагогию психологӣ таҳқиқ ва мушкилоти дар ин самт ҷойдошта ошкор карда шуданд;

– модели нави «Барномаи ташаккули мафҳумҳо», ки хусусиятҳои мафҳумҳои илмӣ ва асосии силсилафанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятиро инъикос ва барои ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад, таҳия ва манзури омӯзгорону хонандагон карда шуд;

– шароити мусоидаткунандаи омӯзиш ва азхудкунии мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмӣ, хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор нисбат ба ташаккули онҳо дар хонандагон пешниҳод гардид;

– аз нуқтаи назари педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ проблемаи ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнии хонандагон ва роҳҳои ҳалли он асоснок карда шуданд;

– самаранокии истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили таълим, роҳу методҳои фаъол ва интерактивии таълим дар дарсҳои фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ нигаронида шудаанд, собит гардид;

– барои муайян кардани ҳамгироии педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун раванд ва натиҷаи инкишофи тафаккур ва қобилиятҳои эҷодӣ, зимни ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон дар ҷараёни ягонаи педагогӣ иқдом гирифта шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Аз нуктаи назари методологӣ ва назариявӣ ҳолати кунунии таълим мавриди санҷиш ва таҳлил қарор гирифта, ғояҳои педагогӣ-психологӣ ва дидактикии ба ҳалли проблемаи азхудкунии дониш ва ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон нигаронидашуда баён карда шудаанд, чунончи:

– татбиқи ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълим тавассути амсила таҳия гардидааст, ки самаранокиро дар ҳалли вазифаҳои таълим таъмин месозад;

– тарзҳои азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон ва ҷамъбасту мураттабсозии онҳо дар ҷараёни таълими силсилафанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ муайян гардидаанд;

– муҳиммияти татбиқи дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ дар амалияи таълим ва дигар вазъиятҳои гуногуни фаъолият ва ҳаёт собит карда шудааст;

– амсилаи нави «Барномаи ташаккули мафҳумҳо», ки барои азхудкунии назарияҳои умумиилмӣ, мафҳуму қонунҳои илмӣ ва хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор нисбат ба ташаккули онҳо дар хонандагон дар шароити муосири таълим пешбинӣ шудааст, таҳия гардидааст.

2. Риояи дурусти талаботи муҳимтарини принсипҳои дидактикии таълим дар тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ:

– нигаронидани диққати зарурӣ дар раванди таълим ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон;

– ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардию психологӣ, дараҷаи тамоилҳои имконпазири воқеии таълимии хонандагон ва дар ин асос баланд бардоштани рағбату муносибати онҳо ба омӯзиши фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ;

– истифодаи робитаи байнифаннӣ ва ҳамгироии донишҳо дар раванди дарсҳои фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ;

– бароҳмонии ҳамкории муваффақонаи педагогии субъектҳои асосии раванди таълим, эҳтироми шахсияти хонандагон ва эътирофи нуктаи назари дурусти онҳо.

3. Дар хонандагон ташаккул додани маҳорати дарёфти ғояҳои асосӣ ва ҷудо намудани нуктаҳои асосию дуюмдараҷа дар маводи таълимӣ:

– ҳангоми банақшагирии дарсҳо интихоб намудани методҳои мувофиқ ва тарзу воситаҳои таълим;

– ба роҳ мондани таълими проблемавӣ, истифодаи дониш ва маҳорату малакаҳои ҳосилшуда дар вазъиятҳои гуногуни таълимӣ ва дар ҳаёти иҷтимоӣ;

– таъмини фаъолнокии маърифатӣ ва эҷодию ҷустуҷӯии хонандагон дар ҷараёни дарс ва арзёбии воқеъбинонаи фаъолияти таълимии онҳо;

4. Интихоби шаклу методҳои самараноки таълим барои таъмини ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон.

5. Тавсифи иқтидори сарчашмаҳои илмию маърифатӣ, омилҳои таъсирбахш барои ташаккули имкониятҳои воқеии таълимии хонандагон, ки асоси худомӯзӣ, худтарбиякунӣ ва худинкишофдиҳии онҳо мегардад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки таҳлили асосҳои назариявию методологӣ, илмию педагогӣ ва дидактикӣ анҷом дода

шуда, модел (амсила)-и консептуалӣ, ки ба татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ мусоидат мекунад, таҳия гардидааст.

Бо назардошти вижагиҳои вазифаҳои таълим дар шароити муосир, пешрафти илму техника ва инноватсияи педагогӣ зарурати таҷдиди мақсад, мазмуну методҳои таълим ба миён омада, мубрамии мавзуъ ва муҳиммияти хосро касб намудани ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагон дар низоми таҳсилот муайян карда шуд.

Муассирӣ ва аҳаммиятнокии намудҳои таълим, шаклҳои гуногуни ташкили таълим, методҳои наву фаъоли таълим, фаъолияти мустақилонаи хонандагон, робитаҳои байнифаннию ҳамгироии донишҳо ва дарсҳои системавӣ махсусан дар ҷамъбасту мураттабсозии донишҳо аз рӯйи проблемаҳои меҳварии фанни таълимӣ дар амалияи таълим собит карда шуд.

Дар ин замина шароитҳое, ки фарогирии мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмиро ҷиҳати васеъ гардонидани доираи назар ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъмин месозанд, дар шакли барнома таҳия карда шуд.

Тарзҳои таҳлили илмӣ-методии дарс дар асоси талаботи татбиқи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон, аҳаммияти иштирок ба дарсҳо муқаррар ва ба роҳбарияти мактабҳо, иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва омӯзгорон манзур карда шуданд.

Истифодаи маводи таҳқиқотии мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷҳои педагогӣ барои омодасозии кадрҳои илмию омӯзгорӣ ва дар муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф мувофиқи мақсад аст.

Тавсияҳои илмию методӣ ва дастуру раҳнамои таҳия ва пешниҳодшуда дар ғанӣ гардонидани тасаввурот ва васеъ гардонидани доираи назару ақидаҳо, ҷаҳонбинии илмӣ, донишҳои педагогию психологӣ ва дидактикию

методии омӯзгорон, муҳаққиқон, аспирантону магистрантон ва унвонҷӯён роҷеъ ба масъалаи мавриди назар метавонад нақши муассир гузорад.

Нишондодҳои методӣ, маҷмуаҳои илмӣ ва дастуру монографияҳои илмии таълиф ва пешниҳодшуда доир ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон ҷиҳати ташкили раванди самараноки таълим ва пешгирии тарафҳои манфии таълим метавонанд ҳамчун раҳнамо ба омӯзгорон ёрӣ расонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути таҳлили дастовардҳои навтарини илмҳои педагогию психологӣ, интихоби усулҳои иловагии таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои он мутобиқанд, намояндагони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон ва падару модарони ба озмоишҳо ҷалбгардида, тасдиқи фарзияи таҳқиқот бо натиҷаҳо, ки дар баланд бардоштани самаранокии ташкили роҳу восита ва коркарди педагогии ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон то озмоиши педагогӣ ва баъди он мусоидат намудаанд, таъмин карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 3* – “Антропологияи педагогӣ” (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – “Назария ва консепсияи таълим” (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; вижагиҳои таълим дар сатҳҳои мухталифи таҳсилот) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Аз ҷониби муаллиф татбиқи педагогии таъмини ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва тавсияву дастурҳои методӣ пешниҳод карда шуданд. Дар қисми озмоишии таҳқиқот шаклу усулҳои самараноки татбиқи педагогӣ ва дидактикии таъмини ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон муайян гардиданд.

Барои доир намудани таҳқиқот роҷеъ ба татбиқи педагогии таъмини ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ методикаи гузаронидани таҳқиқот таҳия шуда, аз рӯйи натиҷаҳои он хулосаҳои мувофиқ ва зарурӣ бароварда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва дигар нашрияҳои илмӣ, ки инъикоскунандаи мазмуни асосии диссертатсия мебошанд, нашр шудаанд.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, маърӯзаю баромадҳо дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим, шуроҳои илмӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ироа гардидаанд. Маводи диссертатсия дар Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» ва ҷаласаҳои шуроҳои иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор гирифтанд.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи семинари ҷумҳуриявии «Назария ва амалияи педагогӣ» (ш. Душанбе, соли 2009), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Проблемаҳои мактабҳои типи нав» (Ҳисор, соли 2010), конференсияи илмӣ-амалии сатҳи минтақавии «Интегратсияи психология, дидактика ва педагогика дар раванди таълим» (Шаҳринав, соли 2012), семинарҳои иттиҳодияҳои таълимӣ-методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ «Оид ба истифодаи технологияҳои нави педагогӣ» (ноҳияҳои Синои ш. Душанбе, Рӯдакӣ, Шаҳринав, солҳои 2012, 2013), машварати

августии кормандони соҳаи маорифи шаҳри Ҳисор (солҳои 2017, 2019, 2020, 2022) ва ғайра дар шакли гузориш, маърӯза ва баромадҳо баён ва татбиқ гардиданд.

Натиҷаҳои пажуҳиш ва истифодаи хулосаю тавсияҳои методии муфид дар шакли монографияи илмӣ таълиф ва барои доираи васеи омӯзгорону хонандагон пешниҳод карда шуданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 64 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3 номгӯй монографияи илмӣ, 4 номгӯй воситаи таълимию дастурҳои илмӣ-методӣ, 20 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 37 мақолаю маърӯза дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳои илмӣ ва нашрияҳои педагогии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва номгӯйи адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 379 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Дар матн 20 ҷадвал, 5 диаграмма ва 2 расм оварда шудааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ РАВАНДИ ПЕДАГОГӢ ОИД БА ТАШАККУЛИ ДОНИШ, МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

## 1.1. Хусусиятҳои назариявию дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон

Дар соҳаи таҳсилот азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон ҳамчун муайянкунандаи салоҳиятнокии онҳо яке аз проблемаҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Дар иртибот ба ин ва рушди ҳаёти ҷомеаи навин ва шароитҳои муосири иҷтимоию иқтисодӣ тақозо менамояд, ки таълим ба тарзу шеваи тозаю навтар роҳандозӣ гардад.

Замина ва асоси методологии раванди таълимро назарияи маърифат ташкил менамояд. Яке аз вазифаҳои муҳимми таълим дар назарияи маърифат ташаккули донишҳои илмӣ ва зеҳнӣ маҳсуб ёфта, он дар принсипҳои диалектикии алоқаи умумӣ ва бо ҳам вобаста будани ҳодисаҳои табиат ва қонунҳо инъикос мегардад. Бо назардошти ин, мавқеъ, аҳаммият ва нақши донишҳои зеҳниро дар раванди маърифат тавсиф намуда, файласуфон баён медоранд, ки аз ҷониби инсон маърифат намудани алоқаи амиқтари байни ҳодисаҳо ҳақиқати воқеиро ифода мекунад.

Дарбаргирандаи донишҳои зеҳнӣ мафҳумҳои асосӣ, мафҳумҳои мушаххас (алоҳида), мафҳумҳои илмӣ, қонунҳои илмӣ, қоидаҳо, ғояҳо, назарияҳо, принсипҳо, муҳокимаҳо, фарзияҳо ва умуман, маҷмуи маълумотҳои воқеият буда, аз ҷониби хонанда бояд ҳангоми омӯзиш аз ин ё он фанни тадрисшаванда аз худ ва мазмуну моҳияти онҳо идрок карда шавад. Қобилияти шарҳ додани сабабу натиҷаҳои воқеаю рӯйдодҳо, хусусиятҳои хоси тараққиёт, равандҳои таърихӣ, таҳлил, мулоҳизаю муҳокимарониҳои мантиқӣ, тавассути муқоисаи ашё, ҳодиса ва қонуниятҳои илмӣ аломатҳои асосӣ ва дуюмдараҷаи онҳоро муқаррар намудан, мураттабсозии санаду далелҳои омӯхташуда, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ ба дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ рабт дода мешавад.

Тавре ки таъкид шудааст: «Ташаккули мафҳумҳо дар шуури таълимгирандагон дар он ҳолат метавонад ба вуқуъ ояд, ки агар оид ба ҷудокунии аломатҳои муҳим, ҳодисаҳо, мақсадҳо (объектҳо), амалиётҳо оид ба муқоиса ва тафриқаи мафҳумҳо, оид ба муқаррарнамоии мазмун, ҳаҷми онҳо ва ҳоказо фаъолияти маърифатии махсус ташкил карда шавад» [243, с.177].

Хусусиятҳои назариявӣ-психологии ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои хонандагон дар инкишофи зеҳн, идрок ва доираи фаҳмиши онҳо инъикос ёфта, омӯзиши мафҳуму қонуниятҳо ва ғояву назарияҳои илмиро фаро мегирад. Олимон дар ин хусус нуқтаи назари хешро гуногун баён кардаанд. Чунончи, «Зеҳн ин гузариш ба дараҷаи баландтари мавҳум (абстраксия) бо роҳи ошкорсозии аломатҳои умумии (хусусият, муносибат, тамоюли инкишоф ва ғайра) ашёи соҳаи муоинашаванда буда, боиси пайдошавии мафҳумҳои нави илмӣ, қонунҳо, назарияҳо мегардад… Зеҳн ин хулосабарории амиқ оид ба қонун ва қонуниятҳои табиат, ҳаёти ҷамъиятӣ ва тафаккур мебошад» - менигорад В.В. Давыдов [79, с. 114].

Аз нуқтаи назари Л.С. Выготский «Масъалаи марказии тамоми инкишофи зеҳнии мактаббача ин масъалаи инкишофи дарку фаҳмидан ва озодона амал намудан аст» [67, с. 318]. Ба ақидаи Л.В. Занков «Инкишофи умумӣ инкишофи ҳаматарафаест, ки аз инкишофи зеҳнӣ бо ҳамин маънӣ фарқ мекунад ва он на танҳо равандҳои маърифатиро, ҳатто, ҳамчунин ирода ва эҳсосро фаро мегирад. Барои таҳқиқоти педагогӣ инкишофи умумӣ ва зеҳнӣ, ки дар илмҳои педагогика ва психология дида намешавад, қатъан фарқ мекунад» [101, с. 26].

Таҳқиқотҳое, ки проблемаи зеҳн ва қобилиятҳоро баррасӣ мекунанд, навъҳои гуногуни инкишофи зеҳнро ҷудо менамоянд. Дар онҳо байни инкишофи умумӣ ва инкишофи махсус фарқ гузошта шудааст.

Зимнан инкишофи умумӣ ва махсус аз ҳам ҷудо нестанд ва, баръакс, тавре ки Л.В. Занков ишора кардааст «инкишофи умумӣ барои асоси

мустаҳкамии инкишофи махсус хидмат менамояд ва дар он зоҳир мешавад ва инкишофи махсус бошад, ба инкишофи умумӣ мусоидат мекунад» [101, с. 27].

Дар «Дидактика»-и М.А. Данилов ва Б.П. Есипов ду намуди зеҳн – умумӣ ва махсус ҷудо карда шудааст, ки аҳаммияти онҳоро, пеш аз ҳама, дар неруи ҳаракатдиҳандаи инкишофи қобилиятҳо ва шахсияти хонандагон мебинанд.

Ба зикри муаллифони китоб азхудкунии бошууронаи донишҳо ва ҳифзи онҳо танҳо дар асоси омӯзиши мафҳумҳои мушаххас, умумӣ ва илмӣ, қонунҳои илмӣ, дар ин баробар идроки амиқи ҳамаи муҳокимаҳое, ки ба шахс ҷиҳати баровардани хулосаҳои умумӣ имконият медиҳанд, мумкин аст.

Л.С. Выготский ба масъалаи таълим ва инкишофи зеҳн чунин нуқтаи назарро пешниҳод кардааст: «Таълим пешопеши инкишоф меравад. Талаба таълим гирифта, бо инкишофи зеҳниаш хеле пеш меравад», яъне «таълим на танҳо ба доираи пурраи инкишоф асос меёбад, балки, қабл аз ҳама, ба он вазифаҳои психологие, ки ҳанӯз номукаммаланд, роҳандозӣ мегардад ва барои ташаккули онҳо ба пеш ҳаракат мекунад» [67, с.248]. Дарвоқеъ, омӯзиш пешопеши инкишоф равона аст, инкишоф бошад, имкониятҳоро фароҳам меорад ва аз ин хотир, омӯзгор бояд тавассути қобилият, маҳорат ва санъати касбиаш бо истифода аз методҳои фаъоли таълим фаъолияти маърифатии шогирдонро дар дарс дар сатҳи зарурӣ таъмин намуда, дар фаъолияти педагогӣ ба муваффақият дастёб гардад.

Н.С. Лейтес қайд менамояд, ки «қобилиятҳоро хусусиятҳои алоҳидаи психикӣ ва зеҳнро якҷояшавии хусусиятҳои хоси қобилиятҳои одам меноманд, ки онҳо ягонагиро ташкил медиҳанд» [163, с.28].

Назари олимони психологи муосир ин тавр аст: «Қобилиятҳо чунин маҷмуи хусусиятҳои хоси фардӣ-психологии модарзодӣ ва бадастомадаанд, ки дар ҳама гуна шароити баробар барои азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои барои фаъолияти самарабахш, воқеан, муҳим, имконият медиҳанд ва талаботи ботинии иҷрои бомуваффақияти онҳо мебошанд» [267, с.188-189].

Қобилиятҳо дар рафти ҳаёт, туфайли азхудкунии таҷрибаи ҳаётӣ ва ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд ва ин раванд аз фаъолнокии бавоярасии одам ҷудонопазир аст. Дар ҳаёти иҷтимоӣ дар хонандагон фаъолмандӣ инкишоф меёбад ва худтанзимкунии он дар инкишофи қобилиятҳо нақши муҳим мебозад.

«Қобилият гуфта, чунин хусусиятҳои фардӣ-психологии одамро меноманд, ки онҳо талаботҳои фаъолияти муайянро қонеъ мекунонанд ва шарти бомуваффақият иҷро намудани он мебошанд. Қобилият аз имкониятҳо иборат аст ва онҳо дониш, маҳорат ва малакаҳо мебошанд. Қобилият на дар донишу маҳорат ва малакаҳо, балки дар ҷараёни ба даст овардани онҳо ошкор мегардад. Яъне, аз ҷониби шахс то чӣ андоза дар шароити якхела зуд, амиқ, ба осонӣ ва мустаҳкам донишу маҳорат ва малакаҳо аз худ карда мешавад» [51, с.328]. Ин таъриф ба омӯзгор ёрӣ медиҳад, ки хусусиятҳои фардӣ-психологии шогирдонашро дурусттар фаҳмад ва мувофиқ ба он салоҳиятҳои зеҳнии онҳоро дар раванди таълим ташаккул диҳад. Ӯро зарур аст, ки зимни иҷрои вазифаю супоришҳои таълимӣ, корҳои мустақилона ва эҷодӣ ба маҳорати ҳар кадом шогирд эътибор диҳад.

Ба қавли Буйдоқов Х. «Аломатҳои асосии зеҳн зоҳиршавии қобилиятҳо, суръати баланди азхудкунии дониш, дар ягон намуди фаъолият нишон додани маҳорат ва малакаҳо, майлу рағбат ва шавқ доштан ба он мебошад» [51, с.132].

Бояд гуфт, ки қобилиятҳо дар раванди таълиму тарбия инкишоф меёбанд ва дар ин сурат метавон истеъдодро пайдо кард. Истеъдод дараҷаи баланди тараққиёти қобилият аст, ки дар навъҳои фаъолиятҳои эҷодӣ зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, ба ақидаи В. Штерн розӣ бояд шуд, ки миёни зеҳн ва истеъдод сарҳади равшану возеҳ гузошта, истеъдодро «қобилиятҳои зеҳнии маҳдуди як соҳа» меҳисобад [374, с. 84].

Андешаи зер маъниро пурратар мегардонад: «Зеҳн ин низоми қобилиятҳои одам аст, ки барои дар як ва ё якчанд навъи фаъолият ба муваффақиятҳои калон ноил шудани ӯ имконият медиҳад» [51, с.132].

Мафҳуми «қобилият», аз нуқтаи назари мо, ин неруи зеҳнии ботинии хонанда, омодагии ӯ барои шуруъ намудан ба фаъолият ва инкишофест, ки комилан аз омилҳои ботинӣ: шавқу завқ, рағбат, ҳавас, талабот ва ғайра вобаста аст.

Қобилият метавонад афзояд ва ба зеҳният мубаддал гардад. Дар ин ҳолат хонанда ҳаҷми зиёди донишу маҳорат ва малакаҳоро илова ба барномаҳои таълимӣ доро мебошад. Ӯ бо тафаккури баланди эҷодӣ, яъне донишҳои фароху умиқ, мустаҳкам ва истифода бурдани онҳо дар фаъолияти таълимӣ, меҳнатӣ ва ҳаёти имрӯзаю оянда, дар ин баробар, бо тасаввуроти фаъолу созанда, интиқодӣ ва устувории ақл, мақсаднокию сабурӣ, рағбати зиёд ба таълим, худомӯзию худтарбиякунӣ, ташаббускорӣ дар таълим, қобилияти тавонои коршоямӣ, эҳсоси баланди маънифаҳмию таъсиррасонии психологию педагогӣ ва нисбатан бо осонӣ бартараф намудани ҳар як душвории таълим фарқ мекунад.

Қобилияти зеҳнӣ ин қобилияти таҳлил намудан, фикр кардан, муқоиса намудани воқеаю ҳодисаҳои дар ҳаёт рухдода ва хулосаҳои зарурӣ баровардан мебошад. Ба хонандагони қобилиятноки зеҳни тездошта бояд вазифа ва супоришҳои душвору мураккабтар дода шавад, ки аснои иҷрои онҳо маҳорату малакаҳои зеҳниашон инкишоф ёбанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки мутафаккирони мо кайҳо боз ба хусусиятҳои фардӣ-психологии одам, алалхусус, таълимгирандагон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳатто интихоби хоси усулҳои таълимро ба онҳо дар осори гаронарзишашон махсус қайд кардаанд. Ба сифати мисол метавон Абуалӣ ибни Синоро интихоб кард, ки ӯ пеуомуни омӯзиш ва вобаста ба зеҳну истеъдод ва завқ касбу ҳунар ихтиёр карданро таъкид намуда, чунин иброз медорад: «Бояд ба ҳар кас муносиби завқу истеъдодаш касб омӯхт, вагарна таълиму тарбият натиҷаи матлуб намедиҳад». Дар ҷойи дигар мефармояд: «Устод пеш аз шуруъ ба таълим бояд табъу қариҳаи шогирдашро бисанҷад ва ҳушаш (зеҳн)-ро биозмояд. Сипас, муносиби завқу истеъдодаш барои вай усулҳои омӯзишро интихоб намояд. Аз андозаи майлу рағбати шогирдаш

иттилоъ ҳосил кунад ва созгор ба ӯ дониш бидиҳад» [9, с.25-26]. Дар иртибот ба ин андеша, бояд гуфт, ки ин олими ҳамадон яқинан тарафдори таълими тафриқа буда, ҳам барои толибилмон ва ҳам барои муаллимон беҳтарин усулҳои омӯзишро арза доштааст. Маъно он аст, ки дарсҳо ва умуман, машғулиятҳои таълимӣ бояд дар шакли инфиродӣ ва гурӯҳӣ гузаронида шаванд. Вале, мутаассифона, мо зимни таҳқиқот бо кам омӯзгороне, дучор омадем, ки мувофиқ ба зеҳн, қобилият, истеъдод ва маҳорату малакаҳои шогирдон дарс гузаранд, супоришу вазифаҳо диҳанд ва дар чунин сатҳ иҷрои онҳоро талаб намоянд.

Ҳол он ки хонандагони зеҳнан болаёқат ва қобилиятнок дар азхудкунии қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳою қонунҳои илмӣ, шарҳи сабабу натиҷаҳои воқеаю рӯйдодҳо, ки ин ҳама яке аз шартҳои асосии фарогирии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ маҳсуб меёбад, назар ба хонандагони миёна ва сустхон дар дарс зиёдтар фаъолмандӣ нишон медиҳанд. Фаъолии онҳоро ба назар гирифта, омӯзгори босалоҳияту кордон дарсро тарзе ташкил менамояд, ки миёнахону сустхонҳо низ тадриҷан ба сатҳи фаъолнокӣ расанд.

Донишҳои зеҳнии хонандагон дар асоси омӯзиши ғояҳо, мафҳумҳои илмӣ, қонуну қонуниятҳои илмӣ, таҳлили ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ, ҳаётӣ, ҷамъиятӣ, хулосабарорӣ аз маводи хондашуда ва ниҳоят, аз ҷамъбасту мураттабсозии донишҳои ҳосилшуда ташаккул меёбад.

Ташаккули мафҳумҳо дар дарс яке аз вазифаҳои марказии таълим маҳсуб меёбад, зеро донишҳои фанни таълимиро аз худ кардан ин, пеш аз ҳама, азхудкунии низоми зарурии мафҳумҳои илмӣ дар назар дошта мешавад. Барои таълим фаҳмидани мазмуну муҳтавои мафҳуму қонунҳои илмӣ, муқаррар намудани мафҳумҳои илмӣ, ки бо ҳам дар муносибатҳои муайян қарор доранд, назарияҳои илмӣ ва қоидаю таърифҳо ниҳоят муҳиманд. Мафҳумҳо ҳамеша дар ҳаракатанд, ба ҳамдигар мегузаранд, вагарна онҳо наметавонанд, ки воқеиятро инъикос намоянд. Ба омӯзиши робитаҳои гуногуни мафҳумҳо дар раванди таълим ва берун аз он, зимни омӯзиши мустақилона ё худомӯзӣ бояд махсусан вақт ҷудо кард. Таҳлили мафҳумҳо

водор месозад, ки омӯзиши амиқтари доимии мафҳумҳо, минҷумла муносибат ва алоқаю гузариши мутақобилаи онҳо оқилона ба роҳ монда шавад. Ин барои ошкор намудани моҳият ва вазифаҳои ҳодисаҳои омӯхташаванда беҳтар ёрӣ мерасонад. Нафаҳмидани моҳият ва пурра дарк накардани мафҳумҳои илмӣ идораи раванди таълимро душвор мегардонад.

Дар раванди ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ на танҳо алоқаҳои ашё ва ҳодисаҳоро бо дигар ашёю ҳодисаҳо муоина кард, балки хусусиятҳои робитаҳоро ошкор намуда, муносибатҳои сабабу натиҷаҳои онҳоро бояд муқаррар сохт. Моҳияти ташаккули донишҳои зеҳнӣ на танҳо аз мустаҳкамкунии донишҳо ва мураттабсозии онҳо, балки аз барқароркунии робитаи амиқтари тарафайни ҳодисаҳои омӯхташаванда иборат аст.

Бошуурона фаҳмидани мазмуни маводи таълимӣ, хусусиятҳо, омилҳоро ошкор ва ба ҳодисаю рӯйдодҳои ҳаётию ҷамъиятӣ дуруст баҳо додан ба идроки ҳар як шахс иртибот дорад. Идрок инъикоси пурраи аёнӣ-образии ашё, ба ифодаи дигар мушоҳидаи зиндаест, ки ҳар як раванди маърифат аз он оғоз меёбад. Муҳимтарин нишондиҳандаи босифати идроки маводи таълимӣ бошуурона фаҳмидани он мебошад.

Дарвоқеъ, ташаккули донишҳои зеҳнӣ дар фарогирии мафҳумҳои умумӣ ва илмӣ, қонунҳои илмӣ, таърифу қоидаҳо, таҳлили воқеаҳою ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият, аломату хусусиятҳои ашё ва дар ҳамин замина ба вуҷуд омадани дарку фаҳмиши баланд инъикос меёбад ва дар хотир устувор нигоҳ доштани онҳо дар фаъолияти меҳнатӣ, ҳаётӣ ва ҷамъиятии одамон аҳаммияти муҳим дорад.

Аҳаммияти амалии ашё ва ҳодисаҳоро ба назар гирифта, таҳлил ва муҳокимаи маводи таълимӣ, муқоиса ва баҳодиҳӣ ба онҳо бояд дар сатҳи баланд сурат гирад. Донишҳо дар бораи хусусиятҳои ҳар як ҳодисаю воқеаи алоҳида моликияту дороии фард мегарданд ва агар онҳо дар амал мустаҳкам нагарданд, он гоҳ аз хотири ӯ фаромӯш мешаванд.

Раванди ташаккули донишҳои зеҳнӣ раванди давомдор аст. Дар хонандагон ташаккули донишҳои зеҳнӣ бо роҳи мураттабсозии воқеаҳои

ягона, аломатҳо, ҳодисаҳо ва қонунҳо таъмин карда мешавад, аммо ҷамъбасти дараҷаи баландтари зеҳн дар асоси таҳлили якчанд воқеаҳо, ҳодисаҳо ва қонунҳо ба амал меояд. Ин, ниҳоят, мураттаб кардани ҳодисаю воқеаҳои омӯхташуда мебошад, ки имконияти барқарор намудани таносуби гуногун ва алоқаи байни мафҳумҳо, қоидаҳо, хулосаҳои ҷузъиро медиҳад. Ҳангоми истифодаи усулҳои муқоиса, таҳлил, таркиб, ҷамъбаст, таснифи ашё, ҳодисаҳо ва ғайра дар раванди таълим дар хонандагон донишҳои амиқтар ташаккул меёбанд. Дар ин хусус мо андешаи педагоги полякӣ В. Оконро дуруст меҳисобем: «…азхудкунии қонунҳои табиат ва ҷамъият ин муҳимтарин зеҳн аст» [221, с. 96].

Метавон хулоса баровард, ки мафҳумҳои назариявӣ дар раванди омӯзиши як фанни таълимӣ пурра ба даст меоянд ва зимни азхудкунии мавзуъҳои алоҳида ё бобҳо ҷамъбасти донишҳо сурат мегирад. Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаи фанҳо дар раванди таълим куллан донишҳои зеҳнӣ ташаккул меёбанд ва ҳамгиро мешаванд.

Дар раванди таълим ва ташаккули донишҳои зеҳнӣ, ба ақидаи К.Д. Ушинский, муқоисаҳо аҳаммияти калон доранд, зеро онҳо дар инкишофи тафаккури мантиқӣ нақши пешбарро бозӣ менамоянд. Ӯ мегӯяд: «… Мо танҳо он чиро, ки фарқ мекунем ва муқоиса менамоем, ҳамонро медонем…» [319, с.128]. Тавре ки маълум аст, фаъолияти зеҳнии хонандагон ҳангоми ташаккули донишҳои зеҳнӣ бо шомил сохтани унсурҳои нав фаро гирифта мешавад. Ӯ чунин мепиндорад, ки ворид намудани навгониҳо ба хонандагон ҷиҳати осон азхудкунии миқдори зиёди воқеаҳо ёрӣ медиҳад ва дуруст ҳам таъкид менамояд, ки ин бояд ба фаъолнокӣ ва мустақилияти хонандагон асос ёбад.

Бояд зикр кард, ки ақидаҳои баёнкардаи К.Д. Ушинский ҳанӯз ҳам дар ташкил ва амалисозии методикаи ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон моҳияти худро аз даст надодаанд. Назарияи худро инкишоф дода, К.Д. Ушинский таълимеро мақсаднок меҳисобад, ки бо омӯзиши маводи нав алоқа дошта бошад: «Фаъолияти зеҳнӣ беҳтар мегардад, агар тасаввуроти қаблан

гирифта бо нав дар таркибот (комбинатсия) ба мақсад мувофиқ карда шавад» [319, с.132].

Методисти машҳури рус М.И. Демков дар бораи донишҳои зеҳнӣ сухан ронда, моҳиятан аҳаммияти дидактикӣ ва психологии онро ошкор намуда, менависад: «Таълимро тавре бояд ба роҳ монд, ки чизҳои асосӣ ва аҳамиятнок ҳеҷ гоҳ фаромӯш нашаванд ва дар сари талаба боқӣ монанд. Ҳамон педагог комилан хуб аст, ки одати ҷиддӣ санҷидани воқеаҳоро дорад, дар онҳо нуктаҳои асосию муҳимро фарқ мекунад, ба дарсҳои худ бо пурсишу суҳбатҳо пайваста ба ин нуктаҳои асосӣ бо шавқ такя менамояд, дар он таркиботи навбанав ворид сохта, дар дарсҳои муттаҳидкунанда шогирдонро зиқшавӣ намонда, онҳоро водор месозад, ки чизҳои муҳиму заруриро дӯст доранд. Педагоги пуртаҷриба он нест, ки донишҳои фаровон ғун кардааст, балки он аст, ки ба хонандагон дар ҷӯстуҷӯи нуктаҳои асосӣ ва муҳим зимни интихоби маводи таълимӣ ёрӣ дода тавонад» [84, с. 196].

Фикру мулоҳизаҳои педагогҳои машҳури русро таҳлил намуда, ба хулоса омадем, ки дар корҳои таҳқиқотии онҳо ба масъалае, ки ба ташаккули донишҳои зеҳнӣ дахл дошта бошад, махсус диққат дода нашудааст. Вале аз мазмуни аксари рисолаю дастурҳояшон, ки қаблан ба синфҳои ибтидоӣ бахшида шудаанд, чунин бармеояд, ки оид ба аҳаммият ва моҳияти ташаккули донишҳои зеҳнӣ дар ҳар як марҳилаи таълим нозукбинона ишораҳое доранд, ки ба мо ёрӣ медиҳанд. Ин ақидаҳоро ҷамъбаст намуда, метавон хулоса баровард, ки олимони зикршуда ба масъалаи дар робита бо маводи пештар омӯхташуда таълим додани маводи нав диққати калон дода, зарурати такрори маводи қаблан гузаштаро дар таркиботи нав ва дар шакли нав таъкид доштаанд. Ҳангоми ҷамъбасти мавзуъҳои алоҳида ва бобҳо пешниҳод кардаанд, ки дар маводи таълимӣ мазмуни асосӣ ва муҳим ҷӯстуҷӯ ва дарёфта шавад. Ҳамзамон, таъкид кардаанд, ки метод ва усулҳои гуногуни корҳои таълимӣ дар раванди таълим ба ташаккули донишҳои зеҳнӣ, инкишофи қобилиятҳои маърифатӣ, иртиқои шавқи хонандагон ба омӯзиш ва мустақилиятнокӣ мусоидат менамоянд.

Ин пешниҳодҳо дар замони мо аҳаммияти худро гум накардаанд, вале баъзе масъалаҳои ташаккули донишҳои зеҳнӣ, махсусан дар раванди таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ муфассал коркард нашудаанд.

Азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ басо проблемаи мураккаб аст. Таркиб ва мураттабии онҳо дараҷаи фаъолнокиро баланд бардошта, барои истифодаи бомуваффақияти донишҳои азхудшуда дар фаъолияти таълимӣ ва меҳнатӣ имконият фароҳам меоранд. Донишҳои нопурраю номукаммал ва номураттаб ҳеҷ гоҳ шавқовару шавқангез нестанд, рағбатро бедор намесозанд ва ниҳоят, онҳо наметавонанд дар фаъолияти амалӣ истифода бурда шаванд.

М.А. Данилов ба як талаботи муҳим дуруст ишора менамояд, ки он барои ташаккули донишҳои зеҳнӣ махсусан мубрам аст: «Дар ҷараёни муваффақиятноки ташаккули донишҳои зеҳнӣ нақши калони ҳавасмандиро дучор омадани хонандагон бо амалия ва зарурати ҳалли ин ё он вазифаҳои амалӣ мебозад» [83, с.24]. Ин олим чунин меҳисобад, ки равандҳои ташаккули донишҳои зеҳнӣ бо амалия дар робитаи зич қарор дошта, нақши бештар афзояндаро касб мекунанд. Ин хулосаи М.А. Данилов, гарчанде дар асоси маводи синфҳои поёнӣ бароварда шуда бошад ҳам, барои ҳамаи зинаҳои таълим басо мубрам аст.

Саҳми калонро дар коркарди масъалаҳои ташаккули донишҳои зеҳнии талабагон Ш.И. Ганелин гузоштааст. Ӯ қайд менамояд, ки дар асоси донишҳои зеҳнӣ ташаккули алоқаҳои бисёрҷониба миёни қисмҳои гуногуни мавзуъҳо, фаслҳо ва ё бобҳои фанни таълимӣ сурат мегирад, фаъолнокии зеҳнии хонандагон инкишоф мeёбад, маҳорати ба ҳалли масъалаҳо аз нуқтаи назари гуногун наздик шудан ҳосил мешавад. Ташаккули донишҳои зеҳнӣ донишҳоро на танҳо мустаҳкамтар мекунад, балки барои бошуурона фаҳмидану дарки онҳо ёрӣ медиҳад [71, с. 54].

Ю.К. Бабанский муҳиммияти ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳниро таъкид намуда, менависад: «… Дар дарсҳо бояд вазъияти душвори маърифатӣ ташкил кард, ки дар он хонандагон бояд мустақилона аз якчанд

амалҳои зеҳнӣ: таҳлил, таркиб, муқоиса, монанд, ҷамъбаст ё ин ки ба таври маҷмуӣ дар як вақт аз онҳо истифода баранд» [30, с. 23]. Н.А. Сорокин дар асари илмиаш «Дидактика» таъкид менамояд, ки ташаккули донишҳои зеҳниро таврe бояд ба роҳ монд, ки диққати хонандагон ба ҷамъбасти проблемаҳои муайян нигаронида шавад [298, с.136].

Методисти маъруф П.С. Лейбенгруб ба ташкил ва методикаи ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон таваҷҷуҳи зиёд медиҳад. Ӯ дар китоби худ «Талаботи дидактикӣ ба дарси таърих» аҳаммияти методикаи гузаронидани дарсҳои ҷамъбастиро, ки дар онҳо донишандӯзӣ ба омӯзишу азхудкунии мафҳумҳо иртибот дорад, нишон дода, қайд менамояд, ки «… дар аксар ҳолатҳо ҷамъбасти азхудкунии мафҳумҳои нав зарур аст» [161, с. 56].

Дар қонуниятҳои дидактикӣ таълими дорои хусусияти рушддиҳанда мавқеи асосиро ишғол мекунад. Алоқамандӣ ва вобастагии инкишофи психикии шахсият аз таълим кайҳо боз муқаррар карда шудааст. К.Д. Ушинский, яке аз ҷонибдорони асосии таълими рушддиҳанда, аз мазмуни таълим вобастагии қавӣ доштани инкишофи зеҳнии хонандаро таъкид кардааст. Л.С. Выготский ду тарзи дараҷаи инкишофи зеҳнии кӯдак: якум, *дараҷаи инкишофи воқеӣ (актуалӣ)* ва дуюм, *минтақаи наздиктарини инкишофро* пешниҳод намудааст. Дараҷаи инкишофи воқеӣ (актуалӣ) дараҷаест, ки омодагии талаба, яъне ӯ метавонад, ки худаш мустақилона супоришу вазифаҳоро иҷро намояд, минтақаи наздиктарини инкишоф бошад, дараҷаи баландтари инкишоф аст. Он чӣ ки дар доираи минтақаи наздиктарини инкишоф ҳал гардид, дар ҷараёни таълим ба дараҷаи инкишофи воқеӣ мегузарад. Ҳамин тариқ, минтақаи наздиктарини инкишоф таълимро пешгузари инкишоф мегардонад. Зимнан ҳар як дараҷаи таълим бояд ба дараҷаи муваффақиятноки инкишоф такя намояд ва тадриҷан дараҷаи минбаъдаро мақсаднок омода созад [67, с. 248].

Олимони соҳаи психология ва дидактика алоқаи мустаҳками таълим ва инкишофро низ эътироф намуда, нақши таълимро дар қобилият ва инкишофи шахсият муҳим медонанд. Д.Б. Элконин менависад, ки «Барои мо зимни

баррасии масъалаи таълим ва инкишоф пайвандаки «ва» пайвандаки ҷудоӣ ё хилофӣ набуда, балки, баръакс, пайвандаки пайвасткунанда мебошад. Бидуни таълим инкишофи зеҳнӣ нест ва нахоҳад буд, он ҳамчун шарти муҳимтарину асосӣ ва сарчашмаи инкишофи зеҳнӣ маҳсуб меёбад» [379, с. 52].

Дар дидактика ва психологияи таълим зарурати баҳисобгирии дараҷаи инкишофи хонандагон ва таъсири он дар раванди таълим таъкид шудааст. Масалан, А.А. Смирнов робитаи дуҷонибаи байни таълим ва инкишофро муҳим медонад. Ӯ тасдиқ мекунад, ки ҳар як таълим дараҷаи муайяни инкишофро талаб менамояд: нашояд чизеро омӯзонидан, вақте ки дар худи инкишофи хонанда талаботи кофӣ ҳанӯз вуҷуд надорад. Вале дар таълим на ба инкишофи мавҷудаи хонанда (гарчанде он низ бояд ба назар гирифта шавад), балки ба инкишофи ба нав пайдошуда бояд эътибор дод [294, с. 112].

Кӯшиш бояд кард, ки таълим на ба хусусиятҳои фаъолияти зеҳнии аллакай мавҷуда мувофиқ карда шавад, баръакс, онро барои оянда ва барои таъмини дараҷаи баландтари фаъолияти зеҳнӣ ба нишон бояд гирифт.

Истифодаи дурусти шакл ва методҳои таълим метавонад дар инкишофи қобилиятҳои зеҳнии талабагон нақши бориз дошта бошад. Дар ин хусус олими номвари муосир П.И. Пидкасистий таъкид кардааст, ки мо ба он мувофиқем: «Инкишофи қобилиятҳо ва малакаҳои зеҳнии хонандагон аз истифодаи методҳои ҷустуҷӯӣ, таълими проблемавӣ ва дигар тарзу воситаҳои фаъолкунандаи фаъолияти зеҳнӣ вобаста аст» [243, с.177].

Ба қонуниятҳои объективии хусусиятҳои рушддиҳанда ва тарбиятдиҳандаи таълим, ки онро дидактика омӯхтааст, такя намуда, омӯзгор метавонад имкониятҳои бисёрҷонибаи раванди таълимро ба вуҷуд биёрад.

Таълими рушддиҳанда ҳамон вақт пурзӯр мегардад, ки агар хонанда низоми мафҳумҳоро аз худ намояд, дар вай низоми муайяни амалҳо ташаккул ёбад ва донишҳои бадастомада мураттаб гардонида шаванд.

Таълиме, ки танҳо барои азхудкунии ҳодисаю воқеаҳои камаҳаммияту дуюмдараҷа ташкил карда мешаваду хотирро бо маводи таълимӣ пур

мекунад, метавонад сабаби инкишоф наёфтани хонанда гардад. Бе ҷустуҷӯ ва мутолиаи иловагӣ танҳо дар хотир нигоҳ доштани нақли шифоҳии омӯзгор ва азнавбахотирории он, ки омӯзиши догматикиро мемонад, ба рушди зеҳн монеа эҷод мешавад.

Таҳқиқоти дидактикии ҷолиб ба мақсади ошкор намудани хусусиятҳои алоқаи воқеии миёни ташкили таълим ва рафти инкишофи умумии мактаббачагон аз ҷониби Л.В. Занков ва лабораторияи ӯ гузаронида шудааст [101, с. 93]. Ба назари мо, ин басо муҳим аст, зеро ташкили оқилонаи таълим ба рушди умумии хонанда таъсири мусбат мерасонад. Ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия бо назардошти хусусиятҳои ташкили таълим, инкишофёбии хонандагон ва тамоили имконпазири воқеии онҳо сатҳи зарурии сифати таълим таъмин хоҳад гашт.

Чуноне ки дар аввал зикр кардем, ахудкунии дониш, ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон аз таҳлили ҳодисаҳои ягона, барқарорнамоии алоқаҳои умумӣ ва муносибатҳо то ба азхудкунии мафҳумҳои умумӣ, мафҳумҳои мушаххас (алоҳида), мафҳумҳои илмӣ ва қонуну қонуниятҳои илмӣ ҷараён гирифта, фаъолияти зеҳнии онҳо тавоно ва пурмазмунтар мегардад. Яъне, сатҳу сифати дониш батадриҷ боло рафта, тафаккур ва қобилиятҳои эҷодӣ низ инкишоф меёбад.

Тавре ки маълум гардид, дар таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ масъалаи азхудкунии донишу маҳорат ва малакаҳо як навъ ҷой дорад, аммо масъалаи дараҷаи омӯзиши зеҳни хонандагон, мазмуни донишҳои ҷамъбастӣ, ташкил ва методикаи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ ва ниҳоят, интихоби методҳо дар ин самт ба таври зарурӣ таҳқиқ нашудаанд.

Бояд гуфт, ки асоси назариявии пажуҳишҳои моро ақидаю проблемаҳои зикршуда ташкил мекунанд, вале мо масъалаи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳниро дар раванди таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар шароити имрӯзаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои типи нав мавриди омӯзиш қарор додем.

Таҳқиқот асосан дар синфҳои болоӣ – синфҳои 9, 10 ва 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№, 56, 67, 87, 88, 89, 91, 58 ноҳияҳои Сино, Фирдавсӣ, Шомансури шаҳри Душанбе ва муассисаи давлатии таълимии "Литсей барои хонандагони болаёқат" дар шаҳри Душанбе, №№5, 11, 96, 59 ва МДТ «Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Ҳисор ва МТМУ-и №34 ноҳияи Рӯдакӣ гузаронида шуд.

Дар асоси омӯзиши заминаҳои назариявию дидактикии ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ, қобилиятҳои эҷодии хонандагон ва татбиқи амалии он озмоишҳои илмии педагогӣ доир намуда, ҷиҳати ислоҳи камбудию норасоиҳои ошкоргардида, роҳҳои бартараф ва ҳалли проблемаҳои ҷойдошта дастуру тавсияҳо таълиф ва манзур карда шуданд.

### 1.2. Ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон ҳамчун омили муайянкунандаи нақш ва махсусиятҳои раванди таълим

Таҳлили моҳияти таълим имкон медиҳад, ки чанд хусусият, вазифа ва талаботи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон ба таври зерин тасниф карда шаванд.

Хусусияти *аввал* ин аст, ки дар ҷараёни таълим фаҳмиши дурусти ҷиҳатҳои асосию муҳимми маводи таълимӣ аз фанҳои алоҳида дар ҷараёни алоқамандии байни фанҳо ба даст меояд. Тавассути муқоисаи ашё, ҳодиса ва қонун аломатҳои муҳим ва дуюмдараҷаи онҳо муқаррар карда мешавад. Истифодаи усулҳои омӯзиши самарабахши маводи таълимӣ ёрӣ мерасонад, ки аз маҷмуи донишҳо аломатҳои муҳимми ҳодисаҳо ва қонунҳоро ҷудо намуда, мазмуну мундариҷаи мафҳумҳо, ақидаҳо, қонунҳои илмӣ ва қоидаҳои умумиро хулоса кунем. Ин ҳама дар шуури хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун донишҳои зеҳнӣ нақш мебанданд.

*Дуюм,* муқаррар намудани робитаю муносибатҳои нав дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ яке аз вазифаҳои ба худ хоси таълим мебошад. Хусусиятҳои дигари фарққунандаи таълими хонандагони синфҳои болоӣ он аст, ки маводи таълимиро назар ба синфҳои поёнӣ, бо назари нав, ба мақсади дар оянда

зарур ва коромад шуданашон аз худ мекунанд ва ба ин васила дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии онҳо ташаккул меёбанд. Бо баровардани хулосаҳои амиқ мақсаднок будани таълим возеҳтар мегардад.

*Сеюм,* дар ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон гузаштан аз масъалаҳои одӣ ба мураккаб, батадриҷ мураккабтар кардани доираи дониш ва сарфаҳм рафтан ба ҳодисаҳои омӯхташаванда талаботи муҳимми таълим мебошад. Азхудкунии бошуурона ва мустаҳкам намудани донишҳо танҳо дар сурате муяссар мегардад, ки агар баробари таълим дар хонандагон мустақилият инкишоф ёбад. Таълими ба мақсад мувофиқ ва мунтазам хонандагонро ба тафаккури назариявӣ, муҳокимарониҳои мантиқӣ водор месозад ва онҳо маводи омӯхташавандаро сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд. Баробари донишҳоро доир ба масъалаҳои ҷудогона, мавзуъҳои том, фаслҳои калони барнома ҷамъбаст намудан, имкони мураккабтар сохтани онҳо фароҳам меояд.

*Чорум,* хулосабарорӣ ва мураттабсозии донишҳо дар ҷараёни таълим ба болоравии сатҳи баланди донишҳо мусоидат менамояд ва он имкон медиҳад, ки донишҳо дар фаъолияти таълимӣ, меҳнатӣ, корҳои амалӣ ва ҷамъиятӣ бомуваффақият татбиқ карда шаванд. Дар амалия истифода бурдани донишҳои андухта аз иҷро кардани муҳимтарин принсипҳои таълим, махсусан аз муносибати босалоҳият дар таълим шаҳодат медиҳад.

*Панҷум,* ниҳоят, муҳимтарин талаботи таълим аз бар кардани донишҳои ҷамъбастӣ, ташаккул додани донишҳои фалсафӣ, илмӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ мебошад. Чунин дараҷаи донишҳо, дарки қонунҳои инкишофи ҷамъияту табиат имкон медиҳад, ки хонанда моҳияти илмро дарк карда, барои омӯхтани донишҳои нав талош варзад. Дар натиҷа, донишҳо ба эътиқоди ҳақиқӣ мубаддал гашта, ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони синфҳои болоиро таъмин месозанд.

Хуллас, донишҳои андухтаю ҳазмшуда, ҷамъбасту мураттабгардида, маҳорату малакаҳои хонандагон ва дар амалияи таълим, ҳаёти иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ ва билохира, дар фаъолияти минбаъдаи меҳнатӣ истифодаи онҳо

нишондиҳандаҳои натиҷаи таълими мақсадноку бошуурона, босифат ва босалоҳият мебошанд.

Барои ташаккули маҳоратҳо ва малакаҳое, ки дар асоси такрори машқҳои бисёркарата амалҳо автоматонидашуда мегарданд, яъне бидуни ба кор андохтани шуур анҷом дода мешаванд, донишҳои зеҳнӣ аҳаммияти бузург доранд. Бе такрор ва ҷамъбасти донишҳои зеҳнӣ, коркарди маҳорату малакаҳои зарурӣ ҳамчун қисмҳои муҳиме, ки сифати таълимро арзёбӣ менамояд, ба роҳ мондани фаъолияти таълимӣ ғайриимкон аст. Нақши азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳниро ҷамъбаст намуда, метавон хулоса баровард, ки онҳо ҷараёни ҳаракаткунанда, инкишофёбанда ва мураккаб буда, ба ҳалли вазифаҳои муайян дар раванди таълим нигаронида шудаанд.

Аз нуқтаи назари мо, яке аз омилҳои ҳалкунандаи нақши махсусдошта, моҳият ва вижагиҳои донишҳои ҷамъбастӣ ва дараҷаи тайёрии хонандагон ба азхудкунӣ дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ мебошад.

Дар дидактика ва психологияи таълим проблемаи азхудкунӣ дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳо нав нест. Ба андозаи зиёд ва ё кам ин муаммо анқариб дар ҳамаи корҳои дидактикӣ ва психологӣ баррасӣ мегардад.

Масъалаи хусусиятҳои раванди таълим ва ба қисмҳо ҷудо намудани он, ҳамзамон, моҳияту вазифаҳои таълими фанҳои гуногун дар шароити ин ё он замон ошкор ва таҳқиқ низ шудаанд.  Ин ҷо ба таври мухтасар мазмуни асосие, ки заминаи методологӣ, моҳият ва вазифаҳои таълимро дар ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ дар ҷараёни тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ муайян месозад, дида мебароем.

Пеш аз ҳама, барои бартараф сохтани монеаҳои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ иҷрои як қатор вазифаҳое муҳиманд, ки онҳо ба майлу рағбати хонандагон, муносибат ба омӯзиш, аз ҳаёти ҳаррӯза дониш андухтан ва аз манбаъҳои боэътимод дастрас намудани маълумотҳои асосноки маърифатӣ иртибот доранд, аз ҷумла:

- мақсаднок ва бошуурона омӯхтани фанҳои таълимӣ ҳамчун асосҳои илм;

- истифодаи дониш, маҳорат ва малакаҳои ҳосилшуда дар амал (дар фаъолияти таълимӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ);

- санҷидани донишҳо зимни таҳлили маводи хондашуда ва муқаррар намудани робитаи баръакс;

- иштироки фаъол дар дарсҳо ва муҳокимаи проблемаҳои ҳаётан муҳим;

- ҷавоби дурусту саҳеҳ додан ба саволу супоришҳо зимни баррасии мавзуъ, таҳлили маводи таълимӣ ва ибрози андешаҳои боэътимод дар муҳокимаи масъалаҳо;

- шарҳу тавзеҳи мазмуну муҳтавои асарҳои бадеӣ, таърихӣ ва таҳлили воқеии рӯйдоду воқеаҳои таърихӣ ва ҷамъиятӣ;

- амиқ омӯхтани мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас, қонунҳои илмӣ ва дар хотир нигоҳ доштани онҳо, муқоисаи таърифу қоидаҳои ба онҳо додашуда дар фарҳангу энсиклопедияҳои гуногуни илмӣ;

- ёд гирифтани роҳҳои дар амал истифодаи донишҳои бадастомада ва ба ин васила инкишоф додани қобилиятҳои маърифатӣ, мустақилӣ ва масъулиятнокӣ;

- омӯхтани таҷрибаи ҳаётӣ; муомила бо ҳамсолон, калонсолон ва истифодаи донишҳои иҷтимоӣ дар дарс;

- гирифтани маълумотҳои зарурӣ аз шабакаҳои иттилоотӣ: радио, телевизион, интернет, театр, кино, матбуоти даврӣ (ВАО);

- худомӯзӣ (аз рӯйи проблемаҳои ҷалбкунанда, мароқангез ва зарурӣ) ва такмилдиҳии донишҳо;

- сафар намудан ба мамлакатҳои хориҷа, аз ҷумла ҷумҳуриҳои ҳамсоя (албатта аз рӯйи имконот, муомила бо одамони сатҳҳои гуногун);

- омӯхтани баёни андешаи озод тавассути далелҳои собиткунанада.

Хуллас, донишҳо бо роҳу воситаҳои гуногун дар раванди таълим, ҳаёти иҷтимоӣ ва тариқи худомӯзӣ ба даст меоянд, ки асоси ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагонро ташкил медиҳанд.

Дар асоси таҳлилҳои адабиёти илмӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки масъалаҳои ҳалнашудаи раванди таълим ҳанӯз ҳам зиёданд. Маҳз паҳлуҳои нокушодаи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии замони муосир ва татбиқи он дар тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ зарурат ба миён овард, ки проблемаҳои ҷойдоштаро ошкор ва роҳҳои ҳалли онҳоро асоснок пешниҳод намоем.

Омӯзиши тарафҳои мусбат ва манфии ташкили раванди таълим, сабабҳои махсуси қафомонӣ ва нокомии хонандагон дар таълим моро водор сохт, ки фарзияи пешакии "Низоми ташкили самараноки раванди таълим"-ро таҳия намоем. Мақсади асосӣ ин аст, ки дар раванди таълим муваффақияту самаранокӣ ва инкишофи зеҳнияти хонандагон таъмин гардад. Барои ин, пеш аз ҳама, қисмҳои муҳимми раванди таълим, ки дар низоми мазкур махсус ҷудо карда шудаанд, ба назар гирифта шавад:

Якум, диққати асосӣ зоҳир намудан ба тадбирҳои пешгирии сабабҳои махсуси қаблан инкишофнаёфтаи тамоилҳои имконпазири воқеии таълимӣ, инкишофи муносибати дуруст ба таълим, маҳорати ташкили оқилонаи меҳнати таълимӣ (маҳорати хондану амиқ ва дуруст дарк кардан), ҷараёнҳои асосии фикрронӣ ва хусусиятҳои тафаккур. Дар асоси барномаи мушаххаси махсус ва тамоилҳои имконпазири воқеии таълимии хонандагони синф муайян намудани вазифаҳои таълим ҷиҳати бароҳмонии муносибати тафриқавӣ ба хонандагони қобилияти якхеладошта.

Дуюм, зимни банақашагирии воситаҳои таълимӣ бояд талаботи зерин иҷро шавад:

- таъмин дастрасии мазмуни маводи таълимӣ барои хонандагони синф бо риояи талаботи принсипҳои дидактикӣ;

- пешбинӣ намудани мувофиққунонии моҳиронаи шаклҳои корҳои умумисинфӣ, гурӯҳӣ ва инфиродӣ оид ба инкишофи зеҳни хонандагон дар раванди таълим;

- банақшагирии робитаи ҳамгиро ҷиҳати ташаккули муносибати дуруст ба омӯзиш, маҳорати хондан, инкишофи тафаккур ва ғайра;

- банақшагирии шакл ва методҳои гуногуни таълим ва самаранок бо ҳам пайвастани онҳо, интихоби шаклу методҳои беҳтари ба хусусиятҳои тамоилҳои имконпазири воқеии таълимии синф мусоидаткунанда.

Сеюм, ба сомон расонидани корҳои зайл муҳим аст:

- ба хонандагон дуруст фаҳмонидани мақсад ва вазифаҳои дарс;

- барои идроки амиқи мазмуни маводи таълимӣ аз воситаҳои аёнӣ-образӣ ва донишу таҷрибаи ҳаётии хонандагон ба таври васеъ истифода бурдан, бо ҳаёти имрӯза, истеҳсолот ва илм алоқаманд сохтани мавзуъҳо, ҷалби бештари хонандагон ба чорабиниҳои маърифатӣ ва маҳфилҳои зеҳн;

- дар маводи таълимӣ ҷудо намудани унсурҳои аҳаммиятноки он, таъмини фаъолгардонии мустақилияти тафаккур ва суръати оптималии фаъолияти маърифатӣ;

- ташкили бештари корҳои амалӣ, машқу супоришҳо бо ҳар тарзу усулҳо ва истифодаи донишу маҳоратҳои зарурӣ дар амалия;

- ташкили дарсҳои пурмазмуну шавқовар тавассути вазъиятҳои муносиб, саривақт расонидани ёрии зарурӣ ба хонандагон ва дар онҳо инкишоф додани мустақилият;

- ба мақсади самарабахш гардонидани корҳои мустақилона, таъмини суръати зарурии хондани маводу дарки моҳияти он ва ташкили оқилонаи худназоратӣ инкишоф додани маҳорату малакаҳои тарзи иҷрои онҳо.

*Чорум,* пурзӯр намудани назорат ва таҳлили натиҷаҳои раванди таълим, ташаккули хусусиятҳои ташхисии ҳамаи шаклҳои назорат (пурсиш, суҳбат, корҳои хаттӣ, тест ва ғайра) ба мақсади дарёфти ҷойҳои суст дар тамоилҳои имконпазири воқеии хонандагон ва мукаммалсозии онҳо, истифодаи роҳу воситаҳои нави пешгирии камбудиҳо, бароҳмонии фаъолияти хонандагон барои рафъи норасоии донишу маҳорат, малакаҳои махсус ва умумитаълимӣ ва мураттабсозии онҳо.

*Панҷум,* пешбинӣ кардани чорабиниҳои беруназсинфӣ бобати фаъолтар гардонидани хонандагони лаёқатманди (теъдоди кам ё беш) ҳар як синф,

иштироки онҳо дар маҳфилҳои фаннӣ, факултативҳо ва дигар шаклҳои гуногуни ташкили таълим.

*Шашум,* фароҳам овардани шароити беҳтари мусоид – таъмини маводи зарурии таълим, риояи талаботи беҳдошти мактабӣ, ташкили фазои мусоиди маънавӣ дар коллективи хонандагон.

*Ҳафтум,* вусъат бахшидан ба қобилияти рефлексивии омӯзгорон, худтаҳлилнамоии фаъолияти педагогӣ ва худомӯзии онҳо, тавассути шакл ва методҳои нави фаъол ва интерактивии таълим ба роҳ мондани фаъолияти самараноку босифат барои ҳалли вазифаҳои мушкилтари хонандагон.

*Ҳаштум,* ниҳоят, омӯхтани таҷрибаи пешқадами омӯзгорони кордону навовари мактаб, дигар муассисаҳои таълимии мамлакат ва хориҷӣ ва сармашқи кори ҳар як омӯзгор қарор додани таҷрибаи онҳо.

Ба мақсади муваффақиятнок ва дастрас будани "Низоми ташкили самараноки раванди таълим"-ро санҷидан зарурати як қисми алоҳидаи онро аниқу равшан ва мукаммал кардан ба миён омад. Алалхусус методикаи оқилонатари омӯзиши тамоилҳои имконпазири воқеии таълимӣ дар шароити аксари мактабҳо, роҳу воситаҳои самараноктари муносибати инфиродӣ ва гурӯҳӣ-дифференсиалӣ ба хонандагон дар раванди таълим, инчунин, дарёфту истифодаи таҷрибаи муаллимони пешсаф маҳз барои омӯзгорони фаъолияти камсамардошта ва камтаҷрибаю ҷавон роҳандозӣ гардид.

Дар раванди таҳқиқот аз ин талаботҳои "Низоми ташкили самараноки раванди таълим" дар шакли дастур «Раҳнамои омӯзгор» таҳия ва барои истифода ба роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ, иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва омӯзгорон пешкаш намудем. Дарвоқеъ, натиҷаи дилхоҳи он дар фаъолияти педагогии аксари омӯзгорон, ки дар синфҳои озмоишӣ дарс мегуфтанд, мушоҳида карда шуд.

Марҳилаи аввали озмоиши мо ба санҷиши ин ду фарзия: а) дарёфти методҳои оқилонатари омӯзиши хонандагон; б) методи самараноктари муносибат ба онҳо ба мақсади инкишофи салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон бахшида шуда буд.

Дар марҳилаи дуюми озмоиш омӯзиши муқоисавии чунин методҳо гузаронида шуд: ташкили журнали мушоҳидаҳои инфиродӣ, тартиб додани хислатномаи инфиродии матнӣ, хислатномаи монографии мактаббачагон, омӯзиши имконияту хусусиятҳои психологии онҳо, модели «Сабти рефлексивии фаъолияти таълимии хонанда» ва дар асоси мубодилаи афкори коллективонаи омӯзгорон (консилиуми педагогӣ) таҳияи хислатномаи умумии хонандагони синф.

Чунончи, хонанда дар модели «Сабти рефлексивӣ”, ки аз сутунчаҳои «Комёбӣ» (ба осонӣ мавзуъро аз худ кардам, фаъолӣ нишон дода, сазовори баҳои баланд шудам ва ғайра), «Нокомӣ» (аз душворфаҳмии мавзуъ мазмуни онро дарк накардам, эҳсоси хастагӣ кашидам ва ғайра), «Шавқовар» (маълумотҳои нав, қиссаю мисолҳои ҳаётӣ ва баҳсу мунозираҳо ҷолиб буданд) иборат мебошад, фаъолияташро дар ҷараёни дарс худаш таҳлил менамояд. Барои возеҳтар гардидани зарфияти имконпазири вокеии таълимии хонанда бояд ӯ маълумоту донишҳои азхудшуда ё баръакс, нофаҳмою азхуднашудаҳои маводи таълимӣ ва ниҳоят, ҷолибу муассирии онро ба таври мушаххас дарҷ намояд.

Дар зер модели мазкурро тасвир менамоем, ки хонанда метавонад дар дилхоҳ дарс тарзҳои фаъолию азхудкунӣ, мушкилиҳо, ҷолибияти мавод ва дарсро вобаста ба вижагиҳои хоси фан тағйир дода, муваффақияту нобарориҳои таҳсилашро арзёбӣ кунад (расми 1).




***Расми 1. Модели арзёбии маҳорати рефлексивии ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонанда***

Нақши ин модел дар он аст, ки аз рӯйи худтаҳлилкунии фаъолияти таълимии хонанда дараҷаи ташаккулёбии дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва дар маҷмӯъ, салоҳиятҳои ӯро муайян кардан мумкин аст.

Озмоиш нишон дод, ки консилиуми педагогӣ ҳамон вақт иттилооти воқеиро дар бораи хонандагон ба таври кофӣ медиҳад, ки агар чунин корҳо анҷомида бошанд: а) дар асоси мубодилаи афкори дастаҷамъона мушоҳидаҳои мунтазами омӯзгорон тибқи барномаи минималии омӯзиши хонандагон, ки дар он меъёри ягонаи баҳои сифатҳо муайян шудааст; б) омӯхтани хусусиятҳои инфиродии талабагон ва муносибати онҳо нисбат ба фанни ҳар як омӯзгор; в) омӯхтан ва таҳлили хулосаҳои ҳар як омӯзгори фаннӣ нисбат ба фаъолияти таълимии аҳли синф ва ҳар як хонанда; г) таҳлил ва хулосабарорӣ аз рефлексия – худтаҳлилкунии фаъолияти таълимӣ пас аз анҷоми дарс; ғ) коркарди тадбирҳои зарурии коллективона оид ба такмили таълим, тарбия ва инкишофи ҳам аҳли синф ба пуррагӣ ва ҳам хонандагон дар алоҳидагӣ.

Бояд гуфт, ки чунин корҳоро роҷеъ ба омӯзиши хонандагон дар ҳамаи муассисаҳои таълимии анъанавӣ ё типи нав тавассути методи консилиуми педагогӣ роҳбари синф ташкил менамояд.

Вобаста ба ин, омӯзиши хонандагонро ба ҷуз мушоҳидаҳои мақсаднок бо ёрии чунин усулҳои барои омӯзгорон дастрас ташкил намудан мумкин аст: суҳбат бо хонандагон ва волидайн аз рӯйи барномаи муайяне, ки коркард ва пешниҳод шудааст, гузаронидани корҳои назоратии махсус ташхисшуда, шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои хонандагон, минҷумла пешрафти таълимӣ ва қафомонии онҳо дар тули чоряк, нимсола ва ҷамъбасти соли хониш ва ғайра.

Ба назари мо, дар ҷойи аввал салоҳияти касбии омӯзгор меистад, зеро ӯ бояд тавассути донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи меҳнатӣ аз кадом унсурҳо иборат будани ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ, сифатҳои шахсии хонандагон ва чӣ тавр ба он комёб шуданро донад.

Дидактикаи муосир бар он асос ёфтааст, ки ҳангоми ҳалли вазифаҳои таълимию тарбиявӣ дар назди омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ки фаъолияти маърифатии хонандагонро ташкил мекунанд, бояд мақсади

муайянро дар ягонагии се қисми он: таълим (азхудкунии қисми маводи таълимӣ), тарбия (ташаккули зеҳн ва сифатҳои шахсият) ва инкишоф (пеш аз ҳама – неруҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои маърифатии хонандагон, тағйирёбии муносибати онҳо ба меҳнати таълимӣ ва ғайра) ба анҷом расонад.

Умуман, барои фарогирии дониш, рушди маҳорату малакаҳо ва қобилиятҳои эҷодӣ, ки салоҳиятҳои зеҳнии талабагон маҳсуб мейбанд, бояд меъёрҳои муайян ва зарурӣ ба инобат гирифта шаванд. Натиҷаҳои муайяни маърифатӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳии дарс бо азхудкунии дониш, ташаккули маҳорат ва малакаҳо, сарфи вақт, ҳамчунин, қувваи омӯзгорон ва хонандагон, ки барои дар ин самт ноил шудан равона мегардад, асоснок карда мешаванд. Бо чунин асосноккунӣ раванди таълимро метавон самаранок ва натиҷабахш арзёбӣ кард. Аммо, боиси таассуф аст, ки дар раванди таълим бештари вақт ба риояи меъёрҳои қатъии ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон диққати камтар дода мешавад. Омӯзгорон дар бораи тамоилҳои имконпазири воқеии таълимии хонандагон, ки ба равандҳои маърифатӣ (эҳсос, идрок, диққат, хотир, тафаккур, нутқ, хаёл), соҳаҳои эмотсионалию иродавии шахс (ҳиссиёт ва эмотсия) ва хусусиятҳои фардию психологии шахс (мизоҷ, характер, қобилият) рабт дорад, бениҳоят маълумоти кам доранд ва роҳҳои ташаккул додани онҳоро низ хуб намедонанд.

Аксари олимони дидакти нимаи дуюми асри XX дар корҳои илмии худ ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоии анҷоми соли таҳсилро муҳим шуморида, гузаронидани дарсҳои махсусро ҷоиз медонанд, то ин ки дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон ба низоми муайян дароварда шаванд. Ин маънои онро дорад, ки натиҷаҳои ҷамъбастӣ дар анҷоми соли таҳсил хусусияти интихобӣ касб карда, доираи муҳимтари проблемаҳои барномаҳоро барои сол ё ин ки барои якчанд сол дар бар мегирад.

Дар охири соли таҳсил барои ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ ба пуррагӣ ҷудо намудани як дарс ва баъзан якчанд дарс низ тавсия дода мешавад. Инро метавон дар аввали соли таҳсил ҳам ташкил кард. Дастурҳои манзургардида

дар аввали соли таҳсил бисёр муҳим аст, чунки донишҳои аксари хонандагони синфҳои болоӣ ноқис, номукаммал, номураттаб ва хушку холианд. Дарсҳое, ки ба ташаккули донишҳои зеҳнӣ бахшида мешаванд, бояд дар пайдарпайӣ гузаронида шаванд, то ки такрори фаъоли муайяни донишҳоро дар система таъмин созанд.

Дар дидактика муносибатҳои гуногун ба таснифоти дарсҳо, вобаста ба он, ки кадом аломатҳо ба асос гирифта мешавад, вуҷуд дорад.

Маъмултарин таснифот ин таснифоти дарсҳои бо принсипҳои дидактикӣ асосёфта ва дар системаи умумӣ ҷойдоштаи онҳо мебошад, ки аз ҷониби Б.П. Есипов, Г.И. Щукина, В.А. Онищук, Х. Буйдоқов, М. Лутфуллозода ва дигар олимон пешниҳод гардидаанд.

Мувофиқи таснифоти мазкур чунин намудҳои дарс ҷудо шудааст:

- дарси азхудкунии донишҳои нав дар асоси ташаккули мафҳумҳо ва донишҳои мушаххас;

- дарси ташаккул ва азхудкунии мафҳумҳои умумӣ;

- дарси мустаҳкамкунӣ бо истифодаи маҷмуи донишҳо, мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмӣ;

- дарси ҷамъбаст ва мураттабсозии донишҳо;

- дарси назоратӣ-санҷишӣ.

Алоқаҳои дохилии маводи ҳамаи мавзуъҳо, сарфи назар аз гуногунии хусусияташон, ба қисмҳо ҷудо карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон на танҳо сабабу натиҷаҳои алоқа (онҳо метавонанд ҳатто ҳангоми азхудкунии маводи як мавзуъ мустаҳкам шаванд), балки сабабҳои генетикиро тасаввур намоянд. Чунончи, дар дарси таърих тамоми давраҳои хондашударо ҳамчун раванди комили инкишофи таърихӣ тасаввур мекунанд. Ташкили чунин дарсҳо имкон фароҳам меорад, ки давраҳои алоҳида, баъзан давраҳои муайяну мушаххаси таърихӣ ва қонунии прогрессивии инкишофи таърихӣ ба тартиб даровардa шуда, пурра аз худ карда шаванд.

Зимни омӯзиши мавзуъҳое, ки фаъолияти эҷодиро талаб менамоянд, ташкили корҳои мустақилона, аз ҷумла навиштани иншо, эссе, реферат, тайёр

намудани маърӯза барои машғулиятҳои махсус ва дарсҳои ҷамъбастӣ мувофиқ меояд, ки дар таҳияи онҳо дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ ва тафаккуру қобилиятҳои эҷодӣ нақш мебозанд. Ба роҳ мондани чунин фаъолияти эҷодӣ тадриҷан доираи донишҳоро васеъ ва ҷаҳонбинии илмии шогирдонро мукаммал мегардонад. Яке аз ҷанбаҳои асосии омӯзиши проблемаи ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ ва инкишоф додани мустақилнокии маърифатӣ фаъолкунонии фаъолияти зеҳнии хонандагон дар дарсҳо ва дигар машғулиятҳои таълимӣ мебошад.

Дар натиҷаи устувор аз худ кардан, фаҳмидан ва дарки амиқи асосҳои илм донишҳо ба эътиқоди шахсӣ мубаддал мегарданд, ки асоси зеҳни хонандагонро ташкил медиҳанд. Зеҳният системаи пурраи назару ақида ва эътиқодҳоро ифода мекунад.

Махсусан эътиқодҳо аҳаммияти муҳим доранд, ки асоси ғоявии зеҳни хонандагон, ақидаҳои мутаҳкам ва эътимоди қатъии онҳоро ташкил медиҳанд. Эътиқодҳо аз омӯзгор ба хонанда ба таври механикӣ дода намешавад ва, ҳамчунин, онҳоро аз китобу воситаҳои таълим ҳам ба даст овардан ғайриимкон аст; онҳо бояд аз ҷониби худи хонанда дар натиҷаи фаъолияти эҷодӣ ҳосил шаванд. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таълимӣ ба тарбияи маънавии хонандагон ва шуурнокии онҳо диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ба ташаккули зеҳни хонандагон муносибати дар ташкили раванди таълим ба роҳ мондашуда, корҳои таълимии беруназдинфӣ ва дигар ҳолату муҳите, ки мактаббачагонро иҳота мекунанд, таъсир мерасонанд. Рисолат ва вазифаи аввалдараҷаи омӯзгор ин аст, ки дар ин ҷаҳони мураккаб ва пуртазод омӯзишро тарзе бояд ба роҳ монад, ки он ба эҷоди эътиқоди дурусти хонандагон мусоидат намояд, дар пешгирӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ ва ислоҳкунии ақидаҳои нодурусту бардурӯғ, дар ҳосилнамоии маҳорати дар ақидаҳои худ истодан ва барои амалисозии онҳо мубориза бурдан ва ғайра нақши аз ҳама асосӣ ва муайянкунандаро дошта бошад. Аз омӯзгор дар сатҳи зарурӣ донистани фанни таълим, хусусияту қобилиятҳои ҳар як шогирд, муносибати таҳаммулпазирӣ ба мулоҳизаҳои интиқодӣ, омода будан барои

посух ба саволҳои ҳайратомез, дар назди хонандагон гузоштани проблемаҳои ҷиддию шадид, ба онҳо ёд додани муҳокимаронӣ ва баровардани қарорҳои дастаҷамъона талаб карда мешавад.

Мувофиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим, ки дар доираи ислоҳоти нави соҳаи маорифи Тоҷикистон он ҳамчун таълими замонавӣ пешрав маҳсуб меёбад, ҳамкорӣ дар дарс дар самтҳои «омӯзгор – хонанда», «хонанда – омӯзгор», «хонанда – хонанда» иҷро карда мешавад. Истифодаи усулҳои интерактивии таълим низ ба ҳамин мақсаданд, ки дар рафти дарс бояд ҳамкории васеътари хонандагон на танҳо бо омӯзгор, ҳамчунин бо ҳамдигар ба роҳ монда шавад. Ташкили вазъиятҳои таълимӣ, саволу ҷавоб ва баҳсу мунозираҳо, ки ба ин восита ҳам донишҳо ба даст меоянду ҳам онҳо дар хотир хубтар ҳифз мешаванд, мувофиқи мақсад аст.

Таҳқиқоти муқарраркунанда ошкор кард, ки таълим танҳо ба фарогирии дониш ва малакаҳо нигаронида шудааст, ки ин наметавонад дар инкишофи мактаббачагон натиҷаҳои баландро таъмин созад. Муайян карда шуд, ки танҳо ҳамон таълим самарабахш маҳсуб меёбад, ки ба ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон ва дар маҷмуъ, ба пешрафту инкишофи онҳо мусоидат кунад. Барои рафъ намудани мушкилиҳо дар ин самт ва иҷрои вазифаҳо, алалхусус, ҳалли масъалаҳои мураккаб ва душвор, таъмини нақши пешбари донишҳои назариявӣ ва аз ҷониби хонандагон амиқ фаҳмидани мақсаду мазмуни маводи таълим ҷидду ҷаҳди аҳли коллективи педагогӣ зарур меояд. Фароҳам овардани шароити созгор, ҷалби мутахассисони касбӣ ва таъмини пояи моддӣ-техникии муассиса, алалхусус таҷҳизоти техникии таълимии замонавӣ, ки тақозои таҳсилоти муосир аст, ба ҳаракат ва пешрафти хонандагон мусоидат мекунад.

Чуноне маълум аст, солҳои охир дар соҳаи таҳсилоти кишвар дигаргуниҳои зиёде ба амал омаданд. Алалхусус дар бароҳмонии таълими тафриқа ва дар ин замина ба равияҳо гузаштани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки то андозае самаранокии таълим таъмин мегардад. Ногуфта

намонад, ки аз сабаби нарасидани мутахассисони ихтисосманди педагогӣ, шароит ва дигар омилҳо на ҳамаи мактабҳо ба ин шакли таълим гузаштанд (шояд барои ин кӯшише ҳам накунанд) ва гузашта ҳам наметавонанд.

Аз рӯйи маълумотҳои омории ба дастомада теъдоди муассисаҳои таълимие, ки чунин шакли таълимро роҳандозӣ намудаанд, дар шаҳри Душанбе зиёдтаранд (дар дигар шаҳру навоҳии Тоҷикистон кам ба назар мерасад) ва он ҳам пас аз анҷоми синфи IX, баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ. Маҳз хонандагони синфҳои болоии X-XI мувофиқ ба майлу рағбат ва қобилият равияҳо (гуманитарӣ, табиӣ-риёзӣ, биологӣ)-ро интихоб намуда, бар он мекӯшанд, ки ҳангоми дохил шудан, асосан ба МТОК, барояшон осонӣ биёрад. Ва ин то андозае дуруст ҳам аст, зеро барои касбиояндаашон аз ҳамин ҷо замина гузошта мешавад. Қобили зикр аст, ки барои хонандагони зеҳнан лаёқатманду ба ин ё он соҳа майлу рағбатдошта омӯзиш аз рӯйи равияҳо бисёр созгор ва қулай мебошад.

Таъкид бояд кард, ки сифати таълим ва боло бурдани сатҳи он асосан аз муносибати дурусти иштирокчиёни раванди таълим вобастагӣ дорад. Ҳар синну сол ва зинаҳои таълим хусусиятҳои хоси худро дошта, муносибати хонандаро ба таълим тағйир медиҳанд. Дигаршавии муносибат бештар дар синфҳои болоӣ ба мушоҳида мерасад.

Дарвоқеъ, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) нисбат ба омӯзиши фанҳои таълимӣ муносибаташонро дигар мекунанд. Дар аснои таҳқиқот, алалхусус аз суҳбат бо омӯзгорону хонандагон яқин гардид, ки беш аз ҳама онҳо ба аҳаммиятнокии фан таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Ба мақсади муайян кардани муносибат ба таълим ба хонандагони синфҳои болоӣ чунин аҳаммиятҳои фанни таълимиро пешниҳод кардем: а) аҳаммияти ҷаҳонбинии фан (то чӣ андоза он барои фаҳмидани қонунҳои инкишофи табиат ва ҷамъият, донистану таҳлили ҳодисаҳои ҷамъиятӣ кумак мерасонад); б) аҳаммияти маърифатии фан (то чӣ андоза ҷаҳонбиниро васеъ менамояд, донишҳои ҷолиб ва заруриро медиҳад, номаълумиҳоро ошкор

месозад); в) аҳаммияти ҷамъиятии фан, накши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва хоҷагии мамлакат; г) аҳаммияти амалии фан барои хонанда (алоқаи он бо касби интихобкардааш, имконияти ҳосил намудани маҳорат ва малакаҳои муфидро медиҳад); ғ) осонии азхудкунии фанни мазкур, ки хонанда тавонад худро қобилиятнок ҳис намояд; д) таълими хуби фанни мазкур.

Далелҳои муносибати хонандагон ба фанни таълимӣ вобаста ба муҳиммияту аҳамиятнокӣ ва ҷойи интихоби онҳо дар ҷадвал омадааст.

**Ҷадвали 1**

**Муайянкунии муносибати хонандагон ба фанни таълимӣ**

| **Далелҳои аҳаммиятнокии фанни таълимӣ** | **Ҷойҳои интихоб аз рӯйи муҳиммияти фан** |
|---|---|
| Аҳаммияти ҷаҳонбинии фан | 6 |
| Аҳаммияти маърифатии фан | 4 |
| Аҳаммияти ҷамъиятии фан | 5 |
| Аҳаммияти амалии фан | 3 |
| Осонии азхудкунии фан | 2 |
| Таълими хуби фан | 1 |

Натиҷаи пурсишҳо нишон дод, ки хонандагон фанни таълимиро вобаста ба хубу шавқовар дарс гузаштани омӯзгор аҳамиятнок донистанд – дар ҷойи аввал, ба осонӣ аз худ кардани фан, ки онҳо худро қобилиятнок ҳис менамоянд, дар ҷойи дуюм қарор гирифт. Далелҳои дигар, махсусан, аҳаммияти амалии фан барои хонанда, дар ҷойҳои сеюму чорум ва аз ин поинтар қарор гирифтанд.

Ба андешаи мо, сабаби дар сатҳи нисбатан поён қарор гирифтани аҳаммияти амалии фан барои хонанда, яъне алоқаи он бо касби интихобкардааш ва то чӣ андоза ҷиҳати ҳосил намудани маҳорату малакаҳои муфид имконият медиҳад, дар он аст, ки ҳақиқатан хонандагон нисбат ба интихоби касб муносибати ҷиддӣ надоранд.

Бояд гуфт, ки маълумотҳои бадастовардаи мо оид ба масъалаи рағбатнокии хонандагони синфҳои болоӣ ба фанҳои таълими алоҳида хеле гуногун ва ба ҳам мухолифанд. Мусаллам аст, ки хонандагон ба омӯзиши фанҳои забону адабиёти тоҷик (забонҳои хориҷӣ – русӣ, англисӣ низ), таъриху ҳуқуқ бештар рағбат доранд.

Солҳои охир, тавре аксари омӯзгорон қайд менамоянд, шавқу рағбати як қисм хонандагони синфҳои болоӣ ба омӯзиш паст гаштааст, ки ин ҷойи шубҳа ва баҳс ҳам надорад. Таҳқиқотҳои сершумори олимону муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки сабабҳои ин ҳолат гуногун аст. Аввалан, муносибати аксари хатмкунандагон ба фанҳои таълимӣ якбора поин фаромадааст. Онҳо фанҳоеро хуб меомӯзанд, ки дар имтиҳонҳои дохилшавӣ ба макотиби олӣ асосӣ маҳсуб мегарданд. Ба фанҳои дигари таълимӣ бетафовутанд. Сониян, азбаски дониши хонандагони синфҳои X-XI суст аст, дар иҷрои корҳои мустақилона душворӣ мекашанд, ҳол он ки дар ин синфҳо корҳои мустақилона ва эҷодӣ бештар мавқеъ доранд.

Сабаби дигар, танҳо имкониятҳои миёнахонҳоро ба ҳисоб гирифтани омӯзгор мебошад. Омӯзгор маводи таълимиро фаҳмонида, бештар бо талабагони миёнахон машғул мешавад, вақти зиёдро ба онҳо сарф мекунад, ки чунин муносибат хонандагони дигарро камфаъол мегардонад.

Ниҳоят, фикру мулоҳизаҳои баъзе хонандагон чунин маъно дорад: ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) бо доштани чунин дониш имконияти дохилшавӣ нест. Аз ин рӯ, барои нағз хондан зарурате вуҷуд надорад. Ин далели он аст, ки аксари хатмкунандагон ба донишу маҳорат ва малакаю қобилиятҳои зеҳнии худ бовар надоранд.

Ин ҷо бамаврид аст, ишора намоем, ки ба мақсади воқеъбинона ва шаффоф баргузор гардидани имтиҳонҳо тайи чанд соли охир дар мамлакат Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад, ки ҳамасола довталабон бо интихоби 12 ихтисос аз рӯйи кластер ба МТОК ва дигар муассисаҳои таҳсилотӣ бо гирифтани холҳои зарурӣ имкони дохилшавиро пайдо менамоянд. Паҳлуи дигар он аст, ки аксари

дохилшавандагон бо вуҷуди паст будани сатҳи донишашон ва бе тайёрӣ ба ихтисосҳои серталабот ва касбҳои бозоргир ҳуҷҷат месупоранд. Бехабар аз он ки интихоби зиёди ин ихтисосҳо рақобатро ба вуҷуд мерараду донишҳои амиқу васеъро талаб мекунад. Чунин ҳолат ба чанде аз довталабон маъюсӣ ва ба дигаре пушаймонӣ аз дуруст наомӯхтану беэътиноӣ зоҳир намудан ба таълимро меорад.

Бо назардошти чунин нуқтаҳои назар ба хулосае омадем, ки субъектони асосии раванди таълим, махсусан, омӯзгорони ҷавон ва навкор, ба тавсияҳои зарурӣ, аз ҷумла ба донишҳои педагогию психологӣ ниёз доранд. Баъди аз ҷониби мо ба омӯзгорону хонандагон додани тавсияҳои дидактикию методӣ ва психологӣ шавқу рағбат ба таълим то андозае боло рафт. Ин ба он рабт дорад, ки дар ташкили раванди таълим пешравиҳои муайян ба чашм мерасиданд: аввалан, омӯзгорон принсипи инкишофи фаъолнокӣ ва мустақилияти тафаккури хонандагонро дар амал хуб татбиқ намуданд, ки рағбати онҳоро ба таълим боло бурд; сониян, таълим бештар хислати фардикунониро касб кард, яъне хусусиятҳои ҳар як талабаро ба назар гирифта, таълимро ба роҳ монданд. Омӯзгорон имконияти ба фаъолияти аълохонҳо эътибор ва ба сустхонҳо зиёд диққат доданро пайдо намуданд ва умуман, ба корҳои мустақилона ва дигар корҳои эҷодии шогирдон аҳаммият медодагӣ шуданд. Чунин тарзи кор барои беҳтар шудани сатҳу сифати омӯзиш ва муносибати босалоҳият дар таълим мусоидат кард.

Ба андешаи мо, хонандагони синфҳои болоӣ вобаста ба хусусиятҳои синнусолиашон, аввалан, ба ин ё он фанни таълимӣ, маҳз ҷиҳати бадастории донишҳои соҳавӣ ва барои соҳаи фаъолият зарур, бо назари дигар муносибат намуда, дар таълим рағбати ба худ хоси устувор пайдо мекунанд. Чунин рағбатнокӣ дар ин синнусол ташаккули маърифатию касбии мақсадноки шахсро таъмин месозад, интихоби касб ва роҳи ҳаёти онҳоро баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян менамояд. Мавҷуд будани рағбати хос мунтазам саъю кӯшишро барои гирифтани донишҳои васеъ ва амиқ дар ягон соҳаи муайян афзун ва касро ҳавасманд мегардонад.

Хатмкунанда бо адабиёти зарурӣ фаъолона ошно мешавад, бо мароқи том дар маҳфилҳои фаннӣ ширкат меварзад, барои дар лексия ва маърӯзаҳо, ҳамчунин, дар вохӯрии шахсони баруманди соҳаи илме иштирок кардан имкониятҳо меҷӯяд.

Тазаккур бояд дод, ки рағбати амиқ ва гуногунпаҳлуи хонандагони синфҳои болоӣ метавонад омӯзгоронро дар вазъияти ногувор ва мушкил қарор диҳад. На ҳама вақт омӯзгорон ба саволҳои мураккаби онҳо ба таври кофӣ ва пурра ҷавоби қонеъкунанда дода метавонанд. Барои ин омӯзгоронро зарур аст, ки мунтазам адабиёти махсуси соҳавӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои илмӣ ва мақолаҳоро мутолиа намоянд, аз комёбиҳо, пешрафти илму техника ва технологияҳои даврони муосир воқиф шаванд ва ҳамқадами замон бошанд.

Роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ва масъулини корҳои таълимию тарбиявиро лозим меояд, ки имконият ва шароити мусоидро барои инкишофи минбаъдаи қобилиятҳои чунин хонандагон (ташкили машваратҳои мутахассисон, ёрӣ додан барои робита барпо намудан бо устодони кафедраҳои тахассусии дахлдори мактабҳои олӣ ё бо кормандони лабораторияи илмии ташкилоту корхонаҳо, идораҳои нашрияҳои илмӣ, барои иштирок дар маҳфилҳои беруназмактабӣ ва ҷамъияти илмӣ, ширкат ва санҷидани донишу малакаҳои зеҳнӣ дар олимпиада, озмунҳои маърифатӣ-илмӣ ва ғайра) фароҳам биёранд.

Мавриди зикри хос аст, ки дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ интихоби мақсадноки касб аҳаммияти бузург дорад. Маҳз дар синфҳои болоии X-XI таълими мақсадноки касбӣ ба миён меояд, ки вазифаҳои он асосан аз омӯзиши амиқи фанҳои таълимии ба интихоби касб нигаронидашуда иборат мебошад. Таълими мақсадноки касбӣ ин маҷмуи донишҳо, маҳорат ва малакаҳои амалӣ мебошад, ки дар омодасозии хонандагон барои гирифтани касбҳои муайян ҳамчун корманди соҳибтахассус, мутахассиси баландмаърифат дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа, илму техника ва фарҳанг имконият медиҳад.

Яке аз вазифаҳои асосии илми педагогика иҷтимоикунонӣ мебошад. Педагогика ва умуман, фанҳои таълимӣ баробари дигар вазифаҳо, омӯзонидани маълумоти иҷтимоиро ба зимма доранд, аз ҷумла вазифаи иҷтимоикунонӣ ба уҳдаашон буда, хонандаро ба ҳаёт бояд омода созанд. Маҳз ба ин ё он касбу ҳунар дил бастан ва ҳаёти ояндаи худро муайян намудан аз давраи таҳсил, алалхусус дар синфҳои болоӣ ибтидо мегирад ва дар ин самт омӯзиши кадом фанҳои тадрисшаванда муҳимтар аст, ба ӯ бояд моҳиятан фаҳмонида шавад.

Дар баробари ин, хатмкунандагон маводи таълимиро бо назари нав, бо мақсади дар оянда коромад шуданашон аз худ мекунанд, маълумоту донишҳои нави зарурӣ меҷӯянд. Мақсади таълим возеҳтар мегардад ва таълими ба ҳадаф мувофиқ хонандагонро ба тафаккури назариявӣ, муҳокимарониҳои мантиқӣ водор месозад ва онҳо маводи омӯхташавандаро амиқтар сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд. Чунин тарзи муносибат ба омӯзиш ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳниро таъмин месозад.

Тавре ки гуфта шуд, дар давраи таҳқиқот бо таваҷҷуҳ ба касбинтихобкунии хатмкунандагон, ки мақсади идомаи таҳсилашон дар синфҳои X-XI моҳияти иҷтимоиро касб менамояд, таълим низ шеваи дигарро мегирад. Азбаски ҳадафи омӯзиш, асосан барои гирифтани касбҳои зарурии замонавӣ равона мешавад, мо ба таълим, боз як принсипи нави дидактикӣ – таълими мақсадноки касбӣ, ба ифодаи дигар принсипи таълими ба касбият нигаронидашударо пешниҳод намудем. Яъне, вобаста ба майлу хоҳиш, ба ин ё он соҳаи ҳаёти ҷомеа рағбат доштан ва дар ин замина бештар аҳаммият додани хонандагон ба омӯзиши амиқи фанҳое, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба ихтисоси майлдоштаашон равона гардидааст, дар баробари ин бомасъулиятии зиёдтари омӯзгор нисбат ба тадриси фан ва қонеъгардонии хонандагон аз таълими он принсипи дидактикии таълими мақсадноки касбӣ рӯйи кор омад.

Принсипи мазкур бо талаботҳои худ фаъолияти пурсамари эҷодии хонандагонро таъмин месозад. Дарки аҳаммияти иҷтимоии таълим хонандаро водор месозад, ки барои иҷрои вазифаю супоришҳо пайи ҷустани адабиёту дигар сарчашмаҳо гардида, маълумоти зиёдеро ба даст орад.

Ниҳоят, таъкид менамоем, ки дар баробари дигар принсипҳои маъмули таълим принсипи дидактикии таълими ба касбият нигаронидашуда низ аҳамиятнок буда, субъектони асосии раванди педагогиро зарур аст, ки дар такя ба моҳият ва талаботи он омӯзишро ҳадафноку пурсамар ба роҳ монанд.

Боиси нигаронист, ки баъзан хатмкунандагон ба қобилияту рағбат ва имкониятҳояшон нигоҳ накарда, касби ояндаашонро бе тайёрии махсус тасодуфӣ интихоб менамоянд. Чунин тарзи муносибат ва интихоби бемақсад, аз як тараф, дар самти омодасозии мутахассисон ва аз корравии онҳо муаммо эҷод менамояд, аз тарафи дигар, дар онҳо ҳисси норизоӣ ва дилхунукиро нисбат ба кор ва ояндаашон дар пай меорад.

Маълумотҳои ба дастовардаи мо аз муассисаҳои таълимии таҳқиқшуда шаҳодат медиҳанд, ки хонандагони синфҳои озмоишӣ бо ёрии омӯзгорон бошууронаю мақсаднок касби ояндаашонро интихоб намуданд, дар синфҳои назоратӣ бошад, асосан, бо маслиҳати волидайн ва ё аз рӯйи таваккал аксарият нобоварона касби ояндаашонро интихоб карданд. Ҳамин тавр, теъдоди нафароне, ки дар интихоби касби ояндаашон шуурона муносибат намудаанд, аз шумораи умумии хатмкардагони синфҳои озмоишӣ 92,1% ва аз синфҳои назоратӣ бошад, ҳамагӣ 30,5 %-ро ташкил кард.

Бо ин метавон хулоса намуд, ки барои иҷрои вазифаҳои таълими мақсадноки касбӣ дар синфҳои болоӣ омилҳо басо зиёданд. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дарвоқеъ, макони маърифат ва касбинтихобкунӣ маҳсуб меёбад, дар ҳалли масъалаҳои зерин масъул аст:

- омӯзиши шавқу ҳавас ва рағбати хонандагон ба таълим ва муносибат ба он;

- муайян намудани сатҳи донишу донишандӯзӣ, қобилият, зеҳни хонандагон ва истифодаи онҳо дар амалияи таълим ва вазъиятҳои гуногун;

- асоснок пешгӯӣ карда тавонистани ояндаи хонандагон аз ҷониби омӯзгороне, ки солҳои тулонӣ дар мактаб ва ҳамон синф фаъолияти педагогӣ мебаранд;

- интихоби мақсадноки касб, муносибат ба омӯзиши фанҳои ба касбияти хонандагон нигаронидашуда (фанҳое, ки аз онҳо имтиҳони дохилшавӣ месупоранд, махсусан, ба мактабҳои олӣ, коллеҷҳо) ва ба мақсади ниҳоӣ расидан.

Ногуфта намонад, ки вазифаи асосии мактаб дар баробари ташаккул ва рушди шахсият, тайёр намудани хонандагон ба фарогирии донишҳои пурмазмун ва мутобиқсозии онҳо дар шароити омодагӣ ба интихоби касбу ихтисос низ мебошад. Зарур аст, ки тадриси фанҳои ба интихоб касб нигаронидашуда ё худ фанҳои махсуси соҳавӣ дуруст ба роҳ монда шуда, вазифаҳояшон муваффақона иҷро гарданд. Дар ин самт фаъолияти педагогҳо ҷиҳати ошкор сохтани муносибату қобилияти хонандагон ба фанҳои муайян, аз ҷумла ба фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ ва омӯзиши амиқи онҳо барои идомаи таҳсил дар зинаҳои болотари таҳсилот бояд назаррас нишон дода шавад.

Фанҳои таълимӣ асосҳои илм маҳсуб меёбанд ва мунтазам якрангу якнавохт баргузории дарсҳо он қадар таъсирбахш набуда, ба пешравиҳои шогирдон монеа эҷод менамояд. Аз ин хотир, ба гуногунрангии таълим таваҷҷуҳ дода, шакл, принсип ва методҳои нави таълимро, ки яке аз механизмҳои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии шогирдон ҳисоб меёбанд, бояд моҳирона истифода бурд. Фаъолмандӣ аз бошуурона фаҳмидани маводи дарсӣ гувоҳӣ дода, иттилооту маълумотҳои маърифатӣ ва донишҳои гирифтаи хонанда, аввалан, ба равнақи зеҳни ӯ таъсири мусбат мерасонад, баъдан, ҷиҳати возеҳу пурра қабул ва дарки иттилооти наву

мураккабтар имкон медиҳад ва, билохира, барои донишҳои навро ба даст овардан роҳ мекушояд.

### 1. 3. Таносуби таълим ва инкишофи тамоилҳои имконпазири ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон

Омӯзиши проблемаи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳниро дар раванди таълим идома дода, ошкор намудем, ки дар ин самт масъалаҳои баҳсталаб ва камомӯхта, аз ҷумла механизми ҷустуҷӯ ва дарёфти зарфият ё тамоилҳои имконпазири хонандагон хеле зиёданд.

Дар амалияи таълим дараҷаи азхудкунии донишҳои фаннӣ ва маҳорату малакаҳои хонанда аз рӯйи низоми панҷбалла муайян гардида, хусусиятҳои ҷудогонаи рушди шахсияти хонанда ба ҳисоб гирифта намешаванд. Ба назари мо, омӯзгорро зарур аст, ки ҳангоми тадриси фан дар алоҳидагӣ ва умуман, дар раванди таълим дастурҳои методологии илмҳои педагогию психологиро ба роҳбарӣ гирад ва тибқи талаботи онҳо амал намояд, зеро дар ин раванд зарфиятҳои фитрии хонандагон (аломату нишонаҳо, майлҳо, шавқу ҳавас, маром ва ғайра) ва махсусан, механизмҳои рушди онҳо ошкор карда мешаванд. Дар ин ҷо масъалаи чӣ тавр ошкор ва мушаххас кардани хонандагони болаёқат пеш меояд.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки теъдоди зиёди хонандагони лаёқатманд ва қобилиятнокро дар мактабҳои типи нав, аз ҷумла дар гимназияю литсейҳо, мактабҳои президентӣ ва ғайра дидан мумкин аст.

Дар муассисаҳои таълимие (махсусан, мактабҳои типи нав), ки равияи касбиро ихтиёр кардаанд, раванди таълими амиқи фан ба роҳ монда шудааст. Табиист, ки дар чунин муассиса ё синфҳо хонандагони қобилиятнок таълим мегиранд. Ҳамаи дарсҳо ғайрианъанавӣ, мисли дарсҳои ҷамъбастӣ, проблемавӣ, лексионӣ, аз ҷумла лексия-мубоҳиса ва дигар дарсҳо тавассути методҳои нави фаъол ва интерактивӣ гузаронида мешаванд.

Мақсади таҳқиқоти мо маҳз аз он иборат буд, ки то кадом сатҳ омӯзгорону хонандагон ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани ташаккули дониш,

маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ фаъолият мебаранд. Сараввал бо усули анкета бо зиёда аз 70 омӯзгори ҷавон ва пуртаҷриба пурсиш гузаронида, фикру ақидаҳои онҳо фаҳмида шуд.

Дар анкета саволи «Иҷрои кадом амалҳоро барои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон асосӣ ва муҳим мешуморед?» гузошта шуда буд. Савол 10-то варианти ҷавоб дошт, ки аз он 3 вариант, аз назари мо, барои ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ асосӣ ва муҳимтаранд. Варианти ҷавобҳоро дар зер меорем:

1. Омӯзиш ва азхудкунии қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ.

2. Татбиқи робитаи байнифаннӣ ва ҳамгироии донишҳо.

3. Гузаронидани дарсҳои ҷамъбастӣ ва мураттабсозии донишҳо.

4. Иҷрои корҳои мустақилона.

5. Ба роҳ мондани таълими проблемавӣ.

6. Ташкили мусобиқа, мубоҳиса ва бозиҳои расмӣ (нақшофар).

7. Кор дар гурӯҳҳои дунафара, сенафара ва хурд.

8. Истифодаи аёният, ВТТ дар дарс.

9. Мутолиа ва таҳлили адабиёти бадеӣ, асарҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ.

10.Ҷалби хонандагон ба маҳфилҳои зеҳнӣ-маърифатӣ.

Натиҷаи ҷавобҳои интихобнамудаи омӯзгорон нишон дод, ки “Омӯзиш ва азхудкунии қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ”-ро, ки барои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон асосианд, аз 72 омӯзгор 23 нафар (*32%*), ҷоиз донистанд. Ҳамчунин “Татбиқи робитаи байнифаннӣ ва ҳамгироии донишҳо” – 16 нафар (*22%*), “Гузаронидани дарсҳои ҷамъбастӣ ва мураттабсозии донишҳо” – 18 нафар (*25%*) ва ниҳоят, “Иҷрои корҳои мустақилона”-ро – 20 нафар (*28%*) асосию муҳимтар зикр карданд.

Боқимондаҳо иҷрои дигар амалҳоро интихоб карданд, ки онҳо ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии шогирдон кам таъсир мерасонанд.

Хусусан, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 87, 89 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, №№11, 59 шаҳри Ҳисор» ва №34 ноҳияи Рӯдакӣ аз 31 муаллим 12 нафар - "Ба роҳ мондани таълими проблемавӣ", 9 нафар - "Иҷрои корҳои мустақилона", 5 нафар - "Ҷалби хонандагон ба маҳфилҳои зеҳнӣ-маърифатӣ" ва ҳамагӣ 3 нафар - "Омӯзиш ва азхудкунии қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ" ва аз ин ками дигар "Татбиқи робитаи байнифаннӣ ва ҳамгироии донишҳо"-ро барои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ муҳим ҳисобиданд. Аз ин бармеояд, ки ҳанӯз ҳам теъдоди зиёди омӯзгорон сарфи назар аз собиқаи кории бисёрсола ва ё камтаҷриба намедонанд, ки барои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон дар дарс ва умуман, раванди таълим бештар анҷом додани кадом амал муҳим асту ба чӣ бояд зиёдтар диққат диҳанд.

Ҳамчунин, бо зиёда аз 190 нафар хонандаи муассисаҳои таълимии анъанавӣ ва ҳам типи нав тариқи анкета пурсиш доир кардем. Онҳо бояд аз 15 варианти ҷавобҳо 5-тояшро вобаста ба фаъолият, тарзу маҳорати дарсгузарӣ, иҷрои амалҳои таълимӣ ва талаботу муносибати муаллим интихоб менамуданд. Варианти ҷавобҳо инҳоянд:

1. Аз худ кардани қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмиро талаб мекунад.

2. Аз асарҳои бадеӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ ё рӯйдоду ҳодисаҳои таърихӣ хусусият ва шарҳи сабабу натиҷаҳои онҳоро талаб мекунад.

3. Пас аз анҷоми боб, фасл ё мавзуъҳои калон дарси ҷамъбастӣ, конфронси таълимӣ мегузаронад.

4. Иҷрои кори мустақилонаро талаб мекунад.

5. Дарс ҷамъбаст ва аз он хулосабарорӣ карда мешавад.

6. Мавзуъро хуб ва дастрас мефаҳмонад.

7. Хонандагонро фаъол карда метавонад.

8. Ба фанни таълимӣ ва омӯзиши он майлу рағбатро бедор мекунад.

9. Дарсро пурмазмун ва шавқовар мегузаронад.

10. Гурӯҳҳои хурд, мусобиқа, баҳсу мунозира ташкил мекунад.

11. Бештар бо шумораи ками хонандагон кор мекунад.

12. Васоити техникии таълими (махсусан, тахтаи электронӣ)-ро истифода мебарад.

13. Вақтро самаранок истифода мебарад.

14. Мутолиаи асарҳои бадеӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ ва дигар манбаъҳои заруриро талаб менамояд.

15. Дар бораи мавзуъ берун аз китоби дарсӣ маълумоти иловагӣ медиҳад.

Натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, ки тарзи фаъолият, амалҳо ва талаботе, ки омӯзгорон дар раванди таълим вобаста ба азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон анҷом медиҳанд, қаноатмандкунанда нест. Чунончи: “Аз худ намудани қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмиро талаб мекунад” аз 192 нафар – 56 хонанда (29,1%), “Аз асарҳои бадеӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ ё рӯйдоду ҳодисаҳои таърихӣ хусусият ва шарҳи сабабу натиҷаҳои онҳоро талаб мекунад” – 48 нафар (25%), “Пас аз анҷоми боб, фасл ё мавзуъҳои калон дарси ҷамъбастӣ, конфронси таълимӣ мегузаронад” – 27 (14%), “Иҷрои кори мустақилонаро талаб мекунад” – 31 (16,1%) ва ниҳоят, “Дарс ҷамъбаст ва аз он хулосабарорӣ карда мешавад”– 25 нафар (13%) ишора намуданд, аз камсамарии тарзи фаъолият дарак медиҳад. Ҳамзамон натиҷаи дилхоҳ надодани фаъолияти омӯзгорон дар қайдҳои хонандагон ошкор гардид, ки муаллим “Бештар бо шумораи ками хонандагон кор мекунад” – 102 нафар (53,1%), “Хонандагонро фаъол карда метавонад” – 24 (12,5%), “Дарс ҷамъбаст ва аз он хулосабарорӣ карда мешавад” – 18 (9,3%) ва “Мавзуъро хуб ва дастрас мефаҳмонад” – 15 нафар (7,8%), ки чунин равиши кор хилофи талаботи дарси муосир аст.

Дигар теъдоди зиёди интихоби ҷавобҳои хонандагон дар мавриди фаъолият, муносибат ва тарзу усулҳои дарсгузарии омӯзгорон гуфтан мумкин аст, ки ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ кам ё таъсире ҳам намерасонад.

Барои мушаххасан овардани далелҳо натиҷаи озмоиши анҷомдодаамонро муфассалтар шарҳ медиҳем. Дар синфҳои IX – XI муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №87 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе озмоиш гузаронида, фаъолияти омӯзгорони фанҳои забону адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқи инсонро мавриди омӯзиш қарор дода, дараҷаи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагонро муайян намудем. Аз 102 нафар 18 хонанда дар пурсишномаҳо (анкетаҳо) ишора намудааст, ки муаллимон дар раванди таълим ба омӯзиш ва аз худ кардани қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ диққати онҳоро ҷалб месозанд, 14 нафар зикр намудааст, ки омӯзгорон аз асарҳои бадеӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ ё рӯйдоду ҳодисаҳои таърихӣ хусусият ва шарҳи сабабу натиҷаҳои онҳоро талаб мекунанд, 11 хонанда – пас аз анҷоми боб, фасл ё мавзуъҳои калон ташкили дарси ҷамъбастӣ ва конфронси таълимиро таъкид карданд.

Натиҷаи озмоиши МТМУ-и №34 ноҳияи Рӯдакӣ низ ошкор сохт, ки вазъи таълим ба ҳолати дар боло зикргардида мушобеҳ аст. Ҳатто ишора ҳам карданд, ки муаллимон дарсҳоро дилгиркунанда ва якранг гузаронида, асбобҳои аёнӣ, тахтаи электронӣ, васоити техникии нави таълимиро кам ё умуман истифода намебаранд.

Озмоишҳои анҷомдода миёни хонандагони синфҳои болоии 9, 10 ва 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 88, 89, 58 ноҳияҳои Сино, Шомансур ва Фирдавсии шаҳри Душанбе ва №№ 5, 11, 96, 59 шаҳри Ҳисор натиҷаҳои дилхоҳ надоданд, зеро вазъи таълим қариб дар тамоми ин муассисаҳои таълимӣ яксон аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки теъдоди ками педагогҳо фаъолияташонро дар ҷараёни таълим ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии талабагон дуруст равона месозанд.

Дар муассисаҳои таълимии типи нав низ қариб ҳамин манзара мушоҳида карда мешавад. Чунончи, бо доираи васеи субъектони асосии ҷараёни таълим – омӯзгорону хонандагони синфҳои болоии МДТ «Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат” дар шаҳри Ҳисор озмоиш гузаронидем, вале дар фаъолияти онҳо ҳам ягон дигаргуние ба назар нарасид.

Дар ин муассиса ҳам фаъолияти омӯзгорони фанҳои забону адабиёти тоҷик, таърих, ҳуқуқи инсон ва ҳатто география зери озмоиш қарор дода шуд. Натиҷаи озмоиш ошкор кард, ки аз 98 нафар хонандаи синфҳои 9, 10 ва 11 танҳо 20 хонанда дар анкета дарҷ кардаанд, ки муаллимонашон ба мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ аҳаммият дода, фарогирии онҳоро талаб мекунанд. 17 нафар ҷавоб доданд, ки муаллимон дарсҳоро пурмазмун ва шавқовар мегузаронанд, 15 хонанда зикр карданд, ки зимни нақли асарҳои бадеӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ, ҳодисаҳои таърихӣ хусусият ва шарҳи сабабу натиҷаҳои онҳоро талаб мекунанд ва 11 нафар дар охири боб ва мавзуъҳои калон доир кардани дарси ҷамъбастӣ ё конфронси таълимиро таъкид сохтанд.

Теъдоди боқимондаи хонандагон нуктаҳоеро интихоб карданд, ки ба дигар варианти ҷавобҳо дахл доштанд, ки ин гуна усули фаъолияти омӯзгорон имкон намедиҳад, ки дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии шогирдон ба таври назаррас ташаккул ёбанд.

Ин фоизнокии пасти натиҷаи озмоишҳо бозгӯи он аст, ки муаллимону хонандагон дар дарс амалҳоеро иҷро менамоянд, ки барои беҳтар афзудани сатҳу сифати дониш, ташаккули маҳорату малака, васеъ кардани доираи назар ва ҷаҳонбинии илмӣ чандон нақше надоранд.

Умуман, аз ишораҳои хонандагон ва ҳисоби рақамҳои гуногун ба хулосае омадан мумкин аст, ки омӯзгорони фанҳои гуманитарию ҷомеашиносӣ вобаста ба фаҳмиш, таҷриба, доираи назари педагогӣ, ҷоиз донистани иҷрои ин ё он амал ва талабот нисбат ба омӯзиши фан дарс

мегузаранд ва бинобар ин, шогирдонашон инҳоро мушоҳида карда, дар анкета сабт карданд. Бигузор, ҳамин тавр ҳам бошад, вале талабот ва анҷом додани дигар амалҳои муҳимро, ки, аз назари мо, барои ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ мувофиқтар меояд, камтар зикр карданд.

Ҳамакнун маълум гардид, ки ба азхудкунии қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ, шарҳи сабабу натиҷаҳои воқеаҳо ва ҳамчунин, гузаронидани дарсҳои ҷамъбастӣ, ки яке аз шартҳои асосии ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ ва василаи ба низом даровардани донишҳо маҳсуб мегардад, эътибори ҷиддӣ дода намешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолият ва дарсгузарии омӯзгорон дар он ҳаде нест, ки он барои ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон мусоидат кунад.

Ин ҷо қайд кардан зарур аст, ки саволҳои анкета ба фанҳои зикршуда алоқаманданд ва соатҳои ҷудошуда барои омӯзиш ва азхудкунии мазмуну мундариҷаи онҳо басанда аст.

Барои ба таври васеъ баррасӣ кардани проблемаи ташаккули донишу маҳорат, малакаҳои зеҳнии хонандагон ва қобили эътимод будани сатҳи масъалагузорӣ ва роҳҳои ҳалли он дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф" бо доираи васеи омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ суҳбат ва саволу ҷавоб гузаронида, тариқи анкета ба саволҳо ҷавоби хаттӣ гирифтем. Ширкаткунандагон омӯзгорони мактабҳои шаҳру навоҳии тобеи марказ – Ҳисор, Турсунзода, Ваҳдат, Рӯдакӣ, Шаҳринав, Варзоб, Файзобод, Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Сангвор ва Лахш буда, дар маҷмуъ беш аз 60 нафарро ташкил медоданд, ки аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ мегузаштанд.

Шумораи на он қадар зиёди омӯзгорони фанҳои забону адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқи инсон дар саволҳои анкетаҳо танҳо ба "Омӯзиш ва азхудкунии қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ" – 13 нафар, ба

“Татбиқи робитаи байнифаннӣ ва ҳамгироии донишҳо” – 11 ва ба “Гузаронидани дарсҳои ҷамъбастӣ ва мураттабсозии донишҳо” танҳо 8 нафар ишора карданд, ки ин қаноаткунанда нест. Аксаран иҷрои амалҳоеро барои ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнии шогирдон ҷоиз ва муҳим шумориданд, ки ба талаботи он мувофиқат намекунанд ё таъсири камтар доранд.

Аз ин бармеояд, ки дар фаъолияти педагогии омӯзгорони мактабҳои шаҳру навоҳии тобеи марказ низ проблемаи ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон ҷой дошта, барои ҳалли масъалаи мазкур зарурати анҷом додани корҳои зиёдеро дар миён мегузорад.

Чунин ҳолат бозгӯи он аст, ки аксаран омӯзгорон дар раванди таълим ба омӯзиш ва фарогирии қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ беэътиноӣ зоҳир менамоянд ва ин ташвишовар аст. Ҳол он ки амиқ омӯхтану аз худ кардан ва дарки мазмуни онҳо донишҳоро мукаммалу муназзам ва доираи назари илмии хонандагонро фарохтар мегардонад. Ба назар бояд гирифт, ки аз худ кардани мафҳумҳо азхудкунии дониш аст ва ҳар қадар дониш васеъ шавад, ҳамон андоза мазмуну мундариҷаи мафҳумҳо вусъат меёбад. Ана аз ҳамин нуқтаи назар, муаллимро лозим меояд, ки бобати ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон бештар ба чӣ диққат додан, чиро талаб кардан, ба маводи таълимӣ чӣ гуна муносибат доштан ва барои фаъолияти бобарору муваффақ аз кадом метод ва шаклу принсипҳои дидактикӣ истифода бурданро хуб донад.

Ниҳоят, хулоса баровардан мумкин аст, ки омӯзгорони пуртаҷриба, ки теъдоди камро ташкил медиҳанд, барои ташаккули донишу маҳорат, малакаҳо ва қобилиятнокии шогирдон мақсаднок дарсҳоро доир намуда, дар кори таълиму тарбия ва инкишофи шахсият то андозае муваффақ ҳам мешаванд. Аммо муаллимони ҷавон, камтаҷриба ва ё муаллимони ғайриихтисос, ҳатто бо таҳсилоти ғайрипедагогӣ (ҳоло ҳам дар мактабҳо ғайриихтисосҳо зиёданд) дар ин бора на маълумоти кофӣ доранду на

фаҳмиши дарсгузаронии босифату пурмазмунро. Пӯшида нест, ки вақтҳои охир шахсони дорои таҳсилоти ғайрипедагогӣ сарварии (директор ё муовинон) баъзе муассисаҳои таълимиро ба уҳда доранд, ки ин ба таълиму тарбия ва инкишофи зеҳнии насли наврас ва ҷавон таъсири бад расонида, оқибатҳои нохушояндро дар пай дорад.

Тавре ки гуфта шуд, фаъолият, тарзи корбарӣ ва муносибати муаллимон нисбат ба донишандӯзӣ ва роҳҳои инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон махсусан дар шароити имрӯза ва талаботи ҷомеаи навин дар сатҳи зарурӣ қаноаткунанда нест.

Сабабҳо ва омилҳои ба сифати пасти таълим, самаранокии раванди тадрис таъсиррасон ва монеа эҷодкунандаи болобурди сатҳу сифати таълимро зиёд номбар кардан мумкин аст. Вале сабаби асосие, ки мо дар масъалаи мавриди назар ошкор намудем, аввалан ин аст, ки барои муаллимон на раҳнамою дастури методӣ таълиф шудаасту на дар ягон барнома ва ё китобҳои дарсӣ сари ин масъала сухан рафтааст. Баъдан, камтаваҷҷуҳии роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ба ин масъала, мақсади муайян нагузоштан ҷиҳати самаранок гардонидани раванди таълим, кофӣ набудани донишҳои педагогию психологӣ, маълумоти пурра надоштан дар бораи дигар шаклҳои гуногуни ташкили таълим (конференсияи таълимӣ, семинар, мизи мудаввар, маҳфилҳо, викторина, шабҳои саволу ҷавоб ва ғайра) ва аҳамиятнокии онҳо, надонистану истифода набурдани методҳои интерактивӣ – методҳои фаъоли таълим, худомӯзӣ накардану бехабар мондан аз инноватсияи педагогӣ, истифода набурдани маводи зарурии дидактикии таълим, техника ва технологияҳои нави таълимӣ низ ба ин сабаб мегардад.

Ҳамзамон, мавҷуд набудани нақшаи муайяни иштирок ба дарсҳо ва таҳлили илмии онҳо аз ҷониби маъмурият ва роҳбарони шурои методӣ ва иттиҳодияҳои методии фаннӣ, иштирок накардани муаллимон ба дарсҳои ҳамдигар, омӯзгорони кордону ботаҷриба ба мақсади мубодилаи афкор ва

таҷрибаҳосилнамоӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва таҳлилу хулосабарории воқеъбинонаю касбӣ накардани дарсҳои омӯзгорони ҷавон, махсусан аз сӯйи устодони соҳибтахассуси ба онҳо вобасташуда ва ё дигар масъулин. Дар ин самт омӯзиш нишон дод, ки қайди иштирок ба дарсҳо дар дафтарҳои алоҳида сатҳӣ, мақсад норавшан ва таҳлилу хулосаҳо бо умумигӯӣ дарҷ шуда, тавсияҳои муфид дода нашудаанд. Сари вақт нагузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ барои сайқал додани қобилият ва маҳорати педагогӣ, дур мондан ва ё надонистани талаботи дарси муосир ва билохира, паст будани сатҳи касбияти омӯзгорон, омодагии касбии мутахассисони ҷавон ва навкори камтаҷриба сабаби дигари камбудию норасоиҳо зикргардида шуда метавонанд.

Илова бар ин, дар коллективи муассисаи таълимӣ мавҷуд набудани консилиуми педагогӣ, маслиҳату машварат ва дигар вохӯрию суҳбатҳои муҳаққиқону олимони соҳаи педагогика ва психологияи омӯзгориро сабаби навбатӣ гуфтан мумкин аст. Пайваста ташкил намудани чунин корҳои мақсаднок ва истифодаи маслиҳатҳои судманди мутахассисон ба беҳтаргардонии раванди таълим таъсири мусбат мерасонад. Ҳангоми таҳқиқот бурдан маълумот гирифтем, ки дар баъзе мактабҳои шаҳри Душанбе мутахассисон, олимону пажуҳишгарон барои ҳамкорӣ ҷиҳати баррасии мавзуъҳои гуногун ва роҳҳои ҳалли ягон проблемаи ҷойдоштаи таълиму тарбия даъват мешаванд, аммо на барои ҳалли он проблемае, ки мавриди омӯзиши мо қарор дорад.

Бартарафкунии мушкилот, камбудӣ ва норасоиҳои ошкоршуда уҳдадорӣ ва вазифаи алоқамандони соҳаи таълиму тарбия буда, месазад, ки бо ҳисси баланди масъулият дарсҳоро мувофиқи тақозои замони нав ташкил намоянд. Барои ин, онҳоро зарур меояд, ки бештар мутолиа намуда, аз навгониҳои илми педагогика ва таҷрибаи пешқадам бархӯрдор шаванд.

Ба андешаи мо, коргирӣ аз шаклу усулҳои тозаи таълим, бароҳмонии шеваи тадриси замонавӣ ва таъмини муносибати босалоҳият дар таълим проблемаҳои ҷойдоштаро аз байн мебарад.

Мо ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагонро асосан ба омӯзиш ва аз худ намудани қоидаҳо, таърифҳо, мафҳуму қонунҳои илмӣ ва назарияи илмии соҳаи забону адабиёт, таърих, ҳуқуқ, шарҳ додани сабабу натиҷаҳои ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва дар бораи онҳо хулосаи мустақилона ва асоснок баровардан, фаҳмонидани шакл ва мазмуни асарҳои бадеӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи образҳои мусбату манфӣ, хислатҳои қаҳрамону персонажҳо ва ташкили мубоҳиса ва ибрози озодонаи нуқтаи назари шогирдон дар хусуси онҳо ва андешаҳои муаллиф, ҷамъбасти дурусти мавзуи дарси гузашта ва ҳамчунин, пас аз анҷоми боб, фасл ва мавзуъҳои калон доир намудани дарсҳои ҷамъбастӣ дар шакли семинару конфронси таълимӣ, мизи мудаввар, шабҳои саволу ҷавоб ва ғайра рабт медиҳем. Аммо, мутаассифона, дар дарсҳо унсурҳои таълими догматикӣ ба чашм расида, омӯзгорон ба гуфтаҳои боло кам эътибор медоданд.

Ба натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда такя карда, ба мақсади омӯхтани ҷиҳатҳои мусбату манфии фаъолияти педагогӣ ва самарабахш гардонидани он мо ба адабиёти илмии муосир ва таҷрибаи пешқадами ватанию хориҷӣ рӯ овардем. Аз ҷумла асарҳои педагогии М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, Х. Буйдоқов, Т. Зиёзода, С. Негматов ва дигаронро, ки ба проблемаи таҳқиқоти мо алоқамандӣ доранд, ҷиҳати дарёфт намудани заминаҳои зарурӣ барои озмоиши ташаккулдиҳанда ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор додем.

Пас аз гузаронидани озмоиши муқарраркунанда, ки натиҷаи он камбудию норасоиҳои воқеии педагогиро дар масъалаи мавриди назар ошкор сохт, мо мақсад гузошта, барномаи махсус таълиф намудем, ки аз рӯйи он бо омӯзгорон кор бурда шуд.

Бояд гуфт, ки бо анҷом додани озмоиши таълимии ташаккулдиҳанда, ки ба раванди педагогӣ рӯҳияи нави созанда бахшид, пешравиҳои назаррас мушоҳида гардид. Инро дар мисоли фаъолияти омӯзгорони забону адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқи инсон дар синфҳои болоии IX – XI-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон тасдиқ кард.

Аз рӯйи нақшаи таҳияшуда синфҳоро ба синфҳои озмоишӣ ва муқаррарӣ (назоратӣ) ҷудо кардем ва то ҷое натиҷаи дилхоҳ ба даст овардем. Бо гузашти чанд вақт муаллимон ва ҳам талабагон роҳҳои ҳалли проблемаҳои ҷойдоштаро дарёфт намуда, тадриҷан пайи ислоҳ ва рафъи норасоиву камбудиҳо мегаштанд. Дар синфҳои озмоишӣ аз дарс то дарси дигар вазъият беҳтар мегардид ва омӯзгорон бо масъулият ва завқи баланд дарс мегузаштанд, ки чунин тарзи фаъолият ва муносибат самаранокии таълимро таъмин мекард. Дар навбати худ, хонандагон низ то андозае фаъолӣ нишон медоданд, мафҳумҳои илмии нави азхудшуда ба донишҳои пешинаи онҳо зам мегардиданд, ки ин ба пурра гаштани низоми донишҳо таъсири мусбат мерасонид. Фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар дарсҳо таъмин ва болоравии сатҳу сифати таълим баръало эҳсос карда мешуд.

Асосан бо омӯзгорони фаъолияташон нигаронкунанда сару кор гирифтем, ки омодагӣ ва тарзи дарсгузарию усули таълимдиҳии онҳо ҷавобгӯи талаботи дарси муосир набуда, хонандагон ва моро низ қаноатманд намекард.

Баъди натиҷаи ҷавобҳои хонандагон тасмим гирифтем, ки ба дарсҳои муаллимон иштирок ва ҳақиқати ҳолро мушоҳида намоем. Зимни таҳлили дарсҳо ошкор гардид, ки қисми зиёди муаллимон, асосан омӯзгорони ҷавон, дарвоқеъ, ҷиҳати донишандӯзии шогирдон ва маҳорату малакаи истифодаи донишҳо дар амалияи таълим ба камбудиҳо роҳ дода, фаъолият, тарзи муносибату корбарӣ ва методи дарсгузарониашон бобати ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ мувофиқат намекунад. Ҳангоми баррасии

маводи таълимӣ ба фарогирии қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ эътибор надода, маводи гузашта ва мавзуи навро ҷамъбаст наменамоянд. Аз фанҳои адабиёт ва таърих зимни нақли ягон асари бадеӣ ё ҳодисаҳои таърихӣ шарҳи сабабу натиҷаҳои воқеаҳоро аз шогирдон ба таври зарурӣ талаб намекунанд, бо теъдоди ками хонандагон кор карда, ба дигарон диққати зарурӣ намедиҳанд. Якҷо бо хонандагон аз маводи таълимӣ ғояҳои асосӣ, аломатҳои муҳим ва аввалдараҷаро ҷудо намекунанд. Ба мазмуну мундариҷаи мавзуъҳо диққатро ҷалб намесозанд. Инчунин, пас аз анҷом ва ҷамъбасти мавзуъҳои калон ё бобҳо, дарсҳои ҷамъбастӣ намегузаронанд. Ба гузоришу нақлҳои якранги хонандагон қонеъ шуда, аз таълими проблемавӣ, супоришу вазифаҳо ва ташкили саволу ҷавобҳои ба фикркунӣ водоркунанда кор намегиранд. Робитаи байнифаннӣ ва ҳамгироии донишҳо таъмин нагардида, донишҳои як фанни таълимӣ дар дигар фан ё баръакс истифода намешаванд.

Дар дарс худи муаллимон бештар фаъол буда, ба хонандагон имкони мустақилона кор бурданро намедиҳанд. Дар бораи аёният ҳаминро бояд гуфт, ки ба ҷуз варақча (карточка)-ҳои худсози пастсифат, дигар дар дарсҳо ягон намуди аёният ва усулҳои тарҳу нақша истифода намешавад. Методи дидактикии кор бо карточкаҳо ва аз рӯйи саволҳо ҷавоб талаб кардан низ дуруст риоя намегардид. Ҳол он ки истифодаи аёният аз аввалтарин ва беҳтарин принсипи таълим маҳсуб меёбад ва беҳуда Я. Коменский ин принсипро “қоидаҳои тиллоӣ”-и таълим наномидааст.

Баъзан вақти зиёдро ба пурсиш сарф карда, дар тақсимоти вақт ва истифодаи самараноки он саҳлангорӣ мекунанд. Меъёри баҳогузорӣ низ риоя нагардида, ҳавасмандӣ ба донишомӯзӣ дида намешавад. Умуман, дарсҳои муаллимон дар қолаби пешин якранг гузашта, дар ҷараёни он шавқмандӣ, майлу рағбат ва тафаккури хонандагон ташаккул намеёбад.

Мусаллам аст, ки чунин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки сифати дониш дар муассисаҳои таҳсилотӣ дар сатҳи зарурӣ боло нарафта, ба талаботи замони муосир ҷавоб дода наметавонад.

Ба мақсади аз вазъияти нигаронкунанда баромадан барои муаллимон махсусан таълифи дастури методии "Раҳнамо барои омӯзгор"-ро зурур донистем, то он барои фаъолияти минбаъдаи самараноки онҳо ёрӣ расонад.

Дар "Раҳнамо барои омӯзгор" чун дастури ёрирасон унсурҳои муҳимтари фаъолияти таълимӣ мухтасаран ҷой дода шудаанд, ки асосан ба амалҳои зерин эътибори махсус додани субъектони ҷараёни таълим – омӯзгору хонандагонро талаб менамояд:

- банақшагирӣ, тартиб додани лоиҳаи ташкил ва гузаронидани дарс ё системаи дарсҳо;

- омодагии ҳамаҷониба ба дарс ва иҷрои вазифаҳои он – маърифатдиҳанда, тарбиятдиҳанда ва инкишофдиҳанда;

- дар сатҳи зарурӣ донистану дарк кардани моҳияту талаботи принсипҳои дидактикии таълим ва истифодаи дурусти онҳо дар раванди таълим;

- ба роҳ мондани омӯзиш ва назорати азхудкунии қоидаҳо, таърифҳо, назарияҳо, қонунҳои илмӣ, мафҳумҳои илмӣ, мафҳумҳои мушаххас, мафҳумҳои умумии асосӣ;

- ташаккули маҳорати ҷамъбаст ва мураттабсозии донишҳо, дарёфти сабабу натиҷаҳои рӯйдоду воқеаҳои таърихӣ, ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ;

- маҳорати дурусту воқеъбинона арзёбӣ намудани рӯйдоду ҳодисаҳои гузашта ва имрӯзаи ҷаҳон;

- маҳорати ҷудо намудани хусусиятҳои аввалдараҷа аз дуюмдараҷа дар маводи таълимӣ;

- ёд додани роҳҳои фарогирии амиқи донишҳои илмӣ, васеъ гардонидани доираи назар ва ҷаҳонбинии илмӣ;

- таъмини фаъолнокии маърифатии хонандагон бо роҳу усулҳои инноватсияи педагогӣ (масалан, тариқи слайд рӯнамоӣ (презентатсия)-и мавзуъҳо – аз ҷониби омӯзгор, иҷрои вазифаи хонагӣ – аз ҷониби хонанда);

- ба мақсади фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагони сустхон истифода бурдани методҳои фаъол ва интеркативии таълим;

- истифодаи самараноки ВТТ – васоити техникии таълимии муосир (тахтаи электронӣ, компютер, ноутбук, планшет ва ғайра) дар раванди дарсҳо;

- мақсадноку босамар истифода бурдани вақти ҷудошуда барои ҳар як унсури дарс;

- истифода аз усули ҳамкории педагогӣ, эҳтироми шахсияти хонанда ва рушди ҳамаҷонибаи он;

- мувофиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ташкили дарсҳо ва истифодаи донишу маҳорат ва малакаҳои ҳосилшуда дар амалияи таълим;

- баргузор намудани шаклҳои гуногуни ташкили таълим – семинару конфронси таълимӣ (махсусан баъди анҷом ва ҷамъбасти ҳар як боб, фасл ва мавзуъҳои калон), мизҳои мудаввар, шабҳои саволу ҷавоб, мубоҳиса, викторина, маҳфилҳои фаннӣ, сайр (экскурсия)-ҳои таълимӣ;

- тавассути робитаи байнифаннӣ истифодаи донишҳои як фанни таълимӣ дар дарсҳои дигар фанни таълимӣ ва баръакс;

- бо назардошти риояи талаботи принсипи дидактикии дастрасӣ ба таълим мувофиқи имконият ва хусусиятҳои психологию синнусолӣ ва тафаккури хонанда баёни маводи таълимӣ;

- даст кашидан аз усули куҳна (догматикӣ) ва бо усули эвристикӣ ва таҳқиқотии таълим баргузор намудани дарсҳо;

- бо истифодаи унсурҳои таълими проблемавӣ дар хонандагон тарбия намудани тафаккури интиқодӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнию эҷодии онҳо;

- дарёфти имкониятҳо, роҳҳои рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон ва ба роҳ мондани таълими рушдёбанда;

- пурқувват кардани корҳои мустақилона ва арзёбии фаъолияти инфиродии ҳар як хонанда;

- ташкили консилиуми педагогӣ, машварати таълимӣ ва дарёфти имкониятҳои воқеии дарсхонии талабагон;

- эътибор додан ба оптимизатсияи раванди педагогӣ ва интихоби варианти муносибу мувофиқ ба фаъолияти зеҳнии хонандагон;

- ташаккули маҳорати воқеъбинона баҳогузорӣ кардан ба фаъолияти таълимии талабагон ва омодасозии онҳо ба иҷрои супоришу вазифаҳои додашуда;

- ҷустуҷӯ ва ошкор намудани тамоилҳои имконпазири таълимии хонандагон оид ба азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ;

- ҷамъбаст ва натиҷагирию хулосабарорӣ аз дарс ба мақсади ҳифз ва дар хотир устувор нигоҳдории донишҳои ҳосилшуда бо истифода аз принсипи дидактикии мустаҳкамӣ дар таълим;

- таҳлил ва муҳокимаи якҷояи дарс бо шогирдон, фаъолияти коллективӣ ва инфиродии онҳо, амалҳои анҷомдода, методҳои истифодашуда, самарабахшии дарс ва бардоштҳо аз он; мулоҳиза оид ба камбудиҳо ва роҳҳои рафъи онҳо;

- ташаккули қобилияти рефлексивии омӯзгор, худтаҳлилнамоии амалҳои иҷрокарда дар дарс; тавассути инкишофи рефлексияи педагогӣ баланд бардоштани сатҳи касбият;

- бо роҳи худомӯзӣ мутолиаи адабиёти педагогӣ, психологӣ, дидактикӣ, методӣ ва истифодаи донишҳои назариявии олимону муҳаққиқони соҳа дар раванди таълим.

Маҳз бо субъектони асосии ҷараёни таълим – омӯзгорону хонандагон бо истифода аз дастури “Раҳнамо барои омӯзгор” корҳои методӣ бурда, нозукиҳои кори таълим, низом ва талаботи дарси муосир фаҳмонида шуд.

Омӯзгорон дар нақшаҳои тақвимӣ, дарсӣ ва конспекти дарсиашон дигаргунӣ ворид намуда, мақсад ва вазифаҳои дарсро возеҳу равшан ва ба ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон равона карданд. Маҳз мазмуннокии дарсро ба инобат гирифта, барои омӯзишу азхудкунии қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонуну қонуниятҳои илмӣ ва ҳамчунин, ба ҷамъбасту муназзамии донишҳо ва истифодаи онҳо дар амалияи таълим вақти бештаре ҷудо намуданд. Дар ин баробар, роҳбарияти мактабҳо низ инро дарк карда, ҳангоми санҷиши нақша-конспект ва иштирок ба дарсҳою таҳлили онҳо ба возеҳии мақсад, сифати баланди дарс ва тарзи истифодаи методҳои фаъол ва интерактивии таълим эътибори ҷиддӣ медоданд. Дар рӯзномаи ҷаласаҳои шуро ва иттиҳодияҳои методӣ зиёдтар масъалаи донишандӯзии хонандагон ҷой дода шуда, паҳлуҳои мусбат ва манфии он баррасӣ ва муҳокима мегардиданд.

Ҳамин тавр, тадриҷан кор шеваи дигар касб карда, фаъолияти таълимӣ рӯ ба беҳбудӣ овард.

Барои тасдиқи гуфтаҳо ба сифати мисол ҳолати дарсҳои омӯзгорони фанни “Таърих” Гадоев Ҳ. – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, фанни “Забону адабиёти тоҷик” Исмоилова Г. – №11-и шаҳри Ҳисор, фанҳои “Таърих” ва “Ҳуқуқи инсон” Назаров И. - №34-и ноҳияи Рӯдакӣ ва омӯзгори фанни “География” – Давлатов Н. – «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат”-и шаҳри Ҳисор мавриди омӯзиш ва таҳлили мо қарор доштанд. Аз фанҳои “Таърихи Тоҷикистон” ва “Таърихи умумӣ” ҳар кадом хонанда зимни омӯзиши мавзуъҳои нав ё ҷамъбасти маводи гузашта мафҳумҳои илмии зиёде, аз қабили муҳосира, таназзули иқтисодӣ, монархия, ҷанги сард, озодихоҳӣ, форматсияҳои ҷамъиятӣ, демократия, давлати иҷтимоӣ, мустамлика, сиёсати мустамликавӣ,

аз фанни “Ҳуқуқи инсон” мафҳумҳои илмии шахси ҳуқуқӣ, субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи моликият, муносибатҳои молумулкӣ, моли ғайриманқул, ҷавобгарии интизомӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, ҷустуҷӯи ҷиноӣ ва аз фанни “География” маҳсулоти саноатӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, ашёи хом, канданиҳои фоиданок, сарватҳои табиӣ, релефи маҳал, урбанизатсия (шаҳришавӣ) ва ғайраро аз худ намуда, озодона мазмуни онҳоро маънидод мекарданд. Дар омӯзиши асарҳои насрию назмӣ ё ҳодисаҳои таърихӣ ба мазмуну муҳтавои онҳо аҳаммият дода, хусусият ва сабабу натиҷаҳои воқеаҳоро шарҳ медоданд. Барои анҷом додани корҳои мустақилона вақти бештаре ҷудо намуда, ба шогирдон барои ҷавоб додан ва иҷрои вазифаю супоришҳо имконияти зиёд фароҳам меоварданд. Ҳамчунин, таълими проблемавӣ ба роҳ монда шуда, дар лаҳзаҳои зарурӣ дар дарсҳо методи проблемагузорӣ истифода мешуд, ки он ба инкишофи тафаккури ҷустуҷӯӣ ва эҷодии толибилмон мусоидат менамояд.

Чунин тарзи кор, агар, аз як тараф, захираи луғавии хонандагонро ғанӣ ва доираи ҷаҳонбинии илмиашонро васеъ гардонад, аз тарафи дигар, фаъолнокии фаъолияти маърифатии онҳоро то дараҷае боло мебарад. Имконияти воқеии таълимии шогирдон пайдо шуда, дар истифодаи донишҳо, баёни фикр, андешаронии озод ҳангоми баёни фикр фаъолмандӣ ва билохира, мустақилияти онҳо бештар мегардад.

Хуллас, мушоҳидаҳо ва таҳлили дарсҳо нишон доданд, ки дар ҳақиқат омӯзгорону шогирдон бо назардошти тавсияҳои додашуда дар раванди дарс назар ба пешин фаъол буданд.

Пас аз гузашти чанд муҳлат корҳоямон ҷамъбаст ва натиҷагирӣ карда шуд. Акнун ин маротиба муаллимон дар анкета ҷавобҳоеро интихоб карданд, ки, дар ҳақиқат, ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон мусоидат менамуданд. Ин нукта дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2**

**Интихоби фаъолияти муҳим барои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон**

| **Ташкил ва бароҳмонии фаъолият** | **Шумора: 72 нафар** | | | | **Сатҳи самаранокӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| | **То озмоиш** | | **Баъди озмоиш** | | **Ба ҳисоби %** |
| | **наф.** | % | **наф.** | % | |
| 1. Омӯзиш ва аз худ кардани қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ | 21 | *29,2* | 58 | *80,5* | 51,3 |
| 2. Татбиқи робитаи байнифаннӣ ва ҳамгироии донишҳо | 16 | *22,2* | 51 | *70,8* | 48,6 |
| 3.Гузаронидани дарсҳои ҷамъбастӣ ва мураттабсозии донишҳо | 18 | *25* | 46 | *63,8* | 38,8 |
| 4. Иҷрои корҳои мустақилона | 20 | *27,7* | 32 | *44,4* | 16,7 |
| 5. Ба роҳ мондани таълими проблемавӣ | 22 | *30,5* | 30 | *41,6* | 11,2 |
| 6. Ташкили мусобиқа, мубоҳиса ва бозиҳои расмӣ (нақшофар) | 12 | *16,6* | 20 | *27,7* | 11,1 |
| 7. Кор дар гурӯҳҳои дунафара, сенафара ва хурд | 9 | *12,5* | 16 | *22,2* | 9,7 |
| 8. Истифодаи аёният, ВТТ дар дарс | 17 | *23,6* | 19 | *26,3* | 2,7 |
| 9. Мутолиа ва таҳлили адабиёти бадеӣ, асарҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ | 11 | *15,2* | 12 | *16,6* | 1,4 |
| 10. Ҷалби хонандагон ба маҳфилҳои зеҳнӣ-маърифатӣ | 8 | *11,1* | 10 | *13,8* | 2,7 |

Баробари ҷамъбасти нимсолаи якуми соли хониши 2018-2019 дар синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ (ҳар кадоме бо теъдоди 28 – 35 нафар, мутаассифона, теъдоди хонандагон дар синфҳо бо сабабҳои гуногун аз меъёри муқарраршуда зиёд аст) тавассути анкета, ки ҳамон саволҳои пешинаро дар бар мегирифт, пурсиш доир намудем. Аз натиҷаи пурсиш маълум гардид, ки фаъолияти омӯзгорони фанҳои зикршуда дар мавриди дарсгузарӣ ва талабот ба татбиқи ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва қобилияти эҷодии хонандагон мусоидат менамояд, ҳамчунин,

дарачаи дониши мактабиён нисбатан боло рафта, дар раванди таълим пешравиҳо ба назар мерасанд (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3**

**Натиҷаи интихоби ҷавобҳои хонандагон нисбат ба фаъолият ва дарсгузарии омӯзгорон**

| Бароҳмонии фаъолият ва талаботи омӯзгор | Шумора: 192 нафар | | | | Сатҳи самаранокӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | То озмоиш | | Баъди озмоиш | | Ба ҳисоби % |
| | наф. | % | наф. | % | |
| 1. Аз худ кардани қоидаҳо, таърифҳо, мафҳумҳо ва қонунҳои илмиро талаб мекунад | 56 | *29,1* | 105 | *54,6* | *25,5* |
| 2. Аз асарҳои бадеӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ ё рӯйдоду ҳодисаҳои таърихӣ хусусият ва шарҳи сабабу натиҷаҳои онҳоро талаб мекунад | 48 | *25* | 93 | *48,4* | *23,4* |
| 3. Пас аз анҷоми боб, фасл ё мавзуъҳои калон дарси ҷамъбастӣ, конфронси таълимӣ мегузаронад | 27 | *14* | 65 | *33,8* | *19,8* |
| 4. Иҷрои кори мустақилонаро талаб мекунад | 31 | *16,1* | 57 | *29,6* | *12,9* |
| 5. Дарс ҷамъбаст ва аз он хулосабарорӣ карда мешавад | 18 | *9,3* | 48 | *25* | *15,7* |
| 6. Мавзуъро хуб ва дастрас мефаҳмонад | 15 | *7,8* | 52 | *27* | *19,2* |
| 7. Хонандагонро фаъол карда метавонад | 24 | *12,5* | 50 | *26* | *13,5* |
| 8. Ба фанни таълимӣ ва омӯзиши он майлу рағбатро бедор мекунад | 17 | *8,8* | 47 | *24,4* | *15,6* |
| 9.Дарсро пурмазмун ва шавқовар мегузаронад | 16 | *8,3* | 42 | *21,8* | 13,5 |
| 10. Гурӯҳҳои хурд, мусобиқа, баҳсу мунозира ташкил мекунад | 12 | *6,25* | 35 | *18,2* | 11,95 |
| 11. Бештар бо шумораи ками хонандагон кор мекунад | 102 | *53,1* | 78 | *40,6* | 12,5 |
| 12. Васоити техникии таълими (махсусан, тахтаи электронӣ)-ро истифода мебарад | 15 | *7,8* | 43 | *22,3* | 14,5 |
| 13.Вақтро самаранок истифода мебарад | 26 | *13,5* | 67 | *34,8* | 21,3 |
| 14. Мутолиаи асарҳои бадеӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ дигар манбаъҳои заруриро талаб менамояд | 20 | *10,4* | 44 | *22,9* | 12,5 |
| 15. Дар бораи мавзуъ берун аз китоби дарсӣ маълумоти иловагӣ медиҳад | 18 | *9,3* | 38 | *19,7* | 10,4 |

Натиҷаҳои дилхоҳ, ки баъди озмоиш ба даст омадаанд, бозгӯи онанд, ки омӯзгорон тавонистанд бо муносибату тарзи нави омӯзонидан ва истифодаи усулҳои инноватсионии таълим дар дарс майлу рағбати шогирдонро зиёд ва онҳоро фаъолтар гардонанд.

Ба мақсади боварӣ ҳосил намудан ва аниқу равшантар кардани вазъи таълим дарсҳоро дар синфҳои назоратӣ низ мавриди омӯзиш таҳлил қарор додем. Дар синфҳои назоратӣ ҳанӯз ҳам фаъолияти омӯзгорон ва хонандагон, тавре ки қаблан зикр карда будем, ҳамон тавр боқӣ мондааст ва табиист, ки дар ин сурат пешравиҳои тадрис, болоравии сатҳу сифати донишу маҳорат, малака ва қобилиятҳои хонандагон назаррас намегарданд.

Чунон ки мушоҳида кардем, қатъи назар аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, ки тадриҷан онҳо аз байн меравад, натиҷаҳо қаноатбахшанд. Ин ҷо як нуктаи муҳимро қайд кардан зарур меояд, ки дар қиёс бо муассисаҳои таҳсилотии анъанавии шаҳру деҳот дар муассисаҳои типи нав фаъолияти педагогӣ ва раванди таълим беҳтар ба назар мерасад.

Фаъолияти назаррасро метавон бо якчанд омил баҳо дод: аввалан, барнома ва нақшаи таълимии муассисаҳои типи нав (мактаби президентӣ, гимназия ва ғайра) нисбат ба мактабҳои муқаррарӣ баъзе бартариҳо дошта, баҳри татбиқи он мутахассисони касбӣ ҷалб карда мешаванд. Омӯзгорони ботаҷриба дар асоси озмун ба кор қабул ва ҳама аз рӯйи ихтисоси худ фаъолият мебарад, (ҳоло он ки дар мактабҳои анъанавӣ проблемаи нарасидани мутахассисон ҷой дошта, тадриси фанҳои таълимӣ баъзан ба омӯзгорони ғайриихтисос, ҳатто бо таҳсилоти ғайрипедагогӣ вогузор карда шудаанд), баъдан, дар синфҳо дар қиёс бо дигар муассисаҳои таълимии анъанавӣ теъдоди хонандагон нисбатан камтар буда, хонандагони болаёқат ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Чунин муассисаҳо хобгоҳ ва барои дарстайёркунӣ шароити мувофиқ доранд, тайёр намудани супоришу вазифаҳои хонагӣ асосан дар қисми дуюми рӯз дастаҷамъона ташкил ва зери назорати роҳбари синф ё мураббӣ сурат мегирад. Волидайн низ ба донишандӯзии фарзандонашон бетаваҷҷуҳ набуда,

бо муассиса ва маҳз бо муаллимони фаннӣ робитаи қавӣ доранд, ки ин масъулиятро ҷиҳати ташкили самараноки раванди таълим ва хушсифатсозии машғулиятҳои таълимӣ дучанд месозад ва чунин амал аз муҳимтарин шарти соҳаи таҳсилот маҳсуб меёбад. Ба зикри олимони соҳаи педагогика ва психология, фаъолияти таълимӣ дар робитаи дурусти се ниҳоди иҷтимоӣ – мактаб, оила ва ҷомеа самарманд мегардад.

Аз ҳама муҳим, пояи моддию техникии мактаб нисбатан пурқувват ва ҷавобгӯи талаботи замони имрӯза буда, дар хидмати омӯзгорону талабагон китобхонаи замонавӣ, техника ва технологияҳои таълимии муосир қарор доранд, яъне дар сатҳи зарурӣ инноватсияи педагогӣ роҳандозӣ мешавад. Илова бар ин, маҳфилҳои фаннӣ, маҳфилҳои зеҳнӣ ва ташкили дигар чорабиниҳои маърифатӣ хуб ба роҳ монда шуда, фаъолияти самараноки онҳо дар самти донишандӯзӣ ва гирифтани донишҳои илмӣ таъсири шоиста мегузоранд. Бинобар сабаби аз навгониҳо бештар иттилоот доштани омӯзгорон метавонанд, ки дар интихоби касбҳои нави замонавӣ ва ба истилоҳ, ихтисосҳои бозоргир ба шогирдон маслиҳат ва ёрӣ диҳанд.

Ин ҷо камбудӣ танҳо дар он буд, ки омӯзгорону хонандагон дар дуруст бароҳмонии фаъолият ҷиҳати азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ душворӣ мекашиданд ва бо маслиҳату дастурҳои пешниҳодкардаи мо имкони дар ин самт муваффақ шуданро пайдо намуданд.

Хуллас, барои натиҷабахш гардонидани фаъолияти педагогӣ гарчанде роҳу восита ва имкониятҳо зиёд бошанд ҳам, монеаҳо низ мавҷуданд. Аз ҳама омили таъсиррасон ва эҷоди монеа барои фаъолияти бобарору самарабахш ин паст будани сатҳи иҷтимоии омӯзгорону хонандагон мебошад, ки садди роҳи болоравии савияи дониш ва сифати таълиму тарбия мегардад. Пӯшида нест, ки солҳои охир омӯзгорони соҳибтаҷрибаю баландихтисос ва он ҷавонони қобилиятноке, ки дарсҳои хуб медоданду шогирдонашон дар олимпиадаю озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ сазовори ҷойҳои намоён мегардиданд, тарки пешаи омӯзгорӣ карда, рӯ ба фаъолияти соҳибкорӣ, хоҷагидорӣ ва дигар соҳаҳои даромаднок

овარданд ва ҳамзамон, ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ берун аз кишвар машғули кор низ ҳастанд.

Ҳамин тариқ, ҳар як марҳилаҳои пажуҳиш бароямон бисёр муаммоҳои раванди таълим, фаъолияти субъектони асосии раванди педагогӣ, вазифаю хусусиятҳои таълим – бахусус омӯзонидан ва ҳам омӯхтан ва муносибат ба онҳо, яъне тарзҳои таълимдиҳию таълимгирӣ, ҳаракати хонандагон – пешрафту қафомонӣ, масъалаҳои ташаккули зеҳн ва монеаҳо дар ин самт ва дигар  паҳлуҳои норавшани таълиму тарбия ва инкишофро равшан сохт. Барҳақ олимони соҳа таъкид медоранд, ки таълим ҷараёни бисёр мураккаб аст ва барои муваффақ шудан дар ин соҳа гузоштани мақсади муайян, барои рафъи нуқсу камбудиҳо андешидани чораҳои махсус ва дар маҷмуъ, заҳмати зиёдро тақозо менамояд.

Зимни гузаронидани озмоишҳою натиҷагирии онҳо ба хулосае омадем, ки як низоми мукаммали тадбирандешии хусусияти умумисинфидошта оид ба пешгирии тарафҳои манфии таълим дар раванди дарс ҳатман таҳия ва барои истифодаи омӯзгорон манзур намоем. Мо “Низоми тадбирҳои пешгирии тарафҳои манфии таълим”-ро ҳамроҳ бо муаллимони фаннӣ тартиб дода, махсусан дар он тарзи омодасозии хонандагонро ба омӯзиш, ба ҳисоб гирифтани мушкилиҳои таълим, омӯзиши мафҳумҳою қонунҳои илмӣ, истифодаи дурусти метод ва тарзу воситаҳои мувофиқ, муносибати коллективӣ, гурӯҳӣ, инфиродӣ бо шогирдон ва ба эътибор гирифтани дигар амалҳои заруриро таъкид кардем. Чанд намунаи онро дар зер меорем:

а) ҳангоми банақшагирии дарс ба назар гирифтани имкониятҳои воқеии таълимии хонандагони синф дар мавриди омӯзиши мавзуъҳои ҳаҷман калон ва хурд, бобҳои мураккаб бо сарфи нисбатан вақти камтар, силсилаи махсуси интихоби амалҳо ва иҷрои онҳо тавассути методҳои фаъоли таълим, омода сохтани хонандагон ба азхудкунии мавзуъҳои мураккабу мушкилтар, роҳҳои ҷалби диққат ба маводи таълимӣ, идрок ва ҳифзи мазмуни он; иҷрои корҳои мустақилона дар раванди дарс;

б) дар маводи таълимӣ дарёфти қисмҳои муҳимтар ва аҳаммиятнок, идрок ва аз худ кардани онҳо, ташкили саволу ҷавоб, мубоҳиса аз рӯйи мазмуни он, ба вуҷуд овардани ҳавасмандӣ ва афзуннамоии майлу рағбат ба омӯзиш, роҳҳои ҳалли вазифаю супоришҳо, мустаҳкамкунии донишҳо, пешгирии бавуҷудоии норасоӣ дар омӯзиш, такрори маводи гузашта ва робитаи он бо мавзуи нав;

в) назорат ва санҷиши самаранокии таълим, нақши мафҳумҳои илмӣ, мафҳумҳои умумӣ ва машаххас, қонуну қонуниятҳои илмӣ дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ, дараҷаи азхудкунии донишу маҳорат ва малакаҳои хонандагон;

г) истифодаи донишҳои ҳосилшуда дар амалияи таълим, фаъолнокии маърифатии хонандагон, ташкили кор бо сустхонҳо, ҳамзамон, бо хонандагони болаёқат ва қобилияти эҷодидошта.

Қобили қайд аст, ки "Низоми тадбирҳои пешгирии тарафҳои манфии таълим", албатта, кафолати пурраи ҳалли вазифаҳои таълимро намедиҳад. Аммо, дар ҳар сурат, барои аксари омӯзгорон воситаи хуби фаъолсозии хонандагон гардида, дигар тарафҳои мусбат ва манфии раванди таълимро муайян кард. Иқрор бояд шуд, ки на ҳамаи омӯзгорон онро дурусту моҳирона истифода бурда тавонистанд. Як сабаб, агар паст будани донишҳои педагогию психологӣ, методӣ ва ҳам фаннӣ, инчунин, санъату маҳорати касбии муаллим бошад, сабаби дигар, дар мавҷуд набудани донишҳои кофӣ, захираи луғавии забон, дараҷаи гуногуни идрок, қобилиятҳои таълимии пасти хонандагон ва дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтани маҳорати ҳалли иҷрои вазифаю супоришҳо ифода меёбад.

Бояд гуфт, ки дар амалияи таълим бомуваффақият татбиқ намудани тамоми низоми тадбирҳо бештар ба маҳорати касбии омӯзгор, диққат ва сарфи неруи ӯ барои инкишофи қобилиятҳои эҷодии шогирдон дар ҳалли маҷмуи супоришу вазифаҳо вобастагӣ дорад. Маҳз барои ҳамин дар рафти озмоиш мо кӯшиш намудем, то ҳадди ақал чораҳои самаранокро барои ҳалли вазифаҳо, супоришу масъалаҳои талаботи маводи таълимӣ ва ниҳоят,

таъмини ташаккули имкониятҳои воқеии таълимии хонандагон истифода барем.

Таъкид ҷоиз аст, ки теъдоди хонандагон (албатта, шумораи кам) низ дар синф маҳз барои самаранокии таълим аҳаммияти муҳим дорад. Дар синфе, ки теъдоди хонандагонаш аз 15 нафар зиёдро ташкил намедод (мутаассифона, дар синфҳои мактабҳое, ки таҳқиқот мерафт, чунин шумора кам дида мешуд), он ҷо дараҷаи дониш ва сифати дарсгузарӣ низ баланд буд. Омӯзгорон имкон пайдо карданд, ки тавассути методҳои фаъол ва интерактивӣ таълимро ба роҳ монанд, бо ҳар як хонанда кор бурда, инкишофи зеҳнияти онҳоро ошкор созанд ва дарсро дуруст ҷамъбаст ва натиҷагирӣ намоянд.

Ҷамъбасти озмоиш оид ба ҳалли самаранокии низоми тадбирҳои пешниҳодшуда аз рӯйи оптимизатсияи раванди таълим дар шуроҳои педагогӣ баррасӣ ва муҳокима гардид.

Оид ба шароити нисбатан беҳтари низоми тадбирҳои андешидашуда дар рафти озмоиш маълумотҳои зерин бозгӯянд. Дар ҳамаи синфҳои озмоишӣ дар охири соли таҳсили аввал азхудкунии хонандагон аз баҳои 4 – 5 паст набуд ва ин дар тули марҳилаи минбаъдаи озмоиш нигоҳ дошта шуд. Дар маҷмуъ, дар синфҳои озмоишӣ дар давоми 3 сол инкишофи ҳарсолаи қобилиятҳо ба қайд гирифта мешуд. Шумораи «хуб» ва «аъло»-хонон дар ин вақт то 48% афзуд.

Зиёдшавии хонандагони ба баҳои «4» ва «5»-мехонда аз он далолат медиҳад, ки кор аз рӯйи низоми тадбирҳо дуруст ба роҳ монда шудааст, нишонаҳои пешравӣ эҳсос мегардид ва фаъолияти омӯзгорону шогирдон қаноаткунанда арзёбӣ шуд.

Дар натиҷаи ҷамъбаст ва ҳисоби баҳоҳои миёна дар синфҳои озмоишӣ маҳз аз фанҳои забони тоҷикӣ, адабиёт ва таърих болоравии дараҷаи азхудкунӣ дар ҳамаи гурӯҳи хонандагон ошкор гардид. Коэффитсиенти фарогирии маводи таълимӣ нисбат ба синфҳои назоратӣ дар синфҳои

озмоишӣ сатҳи баландтарро касб кард, ки ин ба ҳама гурӯҳи хонандагон дахл дорад.

Ниҳоят, ба хонандагони синфҳои озмоишӣ аз рӯйи ҳамаи қисмҳои имкониятҳои таълимӣ хислатномаҳои ҷамъбастӣ тартиб дода шуд, ки дар муқоиса бо хислатномаҳои аввалаи баҳоҳои сифатҳо тамоюли равшани афзоиш, ба монанди муносибат ба омӯзиш, малакаҳои меҳнати таълимӣ, мустақилияти тафаккур ва маҳорати дар маводи таълимӣ ҷудо намудани аломатҳои асосӣ ва муҳим ва ғайра ошкор гардиданд.

Умуман, истифодаи “Низоми тадбирҳои пешгирии тарафҳои манфии таълим” дар баробари рафъи мушкилот, ҳамчунин, азхудкунии дониш, ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагонро то андозае таъмин кард.

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаҳо бозгӯи онанд, ки мактабҳои типи нав ҳамчун муассисаҳои таълимии замони муосир бо назардошти хусусиятҳои фаъолияташон нисбатан натиҷаҳои баландтарро соҳиб гаштанд.

Аз гуфтаҳои боло, таҳлилҳои махсуси фаъолияти омӯзгорон оид ба ташкили таълими хонандагон чунин хулосаҳо бармеояд:

- якум, мазмуни асосии фарзияи қаблан тартибдодашударо дар бораи меъёрҳои муҳимтарини низоми ташкили самараноки раванди таълим тасдиқ кард;

- дуюм, зарфият ё худ имкониятҳои воқеии таълимии аҳли синф ва имконияту қобилиятҳои ҳар як хонандаи алоҳида, ки дар ягонагии хусусиятҳои ботинӣ инъикос мешаванд, муайян гардида, робитаҳои зоҳирӣ ва таъсири онҳо ба шахсияти хонанда нишон дода шуданд;

- сеюм, таҳлили фарзии (тахминии) тамоилҳои имконпазири воқеии таълимӣ имкон дод, ки эҳтимолияти аз рӯйи шакл пайдошавии гуногуни амал ва аз рӯйи хусусият ошкорнамоии инкишофи зеҳн пешбинӣ карда шавад.

Мо дар назди худ мақсад нагузоштаем, ки проблемаи қобилиятро баррасӣ намоем. Зеро мусаллам аст, ки барои ҳалли он талаботҳои педагогӣ,

психологӣ, психофизиологӣ, ахлоқӣ-иродавӣ, ҳавасмандгардонӣ ва ғайра мавҷуданду онҳо маҷмуан бо ҳам печидаанд.

Мо танҳо кӯшиши дида баромадани он кардем, ки *“оё педагог қудрати муайян кардани дараҷаи қобилиятнокии хонандагонро дорад”* ва дар робита ба ин, чанд роҳи муайян намудани онро дар мисоли синфҳои озмоишӣ ба омӯзгорон нишон додем.

Дар тули чорякҳо ё нимсолаи таълим, соли хониш ва баъзан давоми чанд сол муаллим дар як синф кор карда, пешрафт ва ақибмонии хонандагонро аз ҳамаи фанҳо дар дарсҳо ва чорабиниҳои беруназсинфӣ меомӯзад. Ба туфайли ин гуна захираи ғании мушоҳидаҳо табиист, ки омӯзгор дар бораи қобилиятҳои зеҳнии шогирдон маълумотҳои мукаммали фаровон барои мулоҳиза дорад. Бо вуҷуди он ки омӯзгорон ба сатҳи қобилиятнокии хонандагон то андозае баҳо дода метавонанд, тарафи дигари манфиро низ бояд ба эътибор гирифт, ки он камбудии калон ба ҳисоб меравад.

Азбаски муаллим ҳамагӣ як ё ду фан дарс медиҳад, вай бо хонандагон танҳо яктарафа ошно мешавад. Ин, албатта, ба ӯ барои баҳо додан ба қобилиятҳои зеҳнии талабагон мушкилот пеш меорад. Омӯзгори фанни алоҳида бояд дар сатҳи зарурӣ донад, ки қобилияти махсус ё ноқобилии шогирдонашро ба фанни таълимӣ ҳамчун қобилиятҳои умумии зеҳнӣ қабул накунад. Лекин баҳои худро бояд холисона диҳад, бо вуҷуди он ки тақсимот ё худ муқаррар кардани хонандагони қобилиятнок кори як муаллим нест. Ҳамин тариқ, тақсимоти умумии мактабиён танҳо тавассути азхудкунӣ аз рӯйи ҳамаи фанҳо ба таври механикӣ муайян карда мешавад.

Ба андешаи мо, дар муайян кардани дараҷаи қобилиятҳои зеҳнии хонанда аз якчанд муаллимони фанҳои асосӣ, маҳз фанҳои гуманитарию ҷомеашиносӣ, ки дар ҳамон синф дарс медиҳанд, маълумот гирифта, онҳоро муқоиса кардан ва дар ин асос муносибати инфиродиро ҷоиз дониста, раванди омӯзишро самаранок гардонидан мумкин аст.

Ба мақсади бори дигар воқеъбинона санҷидани қобилияти талабагон ва муайян кардани дараҷаи зеҳни онҳо, мо аз фанни адабиёти тоҷик супоришҳоеро таҳия намудем, ки маҳорати ҷамъбаст намудани донишҳоро талаб мекард. Яке аз саволу супоришҳо фарогирандаи мазмуну муҳтавои романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода буд, ки ба хонандагони синфҳои 11 манзур карда шуд. Чунончи:

1. Ҳодисаву воқеаҳои охирҳои асри XIX-ро, ки дар асари таърихии «Восеъ» инъикос шудаанд, шарҳ диҳед.

2. Зимни баёни сужети асар аломатҳои асосӣ ва дуюмдараҷаро нишон дода, аз он хулоса бароред.

3. Дар бораи образ ва сарчашмаи ташаккули хислати Восеъ ҳамчун қаҳрамони асосӣ маълумоти муфассал диҳед.

4. Зимни тасвири образҳои мусбат ва симои манфури занҳо қиёсан амалҳои неку зишти онҳоро маънидод намоед.

5. Муаллиф дар офаридани характерҳои мусбату манфии роман чӣ тавр услуби пуртазоди тасвирро истифода бурдааст?

6. Зиндагии ҳамондавраи таърихии халқи тоҷик тавассути образҳои асар чӣ гуна инъикос ёфтааст?

Дар ҷавобҳои хонандагон бояд як қатор маҳоратҳои зеҳнӣ зоҳир шавад. Аз ин рӯ, ба онҳо чунин талабот пешниҳод карда шуданд: ҷудо кардани аломатҳои асосӣ ва дуюмдараҷа дар маводи таълимӣ, ҷамъбаст намудани далелҳои мушаххас ва дар асоси онҳо баровардани хулосаҳои умумӣ, ошкор кардани сабабҳои вобастагӣ, муқоиса намудан ва дар ин асос ба хулоса омадан, дар ҷавобҳои худ истифода бурдани усулҳои гуногун, ба монанди индуксия, дедуксия, муқоиса, муқобилгузорӣ, таҳлил, таркиб, таҷрид (абстрактсия) ва ғайра; ба саволу супоришҳо равону фасеҳона ва мантиқан ҷавоб додан: фикрҳои худро бо санад ва арқому далел исбот намудан, маводи омӯхташударо бо комёбиҳои нав дар соҳаи адабиёт алоқаманд сохтан ва амсоли инҳо.

Қариб ҳамаи хонандагон аз уҳдаи иҷрои ин супоришҳо баромаданд.

Ҳамин тариқ, азхудкунии бошуурона ва амиқ дарк кардани маводи таълимӣ ҳамон вақт таъмин мегардад, ки агар муаллим дар ҳар як дарс мунтазам қобилиятҳои шогирдонро инкишоф ва маҳоратҳои зеҳнии онҳоро, махсусан маҳорати мустақилона хондану ҷамъбаст ва хулоса бароварданро ташаккул диҳад.

Умуман, донистани хислату сифатҳои шогирдон ба омӯзгор имконият медиҳад, ки, аз як тараф, қобилияти хонандагонро пешгӯӣ ва пешбинӣ кунад ва, аз дигар тараф, ҷиҳати инкишофи минбаъдаи зеҳни хонандагон чораҳо андешад.

Аз рӯйи хусусияту равандҳои психологӣ ва истифодаи методҳои мушоҳида, суҳбат, саволнома, анкетаю тестҳои таълимӣ, озмоишҳои табиӣ дар асоси натиҷаҳои пешниҳодшуда, супоришҳои гуногуни хаттӣ ва шифоҳӣ, омӯзиши натиҷаҳои фаъолият, қайду навиштаҳо дар дафтарҳо, корҳои амалӣ, ҷамъи баҳоҳо дар журнали синф ва ҳоказо дар раванди таълиму тарбия қобилиятҳои шогирдон пешгӯӣ карда мешаванд.

Мавриди қайд аст, ки бисёр равандҳои психологии баъзе хонандагон ба таври ноаён сурат мегиранд, яъне пинҳон мемонанду онҳоро ба осонӣ фаҳмида намешавад. Масалан, хонанда дар дарс ором нишаста гап намезанад, ба қавле ӯро «хаппак» мегӯянд ва ягон хел усул ба ӯ таъсир намерасонад. Дар чунин ҳолат ташкили вазъияти таълимии маърифатӣ хонандаро водор месозад, ки барои кор кардан бо маводи таълимӣ ҳамроҳ шавад. Мувофиқи ақидаҳои олимони соҳа, тавсияҳои дидактикию психологӣ ва методии даврони муосир ва билохира, таҷрибаи бисёрсолаи педагогии мо барои ширкати фаъол намудани ин гуна хонандагон дар рафти дарс истифодаи методҳои фаъоли таълим – методҳои интерактивӣ басо судманд мебошад. Ҳамчунин, ба ин гуна хонандагон истифодаи методҳои ҳавасмандкунӣ низ мусоидат мекунад. Ин кор, албатта, аз омӯзгор маҳорати баланди касбӣ, ба қавле актёриро тақозо менамояд. Дигар сабаб – хонанда ба фаъолияти таълимӣ машғул аст, аммо майлу ҳавасаш ба дигар намудҳои фаъолият банд мебошад. Омӯзгор ин талаботу қобилиятҳои ӯро пай

намебарад. Дар чунин ҳолат омӯзгорро зарур аст, ки бо волидайну наздикон ва дӯстони хонанда суҳбат орояд ва маълум намояд, ки ӯ фориғ аз мактабу дарсҳо ва дар хона ба чӣ кор машғул мешаваду чӣ чиз барояш бештар шавқовар аст. Баъд аз ин, вобаста ба завқи хонанда бо ӯ суҳбатҳои хосса ва муносибати инфиродӣ намуда, метавонад вазифаю супоришҳои алоҳидаи мувофиқ ба маводи дарсӣ диҳад.

Озмоиши анҷомдодаи мо ду марҳиларо дар бар мегирифт. Вазифаи марҳилаи якум, омӯзиши ҳамаҷонибаи қобилиятҳои хонандагон бо роҳи иштирок ба дарсҳои омӯзгорон ва таҳлили онҳо, ҳамзамон, кумак расонидан ба муаллимонро фаро гирифт.

Камбудии асосӣ дар он буд, ки дар бисёри дарсҳо принсипи дидактикии таълими рушддиҳанда амалӣ намегардид. Ба мақсади ислоҳи ин камбудию норасоӣ мо бо омӯзгорон суҳбату машғулиятҳои семинарӣ гузаронида, ба онҳо мунтазам машварату маслиҳатҳо медодем. Ҳамчунин, оид ба дақиқ омӯхтани муҳтавои барномаю китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва ғайра тавсияҳо дода, ҷиҳати такмили касбият ва салоҳиятнокӣ ба онҳо кумак мерасонидем.

Вазифаи марҳилаи дуюми озмоиш омӯзиши ҳамаи навъҳои корҳои хаттии анҷомдодаи хонандагон ва баъдан дар дарсҳо гузаронидани пурсиши фронталӣ, гузаронидани тестҳои гуногун доир ба мушкилию душвориҳо, корҳои санҷишӣ, анкетаҳо, санҷиши навиштаҳои хонандагон дар дафтарҳояшон, омӯхтани миқдори баҳо ва тарзи гузоштани онҳо дар журнали синф, суҳбат бо хонандагон ва омӯзгорон муқаррар шуда буданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки дар хонандагони синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ қобилияти азхудкунии донишҳо сатҳи заруриро ташкил надода, тақрибан ба 18% баробар аст.

Баъди тибқи дастуру тавсияҳои мо фаъолият кардани омӯзгорон вазъият дар синфҳои озмоишӣ, муносибати хонандагон ба омӯзиш, сатҳи азхудкунӣ ва муносибати дарсдиҳии омӯзгорон тағйир ёфта, самаранокии фаъолиятҳои хонандагону омӯзгорон баръало эҳсос гардид. Бо гузашти

муддати муайян дар синфҳои озмоишӣ: дараҷаи баланди қобилият – 42,5%; дараҷаи миёнаи қобилият – 36,3% ва дараҷаи пасти қобилият – 28, 2 %-ро ташкил кард.

Дар синфҳои назоратӣ, ки он ҷо муносибат ба тадрису омӯзиш ва ташаккули қобилияти хонандагон ба таври анъанавӣ идома дошт, дар таълими фанҳо тағйироти сифатие рух надод.

Ба озмоиш беш аз панҷсад нафар хонанда ҷалб карда шуда буд.

Дар ин марҳила муайян карда шуд, ки дараҷаи қобилиятнокии хонандагон гуногун буда, омилҳое вуҷуд доранд, ки ба инкишофи қобилиятҳо мусоидат мекунанд ё онро бозмедоранд.

Хуллас, дар асоси таҳлилҳои сифатӣ ва миқдории мазмуни омилҳои шахсӣ ва робитаи мутақобилаи онҳо омӯзгор метавонад қобилият ва зеҳнияти хонандагонро аз рӯйи нишонаю хусусиятҳои зерин: зеҳнӣ, эмотсионалӣ-иродавӣ, иртиботӣ (коммуникативӣ) ошкор ва муайян созад.

Ҳамин тариқ, ба нишондиҳандаҳои асосии зеҳнияти хонандагон дохил мешаванд: фарохӣ, амиқӣ, мустаҳкамӣ ва истифодаи фикру мулоҳизаҳо, донишу маҳорат ва малакаҳо; ақидаҳои пухтаю пурмазмуни муассир; имконоти мустақилона васеъ намудани донишҳо, ҷаҳонбинии илмӣ, фарҳанги умумии баланд; истифодаи бештару пурраи имкониятҳои худ, қувва ва қобилиятҳо; мустақилият дар ақидаронӣ, имконоти фаъолияти эҷодии таълимӣ, хуштабъӣ, интизомнокӣ, қобилияти мустақилона ва боҷуръатона амал намудан; озод будан аз ихтилофоти ботинӣ ва шубҳаҳо, серталабӣ ба худ; оштинопазирӣ ба камбудиҳои худ ва дигарон, ҳисси қарз ва масъулиятшиносӣ; маҳорати суханварӣ, маҳорати тарбия намудани тафаккур, маҳорати солиму мантиқан фикр кардан, қарори бомулоҳиза ва оқилона баровардан, худдорӣ, шикебоӣ, боҷуръатӣ дар ҳимояи фикр ва назару андешаҳои хеш, иродаи мустаҳкам, маҳорати боисрор гапи худро гузаронидан, аз мушкилиҳо наҳаросидан, тоқатпазир будан ба ақида ва андешаҳои дигарон, маҳорати хато ва иштибоҳи дигаронро гузашт кардан, маҳорати нуқтаи назари бегонаро фаҳмидан; эҳтиром намудани софдилию

бовиҷдонӣ, ҳақгӯӣ ва ростқорӣ дар ҳама ҳолат ва кор, меҳнатдӯстӣ, хушёрию зиракӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи атрофиён ва амсоли инҳо.

Ниҳоят, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар чунин ҳолат тасдиқи худро меёбад, агар:

1) ташаккули дониш, маҳорату малакаҳо ҳамчун салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон дар раванди таълим татбиқ ва майлу рағбати мустақилонаи омӯзиши фанҳо афзун гардида, маҷмуан ба худтакмилдиҳии фаъолияти маърифатӣ ва умумитаълимӣ гузаранд;

2) мунтазам дар дарс дониш, маҳорату малакаҳо, қобилиятҳо ва махсусан, маҳорати мустақилона хондани мавод ташаккул ёфта, мазмуни он дарк ва бошуурона аз худ карда шавад;

3) қобилиятҳои зеҳнӣ-эҷодӣ инкишоф ёфта, барои рафъи норасоии донишҳо, пурра кардани онҳо ва ниҳоят, дар хотир нигоҳ доштани маводи таълимӣ мақсад гузошта шавад;

4) хонандагон меъёрҳои асосии зеҳният – донишҳои фарох ва амиқу устувор, ақидаҳои дуруст, ҷаҳонбинӣ ва маҳорату малакаҳои зарурииро соҳиб гардида, онҳоро дар амалияи таълим ва ҳаёт мустақилона истифода бурда тавонанд.

Дар рафти таҳқиқот мо чунин методҳои асосии таълим: таълими проблемавӣ, рушддиҳанда, ҳамгиро, тафриқа ва ғайраро, ки ба азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон мусоидат менамоянд, истифода бурдем.

Ҳамин тавр, омӯзиш ва таҳлили адабиёт, таҷриба ва мушоҳидаҳои мо нишон доданд, ки бештари омӯзгорон дар дарсҳояшон як вазифа – вазифаи маърифатиро иҷро менамоянд. Барои ташаккули салоҳияти зеҳнӣ, ки асосан аз таълими рушддиҳанда маншаъ мегираду талаботи дарсӣ муосир аст, на ҳама вақт мақсад гузошта, вазифаи муҳимро анҷом медиҳанд.

Аз мавҷудияти чунин камбудию норасоиҳо дар фаъолияти педагогӣ фаҳмида мешавад, ки аксари омӯзгорон, масъулини иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва ҳам роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ то замони таҳия ва

пешниҳоди дастурҳои мо роҷеъ ба азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон маълумоти кофӣ надоштанд. Ҳамчунин, дар адабиёти педагогию психологӣ низ дастур ва тавсияҳоро оид ба проблемаи мазкур ва роҳҳои ҳалли он ба пуррагӣ дастрас карда наметавонанд.

Ҳамаи мушкилоту монеаҳои ҷойдоштаро ба назар гирифта, қарор додем, ки барои таъмини фаъолияти босамари омӯзгорони фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ барномаи муҷаз (минимум)-и омӯзиши имконпазирии таълимии хонандагонро таҳия намоем, то омӯзгорон онро ҳамчун дастур истифода баранд.

Дар барномаи «Омӯзиши муҷази имконпазирии таълимии хонандагон» иҷрои амалҳои зерин пешбинӣ шудааст:

1. Пайваста тавассути корҳои мустақилона инкишоф додани равандҳои маърифатӣ, аз ҷумла хусусиятҳои тафаккури хонандагон;

2. Омӯхтани маҳорати ҷудо намудани нуктаҳои аҳаммиятнок дар маводи омӯхташаванда ва таҳлили бошууронаи онҳо;

3. Омӯхтани маҳорату малакаҳои меҳнати таълимӣ, пеш аз ҳама, маҳорати оқилона ба нақша гирифтани фаъолияти таълимӣ, босуръат анҷом додани амалҳои асосии таълимӣ (хондану идрок намудан, хулоса баровардан ва ғайра);

4. Ёд додани тарзҳои нави муносибат ба омӯзиш;

5. Бароҳмонии худтаҳлилкуни (рефлексия)-и фаъолияти таълимии хонандагон ва бо ин усул аз байн бурдани нокомиҳои таълим ва такмили донишу малакаҳои зеҳнии онҳо;

6. Бошуурона дарк кардани моҳият ва мазмуни фанни таълимӣ, ҳамзамон, фаъолона ва эҷодкорона иҷро намудани талаботи таълимӣ;

7. Роҳ надодан ба хасташавӣ ва таъмини коршоямии хонандагон дар ҷараёни дарс;

8. Омодагии маърифатӣ аз рӯйи маводи таълими қаблан омӯхта;

9. Пешгирии таъсири омилҳои манфии беруна ба таълим ва шахсияти хонанда;

10. Методҳои расонидани таъсирҳои педагогӣ ва психологӣ ба шахсияти хонанда;

11. Роҳу воситаҳои расонидани таъсирҳои тарбиявии оила, ҳамсолон ва муҳит ба шахсияти хонанда.

Қобили қайд аст, ки мунтазам тавассути корҳои мустақилона инкишоф додани хусусиятҳои тафаккур, бахусус тафаккури зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон, маҳорати ҷудо кардани хусусиятҳои аҳаммиятнок дар маводи омӯхташаванда ва таҳлили бошууронаи он, бо суръат анҷомдиҳии амалҳои асосии таълимӣ, алалхусус хондану фаҳмидан, хулоса баровардан ва ғайра нишонаҳои муносибати дуруст ба таълим мебошанд. Тарзҳои муносибат ба омӯзиш, бошуурона фаҳмидани моҳияту мазмуни фанни таълимиро фаро гирифтани хонандагон дар онҳо фаъолӣ ва эҷодкориро ба вуҷуд меорад, ки ин аз иҷрои муҳимтарин талаботҳои таълимӣ гувоҳӣ медиҳад. Ташкили дуруст ва шавқовар намудани дарс ба хасташавии хонандагон роҳ намедиҳад ва омодагии маърифатиро аз рӯйи маводи таълими қаблан гузашта, имрӯза ва оянда таъмин месозад. Дар сурати ёд додани роҳу восита ва тарзҳои таъсирҳои педагогӣ ва психологӣ расонидан ва таъсирҳои тарбиявии оила, ҳамсолон ва муҳит ба шахсият, таъсири омилҳои манфии беруна ба таълим ва шахсияти хонанда пешгирӣ карда мешавад.

Инкишофи зеҳн ва қобилиятнокии хонандагон ба фарохӣ, амиқӣ, мустаҳкамии дониш, маҳорату малакаҳо ва муносибати онҳо ба таълим, ҳамчунин, ба санъату маҳорати касбии омӯзгор, шароит ва воситаҳои таълим вобаста аст.

Ниҳоят, истифодаи чунин дастури ба масъалаҳои имконпазирии таълимии хонандагон бахшидашуда, ки асосан хусусиятҳои инкишофи қобилиятҳо ва нақши онҳоро дар ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар раванди ягонаи таълим фаро мегирад, ба фаъолияти муваффақонаи субъектони асосии ҷараёни педагогӣ мусоидат хоҳад кард.

## ХУЛОСАҲОИ БОБИ ЯКУМ

Аз натиҷаҳои омӯзиш ва таҳлили корҳои илмии олимони педагогу психолог ва файласуфону ҷомеашиносони ватанӣ ва хориҷӣ чунин хулоса мебарояд, ки ҳанӯз ҳам баъзе масъалаи ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои хонандагон норавшан боқӣ мондааст.

Онҳо масъалаи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳоро дар раванди таълим зери таҳқиқ қарор дода, муҳиммияти онро таъкид намудаанд. Аз ҷумла ишора кардаанд, ки дар асоси ҷамъбасти донишҳо ташаккули алоқаҳои бисёрҷониба миёни қисмҳои гуногуни мавзуъҳо, фаслҳо ва ё бобҳои фанни таълимӣ сурат мегирад, фаъолнокии зеҳнии хонандагон инкишоф меёбад, маҳорати ҳалли масъалаҳо ҳосил мешавад. Ташаккули донишҳои ҷамъбастӣ донишҳоро на танҳо мустаҳкамтар мекунад, балки барои бошуурона фаҳмидану дарки онҳо ёрӣ медиҳад.

Дар осори дидактикии олимон нақши донишҳои ҷамъбастӣ дар таъмини самаранокии таълим асоснок карда шуда, аҳаммияти гузаронидани дарсҳои ҷамъбастӣ ва роҳу усулҳои онро пешниҳод намудаанд. Як қисм таҳқиқотҳои онҳо ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои синфҳои ибтидоӣ бахшида шудаанд, ки зимни омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологӣ ва дидактикии мавзуъ аз он истифода бурдем.

Умуман, хулоса баровардан мумкин аст, ки тарзу усулҳои пешниҳоднамудаи онҳо дар кори мо бобати ташаккули дониш, маҳорату малакаҳо ва инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ-эҷодӣ зимни тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ёрӣ расониданд.

Тавре ки зикр карда шуд, азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ басо проблемаи мураккаб аст. Мураттабии онҳо дараҷаи фаъолнокиро баланд бардошта, барои истифодаи бомуваффақияти донишҳои азхудшуда дар фаъолияти таълимӣ, ҳаёт ва дигар вазъиятҳои гуногун имконият фароҳам меоранд.

Омилҳои муайянкунандаи нақш ва хусусиятҳои хоси раванди таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ва таснифи моҳияти онҳо шарҳу тавзеҳ ёфтанд.

Ба мақсади рафъи монеаҳои татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ як қатор вазифаҳои муҳим, ки ба майлу рағбати хонандагон, муносибат ба омӯзиш, аз ҳаёти ҳаррӯза дониш андухтан ва аз манбаъҳои боэътимод дастрас намудани маълумотҳои асосноки маърифатӣ алоқамананд, номбар карда шуданд.

Тариқи роҳу воситаҳои гуногун – дар раванди таълим, ҳаёти иҷтимоӣ, худомӯзӣ ва дигар манбаю сарчашмаҳои илмӣ-маърифатӣ ва итилоотӣ ба даст овардани донишҳо гуфта шуд.

Паҳлуҳои норавшани ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии замони муосир ва татбиқи он дар тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ошкор ва роҳҳои ҳалли проблемаҳои ҷойдошта асоснок пешниҳод гардиданд.

Фарзияи қаблии “Низоми ташкили самараноки раванди таълим” ҷиҳати таъмини раванди таълими муваффақиятноку босамар ва дар ин баробар инкишофи зеҳнияти хонандагон таҳия ва пешниҳод гардид.

Дарсҳое, ки ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ бахшида мешаванд, бояд ба таври пайдарпай баргузор гарданд, то ки донишу маҳоратҳои бадастомада, ба як системаи муайян дароварда шаванд. Таснифоти дарсҳои бо талаботи дидактикӣ асосёфта ва дар системаи умумии дарсҳо ҷойдошта, ки аз ҷониби олимони соҳа пешниҳод гардидаанд, номбар шуд. Ташкили чунин дарсҳо имкон фароҳам меорад, ки давраҳои алоҳида, баъзан давраҳои муайяну мушаххаси таърихӣ ва қонунии прогрессивии инкишофи таърихӣ ба тартиб даровардa шуда, пурра аз худ карда шаванд.

Мусаллам аст, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба омӯзиши фанҳои таълимӣ муносибаташонро тағйир медиҳанд. Ба мақсади муайян намудани муносибати онҳо ба таълим ва аҳаммияти фанни таълимӣ бо омӯзгорону хонандагон суҳбату пурсиш доир

карда шуд. Муқаррар гардид, ки аз ҳама бештар хонандагон ба аҳаммияти амалии фан ба касби интихобкардаашон, осонтар азхудкунии фан ва таълими хуби он таваҷҷуҳ зоҳир карда, омӯхтани онро барои худ заруртар меҳисобанд.

Бояд гуфт, ки хатмкунандагон маводи таълимиро бо назари нав, бо мақсади дар оянда коромад шуданашон аз худ мекунанд. Мақсади таълим возеҳтар мегардад ва таълими ба ҳадаф мувофиқ хонандагонро ба тафаккури назариявӣ, муҳокимаронии мантиқӣ водор месозад ва онҳо маводи омӯхташавандаро амиқтар сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд.

Бинобар сабаби ҳадафи омӯзиш дар синфҳои болоӣ асосан барои гирифтани касбҳои нави замонавӣ гузошта мешавад, принсипи нави дидактикӣ – таълими мақсадноки касбӣ, таълими ба касбият нигаронидашуда бо талаботҳояш тахия ва манзури омӯзгорону хатмкунандагон гардид. Принсипи мазкур то андозае фаъолияти самараноки эҷодии хонандагонро таъмин сохт, ки инро натиҷаҳои баланди синфҳои озмоишӣ тасдиқ намуданд.

Ҳангоми омӯзиши проблемаи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ масъалаҳои зиёди баҳсталаб ва камомӯхта, минҷумла муайян кардани зарфият ё тамоилҳои имконпазири хонандагон ва дараҷи мавҷудияти онҳо падид омаданд.

Ба мақсади муайян сохтани сатҳи фаъолияти омӯзгорону хонандагон бобати татбиқи дурусти ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ бо шумораи зиёди омӯзгорону хонандагон пурсиш доир карда шуд.

Дар самти татбиқи босамари ташаккулёбии салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон иҷрои кадом амалҳо муҳимтаранд ба муаллимон ва ба хонандагон вобаста ба фаъолият, тарзу маҳорати дарсгузарӣ, иҷрои амалҳои таълимӣ ва талаботу муносибати омӯзгор ба онҳо саволҳои вариантдор пешниҳод гардиданд.

Бояд гуфт, ки ҳарду ҷониб ҳам дар анкета ҷавобҳоеро интихоб намуда буданд, ки андешидани амалу тадбирҳо, истифодаи роҳу воситаҳо барои хонандагон ё гузоштани талаботи дар рафти дарс, муносибати омӯзгор ва

иҷрои чанд вазифаҳои дигар ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ тамоман кам таъсир доранд.

Аз натиҷаҳои озмоишҳо, ки қонеъкунанда набуданд, хулоса бароварда шуд, як низоми мукаммали тадбирандешӣ оид ба пешгирии ҷиҳатҳои манфии таълим дар раванди дарс таҳия ва барои истифода ба омӯзгорон манзур карда шавад. “Низоми тадбирҳои пешгирии тарафҳои манфии таълим” якҷо бо омӯзгорон тартиб дода шуд, ки он аз банақшагирии дарс то ба назар гирифтани имкониятҳои воқеии таълимии хонандагон, мушкилиҳои таълим, омӯзиши мафҳумҳою қонунҳои илмӣ, истифодаи шаклу методҳои зарурӣ ва ғайраро фаро мегирифт. Истифодаи ин низом ҳамчун дастур дар баробари мушкилотро аз байн бурдан азхудкунии дониш, ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагонро то андозае таъмин кард.

Ниҳоят, бо назардошти мушкилоту монеаҳои ҷойдошта ҷиҳати таъмини фаъолияти босамари омӯзгорони фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ барномаи «Омӯзиши муҷази имконпазирии таълимии хонандагон» таҳия ва пешкаши онҳо гардид. Дар он иҷрои амалу тадбирҳои омӯхтан, методҳои азхудкунии донишу ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ ва роҳу воситаҳои фаъолгардонии маърифатии хонандагон пешбинӣ шуда буданд.

Ҳамин тавр, тавассути тадбирҳои андешида бобати пешгирии ҷиҳатҳои сусти таълим, омӯхтани зарфиятҳои воқеии таълимии хонандагон ва дигар роҳу воситаҳои муваффақгардонии раванди таълим омӯзгорону шогирдони муассисаҳои таълимии зери таҳқиқот қароргирифта нишондиҳандаҳои баландтарро соҳиб гаштанд.

Хуллас, асосҳои назариявию дидактикии азхудкунии дониш, ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии ва қобилиятҳои эҷодии хонандагонро донистани омӯзгор, дидани камбудию проблемаҳои раванди педагогӣ ва дарёфти роҳу имкониятҳои ҳалли онҳо ба ӯ имкон медиҳад, ки дар баробари фаъолияти босамари худ фаъолияти таълимии шогирдонро низ босифату самаранок ба роҳ монад.

# БОБИ II. МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛИ ДОНИШ ВА МАҲОРАТУ МАЛАКАҲОИ ЗЕҲНӢ ДАР АМАЛИЯИ ТАЪЛИМ

## 2.1. Банақшагирӣ, мазмун ва методикаи машғулиятҳои гуногун оид ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон

Барои коркарди низоми оптималии машғулиятҳои таълимӣ оид ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ зарур аст, ки ҳолати дараҷаи донишҳои хонандагон дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ санҷида шавад. Аз ҷумла ошкор бояд сохт, ки омӯзгорон ҳангоми банақшагирии дарсҳо ба чӣ такя мекунанд, аз кадом дастуру маводи дидактикӣ истифода мебаранд, дар асоси кадом принсипҳо маводи таълимиро барои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон интихоб менамоянд, кадом методу тарзҳо (усулҳо)-ро самаранок ҳисобида, бештар аз онҳо кор мегиранд ва умуман, дар робита ба ин боз кадом амалҳоро анҷом медиҳанд.

Таҳлили беш аз сад нақшаи дарсҳо ва дигар машғулиятҳои таълимии омӯзгорони муассисаҳои таълимии типҳои гуногун (мактабҳои анъанавӣ, мактаби Президентӣ, гимназияҳо) нишон дод, ки аксари омӯзгорон системаи аниқу равшан банақшагирифтаи инкишоф додани зеҳни хонандагонро надоранд, ба ин нукта дар дарсҳо гоҳ-гоҳ аҳаммият дода, аз он кам кор мегиранд. Дар ҳоле ки ташаккули зеҳнро дар раванди таълим ба назар гирифтан нақши муҳим мебозад, махсусан дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ, ки ҷомеаи муосир дар назди таълим рӯз то рӯз талаботи наву зарурӣ мегузорад.

Ҳамин тариқ, ошкор гардид, ки аз шумораи нақшаҳои дарсии таҳлилгардида танҳо дар 18% ягона намуди дарс – дарси ҷамъбастӣ, ки бештар барои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон мусоидат менамояд, ба нақша гирифта шудааст у халос. Дар боқимонда нақшаҳои дарсӣ ҳатто ишорае ҳам нашудааст, ки омӯзгор қаблан дар бораи ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ ҷой ва вақти онро дар дарсҳо муқаррар карда бошад.

Тасдиқи ин гуфтаҳо бори дигар зимни таҳлили вазъу сатҳи фарогирии донишҳо пеш аз имтиҳонҳои чорӣ ва хатм ба мушоҳида расид. Танҳо 12% омӯзгорон бошуурона ва ҳадафнок нақшаҳои тадрисии дарсҳояшонро ба мақсади ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии шогирдон таҳия кардаанд. Қисми зиёди омӯзгорон гузаронидани дарсҳои анъанавиро, ба монанди дарсҳои одии ахбордиҳанда, эзоҳӣ-намоишдиҳӣ, бидуни мураттабсозии донишҳои хонандагон ба як системаи ягона то андозае ба нақша гирифта буданд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки омӯзгорон дар нақшаҳои худ на ҳама вақт чунин дарсҳоро, ки ба ҷамъбасти мавзуъҳои калон, боб ё фасл тааллуқ доранду як навъ санҷиши фарогири донишҳоянд (дар давоми чоряк, нимсола), ба ҳисоб гирифтаанд; донишҳои аз мавзуъҳои ҷудогона гирифтаи хонандагон ба низом даровarда нашудаанд. Одатан, баъди мавзуъҳои ҳаҷман калон ва ё дар охири чорякҳо соати алоҳида ба мақсади ҷамъбасти донишҳо ҷудо карда мешавад.

Дарсҳои алоҳида ва ё махсус ҳам оид ба ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ аз рӯйи фанни таълимӣ ва бобҳое, ки дар ин хусус проблемаҳои меҳварӣ доранд, гоҳ-гоҳ ташкил мешаванд. Ҳатто дар он нақшаҳои дарсие, ки хусусияти ҷамъбастӣ доранд, соат ҷудо карда буданд, аксаран нодуруст гузаронида шуда, натиҷаи дилхоҳ намедоданд: мавзуъҳои бобҳо ба мазмуну мундариҷа мувофиқат намекарданд, ки ин аз номуташаккилии системаи донишҳо шаҳодат медиҳад. Умуман, дар бораи дарсҳои ҷамъбастӣ ва ё ташкили дарсҳои ба ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ мусоидаткунанда кам тасаввурот дошта, чунин дарсҳо гоҳ-гоҳ ва номураттаб ба нақша гирифта мешуданд. Ин ҳолат, асосан, дар фаъолияти муаллимони ҷавон, навкор ва дар фаъолияти омӯзгороне, ки ғайриихтисос мебошанд (мутаассифона, ҳоло ҳам дар муассисаҳои таълимӣ теъдоди чунин омӯзгорон зиёд аст), ба назар мерасид. Бо ҳамин сабабҳо таносуби зарурии донишҳо байни ҳар гуна намудҳои дарсҳо барқарор намегардад ва донишҳо низ ташаккул намеёбанд.

Дар навбати аввал барои мо тааҷҷубовар он буд, ки омӯзгорон аз кадом намуди дарсҳо истифода мебаранд, дар нақшаҳои дарсҳо ишорае ҳам накардаанд. Ба ин савол анқариб 80 омӯзгор ҷавоби хаттӣ навиштанд. Зимни иштирок ба дарсҳои гуногуни онҳо, мушоҳидаю таҳлилҳои воқеӣ ва ҳангоми дар ин хусус протокол тартиб додан оид ба нуктаи мазкур маълумоти бештару дақиқ ба даст овардем.

Дар зер натиҷаи таҳлили ҷавобҳои омӯзгорон ба саволи «Шумо барои ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон аз кадом намуди дарсҳо истифода мебаред?» нишон дода мешавад.

**Ҷадвали 4**

**Ташкил ва гузаронидани дарсҳо**

| **Намудҳои дарсҳо** | **% ҷавобдиҳандаҳо** |
|---|---|
| 1. Дарси муқаддимавӣ | 11 |
| 2. Дарси омехта | 51,5 |
| 3. Дарси назорат ва ислоҳдорорӣ | 2,5 |
| 4. Дарси омӯхтани донишҳои нав | 6 |
| 5. Дарси истифодаи дониш ва маҳоратҳо | 9,5 |
| 6. Дарси санҷиши ҷорӣ | 4 |
| 7. Дарси ҷамъбастӣ | 7,5 |
| 8. Дарси такрорӣ, мустаҳкамкунӣ | 8 |

Маълум гардид, ки шумораи ками омӯзгорон (8%) аз дарсҳои такрорӣ, мустаҳкамкунӣ ва аз ин камтар (7,5%) аз дарсҳои ҷамъбастӣ, ки одатан пас аз анҷоми боб ё мавзуъҳои калон гузаронида мешаванд, истифода мебаранд. Таваҷҷуҳи мо, асосан, ба гузаронидани ҳамин дарсҳо равона карда шуда буд, ки онҳо барои ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон бисёр мувофиқ ва мусоидат менамуданд. Аз ҳама зиёд омӯзгорон (51,5%) дарси омехтаро интихоб намуданд, ки ин дарс дар ҳама ҷо маъмул буда, сохтори он пурсиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзуи нав, мустаҳкамкунӣ, ҷамъбаст ва вазифаи хонагиро дар бар мегирад. Боқимондаҳо истифодаи дигар намуди дарсҳоро ҷоиз донистанд, ки ба болоравии сатҳу сифати дониш, ташаккули маҳорату малакаҳо таъсири сахт намерасонад.

Хулоса баровардан мумкин аст, ки аксари муаллимону роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва иттиҳодияҳои методии фаннӣ низ ғайр аз дарсҳои одии маъмулӣ ба дигар намудҳои дарс, нақшу вазифа, аҳаммият ва дар кадом вақт зарурати гузаронидани онҳо таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намекунанд.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки илми дидактикаи муосир намудҳои зиёди дарсҳо ва ҳатто, дарсҳои ғайристандартиро пешниҳод менамояд, ки истифода аз онҳо марбут ба мақсаду вазифаашон буда, аз маҳорату қобилияти омӯзгор низ вобастагӣ дорад.

Яке аз сабабҳои нодуруст ва нооқилона банақшагирии фаъолиятҳо оид ба азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилотии ҷумҳурӣ дар он аст, ки роҳбарони мактабҳо, иттиҳодияи методии фанҳо на ҳама вақт нақшаҳоро ҷиддӣ ва тибқи талаботи замон таҳия месозанд. Ҳамасола бидуни таҳлил ва муҳокимаи коллективона дар ҷаласаҳои шурои педагогӣ онҳоро такрор ба такрор пешниҳод менамоянд. Камбудӣ ва хатоҳои солҳои гузашта ба ҳисоб гирифта намешаванд, ислоҳ намегарданд. Нақшаҳо бештари вақт аз ҷониби роҳбарият рӯякӣ ва сар-сарӣ аз назар гузаронида шуда, ба он хуб эътибор намедиҳанд, барои баланд бардоштани сатҳу сифати дониш ва инкишофи зеҳни хонандагон ягон маслиҳати дуруст ҳам дода наметавонанд. Аз ин рӯ, иштибоҳу норасоиҳо, чун қоида, бартараф карда намешаванд ва солҳо такрор меёбанд.

Ҳамин тариқ, вазифаи асосии банақшагирии машғулиятҳои таълимӣ аз он иборат мебошад, ки дар барномаҳои фаннӣ ва нақшаҳои тақвимӣ оид ба чӣ тавр азхудкунии дониш, дурусту оқилонатар ҷамъбаст ва ташаккули маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон мушаххас таъкид шавад. Ин, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои чиро ҷамъбаст ва чӣ тавр ҷамъбаст намудан дахл дорад, тавре омадааст «… ба кадом донишҳо бояд диққати махсус дода шавад (аҳаммияти мафҳумҳои илмӣ, ҳодисаю воқеаҳо, муносибатҳо, қонунҳо ва қонуниятҳо), чӣ тавр аз рӯйи мавзуъ, боб, проблемаҳои меҳварӣ, аз рӯйи як ё ва якчанд фанни таълимӣ системаи мунтазам ташкил бояд кард» [52, 335].

Ба мақсади ошкор кардани сабабҳои асосии масъалаи мазкур бо беш аз 100 нафар омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру деҳоти минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ (бо ҷалби шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф) саволу ҷавоб гузаронида шуд. Ба саволҳо ба таври хаттӣ ҷавоб доданд.

Инак, саволи якум «Барои шумо тайёрӣ ба кадом дарсҳо мушкилии махсус эҷод намекунад?». Ин савол ба мақсади ошкор намудани он, ки зимни омодагӣ ва гузаронидани кадом намуди дарс бештар мушкилиҳо пеш меоянд, пешниҳод шуд. Натиҷаи ҷавобҳои омӯзгоронро дар ҷадвали 5 манзур менамоем.

**Ҷадвали 5**

**Дарсҳое, ки омӯзгорон зимни омодагӣ ба онҳо мушкилӣ намекашанд**

| Намудҳои дарс | %-и ҷавобҳо аз шумораи умумии омӯзгорон | Ҷойи намуди дарс, ки омодагӣ ба он осон аст |
|---|---|---|
| Дарси фарогири баёни мавзуи нав | 100 | 1 |
| Дарси омехта | 82,5 | 2 |
| Дарси назоратӣ-санҷишӣ | 78,2 | 3 |
| Дарси ҷамъбастӣ дар оғози соли таҳсил | 65,7 | 4 |
| Дарси ҷамъбастии ҷорӣ ва мустаҳкамкунии донишҳо | 30,9 | 5 |
| Дарси ислоҳдарорӣ | 12,5 | 6 |
| Дарси ҷамъбастӣ дар анҷоми мавзуъ, боб ва ҳамаи бобҳои фанни таълимӣ | 10,2 | 7 |
| Дарси омӯзиш ва азхудкунии мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ | 8,6 | 8 |

Аз ҷавобҳо бармеояд, ки омӯзгорон танҳо дар омодагии дарси баёни мавзуи нав (100 %) мушкилӣ надоранд. Ҳамчунин, барои омӯзгорон нисбатан осон ва бедушворӣ тайёрӣ дидан ба дарси омехта (82,5%) ва дарси назоратӣ-санҷишӣ (78, 2%) будааст, ки дар ҷойҳои дуюм ва сеюми ҷадвал қарор

гирифтани онҳо аз ин шаҳодат медиҳад. Пас аз ин, ба хулоса омадан мумкин аст, ки омӯзгорон барои тайёрӣ дидан ба он дарсҳое, ки бештар ба ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии шогирдон мусоидат мекунанд, ба монанди дарси ҷамъбастӣ дар анҷоми мавзуъ, боб, ҳамаи бобҳои фанни таълимӣ (10,2%), дарси фарогири омӯзишу азхудкунии мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ (8,6%) ба душворӣ рӯ ба рӯ мегарданд.

Мушкилоти омӯзгорон на танҳо бо усули анкета, балки тавассути мушоҳидаи раванди таълим, яъне иштирок ба дарсҳо ва суҳбати хосса бо омӯзгорон муқаррар карда шуд. Чунин сурат гирифтани вазъ моро водор кард, ки ба дарсҳои омӯзгорон бештар иштирок ва онҳоро ҳамаҷониба тибқи талаботи дидактикаи муосир таҳлил намоем ва дар интихоби намудҳои дарси ба ташаккулдиҳии донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ созгор ва роҳҳои дурусттару оқилонаи ташкили он ба онҳо машварат диҳем.

Саволи навбатӣ чунин буд: «Шумо зимни омодагӣ ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳо дучори кадом мушкилиҳо мешавед? Хусусияти мушкилиҳоро нишон диҳед». Натиҷаҳои ба дастомада дар ҷадвали 6 инъикос шуданд.

**Ҷадвали 6**

**Мушкилиҳо дар омодагӣ ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон**

| **Хусусияти мушкилиҳо** | **Теъдоди омӯзгороне, ки мушкилиҳоро номбар карданд** (ба ҳисоби %) |
|---|---|
| Дастрас набудани дастуру тавсияҳо оид ба роҳу воситаҳои ташаккулдиҳии дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон | 92,5 |
| Дар интихоби маводи таълимӣ | 84,5 |
| Дар интихоби метод ва тарзҳо | 76,0 |
| Дар хонандагон ҳосил намудани маҳорати ҷамъбаст ва мураттабсозии маводи таълимӣ | 35,0 |
| Дар муайян намудани ҳаҷм ва хусусияти мавод барои корҳои мустақилонаи хонандагон | 18,3 |




***Диаграммаи 1. Мушкилиҳои омӯзгорон***

Аз натиҷаҳои ҷавобҳо равшан аён гардид, ки дар ҷойи аввали мушкилот набудани дастуру тавсияҳо оид ба роҳу воситаҳои ташаккулдиҳии дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон (92,5%), баъдан дар интихоби маводи таълимии мусоидаткунанда (84,5%) ва дар интихоби метод ва тарзҳои барои ташаккули донишу маҳорату малакаҳои зеҳнӣ мувофиқ (76,0%) қарор доранд.

Гуфтан зарур аст, ки яке аз муҳимтарин талаботҳои дидактикӣ интихоби дурусти мавзуъ (проблема) ва оқилона интихоб намудани маводи таълимӣ мебошад, ки ҷамъбаст, мураттаб ва ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон ба он сахт вобастагӣ дорад. Дар ин ҳолат мушкилиҳое, ки омӯзгорон дар амалияи таълим аз сар мегузаронанд, гуногунанд.

Дар як ҳолат ноуҳдабароии омӯзгор, яъне дуруст муқаррар карда натавонистани ҳадафҳои дарсҳо ба назар мерасад, дар ҳолатҳои дигар –

омӯзгор ба моҳияти маводи таълим сарфаҳм намеравад, дар ҳолати сеюм, нуктаҳои асосии дар матн баёншударо аниқ сохта наметавонад, бинобар ин, барои ҷамъбасту мураттабсозии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии шогирдон тибқи мавзуъ ва бобҳо барояшон ба осонӣ даст намедиҳад. Аксар вақт зимни интихоби мавод дараҷаи аҳамиятноки далелу арқоми илмии омӯхташаванда, қонунҳои умумӣ ва махсуси мафҳумҳо ба ҳисоб гирифта намешавад. Ҳамаи ин камбудиҳо ва мушкилиҳо зимни иштирок ба дарсҳо ва машғулиятҳои таълимии ҳамаи типҳои муассисаҳои таълимии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, алалхусус, шаҳрҳои Душанбе (асосан муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Сино, Фирдавсӣ), Ҳисор, ноҳияи Рӯдакӣ собит ва тасдиқ шудаанд.

Дар таҳқиқоти мо, ҳамчунин, вазифа гузошта шуда буд, ки бо роҳи озмоишӣ дараҷаи азхудкунӣ ва мураттабсозии донишҳои хонандагон дар анҷоми соли таҳсил муқаррар карда шавад. Озмоиши муқарраркунанда дар синфҳои 9 – 11-и мактабу гимназияҳои шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор ва ноҳияи Рӯдакӣ аз рӯйи чор фанни таълимӣ – забон ва адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқ гузаронида шуд.

Дар параграфи мазкур натиҷаҳои озмоиш аз фанҳои таърих ва ҳуқуқи инсон оварда шудаанд. Мо ба хонандагони синфҳои 10 аз фанни ҳуқуқи инсон ва ба синфҳои 11 аз фанни таърих ду саволӣ пешниҳод намуда, хоҳиш кардем, ки ба онҳо хаттӣ ҷавоб гардонанд.

Чунончи, саволҳо аз фанни таърихи умумӣ:

1. Сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва зарари онро ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик шарҳу тавзеҳ диҳед.
2. Ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро маънидод кунед.

Саволҳо аз фанни ҳуқуқи инсон:

1. Мақоми ҳуқуқии инсон ва унсурҳои асосии онро баён намоед.
2. Асосҳои соҳибият ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаҳмонед.

Чунин талабот гузошта шуд, ки шогирдон зимни ҷавоб гардонидан андешаҳояшонро дуруст ва мухтасар баён сохта, аломатҳои асосӣ ва муҳимро низ нишон диҳанд.

Барои ҳар як синф саволҳои дорои вижагиҳои хос пешниҳод шуданд, ки ба онҳо аз рӯйи васеӣ ва ҳаҷми инкишофи зеҳни хонандагон ҷавоб гардонидан лозим меомад.

Саволи якум, ки оид ба маънидод намудани сабабҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ, оқибатҳою хотима бахшидани он ва таъмини сулҳу ризояти миллӣ манзур шуда буд, нисбатан ҷавоби кӯтоҳ ва мухтасарро талаб мекард. Дар ин ҷо моҳиятан сифат ва дараҷаи донишҳо аз рӯйи яке аз муҳимтарин мавзуъҳои таърих муайян мегардад.

Саволи дуюм бошад, талаб мекард шарҳ дода шавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна узви ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид, аъзои кадом созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, самтҳои асосии сиёсати хориҷии он кадомҳоянд. Ин ҷо талабагон бояд далелу санадҳои аз ҳама муҳиммеро, ки дар бораи афзудани мақом, нақш ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон, робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо давлатҳои хориҷӣ ва умуман, ба даст овардани обрӯю эътибори байналмилалию дигар музаффариятҳои он шаҳодат медиҳанд, ҷудо намуда, ҷавоб нависанд.

Тазаккур бояд дод, ки мавзуъҳои ташкилёбии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол, сабабҳои саршавии ҷанги шаҳрвандӣ, зарарҳои он ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ воридшавии давлати Тоҷикистону саҳми он дар рушди ҷаҳони имрӯза ҳам дар барномаи таълимию китоби дарсии «Таърихи халқи тоҷик» ва ҳам дар «Таърихи умумӣ»-и синфи 11 дода шудаанду онҳоро хонандагон омӯхтаанд.

Ҳамин гуна талаботи монанд низ дар супориши хонандагони синфҳои 10 аз фанни ҳуқуқи инсон гузошта шуда буд.

Ин ҷо мазмуни саволи якум ба хусусият ва моҳияти мақоми ҳуқуқии инсон, унсурҳои асосӣ, навъҳо ва мақоми иҷтимоии он нигаронида шудааст, ки аз шогирдон дар баробари маҳорати ҷудо ва ҷамъбаст намудани

аломатҳои асосӣ, ҳамзамон, муайян сохтани дараҷа ва роҳу воситаҳои мураттабгардонии донишҳоро бобати хусусиятҳои мақоми иҷтимоии шахс, мавқеи шахс дар низоми иҷтимоӣ, ҳуқуқу озодиҳои шахс ва дараҷаи амалишавии ҳуқуқҳои инсон ҳамчун нишондиҳандаи қонеъмандии талаботи ҳаёти худи инсон ва ҳам ҷомеа нисбатан талаб мекард.

Дар ин ҳолат омӯзиши маводи таълимӣ бояд ҳаҷман васеъ ба роҳ монда шуда бошад, ки аз хонанда фарох будани доираи донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо ва умуман, ҷаҳонбинии илмиро тақозо мекунад. Аммо он донишу малакаҳои ҳосилнамудаи шогирдон аз мавзуи мавриди назар дар сатҳи қаноаткунанда набуда, нуктаҳои асосӣ баён нашуданд.

Гузашта аз ин, тавассути саволи матраҳшуда дараҷаи азхудкунии донишу маҳорати талабагон ва дарки моҳияти мақоми ҳуқуқӣ ва иҷтимоии инсон, мавқеи шахс дар низоми иҷтимоӣ, ҳуқуқу озодиҳои шахс ва амсоли инҳо муайян карда шуд.

Саволи дуюм асосҳои соҳибият ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекард, ки мазмуну муҳтавои мафҳумҳои шаҳрвандӣ, раият, душаҳрвандӣ, натурализатсия ва оппатсия шарҳу тавзеҳ дода шуда, санадҳои қонунгузории Тоҷикистонро, ки ба масъалаҳои шаҳрвандӣ бахшида шудаанд, зикр карда шаванд. Мусаллам аст, ки барои ҷавоби муфассал гардонидан ба ҷуз истифодаи донишҳои китоби дарсӣ, инчунин, донишу маълумотҳои маърифатии аз дигар адабиёту манбаъҳои илмӣ ва иҷтимоии интернетӣ бадастомада ба кор меоянд.

Ҳамин тариқ, дар саволҳои додашуда ба хонандагони ҳар як синф талаботи гуногун ба донишҳо аз рӯйи фарохӣ ва ҳаҷми фарогирандаи маводи таълимӣ ва ҳамчунин, истифодаи донишҳои назариявию овардани далелҳои мушаххас, ки инкишофи зеҳнро таъмин месозад, гузошта шуда буд. Саволҳои мухталиф, дар навбати худ, дараҷаҳои гуногуни мураттабсозии донишҳо ва камбудию норасоиҳои таълимро ошкор сохтанд.

Ҷиҳати таҳлили сифатнок ва дурусттар муайян намудани дараҷаи бомуваффақияти вазифаю супоришҳо ва донишу қобилиятҳои талабагон мо

тасмим гирифтем, ки меъёр (эталон, намуна)-и ҷавобҳоро таҳия созем. Меъёр ё худ намунаи ҷавобҳои таҳиягардида тамоми унсурҳои муҳим ва заруриро, ки мазмуну муҳтавои саволҳои пешниҳодшударо инъикос менамуд, дар бар мегирифт. Меъёрҳо бо ширкати омӯзгорони фаннӣ дар асоси мазмуни барнома аз рӯйи мавзуъҳои муайян ва бобҳо тартиб дода шуда буданд.

Чунончи, хонандагон ҳангоми кор бо саволи “Асосҳои соҳибият ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаҳмонед” бояд унсурҳои зеринро ба эътибор гиранд:

- таваллуд ва вазъи иҷтимоӣ;
- тартиби аз қайд гузаштан;
- тартиби қабул ба шаҳрвандӣ;
- натиҷаи барқарорсозии шаҳрвандӣ;
- роҳҳои интихоби шаҳрвандӣ;
- асосҳои дигар.

Ҳамзамон, зимни коргирӣ бо саволи “Сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ва зарари онро ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик шарҳу тавзеҳ диҳед” бояд чунин унсурҳо ба назар гирифта шаванд:

- заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ;
- бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ;
- мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ;
- афзудани шумораи бекорон;
- норасоии маводи хӯрока ва пӯшокӣ;
- таъминоти нокифояи аҳолӣ бо маводи зарурӣ;
- хизматрасонии пасти маишӣ, тиббӣ.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳар як хонанда худаш супоришҳоро мустақилона анҷом дод.

Чунин меъёри ҷавобҳо бо назардошти унсурҳои инкишофи зеҳни хонандагон барои фанҳои забон ва адабиёти тоҷик низ таҳия шуда буд.

Дурусту аниқ муайян сохтани унсурҳои зарурии ҷавобҳое, ки хусусиятҳои давраҳои таърихӣ, сабабҳои асосии сарзании ҳодисаю воқеаҳо, заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ, буҳронҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ, афзоиши теъдоди бекорон, таъминоти нокофии аҳолӣ бо маводи зарурӣ, инчунин, асосҳои соҳибият ба шаҳрвандӣ, тартиби азқайдгузарӣ, қабул ба шаҳрвандӣ, натиҷаи барқарорсозии шаҳрвандӣ, роҳҳои интихоби шаҳрвандӣ ва умуман, амалишавии ҳуқуқҳои инсонро инъикос менамоянд, барои муқоиса намудани сатҳи азхудкунии дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагони алоҳидаи ҳар як синф, синфҳои гуногун ва синфҳои мутавозии ҳама гуна типҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконият фароҳам меорад.

Илова бар ин, чунин таҳлили ҷавобҳо аз рӯйи хусусият ва ҷузъиёт, ки қиёсан бо меъёрҳои онҳо гузаронида мешавад, даст медиҳад, ки дараҷаи гуногуни ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон аз фанни таърих, ҳуқуқи инсон ва дигар фанҳои таълимӣ муайян карда шавад.

Воқеан, дараҷаи баланди азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии талабагон ошкор гардид. Онҳо дар корҳояшон унсурҳоеро номбар намуданд, ки ба меъёри маводи таълимӣ аз рӯйи мавзуъ мувофиқат мекарданд. Донишҳои ин хонандагонро метавон ҳамчун дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ тавсиф кард.

Ҷойи зикр аст, ки вазифаҳои илми педагогика, махсусан дидактика ва методикаи таълим ба он нигаронида шудаанд, ки фаъолияти омӯзгору хонандагонро дар амалияи таълим осон гардонанд. Муҳим аз ҳама, ҳангоми дучорой ба мушкилот аз назарияи таълим, аз андешаҳои асосноки олимон, таҷриба ва натиҷаи корҳои илмию амалии анҷомдодаи муҳаққиқон, ки ба самаранокии раванди таълим равона гардидаанд, истифода ва муаммоҳои мавҷударо рафъ намудан мумкин аст.

Яке аз роҳҳои ҳалли проблемаи таъмини ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии талабагон таълифи дастури илмӣ-методӣ мебошад, ки дар

он бояд роҳҳои дар амалияи таълим татбиқ намудани ғояҳои илмӣ ва дастрасу осонфаҳм коркард шуда бошанд. Ҳар қадар ки дастуру роҳнамо ба талаботи амалии педагог ва хонандагон мушаххастар ва мувофиқ бошанд, ҳамон андоза ба иштирокчиёни раванди таълим ҷиҳати фаъолгардонии фаъолияти маърифатии онҳо сабукӣ оварда, сифатнокии таълимро таъмин месозад.

Дастуру воситаҳои методии дар айни замон мавҷуда, ҳамчунин коркарди дарсҳо, корҳои амалӣ ва лабораторӣ оид ба донишҳои ҷамъбастӣ ва истифодаи онҳо мукаммал нестанд ва ҷавобгӯи тақозои дарси муосир намебошанд.

Замоне фаро расидааст, ки омӯзгор бояд чунин дастури таълимӣ-методие дошта бошад, ки он донишҳои ҳақиқию пурраро фаро гирад, барои ҳосил намудани донишҳои васеъ, мукаммал, ҷаҳонбинии илмӣ ва қобилияту тафаккури эҷодии шогирдон мусоидат намояд.

Бо назардошти иҷрои мақсаду вазифаҳои дар нақшаи пажуҳиш гузошташуда – мушаххасан таҳқиқи ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон, зарурати мушоҳида ва амиқ омӯхтани мазмуни фаъолияти педагогӣ ва таълимии омӯзгорону хонандагон ба миён омад. Бо таваҷҷуҳ ба ин самт мақсадгузорию банақшагирӣ, роҳҳои татбиқу амалисозӣ дар раванди таълим ва, ниҳоят, натиҷагириро аз корҳои анҷомдода амали аз ҳама муҳим донистем.

Низоми таълими ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон хосатан ҷараёни инфиродӣ мебошад ва ду марҳила дорад: а) тартиб ва ба нақша гирифтани лоиҳаи инфиродии дарсҳо; б) татбиқи ин лоиҳа, яъне ташкил ва гузаронидани дарсҳо.

Тавре ки озмоишҳои мо нишон доданд, сифати раванди таълим, асосан, вобаста ба он аст, ки омӯзгор то чӣ андоза бодиққат ва бомулоҳиза пешакӣ ҷараёни дарсро оид ба ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон ба нақша мегирад, метод, тарзу восита ва истифодаи онҳоро муқаррар месозад.

Оё омӯзгор ҳамаи омилҳои дидактикӣ, психологӣ, методӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва ғайраро ба ҳисоб мегирад, ки мазмуну муҳтавои қонунҳои умумии асосӣ, қонунҳои махсуси илмӣ ва мафҳумҳои илмиро шогирдонаш бошуурона аз худ карда метавонанд, оё шакл ва методу тарзҳои беҳтаринро барои таълим интихоб карда метавонад ва амсоли инҳо талаботро риоя ва иҷро менамояд ё на? Ба тарзи дигар гӯем, сифату самаранокии раванди таълим, пеш аз ҳама, ба вазифаҳои асосноки дарсҳое, ки дар лоиҳаи инфиродии таълим инъикос ёфтаанд, вобаста мебошад.

Камбудии асосии омӯзгорон дар он аст, ки онҳо чӣ тавр ташкили дарс, тарзу воситаҳои омӯзиш ва татбиқи ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ ва инкишофи қобилиятҳои хонандагонро нағз намедонанд.

Ба омӯзгор ҷиҳати тартиб додани лоиҳаи инфиродии таълим ва гузаронидани дарсҳо дастуре лозим аст, ки ба ӯ дар мустақилона ва эҷодкорона роҳандозӣ намудани таълим кумак расонад. Боварӣ ҳосил кунад, ки баробари аз худ намудани дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ онҳо дар шуур ва хотири шогирдон устувор мемонанд, ҷиҳати дар куҷо ва чӣ тавр истифода бурдани донишҳои бадастомада тавсия дода тавонад ва дар маҷмуъ, хулосаҳои мушаххас баровարда тавонад. Чунин дастур бояд модели рушди раванди воқеии таълим бошад.

Ин проблема кайҳо боз дар адабиёти педагогию психологӣ ба таври васеъ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Масалан, В.В. Краевский ташкили «курсҳои таълим»-ро зарур дониста, онҳоро ҳамчун қисми беҳтарини лоиҳаи умумии таълим меҳисобад, «… таълим бояд ба ҳақиқат наздиктар бошад, дастури бевосита барои фаъолият ва маҷмуи воситаҳо барои иҷрои он мебошад, ба таври дигар гӯем, чунин барномаест, ки унсури муҳимми худи системаи таълим мегардад. Дар ҷараёни омӯзиши фанни таълимӣ маҷмуи воситаҳои таълим барои фанҳои алоҳида дар шакли: а) дастурамалҳои методӣ, ки ба усулҳои ҷамъбаст ва шаклҳои ташкили таълими ҳар як фанни таълимӣ бо мақсади муайян тааллуқ дорад; б) китоби дарсӣ, васоити таълимӣ ва васоити техникии таълимӣ, ки дар он маводи таълимӣ бо

ҳаёт алоқамандӣ дорад, ба амал бароварда мешавад. Ҳамзамон, ин натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти маърифатдиҳанда таҷассумкунандаи натиҷаҳои ҳамаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва методӣ мебошанд» [148, с.26]. Чунин курси таълим ҳанӯз соли 1978 аз ҷониби профессор Х. Буйдоқов таҳия ва дар маҷаллаи «Маорифи халқ» таҳти унвони «Дар ду мактаби Тоҷикистон» нашр шуда буд [392, с.26].

Вобаста ба ин, аз ҷониби мо низ маҷмуи (комплекс) пурраи воситаҳо ҷамъоварӣ ва таҳия гардид, ки он дар раванди таълим муваффақиятнок татбиқ карда мешавад. Ин нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои умумӣ ва инфиродӣ, китобу васоити таълимӣ ва ғайра мебошанд. Дар ин кор технологияҳои муосири таълим, таҷрибаҳои мамлакатҳои пешрафта, ба монанди Федератсияи Россия, ИМА ва кишварҳои зиёди Аврупо ва ҳамчунин, дигар шартҳое, ки дарси муосир ба миён мегузорад, ба асос гирифта шудаанд.

Психологи машҳур Ҷ. Брунер роҷеъ ба ғояи ташкили «курси таълим» изҳори ақида намуда, таъкид мекунад, ки бинобар сабаби аз ҳад зиёд будани корҳои таълимӣ барои педагог мустақилона тартиб додани курсҳо бо назардошти мақсадҳои педагогии таълим душвор аст.

Инро ба асос гирифта, ин олим барои фаҳмидани мафҳуми курси таълимӣ менигорад, ки «унсурҳо-ҷузъиётҳои сершумори муайян, ки ҳар яки онҳо ба худ маҷмуи мавод ва машқҳоро, ки чи дар силсилаи пурраи дарсҳо ва чи дар як дарс ё ҳатто дар ягон қисми он иҷро карда мешаванд, ифода мекунанд» [47, с.157]. Ягонагии асосии «курси таълим», аз рӯйи ақидаи Ҷ. Брунер, аз шаш унсур таркиб ёфтааст: а) тавзеҳнома барои омӯзгорон; б) саволҳо барои хонандагон; в) мавод барои азхудкунии хонандагон; г) намунаҳои машқҳо; ғ) ҳуҷҷатҳо (ҳисобот ё сабти корҳои хонандагон бо маводи ба ягонагии таълим воридкардашуда); д) маводи иловагии дорои адабиёти илмӣ-оммавӣ, кинофилмҳо, бозиҳои гуногуни таълимӣ ва ғайра [47, с. 169].

Бо вуҷуди ин, ҳамаи лоиҳаи таълими пешниҳодшуда наметавонад ба сифати дастур барои ташкили ҳаматарафаи раванди таълим, ки дар дидактика ҳамчун маҷмуи амалҳои пайдарпайи омӯзгор ва хонандагон фаҳмида мешавад, хидмат кунад. Зимни ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ инкишофи неруҳои маърифатӣ, асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ ва азхудкунии унсурҳои маърифати меҳнати фикрӣ (ақлонӣ) ва ҷисмонӣ таъмин мегардад.

Дар консепсияи В.В. Краевский нишондод ё дастур барои раванди воқеии таълим вуҷуд надорад: «Худи фаъолияти амалии таълим барои мураттиби курс объекти таҳқиқот набуда, балки объекти ташкил ва банақшагирӣ мебошад, ки дар он истифодаи маҷмуи донишҳои илмӣ нишон дода мешавад. Қисми минбаъда – фаъолияти педагог аст, ки тавассути он курс иҷро карда мешавад» [148, с.136].

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки олимон коркарди илмии курси таълимро то ба охир ба анҷом нарасонида, танҳо лоиҳаи фаъолияти воқеии якҷояи субъектони асосии ҷараёни таълимро мавриди таҳқиқ қарор додаанду халос.

Дар бораи муносибати фаъолона ба таълим дар психологияи педагогӣ ва дастурҳои методӣ ба таври назариявӣ нишон дода шудааст, ки он бояд дар раванди воқеии таълим татбиқ карда шавад. Вале дар онҳо талаботе, ки дарси муосир барои омӯзиш ва азхудкунии мавод дар миён мегузорад, дида намешавад.

Ба пиндори мо, дар дастур бояд тартиб (сенария)-и фаъолиятҳои якҷояи омӯзгор ва хонандагон ҳангоми омӯзиши мавзуъ равшан инъикос ёбад.

Тартиб (сенария)-и фаъолият як қатор талаботҳоро дар миён мегузорад, ки мавҷудият ва таъмини иҷрои онҳо ба сифату самаранокии дарс мусоидат мекунад, чунончи:

1) мавҷудияти модели рушди раванди воқеии амали мутақобилаи омӯзгор ва хонандагон;

2) тасвири ҳаракату муносибати воқеии омӯзгор нисбат ба аҳли синф, ҳар як хонанда ва баровардани хулосаҳои зарурӣ аз тарзи омӯзонидан ва омӯхтани онҳо;

3) фароҳамории имкониятҳои коркарди эҷодии лоиҳаи инфиродии таълим, мушаххас гардонидани фаъолияти омӯзгору хонандагон мувофиқ ба талаботи хоси таълим, шахсияти омӯзгор ва аҳли синф бо назардошти зарурати бароҳмонии муносибати тафриқавӣ ва инфиродӣ;

4) тасвири амалҳои омӯзгор дар вазъиятҳои хос, маъмулӣ, ғайринақшавӣ ва дидактикии таълим;

5) пешгирии хатоҳои эҳтимолии омӯзгор ва хонандагон;

6) барои дарки амиқи робитаи тарафайни маводи таълимӣ истифодаи шакл ва методу тарзҳои фаъоли дарсдиҳӣ ва омӯзонидани хонандагон;

7) таъмини ягонагии назария ва амалия, мавҷудияти донишҳои зарурии назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ барои татбиқи онҳо;

8) мавҷудияти тавсияҳои методӣ тарзу воситаҳои истифодаи донишҳо дар амалия дар ҳар як марҳилаи таълим.

Фарқи муҳимтарини сенария аз дастурҳои методии муқаррарӣ ин аст, ки он имконияти муайян намудани ғояҳои психологию педагогӣ ва таҷрибаи пешқадам дар шакли амали омӯзгору хонандагон мушаххас нишон дода мешавад, амали нутқӣ – сухани таъсиррасони омӯзгор ҳамчун воситаи идоракунии ҷараёни дарс пешбинӣ мешавад.

Азбаски бо сухани муаллим, ҳамчун шакли асосии идоракунии дарс, фаъолияти хонандагон ҷараён гирифта, ба онҳо таъсир расонида мешавад, сенарияи дарс имкон медиҳад, ки амалҳои маърифатдиҳӣ, ислоҳкунӣ, инкишофдиҳӣ ва нутқии омӯзгор мукаммал карда шаванд.

Татбиқ намудани ғояҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадам ба омӯзгор дар шакли амалҳои фаҳмо ёрӣ медиҳад ва ҳамзамон аз сенария иҷрои чунин вазифаҳоро талаб мекунад: а) маърифатдиҳӣ; б) пешгӯӣ; в) пешгирии хатоҳои эҳтимолӣ; г) ислоҳкунӣ; ғ) инкишофдиҳӣ; д) ҳавасмандкунӣ.

Мо чунин меҳисобем, ки маҳз сенарияи ҷараёни омӯзиши мавзуъ дастури ба мақсад мувофиқтар барои муаллим мебошад. Сенария на танҳо дастур барои таҳияи лоиҳаи инфиродии раванди таълим аст, балки воситаи таҳлили фаъолияти шахсии педагогии омӯзгор низ мебошад.

Азбаски сенария намунаи муфассали системаи амалҳои якҷояи омӯзгору хонандагонро дар худ таҷассум мекунад, омӯзгор шаклҳо, методҳо ва тарзҳои барои ташкили раванди таълим истифода бурдаашро бо намуна, меъёр (эталон) муқоиса менамояд. Ҳамзамон, ӯ имконият пайдо мекунад, ки фарқи байни онҳоро ошкор созад, дар раванди ташкил муваффақият ва камбудиҳои худро бинад, алоқаи тарафайни онҳоро бо донишҳо, таҷриба ва сифатҳои худ фаҳмаду дарк кунад. Ин барои оянадаи хонандагон бобати мақсаднок фаъолияти таълимиро пеш бурдан, дониш, маҳорат, малакаҳои ҳосилшударо дар амалия ва ҳаёт дуруст истифода кардан ва ниҳоят, барои худомӯзии самараноки онҳо роҳ мекушояд.

Аз дигар тараф, сенария воситаи дарку фаҳмидани амиқи ғояҳои психологию педагогӣ ва тавсияҳои методӣ буда, барои истифодаи онҳо дар амалия низ имконият фароҳам меорад.

Аз андешаҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки ташаккули маҳорат ва малакаҳои нави дарсдиҳӣ ба омӯзгорон ва хонандагон ёрӣ медиҳад, ки чун дар оина натиҷаҳои меҳнати худро бинанд.

Ба ақидаи мо, сенарияи раванди омӯзиши фан ва ҳар як мавзуъ беҳтарин дастуре мебошад, ки барои мустақилона азхудкунии донишҳои нав, ҷамъбасту мураттабсозӣ ва онҳоро дар дигар вазъиятҳои таълимӣ истифода бурдан имконият фароҳам меорад.

Бояд қайд кард, ки сенарияро барои дигар таъйинот низ истифода бурдан мумкин аст. Он на танҳо барои омӯзгор, тавре ки муаллифони дар боло номбаршуда пешниҳод намудаанд, балки барои хонандагон низ истифода бурда мешавад. Ин ба таври зайл лоиҳа ва нақшагирӣ карда мешавад: мақсадҳо, вазифаҳо, методҳо, воситаҳо ва натиҷаҳои кори омӯзгор дар машғулиятҳои таълимӣ, аз як тараф, ва, аз тарафи дигар, мақсадҳо,

вазифаҳо, натиҷаҳои фаъолияти хонандагон дар дарсҳо муайян карда мешавад. Баъдан ҷамъбасти умумии натиҷаҳои дарсҳо ва хулоса баровардa мешавад.

Ҳамин тариқ, озмоишҳои муқарраркунанда ва маърифатии якҷоя бо омӯзгорони муассисаҳои таълимии гуногун гузаронидашуда ва эксперименти таълимӣ дар синфҳои озмоишӣ натиҷаҳои мусбат нишон доданд.

Дар асоси андешаҳои болозикр метавон хулоса баровард, ки, пеш аз ҳама, мақсад, нақшаи фаъолият ва ба роҳ мондани раванди таълим тағйир ёфта, самаранокии дарсҳо ва болоравии сатҳу сифати дониш ба мушоҳида мерасид, зеро:

- аввалан, омӯзгорон ба дарсҳо бо тайёрии пухта ва ҳаматарафа меомадагӣ шуданд;

- дуюм, хонандагон қатъӣ дарк карданд, ки ҳар як нафар барои ба натиҷаҳои баланд ноил шудан бояд вақт ва воситаҳоро дуруст ва оқилона истифода барад, донишҳоро ҳамчун моликияташ афзун, васеъ, амиқ, ҷамъбаст намояд, онҳоро дар дигар вазъиятҳои таълимӣ ва ҳаёт ба кор бурда тавонад;

- сеюм, хоҳишу талаботи хонандагон бобати ҳарчи бештар фарогирии дониш, маҳорат ва малакаҳо барои иҷрои корҳои мустақилона ва ҳамчунин, иҷрои саривақтии вазифаҳои хонагию беруназсинфӣ боло рафт;

- чорум, дерой ва ҳозир нашудан ба дарсҳо аз байн рафт, давомот хуб шуд, фаъолнокӣ, мустақилият, ташаббускории талабагон афзуд ва ниҳоят, муносибат ба дарсҳо, ба омӯзиши фан ва муаллим тағйир ёфта, беҳтар гардид. Шавқу рағбат ба дарсҳое, ки дар онҳо вазъиятҳои проблемавӣ, мубоҳиса, бозиҳои дидактикӣ, нақшофарӣ ва амсоли инҳо ташкил карда мешуданд, зиёд шуд;

- ниҳоят, дар хонандагон маҳорати мулоҳизаронӣ, муҳокима намудан, натиҷаҳои меҳнати таълимии худро ба таври интиқодӣ баҳо додан, мустақилона фикр рондан ва ғайра ташаккул ёфтанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳолатҳои ошкоршуда доир ба ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон ба вижагиҳои махсуси фанҳои ҷамъиятӣ ва душвории мазмуни онҳо алоқамананд ва барои аз худ кардани фанҳои дигари таълимӣ хос нестанд. Аз ин рӯ, барои санҷидани ин фарзияҳо бояд ҳолати донишҳоро дар асоси фанҳои дигар муайян кард. Ба ҳамин мақсад дар анҷоми соли таҳсил, баъди гузаронидани корҳои ҷамъбастӣ аз фанҳои забону адабиёти тоҷик корҳои хаттӣ гирифта шуд. Ба хонандагон ба мақсади ҳамгироии донишҳо аз фанни адабиёт чунин супоришҳо пешниҳод карда шуданд.

Ҳар як супориш аз дигараш бо фарогирии доираи донишҳо тафовут дошт. Масалан, супориши якум ҷамъбасти донишҳоро аз рӯйи мавзуъ, супориши дуюм аз рӯйи боб ва супориши сеюм бошад, аз рӯйи проблемаҳои меҳварӣ талаб мекард. Яъне, донишҳои андухтаи хонандагон бояд доираи васеъро фаро гиранд, густурдатар бошанд, ки яке аз тарзҳои ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ ҳам ҳамин аст.

Мисоли равшани инро дар саволу супориш аз фанни «Адабиёт» дар синфҳои XI метавон муфассалтар дид:

1. Образи махсус чист? Исбот намоед, ки образҳои Одина ва Ятим дар повестҳои «Одина» ва «Ятим»-и С. Айнӣ образҳои махсусанд.

2. Барои чӣ диққати С. Айниро одамони вазъи иҷтимоиашон паст ҷалб кард? Чӣ тавр дар эҷодиёти ӯ мавзуи ғуломӣ инкишоф ёфт (дар мисоли романи «Ғуломон»)?

Ҳамчунин, аз фанҳои таърих, ҳуқуқи инсон низ супоришҳои додашуда дар дарсҳо ба таври мустақилона иҷро шуданд. Муаллим супоришҳоро пешниҳод карда, аз шогирдон хоҳиш намуд, ки ба саволҳо дар шакли фишурда, мухтасар, хулоса ва танҳо бо зикри хусусиятҳои асосӣ ва муҳим ҷавоб гардонанд.

Аз мазмуни супоришҳо маълум буд, ки дар ҳар як синф ҷавобҳо ба саволи якум ва дуюм аз рӯйи ҳаҷм ва мавод, ҳамчунин аз рӯйи хусусияти худи донишҳо низ бояд гуногун бошанд.

Саволи якум аз хонандагон ошкор сохтани хусусиятҳои характер ва вазъи иҷтимоии қаҳрамонҳои повестҳои С. Айнӣ Одина ва Ятимро талаб мекард.

Дар ҷавоб ба саволи дуюм талабаҳо бояд дараҷаи аз ҳама баланди донишҳоро нишон диҳанд, ҳамчунин аломатҳои хоси характери ғуломиро дар романи С. Айнӣ «Ғуломон» мушаххас ва ҷамъбаст намоянд.

Ҷавоби мувофиқ ба ин савол ҳамон вақт эҳтимол дорад, ки агар дар донишҳои хонандагон алоқаи байни фарогирии паҳлуҳои образнокию ғоявии асари бадеӣ муқаррар шуда бошад ва онҳо ин донишҳоро бо хусусиятҳои давраи таърихӣ, ҳамчунин бо мавқеи иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии муаллиф алоқаманд карда тавонанд.

Ҳамин тариқ, саволҳои додашуда талаботи хеле баландро ба синтез (таркиб)-и донишҳо аз адабиёт ва таърих, ҳамчунин маҳорати ифода намудани онҳоро дар шакли ҷамъбастӣ ба миён гузошта буданд.

Таҳлили мазмуни ҳамаи саволҳо нишон дод, ки дар онҳо талабот ба маҳорати хонандагон бобати амалисозии намудҳои гуногуни донишҳо зимни омӯзиши адабиёт гузошта шудааст:

1. Ба таври ҷамъбастӣ, мухтасар ифода намудани ғояи асосии асари бадеӣ;

2. Додани тавсифномаи муқоисавӣ ба ду персонажи адабии як асари бадеӣ (мисол, монандӣ ва фарқи образи Одина ва Ятим).

Умуман, дар супоришҳои озмоишӣ аз фанни «Адабиёт» барои ҳар як синф на танҳо ба донишҳои аз рӯйи васеӣ ва фарогирии ҳаҷми маводи таълимӣ фарққунанда, балки ба худи хусусиятҳои донишҳо низ талаботҳои гуногун гузошта шуда буданд.

Барои аниқтар таҳлил намудани муваффақиятнокии иҷрои супоришҳо ва мушаххас намудани дараҷаи донишҳо аз фанҳои адабиёт ва ҳам аз таърих меъёр (эталон)-и ҷавобҳо, ки дар он унсурҳои мазмуни асосии саволи мазкурро инъикоскунанда зикр гардида буданд.

Меъёри ҷавобҳо доир ба саволи якум чунин аст: монандӣ ва фарқи образҳои Одина ва Ятим дар чист? – аз повестҳои С. Айнӣ «Одина» ва «Ятим».

Ба ин савол ҷавоб гардонида, хонандагон бояд унсурҳои зеринро: монандӣ ва фарқи образҳои Одина ва Ятим, ҳамчунин зулми иҷтимоиро нисбат ба ҷавонон нишон медоданд. Вале дар ҷавобҳо номукаммалӣ ва нопуррагии донишҳо дида шуд, ки доираи маҳдуди донишу маҳоратҳо ва хуб ташаккул наёфтани онҳоро дар хонандагон тасдиқ кард.

Гузашта аз ин, барои санҷиши маҳоратҳои азхудшуда, ки ба ҷамъбасти донишҳо иртибот дорад, аз рӯйи қиссаи «Одина» чанд саволу супориш ба хатмкунандагони синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ манзур кардем (ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7**

**Маҳоратҳои азхудшудаи ҷамъбастсозии донишҳо аз фанни «Адабиёти тоҷик» тибқи меъёри тартибдодаи ҷавобҳо**

| Намудҳои маҳорати ҷамъбасти дониш аз рӯйи асари бадеӣ | Дараҷаи донишҳо (ба ҳисоби %) | | |
|---|---|---|---|
| | **баланд** | **миёна** | **паст** |
| 1. Маҳорати тасвир кардани хислатҳои қаҳрамони асосии асар – Одина ва муносибати ӯ ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ | 15,3 | 21,0 | 63,7 |
| 2. Маҳорати нишон додани амалу кирдорҳои Арбобкамол ҳамчун образи манфии асар | 11,5 | 23,5 | 65,0 |
| 3. Маҳорати мушаххасан нишон додани сифату хислатҳои неки инсонӣ дар рафтору зиндагии занҳо | 13,2 | 15,6 | 71,2 |
| 4. Маҳорати таҳлили мундариҷа ва ғояи асосии «Одина» ҳамчун аввалин қиссаи реалистӣ дар адабиёти тоҷик | 9,4 | 13,0 | 77,6 |
| 5. Маҳорати шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои асосии назарияи адабиёт, ки муаллиф аз онҳо истифода бурдааст | 8,5 | 10,5 | 81,0 |

Аз натиҷаи ҷавобҳо бармеояд, ки барои хонандагон махсусан шарҳу таърифи мафҳумҳои асосӣ ва ё назарияи адабиёт, ки муаллиф аз онҳо зимни

офаридани образҳои қаҳрамону персонажҳои қисса истифода бурдааст, душвор аст (81% - сатҳи пасти дониш).

Ҳамчунин, дар таҳлили мундариҷа ва ғояи асосии асар, ки аввалин қиссаҳои реалистӣ дар адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад, мушкилӣ мекашанд (77,6% - сатҳи пасти дониш). Ин бозгӯи он аст, ки омӯзгорон дар ҷараёни дарс ба шарҳу баёни мафҳумҳои илмӣ, назарияи адабиёт кам эътибор дода, ба таҳлили асарҳои бадеӣ, мазмуну мундариҷа ва ғояҳои асосии асар сатҳӣ менигаранд ва дар шогирдон маҳорати таҳлил, ҷустани ғоя ва аломатҳои муҳимро дар маводи таълимӣ ба таври зарурӣ ташаккул надодаанд.

Гарчанде хислатҳои қаҳрамони асосии қисса ва муносибати ӯро ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ нисбатан то андозае баён карда бошанд ҳам, ҳанӯз ин қаноатмандкунанда нест (15,3% - сатҳи дониш баланд, 63,7% - паст).

Гуфтан ҷоиз аст, ки ҳатто маҳоратҳои нишон додани кирдорҳои образҳои манфӣ ва, баръакс, мушаххасан ҷудо намудани сифатҳои ҳамидаи инсонӣ, ки онҳоро муаллиф дар рафтор ва ҳаёти занон ба қалам додааст, дар хонандагон кофӣ ташаккул наёфтаанд (65 – 71 % - сатҳи дониш паст). Ҳол он ки барои дар образҳо муайян кардани сифату хислатҳои неку бади инсонӣ набояд мушкилӣ эҷод шавад, зеро чунин рафтору амалҳоро хонанда дар ҳаёти гузаштаю имрӯза ва васоити ахбори омма мушоҳида карда, доираи донишҳои ҳаётиашро фарох карда метавонад.

Яке аз сабабҳои мушкилӣ кашидани хонандагон ҳангоми ҷамъбасти донишҳо аз адабиёт ин мураккабии хусусиятҳои донишҳои фаннӣ ва дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтани маҳоратҳои тасвир кардани сифату хислатҳои қаҳрамонҳо, образҳо, таҳлили ғояҳои асосӣ ва тавзеҳи мафҳумҳои асосии назарияи адабиёт дар асари бадеӣ мебошад.

Дигар сабаб ин аст, ки омӯзгорон дар дарсҳо на ҳамеша аломатҳои муҳимми мафҳумҳоро мушаххас мекунанд, мазмун ва ҳаҷми онҳоро ба таври кофӣ шарҳ намедиҳанд, ҷойи онҳоро дар системаи умумии маводи омӯхташаванда муқаррар наменамоянд. Баъзеи омӯзгорон корро дар як марҳилаи азхудкунӣ ба итмом нарасонида, ба марҳилаи дигар мегузаранд,

диққати хонандагонро ба қисмҳои алоҳидаи муҳимми маводи таълимӣ ҷалб намесозанд, на ҳама вақт таъсири таҷрибаи ҳаётиро дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи зеҳни хонандагон ба ҳисоб мегиранд. Барои ҳамин ҳам, дар шуури хонандагон азхудкунии амиқи алоқаҳои байни ҳодисаҳо ва воқеаҳои омӯхташаванда дар сатҳи зарурӣ таъмин намешавад, ки ин ҳама ба азхудкунии дониш ва ташаккули маҳоратҳоро монеа эҷод мекунад. Омӯзгорро зарур аст, ки бо маводи таълимии адабиёт, таърих, таҳлили хусусиятҳои он ва ба ҷамъбасту хулосабарорӣ дурусттар машғул шавад. Ю.А. Самарин дар «Очеркҳои психологияи зеҳн» таъкид менамояд, ки «… барои он ки фаъолияти зеҳнӣ ташаккул ёфта, дар дараҷаи маҳдуд намонад, бояд бо маводи таълимӣ дуруст кор карда, ҳамаи хусусиятҳои зарурии амалҳои зеҳнӣ: муқоиса, ҷудокунӣ ва ҷамъбаст, таснифоти хулосаҳои баровардашуда ва дигар намудҳои таҳлил ва таркиб (синтез) иҷро карда шавад» [278, с.113].

Ҳамин тариқ, аз рӯйи натиҷаҳои корҳои озмоишӣ метавон ба хулоса омад, ки донишҳои аксарияти талабаҳо дар сатҳи зарурӣ қарор надоранд, дар хотир ҳифз нашудаанд ва устувору мураттаб нестанд.

Бинобар ин, яке аз вазифаҳои таҳқиқоти мо муайян намудани мавқеъ ва дараҷаи татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ дар раванди таълим мебошад. Коркарди чунин пайдарпайи онҳо, ки, аз як тараф, ба талаботи воқеии дар мазмуни маводи таълимӣ ҷойдошта бояд ҷавоб диҳад, аз тарафи дигар, барои аз байн бурдани норасоиҳои донишҳои хонандагон оид ба мафҳумҳои марказӣ ва ғояҳои пешбар дар доираи қисмҳои калон ё бобҳои маводи таълимӣ ва проблемаҳои меҳварии фанни таълимӣ бояд ёрӣ диҳад.

Аз андешаҳои боло ва бар асоси натиҷаҳои озмоишҳои гузаронидашуда метавон ба чунин хулосаҳо омад:

– якум, донишҳои аксари хатмкунандагон дар анҷоми соли хониш ба таври пароканда ва номуназзам қарор гирифта, хусусияти сатҳӣ ва хулосаҳои умумии ноустувор доранд. Санаду далелҳои махсус ва муҳимми асарҳои

хондашуда дар хотири дарозмуддати хонандагон устувор намондаанд, ки ин ба «фурӯравӣ»-и донишҳо оварда мерасонад;

– дуюм, бо хонандагон дар давоми таҳсил дар сатҳи зарурӣ коре бурда нашудааст, ки онҳо маҳорати ҷамъбаст ва мураттабсозии донишҳоро ҳосил карда бошанд.

Чунин ҳолатро, ба фикри мо, метавон ба таъсири як қатор омилҳо марбут донист: ба мустаҳкамкунии мавзуъҳо диққати махсус надодан, дарсҳои ҷамъбастӣ ва мураттабсозии донишҳоро ташкил накардан, тамрини нокифояи ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳо, аз намудҳои гуногуни дарс – дарс-мубоҳиса, дарс-викторина ва амсоли инҳо истифода набурдан, нагузаронидани маҳфилҳои фаннӣ ва ғайра. Ҳамзамон, саволу супоришҳои китобҳои дарсӣ ва матнҳои барои корҳои мустақилона аксаран ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нестанд. Бар иловаи ин гуфтаҳо, метавон нуктаи дигарро зикр кард, ки дар ташаккули дониш, маҳорату малакаҳо, қобилиятҳои ҷамъбасткунӣ ва мухтасару хулосасозӣ фаъолиятҳои коммуникативии «омӯзгору хонанда», «хонанда – омӯзгор» ва «хонанда – хонанда» байни ҳамдигар низ нақши муҳим мебозанд. Номуътадилии барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва мавҷуд набудани маводи таълимии ба ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ ва ҷамъбасту мураттасозии донишҳо мусоидкунанда таъсири манфӣ мерасонад.

## 2.2. Намудҳои таълим ва фаъолнокии маърифатии хонандагон дар дарсҳои фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ

Технология ва ё методикаи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ зимни тадриси фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ ҷиҳати дарк ва маънифаҳмии маводи таълимӣ бояд дуруст ба роҳ монда шавад. Барои ин ҳар як омӯзгор бояд ба таври ҷиддӣ ба ҳисоб гирад, ки зимни таълими кадом мавзую мавод кадом дониш ва маҳорату малакаҳо ташаккул дода мешаванд. Ӯро зарур аст бошуурона мақсад гузорад, ки ҳангоми омӯзиши ин ё он маводи таълимӣ, дар кадом ҳолат ва кадом донишҳоро дар хонандагон

коркард ва такмил диҳад. Барои он ки ин кор пайгирона ва самаранок ҷараён гирад, бояд системаи интихоби маводи таълимӣ барои ташаккули дониш, маҳорату малакаҳо ва методу тарзҳои умумӣ ва махсуси ба он мувофиқ муайян карда шавад. Бар иловаи ин, ташкили босамари фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва мустақилонаи хонандагон низ мувофиқ меояд, ки он заҳмати зиёдро талаб мекунад.

Басо муҳим аст, ки ҳамаи ин корҳо якҷо бо фаъолгардонии умумии фаъолияти маърифатии хонандагон сурат гирад. Аз ин хотир, омӯзгоронро бо тарзу усулҳои асосии фаъолгардонии тафаккури хонандагон мусаллаҳ намудан зарур аст.

Мо кӯшиш кардем, ки чунин системаи дурусту оқилонаро оид ба ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ – дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон дар дарсҳо бо назардошти талаботи принсипҳои дидактикӣ омода намоем.

Озмоиши муқарраркунанда тасдиқ менамояд, ки дараҷаи фаъолнокии маърифатии хонандагон хеле паст аст. Сабаби он ба чигунагии ташкили дарс, истифодаи методҳои фаъоли таълим, намудҳои гуногуни дарс, ба монанди дарс дар шакли санҷиш, дарсҳои эзоҳӣ, ҷамъбастӣ, хулосавӣ, дарс-семинар, дарс-бозӣ ва амсоли инҳо рабт дорад, ки аз муаллим донишҳои педагогию психологӣ, дидактикӣ, методӣ, маҳорату қобилият ва эҷодкориро тақозо менамояд. Масалан, пас аз омӯзиши мавзуи калон, боб ё фасл, яъне вақте ки хонандагон миқдори кифояи донишҳоро соҳиб мешаванд, гузаронидани дарс-семинар, дарс-конференсия, дарс-бозӣ ва умуман, дарсҳое, ки ба ҷамъбасти мавзуъ тааллуқ доранд, ба мақсад мувофиқ аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи намудҳои таълими самаранок, аз ҷумла вазифаю супоришҳои гуногуни маърифатӣ, ташкили вазъиятҳои проблемавӣ, баҳсу мунозираҳои таълимӣ, саволу ҷавоб ва баёни андешаҳои озод бисёр ҳолиб буда, шавқи мустақилию фаъолиро дар хонандагон ба вуҷуд меорад, рағбатро ба омӯзиш афзун мегардонад. Чунончи, ташкили дарс-мубоҳиса натанҳо шавқи хонандаро бедор мекунад,

балки фаъолнокӣ ва дар баёни андешаҳои шахсӣ мустақилияти ӯро дар сатҳи баланд таъмин менамояд.

Умуман, ташкили чунин дарсҳои ҳавасангез бо истифодаи методҳои инноватсионии таълими фаъол, интерактивӣ ва моҳирию кордонии касбии омӯзгор басо ҷолиб ва хотирмон сурат мегирад.

Дарс-мубоҳиса аз дарсҳои муқаррарӣ бо он тафовут дорад, ки дар он супоришу вазифаҳои таълимии мураккаб, ки таҳлили интиқодиро талаб менамоянд, баррасӣ мегарданд. Дар раванди ин дарс хонандагон баҳсу мунозира мекунанд, роҷеъ ба ҳалли проблемаҳои гузошташуда далелу рақамҳои гуногун ва санадҳо меоранд, тамоми донишу малака, маҳорат ва қобилиятҳои худро истифода мебаранд. Дар рафти мубоҳиса донишҳои нокифоя ва ё донишҳои фаромӯшшуда ошкор мегарданд. Дарс-мубоҳиса аз хонандагон донишҳои мушаххасро талаб менамояд, аз ин рӯ, муаллим ба ин кор онҳоро пешакӣ тайёр мекунад.

Дар дарс-мубоҳиса, ба назари мо, бояд проблемаҳое гузошта шаванд, ки ташаккули донишҳои зеҳниро аз рӯйи боб ва ё аз рӯйи мавзуъ, ки дар фанни таълимӣ ва китоби дарсӣ маводи зиёд дода шудааст, талаб намоянд. Барои мисол, аз фанни «Ҳуқуқи инсон» метавон дар мавзуи «Оқибатҳои коррупсия ва таъсири он ба амалишавии ҳуқуқи инсон» дарс-мубоҳиса ташкил кард. Саволҳо барои муҳокима метавонанд чунин бошанд:

*1. Коррупсия ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон чӣ гуна таъсир мерасонад?*

*2. Коррупсия барои иқтисодиёти давлат чӣ оқибатҳо меорад?*

*3. Ба андешаи Шумо, оё коррупсия ҷиноят аст ва мубориза бар зидди он танҳо кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад?*

*4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди коррупсияро шарҳу тавзеҳ диҳед.*

Ҷавоб ба ин саволҳо донишҳои амалии хонандагонро на танҳо аз рӯйи мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва проблемаҳои коррупсия», ки дар синфи 10 дода шудааст, талаб менамояд, балки донишҳои ахлоқӣ, одоб, тасаввурот,

муносибат, ҷаҳонбинии илмӣ ва донишҳои дар натиҷаи омӯзиши фанҳои таълимии зиёд ҳосилшударо тақозо дорад. Ҳамзамон, истифодаи он донишу маълумотҳои маърифатие, ки аз ВАО – маводи рӯзномаю маҷалла, барномаҳои радиою телевизионӣ, интернет, дигар шабакаҳои иҷтимоию расонаҳои хабарӣ ва воқеаҳое, ки дар ин самт дар ҷомеаи муосир, минҷумла кишвари мо мегузаранд, зарур меояд.

Дар сурати чунин донишҳоро соҳиб набудан хонанда наметавонад, ки ба ягон савол ҷавоб диҳад, дар баҳсҳо иштирок ва фикру ақидаҳояшро баён ва исбот намояд, зеро тавзеҳи ин саволҳо баробари дониш, ҷаҳонбинию ақидаҳои инкишофёфта, эътимодҳо ва мавқеи муайяни ҳаётиро низ талаб менамояд.

Ташкил ва гузаронидани дарс-мубоҳиса аз фанни «Адабиёти тоҷик» дар мавзуи «Гуманизми Саъдии Шерозӣ» дар мисоли шеъри баландмазмун ва оламгири ин адиби инсонпарвар «Банӣ Одам аъзои якдигаранд…» бамаврид аст. Ин ҷо низ метавон саволҳоро атрофи а) гуманист номидани шоир, б) бо мисолҳои мушаххас фаҳмонидани истилоҳи «гуманизм», в) сабабҳои нобаробарии ҳаёти иҷтимоии мардуми табақаҳои гуногун, в) расонидани ёрӣ ба инсонҳо ва кишварҳои аз ҷангу ошубҳо ва ҳодисаҳои табиӣ зарардида матраҳ кард. Бояд гуфт, ки дар ягон давру замон ин шеър моҳият ва аҳаммияташро гум намекунад ва аз ин хотир, ҷавоб ба саволҳо, ки, дарвоқеъ, мавзуи доғи рӯз ва айни замон мубрам аст, доштани донишу мафкураи ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ, фаҳмиш, идрок, тасаввурот ва қобилияту тафаккури баланди эҷодиро талаб мекунад.

Барои ҷустуҷӯи сабабҳои асосноки дараҷаи пасти дониш, эътибор надодани омӯзгорон ба инкишофи маҳорату қобилиятҳои зеҳнии хонандагон ба онҳо чунин савол дода шуд: «Кадом намуди таълимро шумо бештар дар дарсҳо истифода мебаред?».

Натиҷаи ҷавобҳои омӯзгорон дар ҷадвали 8 оварда шудааст.

**Ҷадвали 8**

**Истифодаи намудҳои таълим**

| **Намудҳои таълим** | **Теъдоди посухдиҳандаҳо** (ба ҳисоби %) |
|---|---|
| 1. Таълими проблемавӣ | 6,2 |
| 2. Таълими ҳамгиро | 3,5 |
| 3. Таълими тафриқа | 0,6 |
| 4. Таълими тарбиятдиҳанда | 11,4 |
| 5. Таълими рушддиҳанда | 2,5 |
| 6. Таълими инноватсионӣ | 0,2 |
| 7. Таълими ба натиҷаҳо асосёфта | - |
| 8.Таълими ахбордиҳандаю намоишдиҳӣ | 100 |

Аз ин бармеояд, ки бештари омӯзгорон, асосан, аз таълими ахбордиҳандаю намоишдиҳӣ (100%) кор гирифта, дар бораи намудҳои дигари таълим камтар тасаввурот доранду аз онҳо гоҳ-гоҳ истифода мебаранд.

Барои кушодани ин муаммо ва маълумоти васеътар гирифтан саволи дуюм низ дода шуд: «Шумо ҳангоми истифодаи намудҳои таълим мушкилиро дар чӣ мебинед?», ки ба он беш аз 90% - «дар набудани адабиёт ва манбаъҳои илмӣ-методӣ барои омӯхтани хусусиятҳои чунин намудҳои таълим»; 86% - «дар интихоби маводи таълимӣ барои ин гуна дарсҳо» ва 69,5% - «дар интихоби метод ва тарзҳое, ки самаранокии онҳоро таъмин месозад» посух доданд.

Аз ин маълумот метавон хулоса баровард, ки омӯзгорон бештар бо як намуди таълим – таълими ахбордиҳанда ошноянд, истифодааш осонтар, ба қавле бо он омӯхта шудаанд ва аз ҳама бад, ба дигар намудҳои таълим дастрасӣ надоранд, ҳамчунин, омилҳое ҳастанд, ки дар истифодаи онҳо садди роҳ мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки истифодаи намудҳои таълим дар бедор кардани рағбат ба мустақилияти маърифатӣ, фаҳмидан ва дарки мазмуни маводи таълимӣ нақши муҳимро мебозад. Исботи ин андеша дар таҷриба ва ҳам дар осори илмии педагогии аксари олимони соҳа возеҳу равшан ба чашм мерасад. Ба ақидаи В.И. Загвязинский: «Ҳар қадар ки хонанда мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фанро фаҳмад, ҳамон андоза мушкилиҳоро рафъ намуда, бошуурона аз надонистан ба донистан ҳаракат карда, пеш меравад, ӯ дар ҳақиқат барои ҳалли ихтилофи асосӣ кӯшиш ва мустақилона амал менамояд. Гарчанде дараҷаи мустақилияти ӯ дар таълими ғайрипроблемавӣ назар ба таълими проблемавӣ поёнтар бошад ҳам, ҳаракат мекунад» [96, с.114].

Ҳангоми ҷустуҷӯи адабиёт, маъхазу сарчашмаҳои илмии педагогӣ ва корҳои пажуҳишии донишмандони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба намудҳои таълим ва тарзи истифодаи онҳо, ки барои ташаккули дониш, маҳорату малакаҳо, қобилиятҳо ва рушди зеҳнияти хонанда мусоидат мекунад, маълумотҳои зиёде дастрас намудем. Махсусан таълими проблемавӣ ба бедор намудани майлу рағбат ба донишомӯзию ҷустуҷӯи он, дарёфти роҳҳои ҳалли саволу масъала, мустаҳкаму ҳифзи донишҳои гирифта ва ниҳоят, рушди зеҳну қобилиятҳои эҷодӣ созгор мебошад. Таълими проблемавӣ аҳаммияту хусусиятҳои хосро доро буда, коргирӣ аз он дар амалияи таълим донишу маҳорати баланди омӯзгорро талаб намуда, ба дарс сифат ва мазмуни дигар зам мекунад.

Олимони соҳа ба таълими проблемавӣ таърифҳои зиёде додаанд, ки дар умум мазмуни якхеларо ифода мекунанд. Аз ҷумла педагоги маъруфи рус П.И. Пидкасистий нигоштааст: «Таълими проблемавӣ чунин модели таълимест, ки дар он муаллим нисбатан фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯиро ташкил мекунад, ки хонандагон дар рафти он донишу малакаҳои навро аз худ намуда, қобилиятҳои умумӣ ва ҳамчунин, фаъолнокии таҳқиқотиро инкишоф медиҳанд, маҳоратҳои эҷодиро ташаккул медиҳанд» [243, с.156]. Хусусияти таълим додан ва омӯхтан дар қиёс бо таълими ахбордиҳанда дарҳол иваз мешавад: хонандагон мини-таҳқиқот ё кори эҷодии амалӣ

мегузаронанд. Дар рафти ин фаъолият донишҳои нав ташаккул меёбанд: фактҳо, қонуниятҳо, мафҳумҳо, принсипҳо, назарияҳо, қоидаҳо ва алгоритмҳо аз худ мешаванд.

Бо назардошти мазмуни иқтибоси болозикр, мушоҳидаҳо аз фаъолияти муваффақонаи омӯзгорони пешсаф ва таҷрибаи бисёрсолаи педагогиамон дар сохтори ин намуди таълим метавон корҳои зайлро ба сомон расонид:

- ташкили вазъияти проблемавӣ ва гузориши проблема;
- пешниҳоди фарзияҳо дар бораи роҳҳои имконпазири ҳалли проблема, асоснок кардани онҳо ва интихоби як ё якчанд роҳи ҳал;
- санҷиши таҷрибавии фарзияҳои қабулшуда ва таҳлили маводҳо, сарчашмаҳо барои исботи мазмуни асосии пешниҳодшуда;
- ҷамъбасти натиҷаҳо: ворид намудани донишҳои нав ва маҳоратҳо ба системаи аллакай азхудкардаи хонандагон, мустаҳкам ва истифода кардани онҳо дар назария ва амалия.

Бояд гуфт, ки дар ташкили чунин дарсҳо марҳилаҳои зиёд дар фаъолияти омӯзгору талабагон ба мушоҳида мерасад. Омӯзгор дар назди шогирдон аз рӯйи маводи вазифаи хонагӣ ва дар мустаҳкамкунии маводи омӯхташаванда проблемагузорӣ мекунад, саволу супоришҳои проблемавӣ медиҳад, барои ҳалли вазифаи гузошташуда онҳоро ба фикркунӣ водор месозад, исботи ҳақиқат ва ҳалли вазифаро талаб мекунад, дар сурати баёни андешаҳои нодуруст, пешниҳодҳои мушаххасу аниқро пурсон мешавад, аз супоришу вазифаҳо ҳалҳои бадастовардаро ҷамъбаст намуда, баъзе ноаниқиҳоро нишон медиҳад, барои мукаммалсозии раванди муҳокимаҳои проблемавӣ мисолҳо меорад, бо мақсади мустаҳкам ва ҳифзи донишҳои нав саволҳои навбатӣ манзур менамояд, барои истифода бурда тавонистани донишҳо дар амал ва дигар вазъиятҳои ҳаётӣ машқ ва супоришу вазифаҳо медиҳад ва ниҳоят, муваффақиятҳоро эълон мекунад.

Дар навбати худ, хонандагон низ амалҳои бешеро анҷом медиҳанд: супоришу вазифаро дарк намуда, роҳҳои имконпазири ҳалро меҷӯянд, паҳлуҳои мувофиқи ҳалли вазифаро баён мекунанд, яке аз тарафҳои

оқилонаи ҳалро исбот менамоянд, дар бораи донишҳои нави ҳосилшуда хулосаҳо баровара, онҳоро ҷамъбаст мекунанд. Ҳангоми саҳву хато ё андешаи нодуруст, ҳалли дурусти онро меҷӯянд, мавзуъро васеътар ҷамъбаст ва аз худ мекунанд, донишҳои гирифтаро бо роҳи такрор, хулосабарорӣ, худназоратӣ ва ғайра мустаҳкам мекунанд, бо мақсади истифодабарии донишҳои бадастомада дар дигар вазъиятҳои амалияи таълим, дар ҳаёт ва фаъолияти минбаъда машқу вазифаҳоро шифоҳӣ ё хаттӣ иҷро менамоянд, аз муваффақиятҳо ҳавас пайдо карда, бо майлу рағбат ба ҷустани дониш аз адабиёту маъхазҳо ва дигар манбаъҳои донишдиҳанда (ВАО – маҷаллаю рӯзномаҳо, барномаҳои маърифатии радиою телевизион, интернет, саҳифаҳои фарҳангию маърифатии шабакаҳои иҷтимоӣ) машғул мешаванд.

Барои рашантар намудор гардидани рафти фаъолияти субъектони асосии ҷараёни таълим дар дарси проблемавӣ онро дар чунин шакл нишон додан мумкин аст.

**Ҷадвали 9**

**Фаъолияти омӯзгор ва хонанда**

| | Масъалагузорӣ | | Иҷрои супоришҳо | |
|---|---|---|---|---|
| О М Ӯ З Г О Р | Ба хонандагон вазифаю супоришро дар шакли савол, таҷриба ва ғайра пешниҳод мекунад. | ⟺ | Вазифаю супоришро қабул мекунад ва роҳҳои имконпазири ҳалли онро фаҳмида, аз пайи иҷро мешавад. | Х О Н А Н Д А |
| | Мулоҳизаронии хонандагонро оид ба вазифаю супориши додашуда ташкил мекунад. | ⟺ | Вариантҳои ҳалли имконпазири вазифаю супориши додашударо баён мекунад. | |
| | Исбот намудани дурустии варианти пешниҳошудаи ҳалли вазифаю супоришро талаб менамояд. | ⟺ | Яке аз вариантҳои дурусти ҳалли вазифаю супоришро исбот менамояд. | |
| | Агар фарзияи хонандагон дуруст бошад, пас хоҳиш менамояд, ки аз он оид ба донишҳои нави ҳосилшуда хулосабарорӣ намоянд. | ⟺ | Оид ба донишҳои нави ҳосилшуда ҷамъбаст ва хулосабарорӣ мекунад. | |
| | Ҳангоми фарзияҳои нодуруст, ёфтани ғалатҳоро талаб менамояд, барои ислоҳ ва аниқтар кардани онҳо вазифа мегузорад. | ⟺ | Донишҳои назариявиро истифода бурда, ғалатҳо ва ҳалли дурусти вазифаҳоро меҷӯяд ва ислоҳ мекунад. | |
| | Ҳалли вазифаҳои ҳосилшудаи хонандагонро ҷамъбаст ва муваффақиятҳоро ҳавасманд менамояд, барои мукаммал кардани | ⟺ | Аз рӯйи мавзуъ донишҳои ҷамъбастӣ ва зеҳниро васеътар аз худ менамояд. | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | чараёни муҳокимаҳои проблемавӣ баъзе ноаниқиҳо ишора менамояд. | | | |
| | Ба мақсади мустаҳкам намудани донишҳои нав саволҳо мегузорад. | ⟺ | Донишҳои бадастовардаро бо роҳи такрори хулосабарорӣ, худназоратӣ ва ғайра мустаҳкам мегардонад. | |
| | Барои истифодаи донишҳо дар амал, хусусан дар вазъиятҳои гуногун машқу супоришҳо пешниҳод менамояд. | ⟺ | Бо истифода аз донишҳои ҳосилшуда вазифаҳои гуногунро ҳал ва машқу супоришҳоро иҷро менамояд. | |

Тавре ки дар ҷадвал омадааст, фаъолияти хонанда зимни таълими проблемавӣ якчанд марҳиларо тай мекунад: дидани проблема ва тасвияи он; таҳлили шароит ва ҳамчун натиҷа – ҷудонамоии маълумҳо ва номаълумҳо; пешбарии фарзияҳо ва интихоби нақшаи ҳал; баамалбарории нақшаи ҳал, ҷустуҷӯи тарзҳои санҷиши дурустии амал ва натиҷаҳои ҳалли баамалбароварда. Омӯзгор дар ҳар як марҳила вазифаи роҳбар ва ташкилотчии омӯзишро иҷро мекунад. Дар ташкили вазъияти проблемавӣ, мураккаб ва ё осон гардонидани он, ташаккули тафаккур ва боло бурдани ҳисси кунҷковии шогирдон саҳми муҳим мегузорад.

Аз ин бармеояд, ки нақши таълими проблемавӣ дар фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ, алалхусус дар ташаккули тафаккури ҷустуҷӯии хонандагон бузург аст.

Ҷойи таъкид аст, ки дар баробари усули таълими проблемавӣ, ҳамчунин, таълими алгоритмӣ, таълими эвристикӣ, таълими таҳқиқотӣ, усули мушоҳида ва истифодаи онҳо низ барои фаъолкунонии фаъолияти маърифатии хонандагон хидмат мерасонанд. Лекин ҳар яки ин усулҳои номбаршуда сохт ва ташкили махсуси дарсро талаб менамояд, зеро онҳо тарзҳои гуногуни расонидани иттилоот ва маълумотҳои таълимиро ба хонанда доранд. Аз ин рӯ, ба хотири дар дарсҳо фаъол гардонидани шогирдон моҳирона истифода бурдани дилхоҳ усулҳои таълими зикршуда шарт ва мувофиқи мақсад мебошад.

Ба ташаккули бобарори дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнии талабагон ташкил намудани вазъияти проблемавӣ дар дарс мусоидат менамояд. Дарсро

бо гузориши проблемаи муайян оғоз намудан, аз аввал диққати шогирдонро ба мавод ва нуктаҳои асосии он ҷалб намудан ва ба василаи ин дар хотир пойдор мондани донишҳои ҳосилшуда аз муваффақияти фаъолияти педагогӣ дарак медиҳад. Гузориши проблема хонандагонро ба андеша ва фикру мулоҳиза кардан водор менамояд, хоҳиши таҳлилу таҳқиқ намудани масъалаҳоро ба вуҷуд меорад, онҳоро ба ошкор кардани алоқаҳои сабабу натиҷаҳо ва қонуниятҳои объект ё ҳодисаҳо ҷалб менамояд.

Хонандагон далелҳои овардаи омӯзгорро фаъолона аз худ менамоянд ва мекӯшанд, то ба моҳияти фикру андешаҳое, ки дар илм атрофи проблемаи мазкур «гарму ҷӯшон» баён мешуданд, сарфаҳм раванд. Ин ҷо муҳим хонандагонро бовар кунонидан аст, ки маърифати объект ё ҳодиса ҳанӯз ҳам ба итмом нарасидааст, ҳамчунин, саволҳое мавҷуданд, ки илм то ҳол ба онҳо ҷавоб надодааст. Ин муносибати дурустро ба илм талқин мекунад. Талабагон ба илм нигаристанро, чун ба ғуншавии кадом як ҳақиқати ғайризаминӣ, бас мекунанд. Ба ҷуз ин, дар хонандагон фикрҳои зиёде, мисли: «Кош ин супоришро ман ҳал кунам», «Кош ёфтани ин сир ба ман муяссар гардад» ва ғайра пайдо мешаванд.  Ин ҳама кӯшиши дар ин самт кор карданро ба вуҷуд меорад.

Тазаккур бояд дод, ки фаъолияти маърифатии хатмкунандагонро фаро гирифтани донишу маълумотҳои таълимии нав ва дар ин замина хусусияти навгонӣ касб намудани салоҳиятҳои зеҳнии онҳо аҳаммияти бузург дорад. Дар дарс бояд аз навгониҳо, иттилооти тоза ва ҳамзамон, аз пешравиҳои ҷомеа ва комёбию дастовардҳои илм гуфта шавад. Дар он сурат назару ақидаҳо ва эътиқоди шогирдон дигар шуда, муносибат ба дарс, фанни таълимӣ ва ниҳоят, ба омӯзгор бештару беҳтар мегардад. Барои ҳалли проблемаи гузошташуда дар дарс, на танҳо мавҷудияти дониш, балки тафаккури эҷодию созанда низ муҳим аст, зеро он хонандагонро ба муқоиса ва ошкор намудани шабоҳат ё фарқ, яъне ҷустуҷӯи таҳқиқотӣ водор месозад.

Мусаллам аст, ки дар дарс танҳо омӯзгор проблемагузорӣ мекунад ва шогирдон ба он роҳҳои ҳал меҷӯянд, аммо «... бояд хонандагонро ба

гузориши мустақилонаи проблема омода кард» [243, с.158]. Мо низ тавсия медиҳем, ки ба шогирдон бештар мустақилият дода, ба онҳо тарзи гузоштани саволҳои проблемавӣ, чӣ тавр, бо кадом усули омӯзиш ҷустани роҳҳои дурусти ҳалли проблема, ҳосилнамоии донишҳои нав ва ба ин васила васеъ намудани доираи ҷаҳонбинии илмиро ёд додан зарур аст.

Чунон ки маълум гардид, таълими проблемавӣ нозукиҳои зиёд дорад ва коргирӣ аз он маҳорати баландро талаб менамояд. Дар такя ба назарҳои илмию тавсияҳои олимону муҳаққиқон ва таҷрибаи педагогии бисёрсолаамон агар омодагӣ ба дарс, махсусан ба дарси проблемавӣ каме барвақт – аз тасвияи номи мавзуъ оғоз гардад, сифату пурмазмунии он таъмин мешавад.

Мавзуъ бояд ҳатман проблемаро дар бар гирад, ҷиҳатҳои номуайяну норавшан дошта бошад, вагарна барои пешниҳоди нуқтаҳои назари гуногун чизе асос шуда наметавонад.

Проблемагузорӣ метавонад дорои ҳам хусусияти ботинӣ, пурмазмун ва ҳам зоҳирӣ, рӯякӣ бошад. Бояд чунон омӯзонем, ки ҳатто дар ибораҳои муқаррарию маъмулӣ низ проблеманокӣ дида шавад. Барои мисол, аз фанни забони тоҷикӣ муаллим пеш аз баёни мавзуи «Маълумот дар бораи ҷумлаҳои нопурра» бояд диққати шогирдонро ба он равона созад, ки чаро мавзуъ чунин номгузорӣ шудааст. Худи номи мавзуъ аллакай ихтилофи муайян, яъне проблемаро дар бар мегирад, зеро ба ҷумла чунин қоида ва тавзеҳ медиҳанд: «ҷумла як фикри томро ифода мекунад». Модоме чунин бошад, оё дар бораи «ҷумлаҳои нопурра» сухан гуфтан дуруст меояд? Ё дар ин нопуррагӣ, нотамомӣ ягон хел маънии лингвистӣ дида мешавад?

Дар тасвияи мавзуи «Хусусиятҳои лирикаи Саъдӣ Шерозӣ» бошад, мафҳуми «хусусиятҳо» муҳим ва аҳамиятнок аст. Аллакай ин хонандагонро ба чунин намудҳои фаъолияти зеҳнӣ, ба монанди: муқоиса, таҳлил ва исбот, ки ҷанбаҳои калидии таълими проблемавӣ мебошанд, равона месозад. Лекин гузориши мақсади проблемавӣ метавонад, ҳамчунин, ба воситаи тарафҳои зоҳирӣ, шаклӣ низ ташкил карда шавад: муаллим дар оғози дарс тасвияи мавзуи дарсро дидаю диниста, ба қавле қасдан партофта мегузарад, онро

намегӯяд, диққати хонандагонро ба он ҷалб мекунад, ки дар анҷоми дарс онҳо бояд худашон номи мавзуъро гӯянд ё ба он ном ниҳанд. Аз ҷониби хонандагон дуруст муайян намудани мавзуъ барои омӯзгор баҳои самаранокии дарси гузаронидааш мебошад. Дар чунин ҳолат хонандагон ва муаллим масъулиятро барои муваффақиятҳо ва нобарориҳои раванди маърифатӣ тақсим мекунанд.

Ё аз фанни таърихи умумӣ баёни мавзуи «Низоъҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI. Проблемаи терроризм»-ро метавон бо проблемагузорӣ оғоз кард. Бо гуфтани «…Ҳангоми ба низоъ кашидани ягон давлат талафоти ҷонӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва экологӣ медиҳад» ва ё ин ҷо масъалаи «терроризм ва шаклҳои зуҳури он»-ро шарҳ надода, метавон шогирдонро ба андеша водор кард. Муаллим ҳамаро ба баҳс кашида, тарзе бояд проблемагузорӣ кунад, ки атрофи масъалаҳои низоъ ва терроризм, сабабу оқибатҳо, роҳҳои пешгирӣ ва ҳалли онҳо ақидаҳо иброз шаванд.

Ҳамин тавр, шогирдон аз ибтидои баёни мавзуи нав то интиҳои он ва ҳатто дар лаҳзаҳои ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии маводи таълимӣ саргарми фикрронӣ шуда, бо ин васила тафаккури эҷоди андешаашон ривоҷ меёбад.

Имрӯз ба талаботи дарси муосир истифодаи таълими проблемавӣ, ки маҳорату малакаҳо, қобилият ва тафаккури ҷустуҷӯии хонандагонро инкишоф медиҳад, мусоидат мекунад. Таълими проблемавӣ шакли татбиқи ихтилофҳои маърифатӣ буда, барои иҷрои вазифаҳои маърифатӣ, ҷустуҷӯӣ, роҳҳои ҳалли масъалаҳои ихтилофнок ва баҳсангез истифода бурда мешавад. Он тавассути аз ҷониби омӯзгор ба вуҷуд овардану тезонидани вазъиятҳои проблемавӣ иҷро мегардад. «Вазъияти проблемавӣ ин вазифаи маърифатиест, ки ихтилофнокии байни донишҳо, маҳоратҳо, муносибатҳои хонандагон ва талаботи гузошташударо ифода мекунад. Аҳаммияти вазифаи маърифатӣ дар он аст, ки он аз хонандагон кӯшиши ҷустуҷӯи мустақилонаи ҳалли вазифаҳоро бо роҳи таҳлили шароитҳо ва истифодаи донишҳояшон талаб мекунад» [293, с.206]. Вазифаи маърифатӣ фаъолнокиро талаб намуда, барои

омӯзиши маводи таълимӣ ва фарогирии мафҳуму қонунҳо, усулҳо ва тарзҳои фаъолият роҳ мекушоянд.

Хонандагон тавассути ташкили вазъиятҳои проблемавӣ вобаста ба мазмуни мавзуи мавриди назар бо ҳаёт дар иртибот мешаванд. Вазъиятҳои проблемавӣ, ки дар таълими проблемавӣ ва таълими ахбордиҳандаю шарҳдиҳанда ба миён меоянд, ҳам аз рӯйи мазмун, шакл ва ҳам аз рӯйи дараҷаи зоҳиршавӣ ва ҷалбнамоӣ фарқ карда мешаванд. Аз ин рӯ, дараҷаи азхудкунӣ ва механизми амали вазифаҳои маърифатӣ, саволу масъалаҳои самаранок, ки вазифаҳои ҷустуҷӯӣ, машқҳои проблемавиро пешакӣ огаҳ месозанд, гуногунанд. Дар таълими ғайрипроблемавӣ бошад, дар асоси фаҳмидани вазифаю супоришҳо, идроки маълумоти «тайёр» ва иҷрои супоришҳои дорои хусусияти тазаккур таълим ҷараён мегирад.

Яке аз ҷиҳатҳои пуртаъсири таълими проблемавӣ дар он зоҳир мешавад, ки ҷустану дарёфти донишҳои зарурӣ ва ба таври проблемавӣ ифода кардани онҳо ба миён меояд.

Тавре ишора шудааст: «Ба ӯ донишро дар шакли тайёр намедиҳанд, балки дар наздаш проблема мегузоранд. Талаба бояд худаш мустақилона ҳал намуда, ба қуллаи дониш бирасад. Ҳаракати фикри талаба барои кушодани ҳақиқати ҳол дар шакли сода бошад ҳам, ба роҳи таълим нигаронда шудааст: фикрронии (таҳлил) проблема, баёни андешаҳои худ дар хусуси алоқаю вобастагии воқеаҳо (гузориши фарзия), санҷиши он бо роҳи озмоиш, мушоҳида, муҳокима, исбот, ба шакл даровардани хулосаҳо, ахборот ва ҳимояи он» [176, с.101]. Мо низ ба ин ақида пурра мувофиқем. Зеро дар тули тамоми давраи таҳқиқот зимни таҳлил ва мушоҳидаҳои дарсҳо шоҳиди он шудем, ки аксари муаллимон ба шогирдон донишро дар шакли тайёр бо усули догматикӣ медиҳанд ва ҳамон тавр низ аз онҳо дониш талаб мекунанд; на нақлу суханҳои берун аз гуфтаҳои муаллим, на иловаҳои дигар ва на ҷамъбасту на хулоса баровардан ба мушоҳида мерасад.

Дар дарсҳои омӯзгорони пуртаҷриба унсурҳои таълими проблемавиро басо кам мушоҳида мекардем ва онҳо дар шакли бисёр одиву сода буданд.

Чунончи: ИҶШС кай барҳам хӯрд? Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кадом кишварҳо ҳамсарҳад аст? (аз таърих); Эъломияи ҳуқуқи башар кай тасдиқ шудааст? Киҳо ба гурӯҳи ашхоси имконияташон маҳдуд шомил мешаванд? (аз ҳуқуқи инсон); А. Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро ба кӣ бахшидааст? (аз адабиёти тоҷик) ва ҳамин гуна саволҳои дигар дода мешуданд. Дар сатҳи хонандагони синфҳои болоӣ, ки зинаи ниҳоии таҳсилоти миёнаи умумиро хатм мекунанд, ҷавоб додан ба чунин саволҳо, ки ҷойи фикр кардан ҳам надорад, дуруст намеояд ва низ қобили қабул нест.

Бо вуҷуди ин ҳама ҳолатҳои ногувор, ғайрифаъолии хонандагон баръало мушоҳида мегардид, ки аз рӯякию сатҳӣ ва умуман, бо усули догматикӣ дониш гирифтан, хуллас, онҳоро ба ин дараҷа оварда расонидани омӯзгорони синфҳои поёнӣ ва ҳам болоӣ далолат медиҳад. Ҳатто дар сурати масъалагузорӣ низ аксаран худи муаллим якҷониба онро то андозае ҳал мекард, ки чунин тарзи кор барои бедор ва ба ҳаракат даровардани тафаккури талаба таъсире намегузорад.

Ё мушоҳидаи ҳолати дигар, саволу ҷавоб миёни худи хонандагонро барои тасдиқ меорем. Дар дарси Бақоева М., муаллимаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 58, ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз фанни адабиёти тоҷик дар синфҳои 11, ки шумораашон 41 нафар буд, иштирок намудем. Дар пурсиши вазифаи хонагӣ «Модарнома»-и Лоиқ Шералӣ, ки 5-6 нафар, аксаран духтарон фаъолӣ нишон доданд, шоҳиди чунин ҳол гаштем. Шеърро бисёр саросема қироат мекарданд, мазмун ва аҳаммияти он хуб таҳлил наёфт. Хонандагони нишаста ба онҳо саволҳои зиёд, аммо бисёр содаю сабук – Ин шеър ба кӣ бахшида шудааст?, Лоиқ Шералӣ кай таваллуд ёфтааст?, Кадом асарҳои Лоиқро медонӣ? ва амсоли ин медоданд, ки ҷавобҳо низ кутоҳ буданд. Муаллима ҳам ба ин эътиборе намедод ва ба назар мерасид, ки аз чунин «фаъолӣ»-и шогирдон қаноатманд аст.

Ҳангоми суҳбат бо хонандагон баъди анҷоми дарс аз назарияи адабиёт пурсон шудем, ки он дар мавзуъҳои ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии шоир пешбинишуда дида мешавад ва ба мавзуъ дахл дорад (назарияи адабиёт

дар дохили матни мавзуъ ва ҳам шарҳи онҳо дар поваракҳо дода шудааст), ягон ҷавоб ва маълумоте нагирифтем. Ҳол он ки муаллима метавонист, ки диққати шогирдонро ба омӯзиши назарияи адабиёт ҷалб намояд ва аз рӯйи он низ саволу ҷавоб ташкил кунад.

Таълими проблемавӣ яке аз намудҳои таълим буда, ташкили чунин шартҳои фаъолияти таълимиро тақозо менамояд, ки хонандаро барои азхудкунии донишҳо, тарзҳои фаъолияти ҷустуҷӯӣ, эҷодӣ ва иҷрои талаботи принсипҳои дидактикӣ, махсусан принсипи шуурнокӣ ва фаъолнокӣ дар таълим водор месозад.

Ин таълим, ки аз хонандагон ҳалли дурусту мақсадноки вазифаҳои маърифатиро тақозо дорад, асосан дар намуди вазифаҳои ҷустуҷӯӣ ва масъалаҳои самарабахш ба роҳ монда мешавад.

Дар ташкили таълими проблемавӣ аз ҷониби хонандагон барои ҳалли супоришу вазифаҳои маърифатӣ анҷом додани амалҳои зиёд пешниҳод карда мешавад. Мо дар кори таҳқиқотиамон тарзҳои иҷрои даҳ унсурҳои таркибии ҳалро нишон додем, ба монанди:

1. Дарёфти ихтилофҳо, номувофиқиҳо ва лаҳзаҳои номаълум дар омӯзиши маводи баррасишаванда, онҳоро ҳамчун мушкилӣ фаҳмидан, кӯшиш намудан барои рафъи онҳо, тасвият ё тартиб додани вазифаҳои ҷустуҷӯӣ;

2. Таҳлили шартҳои вазифа, муқаррарнамоии вобастагиҳо миёни маълумотҳои додашуда, миёни шартҳо ва саволу масъалаҳо;

3. Ба қисмҳо ҷудо намудани вазифаи асосӣ ба зервазифаҳо ва тартиб додани нақшаи ҳалли он;

4. Дар ҳолати воқеӣ истифодаи донишҳои зеҳнӣ ва тарзҳои фаъолият ё азхудкунии донишҳои нокифоя ва мувофиқ кардани онҳо бо мазмуни вазифаҳои ҳалшаванда;

5. Пешниҳоди фарзияҳо;

6. Интихоби тарзҳои оқилонаи амалҳо;

7. Иҷрои системаи амалҳои барои ҳалли вазифаҳо нигаронидашуда;

8. Санҷиши ҳалҳои вазифаю масъалаҳо;

9. Мушаххас гардонидани натиҷаҳои бадастомада;

10. Муқаррар намудани алоқаи натиҷаҳои ҳосилшуда бо ақидаҳои назариявӣ ва қонунҳои илмӣ.

Пайдарпайии баъзеи унсурҳо метавонад тағйир ёбад, унсурҳои аз онҳо ҷудо метавонанд баробар иҷро карда шаванд ё аз байн раванд. Ҳангоми ҳалли вазифаҳои мушаххас хонандагон бештар ба иҷрои мустақилонаи танҳо унсурҳои алоҳида ҷалб мешаванд. Муҳим аст, ки хонандагон зимни ҳалли маҷмуи вазифаҳои ҷустуҷӯӣ малакаҳои мустаҳками иҷрои мустақилонаи ҳамаи унсурҳои ҳалро ба таври кофӣ ҳосил намоянд.

Ба тарзҳои иҷрои унсурҳои камтар таҳқиқшудаи таълими проблемавӣ диққати махсус дода шудааст, ки онҳо алоқамананд бо:

- мустақилона ошкор намудан ва аз ҷониби хонандагон тасвияти проблемаҳо ва вазифаҳои ҷустуҷӯӣ;

- мушаххассозии натиҷаҳои ҳосилшуда ва муқаррар намудани алоқаи онҳо бо ҳалли минбаъдаи проблемаҳои зарурӣ.

Аз ҷониби талабаҳо ҳалли масъалаҳои самарабахшу маърифатӣ ва вазифаҳои ҷустуҷӯии дар шакли тайёр пешниҳодшуда ҳанӯз мақсадҳои инкишофи мустақилнокии маърифатии онҳоро иҷро намекунад. Дар ин самт агар омилҳои фаъолияти самарабахш вуҷуд надошта бошад, хонандагони пешқадам низ дар ҷустани роҳҳои ҳалли вазифаҳои пешниҳодгардида ташаббус нишон надода, аз мустақилию фаъолмандӣ мемонанд.

Дараҷаҳои олии фаъолмандии маърифатӣ ва мустақилият на танҳо ба маҳорати ҳал намудани вазифаҳои гузошташуда алоқамананд, балки ба маҳорати мустақилона дарки ҳалли проблемаҳои зарурӣ ва тартиб додани вазифаҳои мушаххаси маърифатӣ низ иртибот доранд.

Сабабҳои рӯйдоду воқеаҳо ва ҳодисаҳои оламро ҳамаҷониба таҳлил намуда, баҳои воқеӣ додан ва бо назари проблемавӣ хулоса баровардан яке аз хусусиятҳои муҳим ва асосии тафаккури эҷодӣ мебошад. Тафаккури эҷодӣ, ки барои толибилмон ниҳоят муҳим аст, асосан, ба азхудкунии маҷмуи зарурии донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо ва қобилиятҳо вобаста мебошад. Ин ҳама дар

раванди таълим ба малакаҳои таҳлили проблемавӣ роҳ кушода, барои дигар фаъолиятҳои зеҳнӣ мусоидат менамояд.

Азбаски шакли аз ҳама умумии мантиқии ифодаи проблемаи маърифатӣ, ки моҳияти ихтилофҳои онро ташкил медиҳад, савол мебошад (зимнан ин шакл ба хонандагон хуб шинос аст), пас тарзи пешбарандаи инкишофи малакаҳои таҳлили проблемавӣ барои мустақилона гузоштани саволҳо майлу хоҳиш мебошад. Бисёри тарзҳои дигари коркарди зеҳнии маводи таълимӣ аз рӯйи моҳияту мазмуннокӣ (таҳлили танқидӣ ва баҳо додан ба мазмуну мундариҷа ва ғайра) барои гузоштани савол мувофиқат мекунанд. Масалан, пешакӣ фаҳмидани нақша ва мазмуни маводи омӯхташаванда натиҷаи тобондани саволи пайдошударо ифода мекунад, ки он тартиб дода намешавад, вале баъди вазъиятро дарк кардан фавран савол пайдо мешавад ва ҷавоб низ тартиб дода мешавад.

Бояд гуфт, ки дар ҷараёни дарс савол гузоштан, саволро печу тоб додан, онро бо ҳар тарз баён намудан донишу маҳоратро талаб менамояд ва он аҳаммияти бузург дошта, чигунагии ҷавоб ҳам ба талаботи саволи матраҳшуда вобаста мебошад.

Ҳамаи саволҳои пайдошудаи хонандагонро метавон ба чор гурӯҳи хос ҷудо кард:

1. Саволҳое, ки аз норасоӣ дар донишҳо ба миён меоянд ва барои мукаммалии онҳо манзур карда мешаванд (саволҳои пурракунанда);

2. Саволҳое, ки аз идроки нодуруст ва нокифоя пайдо шуда, барои фаҳмидани маводи хондашуда ё шунида пешниҳод мегарданд (саволҳои аниқкунанда);

3. Саволҳое, ки барои бадастории маълумоти иловагӣ дар «шакли тайёр» омода карда мешаванд (саволҳои иттилоотӣ);

4. Саволҳое, ки барои бадастории донишҳо тавассути фаъолияти шахсии ҷустуҷӯӣ нигаронида мешаванд (саволҳои эвристикӣ).

Аз ин бармеояд, ки саволҳо низ вобаста ба хусусияташон дар пурраю мукаммалкунии донишҳо, идроку фаҳмидани маводи таълимӣ, бадастории

маълумоти иловагӣ, фаъолият ва тафаккури ҷустуҷӯӣ аҳаммияти бағоят калон доранд.

Мушоҳидаҳо ва озмоишҳо нишон доданд, ки хонандагон саволҳоро мантиқан озод медонанд, вале истифодаи онҳоро ҳамчун воситаи коркарди фаъоли зеҳнии мавод ёд нагирифтаанд. Хусусият ва миқдори саволҳои пайдошудаи онҳо имкон медиҳанд, ки дар бораи дараҷаи инкишофи малакаҳои таҳлили проблемавӣ дар дарсҳои таърих, ҳуқуқ ва забону адабиёт фикру мулоҳиза кунем.

Бояд гуфт, ки донишу маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагонро тариқи проблемагузорӣ бо тасвияи баробару ҳамвор кардани саволҳо низ инкишоф додан мумкин аст.

Мусаллам аст, ки дар дарс саволдиҳию ҷавобгардонӣ ба он аз ду ҷониб – омӯзгор ва хонандагон низ сурат мегирад. Бинобар ин, чунин хели саволҳоро ҷудо кардан мумкин аст: а) саволҳои омӯзгор ба хонандагон; б) саволҳои хонандагон ба омӯзгор; в) саволҳои хонанда ба хонанда ва аҳли синф. Албатта, саволҳо аз рӯйи мақсад, моҳият, хусусият ва сохт аз ҳам фарқ дошта, таҳия ва тарзи пешниҳоди онҳо ба донишу маҳорати саволдиҳанда вобаста аст.

Кӯшиш бояд кард, ки саволҳои манзуршаванда илмӣ ва ҳамзамон, фаҳмо бошанд. Савол бояд тарзе гузошта шавад, ки дар асоси он хонандагон ба худашон якчанд саволҳои ҷузъӣ гузоранд. Ин хонандагонро водор месозад, ки бо роҳи гузориши мустақилонаи як қатор саволҳои ҷузъӣ ба мақсади ҷустуҷӯи ҷавобҳое, ки маводро мураттаб месозанд, ҷавоби дуруст тартиб диҳанд, барои худашон тарзи усулан нави натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ кунанд ва ниҳоят, барояшон натиҷаи маърифатӣ ба даст биёранд. Ҳамин тариқ, саволе, ки омӯзгор мегузорад, бояд барои хонанда, воқеан, проблемавӣ бошад. Ҷавоби маълуми қаблан тайёр надошта бошад ва саъй намояд, то худаш ба саволҳо ҷавобҳои дурусти мантиқӣ дода, захираи луғавӣ ва зеҳнашро ғанӣ гардонад.

Зимни баррасии мавод, одатан, дар сурати нарасидани қудрату тавони хонандае ба муқаррар, ошкор ва ҷудо сохтани кулли нуктаю аломатҳои монанд ва тафовути ҳодисаҳои қиёсшаванда, омӯзгор моҳирона дигаронро ҷалб ва аз онҳо талаб мекунад, ки аломатҳои асосии масъалаи омӯхташавандаро ҷудо ва зикр намоянд. Бо ёрии саволҳои силсилавӣ ва пайиҳами ботартиб хонандагон моҳияти ҳодисаҳо ва диалектикаи онро муқаррар месозанд. Умуман, аз хулосаҳои ҳосилшуда хонандагон метавонанд дар амалияи таълим, фаъолияти имрӯзаю минбаъдаи таълимӣ ва иҷтимоию меҳнатӣ истифода баранд.

Саволҳо бояд ба ошкор намудани интегратсияи сабабу натиҷаҳои ҳодисаҳо, воқеаҳо, ашё, ҷараёнҳо (масалан, ғалабаи инқилоби октябр дар Россия ва натиҷаҳои он, барпо гардидани Ҳокимияти Шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ) нигаронида шуда бошанд. Барои ин саволҳои ба асоснок намудани ин ё он ақидаҳо, фикру андешаҳо, мазмуни асосии назариявӣ ва исботкунӣ матраҳшуда хидмат мерасонанд. Ба ин саволи «Аҳаммияти Ғалабаи инқилоби октябр дар Россия ва таъсиси Ҳокимияти Шуравиро бо далелҳо фаҳмонед» мисол шуда метавонад.

Чунин саволҳо аксариятро ба мулоҳизаҳои худро баён кардан, ҳатто хонандагони сустхон ва ғайрифаъолро водор месозанд. Ҳар нафар андеша иброз намуда, барои исбот далелҳо меорад.

Дар озмоиши таълимӣ, ки системаи кор бо саволҳо ва вазифаҳоро дар бар мегирифт, мо асосан ба саволу супоришҳои дар доираи мундариҷаи мавзуъҳои дар китобҳои дарсӣ таҳияшуда назар карда, бо хонандагони синфҳои озмоишӣ кор бурдем. Дар натиҷа маҳорату малакаҳои таҳлили проблемавӣ ва қобилиятҳои эҷодии онҳо то ба дараҷае инкишоф ёфтанд. Миқдори миёнаи саволҳои аз ҷониби хонандагон тартибдодашуда дар синфҳои озмоишӣ анқариб ба чор маротиба афзуд, дар синфҳои назоратӣ бошад, танҳо ба якуним маротиба зиёд шуду халос.

Дар хусуси намудҳои таълим сухан ронда, наметавон тавсифи моҳият ва вижагиҳои таълими барномавиро, ки ба ҷараёнгирии амалҳои мураттаби ду ҷониб – омӯзгору хонандагон мусоидат мекунад, дар канор гузошт.

Дар баробари пешравиҳои тадрис ва шарту дархости дарси муосир роҳҳои нави омӯзиш, аз ҷумла таълими барномавӣ, ки барои боз ҳам самараноктар ба роҳ мондани фаъолияти талабагон пешбинӣ шудааст, ба вуҷуд меояд. Таълими барномавӣ, ки пешакӣ ба қолаби муайян дароварда мешавад, дар азхудкунӣ ва баланд бардоштани сифати донишҳо нақши бузург дошта, барои ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад.

Бояд маводи барномавии гуногун омода карда шавад, ки талабагон аз рӯйи он ба таври инфиродӣ ва мустақилона кор карда тавонанд. Барои беҳтару хушсифат гардонидани фаъолияти таълимӣ, маҳз бо роҳи осону қулай амиқтар фаҳмидани мазмуни маводи омӯзишӣ бояд барномаҳои хуб пешкаш гардад. Бо чунин тарзи таълим, ба андешаи мо, омӯзиши сатҳию догматикӣ аз байн рафта, имкони ба роҳ мондани таълими рушддиҳанда фароҳам меояд.

Зимни омодасозии вазифаҳою супоришҳо тарзи идора намудани фаъолияти таълимии хонандагон низ бояд ба назар гирифта шавад, зеро идора, роҳбарӣ ва назорат аз болои кори шогирдон муҳимтар аз ҳама аст.

Ба ин мақсад чунин тадбирҳо ҷорӣ карда мешаванд:

*1. Низоми фаъолияти хонандагон.* Ин низоми нишондодҳоест, ки тарзҳои ҳалли масъалаю супоришҳо аз рӯйи он сурат мегирад. Баъзан ин нишондодҳо метавонанд хусусияти алгоритмӣ, яъне дастури қатъии пайдарҳамии амалиёт дошта бошанд. Тартиби чунин сохт аз мазмуну муҳтавои маводи таълимӣ, мақсади азхудкунии маводи мазкур ва ниҳоят, аз дараҷаи омодагии хонандагон ба омӯхтану дарки мазмун вобаста мебошад.

*2. Низоми таҳким зимни ҳалли масъалаҳо.* Ба туфайли ин хонанда имконият дорад назорат намояд, ки ҳамин амалиётро то чӣ андоза ӯ дуруст иҷро кардааст. Дар мавриди амалиёти нодуруст ба талабагон шарҳу эзоҳ ва дастурҳои зарурӣ дода шуда, тавассути истифодаи дигар тарзу усул ба ӯ кумак расонида мешавад.

Хуллас, истифодаи таълими барномавӣ барои идораи раванди корҳои мустақилонаи хонандагон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Дар баъзе таҳқиқотҳо ва осори илмии олимони соҳаи педагогика В.И. Смирнов, Л.Н. Ланда, И.Т. Огородников, С.Г. Шаповаленко, Т.А. Илина, Х. Буйдоқов, М. Лутфуллозода ва дигарон таълими барномавӣ ҳамчун як шакли ташкили кори мустақилона дониста мешавад. Гарчанде чунин фаҳмиш, шояд соҳаи таълими барномавиро як андоза маҳдуд созад, вале бо вуҷуди ин, дар он ягон хусусиятҳои асосӣ дида мешавад.

Шакли аз ҳама қулайи ташкили корҳои мустақилона вазифаҳои таълими барномавӣ маҳсуб меёбанд, ки тамоми мазмуну муҳтавои маводи таълимии ин ё он мавзуъро фаро мегиранд (мафҳумҳои асосӣ, қонунҳои илмӣ, таърифҳо, қоидаҳо, тарзу усулҳои ҳалли вазифаю супоришҳо, машқҳои мустақилона ва ғайра шомил карда мешаванд).

Санҷиши махсус ташкилкардаи мо самаранокии ин вазифаю супоришҳоро, ки хонандагон шифоҳӣ ва тавассути корҳои хаттии санҷишӣ иҷро намуданд, нишон дод. Онҳо дар давоми ду-се ҳафта тибқи вазифаю амалҳои барномавӣ бо мавзуъҳои дарсӣ кор гирифта, натиҷаҳои хуб ба даст оварданд. Вале хонандагони дигар, ки зери роҳбарии бевоситаи омӯзгор муддатҳои тулонӣ таълим мегирифтанд, дертар ба натиҷаҳо ноил шуданд.

Ин маънои онро дорад, ки дар таълими барномавӣ вақт сарфа шуда, омӯзгор ва ҳам хонандагон барои дигар амалҳоро дар рафти дарс иҷро намудан, имконияти бештар пайдо мекунанд, дар ҳоле ки теъдоди хонандагон дар синфҳо аз меъёр зиёд асту на бо ҳамаи онҳо дуруст кор бурда мешавад.

Умуман, таълим, дар кадом шакле набошад, омӯзгорро водор месозад, ки барои ташкили самараноки дарс методи мувофиқро интихоб намояд. Ӯ бояд донад, ки ба шогирдон кадом нуктаҳои асосии мавод муҳимтаранд ва онҳо аз ин мавзуъ чиро барои худ бояд гиранд ва ғайра. Вале дар асл аксаран аз таълим танҳо чунин натиҷаро интизоранд: «хонандагон бояд маводро хуб донанд». Аммо, танҳо донистани мавод ин ҳанӯз азхудкунӣ ва ба даст омадани натиҷаи дилхоҳро нишон намедиҳад.

Ҷомеаи муосир аз таълим натиҷаҳои дигарро мунтазир буда, маҳз аз хатмкунанда – гирандаи маълумоти миёнаи умумӣ донишҳои амиқ, доираи ҷаҳонбинии илмии васеъ, тафаккуру қобилиятҳои эҷодӣ ва маҳорати таҳлилу хулоса бароварданро тақозо менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагон муҳим аст. Маҳз дар назди хатмкунандагон масъалаҳое гузоштан даркор, ки ба ташаккули донишу ҷаҳонбинии илмии онҳо таъсири мусбат расонанд. Албатта, вижагиҳои синнусолӣ, психологӣ ва тамоюли имконпазири воқеии таълимии онҳоро дониста, пешниҳод намудани вазифаю супоришҳои маърифатӣ ва ҳалли дурусти онҳо фаъолиятро бомуваффақият мегардонад.

Яке аз камбудию иштибоҳҳои омӯзгорон низ дар ҳамин аст, ки зимни баррасии маводи таълимӣ он паҳлуҳо ва хусусиятҳоро, ки ошкор ва таҳлил намудани онҳо донишу маҳорат ва малакаҳоро ташаккул медиҳад, ба таври кофӣ ба назар намегиранд. Чунин тарзи муносибат ва амал дар фаъолияти педагогии омӯзгорони мактабҳои таҳқиқшуда зиёд ба чашм мерасид.

Аз ин хотир, намудҳои фаъолиятро вобаста ба мақсадҳои истифодаи донишҳо таснифот менамоем, ки барои хонандагон аҳаммияти бузург дорад.

Мо, аз ин нуқтаи назар, се шакли аз ҳама муҳимтари фаъолияти талабагонро дар раванди таълим ҷудо кардем:

1. Дарёфти объекти омӯзиш (аз таърих, география, ҳуқуқ, забону адабиёт ва ғайра) ё унсурҳои алоҳидаи он.

2. Таҷдиди донишҳо оид ба омӯзиши объекти қаблан идрокшуда.

3. Мураттабии донишҳои нав ё хулосаҳо оид ба объекти омӯхташаванда (тартиб додани ҷавобҳо, тарҳу нақша, ҷадвалҳо ва ғайра).

Мақсади азхудкунӣ шакли омӯзиш ва тарзи ҳифзи донишҳоро муайян менамояд, то ки истифодаи донишҳо дар ин ё он фаъолият осонтар гардад.

Дар фаъолияти таълимӣ гурӯҳи зиёди маҳоратҳо мавҷуданд, ки ба принсипи дарки зуҳуроту ҳодисот асос ёфтаанд. Агар омӯзгор дар хонандагон маҳорати дарёфтани объектҳоро дар заминаи ҳамин қоидаҳо ташаккул диҳад,

он гоҳ бояд ба онҳо пайдарҳамии муҳимми амалиётҳоро низ, ки онро алгоритми идрок меноманд, нишон диҳад.

Омӯзгор бояд чунин мақсад гузорад: ба хонандагон на танҳо фаҳмидан, балки ташкил ва тартиб додани ягон хел объектро низ омӯзонад ва ҳангоми баррасии мавод ӯ набояд ба тавсифи он, ки объекти мазкур чӣ тавр таҳлил карда мешавад, маҳдуд шавад; як системаи муайянро ҳамчун дастур бояд ҷорӣ кунад, ки тибқи он хонандагон мустақилона амал ва вазифаҳоро ҳал намоянд.

Мусаллам аст, ки бидуни нақша дарс гузаштан ва бо маводи калон кор гирифтан, хусусан дар синфҳои болоӣ, боиси аз даст додани вақти зиёдатӣ ва коҳиш ёфтани таъсири як силсила фаъолият мегардад. Бо чунин ҳолат – тақсимоти нодурусти вақт, самаранок истифода бурда натавонистани лаҳзаҳои дарс ва ғайра дар таълими муқаррарии бебарнома низ аксар вақт дучор омадан мумкин аст. Ҳангоми иштирок ба дарсҳои муаллимон, бахусус омӯзгорони камтаҷриба ҳолатҳои ногувор, аз ҷумла саҳланкорӣ ва беэътиноӣ дар истифодаи вақт, ба дарозно бурдани таҳлили нуктаҳои нозарур ё дуюмдараҷаи маводи таълимӣ ва ниҳоят, бо шарҳу эзоҳи мафҳумҳои асосӣ кор нагирифтан баръало ба мушоҳида мерасиданд.

Бо назардошти принсипи оптимизатсияи ҷараёни таълим, пеш аз ҳама, омӯзгори ҷавон аз иштирок ба дарсҳои устодони собиқадор таҷриба омӯхта, бояд ҳар лаҳзаи вақти ҷудошударо барои унсурҳои дарси муосир дурусту самаранок истифода барад. Дарси банақшагирифта аз бисёр ҷиҳат кори омӯзгорро осон мегардонад. Масалан, вобаста ба мустаҳкамкунии маводи нав ба аҳли синф саволҳои қолиби пешакӣ дар нақша гирифтаро дода, аз онҳо сабабу хусусиятҳои рӯйдоду воқеаҳои таърихӣ, санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ ва корнамоиҳои ин ё он қаҳрамони асари бадеиро пурсон мешавад ва дар ин баробар, барои исботи мантиқӣ овардани далелҳоро низ талаб мекунад. Ҳамин тавр, ҳар амал тибқи нақшаи ҷараёни дарс анҷомида, талаботи принсипи системанокӣ ва пайдарпайии дидактикӣ риоя, донишҳо мураттаб ва самаранокии дарс таъмин мегардад.

Омӯзгорро зарур меояд, ки назоратро аз болои азхудкунии донишҳо тавре ба роҳ монад, ки бошуурона ва пай дар пай иҷрои супоришу вазифаҳои навбатӣ таъмин гардад. Ташхису таҳлили сатҳӣ ва беназоратӣ нисбат ба раванди азхудкунӣ бисёр вақт боиси талафи як қатор корҳо аз ҷониби шогирдон ва ташаккули нодурусти маҳорат ва малакаҳо мегардад, ки ба барномаи тартибдодаи муаллим комилан мувофиқат намекунад.

Муҳим аст, ки дар таҳияи таълими барномавӣ хусусиятҳои синнусолию психологӣ, тафаккур, идрок, фаҳмиш ва қобилияти эҷодии хонандагон ба назар гирифта шуда, он нақшагирӣ карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки агар муаллим тамоилҳои имконпазири воқеии таълимии хонандагонро каниста амал намояд, фаъолияти педагогии муваффақонаро соҳиб мегардад.

Ҳамин тариқ, эксперименти муқарраркунанда ва озмоиши баъдинаи таълимӣ нишон доданд, ки барои вазъиятро тағйир додану онро беҳтар кардан ҳамаи шароиту имкониятҳо мавҷуданд. Аз ин нуқтаи назар омӯзгоронро зарур аст, ки:

1. Ҳамаи намудҳои таълимро, ки барои ташаккули маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон бобати хулосаҳои аниқу дуруст, амиқ ва маърифатӣ-эвристикӣ баровардан, дарёфти ҳақиқат, истифодаи донишҳои назариявӣ дар амалия (дар таълим, меҳнат ва ҳаёти ҳаррӯза) мусоидат ва асоси боварию эътиқод ба донишҳо мегарданд, истифода баранд;

2. Маҳорати ҷамъбасту хулосаҳои умумӣ баровардан, дар алоҳидагӣ ва махсус ҷудо намудани нишонаҳои умумӣ ва умумии асосии алоқаҳо ва қонуниятҳоро ба даст оранд;

3. Малакаҳои ифодаи мантиқӣ, возеҳу аниқи фикрҳои худ, дар исботу далелҳои овардаи ҳамсинфон ошкор намудани номувофиқии мантиқӣ ва ғайраро дар хонандагон ташаккул диҳанд;

4. Муҳити психологии боварии хонандагонро ба омӯзгор барқарор намоянд, барои иштироки шахсӣ дар ҳалли проблемаҳои муҳимми ҳаёти мустақилонаи меҳнатӣ шавқу рағбати амиқи онҳоро ба вуҷуд оранд;

5. Ба шогирдон таҳлили воқеии ҳодисаю зуҳурот, сабабу хусусиятҳо, муқоиса ва муайян намудани шабоҳат ё фарқи онҳо, гузоштани проблемаю саволҳои мантиқӣ ва ғайраро омӯзонанд;

6. Ба унсурҳои таълими барномавӣ рӯ оварда, пешакӣ лоиҳа ё нақшаи ҷараёнгирии дарсҳоро кашанд ва бо ин ҷамъбасту мураттабии донишҳои хонандагонро таъмин созад;

7. Барои ташкили дарсҳои ҷолибу ҳавасангез, таъмини фаъолнокии маърифатӣ, маърифатию ҷустуҷӯӣ аз шакл ва роҳу усулҳои нави таълим пайваста истифода баранд.

Дар иртибот ба ин амалҳои зарурии баёншуда, истифодаи технологияҳои дидактикӣ, ки маҳз ба азхудкунии дониш ва инкишофи маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон нигаронида мешавад, созгор аст. Яке аз вижагиҳои хоси технологияҳои дидактикӣ дар риояи талаботи принсипҳо ва корбасти шакл, намуд ва методҳои инноватсионии таълим таҷассум меёбад. Ба ин мақсад дар марҳилаҳои таҳқиқот роҳандозии як қатор намудҳои таълим, ба монанди таълими рушддиҳанда, проблемавӣ, барномавӣ, алгоритмӣ, ки дар онҳо шаклу усулҳои тоза ва фаъоли эҷодию ҷустуҷӯйӣ, эвристикӣ, таҳқиқотӣ корбаст ва баҳсу мунозираҳои маърифатӣ ташкил карда мешаванд, ба омӯзгорону хатмкунандагон тавсия дода шуд. Дар зимни ин, хусусият ва аҳаммиятнокии фаъолияти маърифатӣ, бахусус шаклҳои ташкили корҳои таълимӣ – фронталӣ, гурӯҳӣ, инфиродӣ ва мустақилона дар рафти дарс, ки ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии шогирдонро таъмин месозанд, мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтанд.

Ҳамин тариқ, технологияҳои дидактикӣ, ки иҷрои маҷмӯи амалиётҳои муайяни таълимиро дар ҷараёни дарс ифода мекунад, дар ноилшавӣ ба дастовардҳои маърифатӣ ва фаъолияти дараҷаи баландтар ва самараноку натиҷабахши субъектони раванди педагогӣ мусоидат мекунад.

Умуман, истифодаи моҳиронаи намудҳои таълим ва шаклҳои корҳои таълимие, ки зикрашон рафт, дар баробари таъмини самараноки фаъолияти маърифатию ҷустуҷӯӣ ва муназзамию мураттабии донишҳо, ҳамзамон, дар

муайян намудани натиҷаҳои ниҳоии салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон низ ёрӣ мерасонад.

## 2.3. Робитаи байнифаннӣ ва мураттабсозии дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ дар таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ

Вазифаи асосии муассисаи таҳсилоти умумии муосир таъмини инкишофи салоҳиятҳои зеҳнӣ – фарогирии дониш, маҳорату малакаҳо ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон мебошад. Баробари ҳалли чунин вазифаҳои асосӣ азхудкунии амиқу босифат, дарки қонуниятҳои инкишофи ҷамъият ва табиат ва моҳияти назарияи илмиро ба хонандагон таъмин менамояд. Ба ин, маҳз алоқаҳои байнифаннӣ, ки дар таълими фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ талаботи дидактикӣ-педагогӣ ва вазифаҳои дарсро ҳал мекунанд, созгор меояд.

Робитаи байнифаннӣ барои дар хонандагон ба вуҷуд овардани назари ягона дар бораи олами иҳотакарда ва дар донишҳои фаннӣ пайдо кардани умумиятҳо нақши муҳим мебозад. Алалхусус дар ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва мураттаб гардонидани системаи донишҳои ҳосилшуда таъсири мусбат мерасонад.

Бамаврид аст ишора намоем, ки педагогика аслан ба чор пояи асосӣ: гуманизатсияи таълим, демократизатсияи таълим, интегратсияи таълим ва дифференсиатсияи таълим такя мекунад. Муҳим ва аҳаммиятнокии инро дар замони муосир дарк карда, муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки фаъолиятро бо назардошти риояи талаботи ҳамин пояҳо ба роҳ монанд.

Дар адабиёти педагогию психологӣ ва методӣ масъалаи донишҳои ҳамгиро ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Мақсади кори мо низ ҳалли ин масъалаи мураккаб набуда, таҳқиқи танҳо ҷанбаҳои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагонро дар бар мегирифт.

Ба ишораи психологҳо дар ташаккули фаъолияти зеҳнӣ алоқаи протсессҳои психикӣ, яъне принсипи ассотсиатсия, ки дар раванди бахотиргирӣ ва азнавҳосилкунии образи ашёю ҳодисоти олами воқеӣ

мушоҳида мешавад, нақши муҳим мебозад. Ин принсип аз ассотсиатсия аз рӯйи монандӣ, ассотсиатсия аз рӯйи мухолифат, ассотсиатсия аз рӯйи пайиҳамӣ ва ассотсиатсия аз рӯйи маъно иборат буда, дар протсессҳои хотир ва ташаккули онҳо мавқеи асосӣ дорад. Онҳо метавонанд тасаввуроти хонандагонро бо якдигар алоқаманд кунанд ва ҳангоми шарҳу тавзеҳи ҳодисаю воқеаҳо, равандҳои таърихӣ ва алоқаи байни онҳо кумак расонанд. Махсусан ассотсиатсия аз рӯйи маъно, ки алоқамандии воқеаю ҳодисаҳоро бо назардошти ҷузъ ва кулл, ҷинс ва намуд, сабаб ва натиҷаро ифода мекунад, асоси донишҳоро ташкил медиҳанд. Дар раванди дарс зимни баррасии маводи таълимӣ кор гирифтан аз такрори маводи гузашта, дар хотир овардан ва умуман, ташаккули ассотсиатсияҳо барои фаъолияти мустақилонаи зеҳнии хонандагон муҳим дониста мешавад.

Тавре ки психологи соҳаи таълим Ю.А. Самарин менигорад: «Агар донишҳои мактабиён дар худ ассотсиатсияҳоеро, ки дар доираи параграфҳои дахлдор ва бобҳои китоби дарсӣ фаро гирифта шудаанд, ифода кунанд, яъне ҳамчун ассотсиатсияҳои ҷузъӣ-системавӣ боқӣ монанд ва он алоқаҳое барқарор нагарданд, то имконият диҳанд, ки таносуби донишҳои омӯхташуда бо ҳамдигар ва дар дохили фанни таълимии мазкур муайян карда шавад, он гоҳ мо дар бораи самаранокии раванди таълиму тарбия чизе ҳам гуфта наметавонем» [278, с.137].

Ҳадаф аз овардани иқтибоси мазкур ин аст, ки омӯзгор дар ҷараёни таълим ба ташаккули протсессҳои маърифатӣ (эҳсос, идрок, хотир, диққат, тафаккур, хаёл ва эҷодиёт), ки тамоюли имконпазири воқеии таълимии хонандагонро ифода мекунанд, эътибори ҷиддӣ диҳад. Махсусан, тавре ишора шуд, ташаккули ассотсиатсияҳо, ки зуҳуроти онҳо бахотирорӣро ба вуҷуд меоранд, ба манфиат аст. Ҳар қадар хотири хонанда бо донишҳои гузашта фаро гирифта шавад, ҳамон андоза тафаккуру шуури ӯ ғанӣ мегардад. Самаранокии таълим ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шудани субъектони асосии раванди педагогӣ дар ҳамин таҷассум меёбад.

Дар аснои омӯхтан ба вуҷуд омадани ассотсиатсияҳои дохилисистемавӣ аҳаммияти бузург дорад. Маҳз аз худ намудани алоқаҳои муҳимтарин аз рӯйи бобҳо ва ба пуррагӣ фанни таълимӣ метавонад барои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон мусоидат намояд.

Ассотсиатсияҳои дохилисистемавӣ ба системаи боз ҳам васеътари алоқаҳои байни фанҳои таълимии гуногун медароянд, ки имконият медиҳад, то ҳақиқати воқеӣ дар гуногуншаклӣ ва ихтилофоти он инъикос карда шавад. Ин дараҷаи системавиро Ю.А. Самарин ассотсиатсияҳои байнисистемавӣ меномад, ки дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии мактабиён ва ҳам барои коркарди воқеии муносибатҳои илмии таҳлили ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ махсусан муҳим мебошанд.

Дар адабиёти педагогӣ масъалаҳо оид ба алоқаҳои мавзуии дохили фанҳо ва ҳамчунин, оид ба алоқаҳои байни як ва силсилаи фанҳои гуногун аз ҳама бештар шарҳу тавзеҳ шудаанд. Чунончи, пайдарпайии фанҳои забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик, таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ, географияи мамлакатҳо ва минтақаҳо ва алоқамандии онҳо, ки дар тули тамоми таҳсили мактабӣ идомабахш ва такмилдиҳандаи донишҳои якдигаранд.

Аз ҳама мураккаб алоқаҳои байни силсилаи фанҳои гуногун мебошад. Дар таҷрибаи омӯзгорон то ҳол аҳаммияти ин намуди алоқаҳо дар марҳилаҳои гуногуни таълим кам ба эътибор гирифта шудааст. Дар натиҷа донишҳое, ки зимни омӯзиши фанҳои гуногун бо душворӣ ба даст меоянд, дар шуури хонандагон аз ҳамдигар ҷудою пароканда қарор доранд ва ин ҷараёни ташаккули донишҳои зеҳниро мушкил мегардонад.

Татбиқи интегратсия (ҳамгироӣ)-и донишҳо зимни риояи талаботи принсипҳои дидактикии таълим амалӣ мегардад. Раванди бошиддат ва муттасили иттилооти замон, рушди баландсуръати илму техника ва технология водор месозад, ки мазмуни таълим такмил дода шавад. Ба ин аз миён бурдани айнан такрори мавод ва бароҳмонии робитаҳои мантиқии дохилӣ ва байнифаннӣ мувофиқат мекунад. Ҳамгироӣ воситаи рафъи

мондашавӣ ва аз сарборӣ раҳо ёфтани хонандагон буда, дар як вақт барои мустаҳкам, ҷамъбаст ва мураттабсозии донишҳо мусоидат менамояд.

Донишҳои хонандагон ҳангоми ба роҳ мондани интегратсия аз рӯйи фанҳои алоҳида мураттаб ва ҷамъбасту мустаҳкам мегарданд. Чунин тарзи кор метавонад заминаи ҷаҳонбинии илмии фалсафӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ниҳоят, рушди ҳамаҷонибаи шахсият гардад.

Вобаста ба ин, ҳамгироии донишҳои хонандагон дар бораи дигаргуниҳо дар инкишофи табиат, ҷамъият, шуури инсонӣ ва маърифати ҳақиқати воқеӣ фавқулода муҳим аст. Маҳз ғояи инкишоф дар шуури хонандагон хислати умумӣ ва том касб мекунад. Гап дар он аст, ки гарчанде ҳар як фанни таълимӣ ба хонандагон донишҳоро дар бораи инкишофи ҳодисаю воқеаҳо диҳад ҳам, ин донишҳо ҷудо-ҷудою алоҳида боқӣ монда, ба таври кофӣ барои эътиқоди хонандагон дар инкишофи беист ва беохири олами объективӣ асоси устувор шуда наметавонанд.

Таҷриба ва натиҷаҳои озмоишҳо нишон медиҳанд, ки ҳамгироии донишҳо дар ҷараёни омӯзиши дарсҳои таърих ва география, таърих ва ҳуқуқ, забон ва адабиёт ва истифодаи дурусти онҳо самаранокии таълимро таъмин месозад. Албатта, барои ба ин мақсад расидан заҳамату неруи як муаллим басанда набуда, ҳамкории педагогии омӯзгорони фаннӣ лозим меояд.

Барои ба даст овардани донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ ва таъмини сифати онҳо неруи якҷояи омӯзгорони як қатор фанҳо, бахусус фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ (забону адабиёт, таърих, география, ҳуқуқ), омодагии ҷиддии онҳо ва ҳам хонандагон ниҳоят зарур аст. Ташаббуси дастаҷамъонаи омӯзгоронро дар ташкили семинару конференсияи махсуси байнифаннӣ, ки одатан ба бобу мавзуъҳои калон бахшида мешаванд ва ё дар машғулиятҳои факултативӣ дидан мумкин аст.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки аксаран омӯзгорони пуртаҷриба, ки бо донишҳои педагогию психологӣ ва методӣ мусаллаҳанд, дар ташкили чунин машғулияту чорабиниҳои маърифатӣ саҳм мегузоранд. Афзудани майлу

рағбат ва хоҳиш ба хондан, фаъолию мустақилии хонандагон ва бо ин васила сайқал додани дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва салоҳиятнокии онҳо ба созмон додани чорабиниҳои беруназсинфӣ низ вобастагии зиёд дорад.

Ташаккул додани муносибати ҳамгироӣ ба ашё ва ҳодисаҳои ҳаётӣ дар хонандагон маҳорати муоина намудани ашё, ҳодисаҳо, воқеаҳо ё қонунҳоро дар шароитҳои мушаххаси макон ва замон ба вуҷуд меорад, яъне хусусияти хоси ҳар яки онҳоро бояд дид. Ин маҳорат бештар бо фарогирии ғояҳои инкишоф, алалхусус, зимни омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ, ки ба асосҳои назариявии муносибат ба ҳодисаҳои олами иҳотакардашуда иртибот дорад, ташаккул меёбад.

Дар синфҳои хатмкунанда вазифаҳои муҳим он мегардад, ки хонанда маҳорати донистани омилу сабабҳо ва хусусиятҳои ҳодисаҳои табиат, рӯйдоду воқеаҳои ҷамъиятӣ ва таҳлилу арзёбии воқеъбинонаи онҳо, дарки мазмуни қонунҳои омӯхташаванда ва ниҳоят, донишҳои заруриро аз худ ва доираи назари ҷаҳонбинии илмиашро васеъ намояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамгироии донишҳо ба азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон бештар мувофиқ меояд ва ин зимни татбиқи ҳамгироии фанҳои ба ҳам наздик сурат мегирад. Барои дарки мазмуни мафҳумҳои асосӣ, қоидаҳо, ғояҳо, қонунҳо ва қонуниятҳои илмии фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ робитаи зичии онҳо ёрӣ мерасонад. Дар сурати истифодаи донишҳои якдигарии фанҳо дар назария ва амалияи таълим, дар ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷамъиятии хонанда нақши ба эътиқод табдилёбии донишҳо меафзояд.

Дар ин самт омӯзиши маводи тадрисшавандаи фанҳои «Таърихи умумӣ» ва «География» дар синфи 10 мувофиқ меояд. Фаразан, зимни омӯзиши мавзуи «Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки дар барномаи таълимӣ ва китобии дарсии ҳарду фан дода шудааст, ҳамгироии донишҳоро ба роҳ мондан мумкин аст.

Самаранокиии донишҳои ҳамгиро дар он ифода меёбад, ки агар хонанда аз таърих донишҳои сиёсӣ оид ба вазъияти кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон, сабабҳои ба амал омадани ҷудоӣ дар ҳаракатҳои миллии озодихоҳӣ миёни давлатҳои минтақа ва оқибатҳои он ба даст биёрад, аз фанни география донишу маълумотҳои маърифатӣ дар хусуси мавқеи географӣ, шароит, захираю сарватҳои табиии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва аҳаммияти ҷаҳонии онҳо, омилҳои рушди иқтисодии давлатҳои минтақа, шумора ва хусусиятҳои хоси аҳолӣ ва ғайра мегирад. Нақш ва аҳаммияти ҳамгироии донишҳо, аз ҷониби дигар, дар он аст, ки ба хонанда дар дарс ва дигар машғулияту чорабиниҳои беруназсинфӣ бо истифода аз ҳамгироии донишҳо муяссар мегардад, ки маҳорат ва фаъолияти маърифатии худро дар сатҳи баланд нишон диҳад. Ин аст хидмати бо ҳам омезиш додани донишҳои таърихӣ ва донишҳои географӣ, ки болои ҳам зам шуда, пурра кардани ҳамдигар ва ташаккули донишҳоро таъмин месозанд.

Баробари ташаккул ёфтани маҳорати фаъолияти мустақилонаи зеҳнӣ имкон фароҳам меояд, ки самаранокию пешравиҳои таълим ва инкишофи зеҳнии хонандагон назаррас арзёбӣ гардад.

Барои санҷиши маҳорати хонандагон бобати истифода бурдани донишҳои таърихӣ зимни омӯзиши географияи иқтисодии мамлакати мо ва баръакс, (донишҳо аз география зимни омӯзиши таърих) ба хонандагон ду савол дода шуд:

- ба савол аз таърих ба таври хаттӣ ҷавоб дода шавад: «Барои иқтисодиёти мамлакатҳои неруманд (ИМА, Россия) соҳиб гаштани иқтисодиёти мамлакатҳои заиф чӣ аҳаммият дорад?»;

- ба савол аз география ба таври хаттӣ ҷавоб дода шавад: «Дар иқтисодиёти мамлакатҳои Осиёи Марказӣ пас аз пош хӯрдани империяи Шуравӣ кадом мушкилиҳо ба вуҷуд омаданд?».

Ба ин саволҳо 214 хонанда ҷавоб доданд. Дар ҷавобҳо, дар навбати худ, маҳорати истифодаи донишҳо аз таърих зимни фаҳмонидани саволи географӣ ва баръакс, ба назар гирифта шуд. Натиҷаҳои ҷавобҳо чунин

буданд: дар ҷавоб ба саволи географӣ 27 хонанда тамоман донишҳои худро аз таърих истифода набурданд, 138 нафар онҳоро қисман истифода бурданд, дар 140 нафар хонанда бошад, алоқа бо таърих хусусияти маҳдудшуда дошт, яъне донишҳо нокифоя ва нопурра буданд. Ҳамин тариқ, дар қисми зиёди хонандагон байни донишҳо аз таърих ва география, ҳамчунин, маҳорати истифодаи онҳо дар маводи географӣ кандашавӣ ва номураттабӣ ба мушоҳида мерасид.

Тавре ки муқоисаи натиҷаҳои ҷавобҳо нишон медиҳад, хонандагон аз таърих барои фаҳмонидани проблемаҳои иқтисодӣ танҳо қисми басо ками донишҳои худро истифода бурда тавонистанд. Пас, ҷавобҳои додашуда ба саволи якум маънои онро ифода мекунад, ки донишҳо аз таърих фоизи пастро ташкил медиҳанд. Аз ҳама муҳим, ошкор гардид, ки донишҳоро дар вазъияти нави таълимӣ истифода бурда наметавонанд, яъне тарзҳои зарурии фаъолияти мустақилонаи зеҳнию ақлониро ба таври кофӣ аз худ накардаанд.

Дуруст аст, ки яке аз талаботҳои зарурии корҳои мустақилонаи хонандагон мураттабсозии донишҳо мебошад, ки дар он татбиқи интегратсияи донишҳо нақши муайян дорад. Аз ин хулоса мебарояд, ки саволу супоришҳо тавре бояд интихоб карда шаванд, ки барои ошкор сохтани интегратсияи сабабу натиҷаҳои равандҳои таърихӣ, хусусиятҳои географии бо ҳам монанд ва фарқкунандаи минтақаю давлатҳо ва дар маҷмуъ, таҷдиди мафҳумҳои умумӣ ва илмии барвақт азхудшуда ва барои ворид намудани онҳо ба системаи нави донишҳо мусоидат намоянд.

Дар ин самт озмоиши дигари анҷомдодаамонро ба сифати далели андешаҳои зикршуда манзур менамоем.

Ба мақсади санҷиши интегратсияи донишҳо (истифодаи донишҳои байнифаннии таърихӣ, географӣ, демографӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ) бо хатмкунандаҳо, хонандагони синфҳои 11 саволу ҷавоб ташкил карда шуд. Саволҳо ба мавзуи «Афзоиши аҳолӣ. Қашшоқӣ ва рушди нобаробари иқтисодӣ», ки дар охири китоби дарсии таърихи умумӣ дода шудааст,

иртибот доштанд. Ҷавобҳоро ба саволҳои матраҳшудаи «Тамоили таърихии рушди шумораи аҳолӣ дар Замин чӣ гуна аст?», «Оқибатҳои сиёсии нобаробарии иқтисодӣ ва демографӣ чӣ мебошанд?», «Сабабҳои буҳрони маводи ғизоӣ ва гуруснагӣ дар мамлакатҳои қафомонда дар чист?» ба осонӣ аз мавзуъчаҳои дохили ин мавзуи калон ёфтан мумкин буд. Аммо, мутаассифона, дар ҷавоби саволҳо ҳатто аълохонҳою миёнахонҳо, ба қавле азоб мекашиданд ва посуххҳои пурраю солим шунида нашуд, ки ин, ба назари мо, аз беаҳмиятӣ ва муносибати рӯякии субъектони асосии раванди таълим ба омӯзиши мавзуи мазкур дарак медиҳад. Ин ҷо маҳз ҳушдор додан ва сахтгирию таъкидҳои пайвастаи омӯзгор зарур меояд ва ӯ бояд донад, ки сурати дуруст ба роҳ мондани таълим баробари маълумот гирифтан тарбия, инкишофи зеҳнӣ, иҷтимоишавӣ, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавӣ ҳосил мешавад.

Имрӯз барои гирифтани иттилоот, маълумот ва азхудкунии донишҳо имкониятҳо зиёданд ва хонанда набояд дар доираи мутолиаи китоби дарсӣ маҳдуд монад. Маҳз донистани ин мавзуи муҳим ва глобалӣ истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, интернет, телефони ҳамроҳ (пӯшида нест, ки имрӯз ҳама хурду калон, новобаста аз баромад ва сатҳи иҷтимоӣ, ҳатто мактабиёни шаҳрию деҳотии ҳамаи зинаҳои таҳсилот онро соҳибанд ва дастрасӣ ба интернет доранд) ва дигар манбаъҳои иттилоотиро тақозо менамояд. Илова бар ин, доир ба ин мавзуъ аз барномаҳои радиою телевизионӣ, китобхонаҳои электронӣ, матбуоти даврӣ – маҷаллаю рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ ва ҳатто мактабӣ (баъзе мактабҳо рӯзнома ё ҳафтаномаи худро ташкил кардаанд) метавон маълумоти саҳеҳ ва мукаммал ба даст овард. Омӯзиши амиқи ин мавзуъ омӯзгори кордону дилсӯз ваояндабинро талаб дорад, зеро дар он донишҳои васеи таърихӣ, географӣ, демографӣ, иқтисодӣ, сотсиологӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ истифода шуда, тавассути ҳамгиро ва робитаи байнифаннӣ онҳо ташаккул меёбанд, бо донистани мафҳумҳои хоси фанҳои таълимӣ сатҳи маърифату ҷаҳонбинии илмӣ

меафзояд ва ин ҳамчун асосҳои илм заминаест барои омӯзиши фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ.

Ҳадафи асосии интегратсияи донишҳои фаннӣ ин муттаҳидсозии соҳаҳои дониш, дар як шакли муайян шомил намудани онҳо ва иттилооти маърифатиро пурраю васеътар сохтан мебошад, ки натиҷаю самаранокии он ба тарзи ташкили ҷараёни таълим бастагӣ дорад.

Татбиқи ҳамгиросозӣ кумак мерасонад, ки дар асоси интегратсияи хусусии дохили фан ва сипас, дар заминаи интегратсияи мазкур интегратсияи байнифаннии донишҳо ба роҳ монда шавад. Нақши онро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки омӯзиши як фанни таълимӣ хонандагонро барои азхудкунии фанни таълимии дигар омода менамояд, ҳар як фанни таълимӣ дар омезиш бо дигар фанҳо маҳорат ва малакаҳои мустақилонаи хонандагонро ҷиҳати фарогирии донишҳо ё худомӯзӣ ташаккул медиҳад ва билохира, фанни таълимӣ мувофиқи методҳои худаш хосиятҳои объект ва қонунҳои табиат ва ҷамъиятро ошкор месозад.

Чунин тарзи муносибат дар ҳалли масъалаҳои системанокӣ ва пайдарпайии таълим ба кандашавӣ ва бесилсила будани донишҳо роҳ надода, дараҷаи илмӣ ва методологияи таълимро баланд мебардорад.

Хуллас, ҳамгироии донишҳо барои:

- барвақттар ва пешакӣ доштани маълумоти таълимӣ, донишҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи омухташаванда, фаҳмидани онҳо ва бобҳои минбаъдаи фанҳои ба ҳам наздик хидмат мекунанд;

- бо барномаҳои ояндаи фанҳои ба ҳам наздик шиносоии воқеӣ пайдо намудану гирифтани маълумоти пешакӣ оид ба мавзуъҳою маводи таълимии фанҳо ёрӣ мерасонад;

- таҳқиқи қиёсӣ ва баҳои пешакӣ додан ба мазмуну муҳтавои ҳодисаю воқеаҳо, зуҳурот, корнамоиҳои қаҳрамонҳои асари бадеӣ ва ғайра бо назардошти хусусиятҳои донишҳои аз фанҳои дигар ҳосилшуда нақш мебозад;

- бадастории маълумоти зиёди таълимӣ ба хонандагон имконият фароҳам меорад, ки роҳу воситаҳо ва доираи амали ояндаи фанҳои тадрисӣ муайян карда шаванд;

- шавқовару ҷолибтарсозии маводи таълимӣ, муносибати беҳтари хонандагон ба омӯзиши фан, афзудани майлу рағбат ба он ва ниҳоят, барои истифодаи воситаҳои аёние, ки донишҳои ҳамгироро инъикос мекунанд, мусоидат мекунад.

Аз ин бармеояд, ки интегратсияи дохилифаннӣ ва байнифаннии донишҳо дар ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ нақши муҳим дошта, дар рафти дарс амалҳо, вазифаҳо, саволу супоришҳо ва ҳалли онҳоро бо истифодаи донишҳои ҳамгиро анҷом додан аз манфиат орӣ нест.

Ҳангоми азхудкунии амиқ донишҳо ба донишҳои нав ҳамгиро шуда, барои пурраю мукаммал ва васеъ гаштани он воситаи фаъол мегарданд.

Ҳалли масъалаи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон ба як қатор масъалаҳои муҳимми таълим: интихоби маводи зарурии таълимӣ, афзоиши ҳаҷми иттилооти маводи таълимии аз ҷониби хонандагон азхудкардашуда алоқаманд аст. Ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон имкон медиҳад, ки мазмуни таълим сабуку осон карда шавад. Роҷеъ ба зарурати чунин осонгардонӣ дар илми педагогика ба таври кофӣ гуфта нашудааст. Азхудкунӣ ва мураттабсозии донишҳои назариявии меҳварӣ ё худ асосии барномаи таълимӣ шарти зарурии принсипҳои дидактикӣ маҳсуб ёфта, имконияти бештар маълумоту тасаввурот пайдо карданро дар бораи манзараи яклухти олам медиҳад.

Инкишофи фаъолнокии маърифатӣ ва мустақилии хонандагон ба азхудкунӣ ва мураттабсозии донишҳои назариявӣ иртибот дошта, иҷрои шарт ва талаботи вусъатдиҳию самараоварсозии раванди таълим ва ба эътиқод табдил додани донишҳоро низ нишон медиҳад.

Баробари афзун гардидани донишҳо истифодаи доираи онҳо васеътару имкониятҳои эҷодии шогирдон, фаъолӣ ва майлу рағбати донишу илмҷӯии

онҳо меафзояд, ки ин яке аз талаботи принсипҳои дидактикӣ дар илми педагогика маҳсуб меёбад.

Робитаи тарафайни дарк кардани интегратсияи пурмазмун ва вобастагӣ ва системаи амалҳои маърифатӣ яке аз шартҳои азхудкунии донишҳои зеҳнии ҳақиқати воқеӣ, мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ мебошад. Фаъолнокии талаба ва қобилияти мустақилона банақшагирии фаъолияти маърифатии ӯ бевосита ба дараҷаи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон алоқаманд мебошад.

Бояд гуфт, ки дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон, ки дар баробари ҷамъбаст ва мураттабсозӣ ташаккул меёбанд, аз дараҷаи гуногуни ба моҳияти мазмуни маводи таълимӣ воридшавӣ, фаъолнокии маърифатӣ ва аз сатҳи мустақилияти хонандагон дарак медиҳанд. Махсусан таҳлил, таркиб ва муқоиса зимни баррасии маводи таълимӣ ба фаъолияти зеҳнии хонандагон таъсири худро мерасонад. С.Л. Рубинштейн таъкид намудааст, ки «ба шаклҳои гуногуни зеҳн сатҳҳои гуногун дар инкишофи таҳлил, таркиб (синтез), абстраксия мусоидат менамоянд, аммо қобилият, дар навбати худ, дараҷаи инкишофи онҳоро муайян месозад» [269, с. 124].

Таносубро дар фаъолияти маърифатӣ мушаххас нишон дода, В.В. Давыдов чунин менигорад: «Асоси ботинии муттаҳидкунандаи ин ҷанбаҳо равандҳои ҷамъбасти зеҳнӣ ва алоқаи бо онҳо зичи системаи мафҳумҳо ҳамчун шакли асосии фаъолияти зеҳнӣ мебошад» [79, с.112].

Гуфтан зарур аст, ки барои раҳнамунсозии талабагон дар мавриди махсусан, аз маводи ҷамъбастӣ хулосаҳои мустақилона баровадан месазад, ки фаъолияти мустақилонаи таълимӣ чӣ дар ҷараёни дарсҳо ва чӣ ҳангоми ташкили тадбирҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар дараҷаи зарурӣ ба роҳ монда шавад.

Мушоҳидаҳои илмии педагогӣ ва натиҷаҳои озмоишу таҳлилҳо бозгӯи онанд, ки зимни ташкили таълими анъанавӣ, чун қоида, воридшавии хонандагон ба ҷараёни ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ таъмин намегардад ё ки танҳо дар марҳилаҳои алоҳидаи кор таъмин

мегардад. Дар натиҷа алоқаи мутақобилаи марҳилаҳои азхудкунии маводи таълимӣ аз ҷониби хонандагон ба вуҷуд намеояд, ки бе он аз бар намудани дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ имконият надорад.

Хонандагон ба ҷараёни ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ бо таъсири сабабҳои гуногуни зерин ворид намешаванд:

а) роҳу равиш ва усулҳое, ки аз ҷониби омӯзгор ба кор бурда мешаванд, имконият намедиҳад, ки толибилмон алоқаҳою вобастагиҳои хосро дар маводи таълимӣ дарёфта, донишҳояшонро такмил диҳанд. Ин маънои онро дорад, ки татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ на ба таври васеъ ва аз рӯйи талабот, балки дар доираи маҳдуд роҳандозӣ мешавад.

б) раванди таълим заминаи ғании мушаххасро ба вуҷуд меорад, вале он барои ташаккули васеи дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон асос шуда наметавонад. Маводи таълимӣ дар дарс бидуни ғояҳои илмӣ ва риояи принсипҳои дидактикӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, алоқамандсозии он бо мазмуну муҳтавои мавзуъҳои қаблан омӯхташуда аз назар дур мемонад. Гузашта аз ин, танҳо аълохонҳо ба омӯзишу таҳлил ва хулосабарорӣ ҷалб мешаванду фаъолӣ нишон медиҳанд.

Ин тарз сурат гирифтани кор, албатта, барои шомил шудан ба раванди ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон монеа эҷод намуда, татбиқи онро таъмин намесозад.

Дар чунин шароит дар бораи ташаккули донишҳои зеҳнӣ наметавон сухан гуфт, гарчанде донишҳо аз ҷониби омӯзгор баён гардида бошанд ё бо ёрии китобу васоити таълимӣ ба даст омадаанд, ё ин ки ҳифз шуда бошанд ҳам, аммо фаҳмонида нашудаанд.

Воридшавии хонандагон ба ҷараёни ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ аз лаҳзаи омӯзиши фанни таълимӣ оғоз меёбад. Дар дарс ва дигар машғулиятҳои маърифатӣ, ки онҷо салоҳиятҳои зеҳнии толибилмон ва мустақилияти маърифатии онҳо ташаккул меёбанд, истифодаи тарзу усулҳои фаъоли таълимӣ хос аст. Дар ин ҳолат системаи тарзҳои методӣ воридшавии хонандагонро ба ин ҷараён таъмин менамояд, ки дар натиҷа ташаккули

пайдарпайии донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии талабагон босифат сурат мегирад. Ҳангоми ташаккули пайдарпай марҳилаҳои пешинаи омӯзиш барои дар марҳилаҳои минбаъда талабот мегузоранд, ки иҷрои он асоси пурмазмунӣ ва дарки маърифатро таъмин месозад.

Барои ворид шудан ба раванди ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ дар назди субъектони асосии ҷараёни таълим талаботҳои принсипҳои дидактикӣ меистанд, ки иҷрои онҳо заруранд, аз ҷумла:

1) муайян намудани мақсад дар раванди таълим ҷиҳати фарогирии донишҳою мураттабсозии онҳо, дарки мафҳуму қонунҳо ва ғояҳои илмӣ;
2) интихоби маводи таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва зарфияти имконпазири воқеии таълимии хонандагон, баланд бардоштани дараҷаи омодагии онҳо, иҷрои талаботи нақшаю барнома дар мавриди омӯзиши мавзуъҳои фанни таълимӣ.

Тазаккур бояд дод, ки ҳар кадом фанни гуманитарию ҷамъиятӣ вижагиҳои хоси худро дошта, талабот ба омӯзиши онҳо низ фарқ мекунад. Фанҳои мазкур дар ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон, махсусан, маҳорату малакаҳо нақши бориз доранд. Фаразан, дар омӯзиши забон ҳосил намудани малакаи озод баён намудани фикр ба таври хаттӣ ё шифоҳӣ, тарзи сохтани матн, муносибати маъноию грамматикии ҷумла, маҳорату малакаи дарку таҳлил ва таълифи матнҳо дар мавзуъҳои гуногун такмил меёбад; дар адабиёт тафаккур оид ба тарзи тасвири зиндагӣ тавассути образҳо, инъикоси воқеият ба воситаи каломи назм ва наср, ҷаҳонбинӣ ва доираи назари хонанда инкишоф меёбад; дар фанни таърих азхудкунии мафҳумҳои таърихӣ, ташаккули таҳлил намудани тазодҳои сиёсӣ, хусусиятҳои хоси қонуниятҳои таърихию форматсияҳои ҷамъиятӣ, сабабу оқибатҳои сарзании шӯришу инқилоб ва мубориза ҳои сиёсӣ ва зимни тадриси фанни ҳуқуқи инсон ташаккули маҳорати таҳлили масъалаҳои ҳуқуқшиносӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва амсоли инҳо дар хонанда таъмин мегардад;

3) ҷамъбасту мураттабсозии донишҳо, асосан, зимни татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ, ки тавассути иҷрои вазифаҳои маърифатӣ ва масъалаҳои назариявии умумӣ-таълимӣ сурат мегирад;
4) зимни омӯзишу таҳлили қисмҳои алоҳида ва ҷудогонаи маводи таълимӣ ва алоқамандсозии онҳо, ки асоси татбиқи азхудкунии дониш, ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон ва мураттабии онҳо мегардад;
5) тавассути пайдарпай ва мунтазам ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон таъмини болоравии сатҳи азхудкунӣ, ҷамъбаст ва мураттабсозии низоми донишҳо, ки василаи таъмини пешрафт ва мустақилии хонандагон мегардад;
6) дар ташаккул ва мураттабсозии донишҳо нақши ҳамгирой ва фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ, ки бо тарзу воситаҳои гуногун дар раванди таълим ба роҳ монда мешавад, баланд мебошад, ба монанди таҷдиди донишҳои қаблан омӯхташуда, аз ҷониби хонандагон таълифи иншо, эссе, реферат ва очерку ҳикояҳои хурд ва дар онҳо истифодаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасткунанда, тобеъкунанда ва бепайвандак, ба баҳсҳо ва ҳалли масъалаҳои проблемавӣ ҷалб намудани хонандагони сустхон ва миёна, фаъолсозии хонандагон ҳангоми омӯзиш ва таҳлили ҳодисаю рӯйдодҳои таърихӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ, ташаккули маҳорату малакаҳои тавсифи образҳои адабӣ, истифодаи аёниятҳои гуногуни мувофиқ ба маводи дарсӣ, истифодаи донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои шабеҳу монанд дар вазъиятҳои гуногуни мушаххас, кор бо супоришу вазифаҳои мураккабу душвор ва дар ин баробар, манзур намудани вазифаҳои маърифатии нав, бо роҳу усулҳои гуногун иҷрои корҳои мустақилона барои мустаҳкамкунии маводи нави таълимӣ ва ҳоказо.

Ба анҷом расонидани талаботҳои зикршудаи принсипҳои дидактикӣ на ҳамеша ва на ба ҳар як омӯзгор муяссар мешавад. Муҳим он аст, ки дарсҳо бояд вобаста ба талаботи дидактикӣ ҷараён гирифта, усулҳои зарурии

таълим ба кор бурда шаванд ва ин ба касбият ва санъату маҳорати педагогии омӯзгор вобастагӣ дорад.

Мусаллам аст, ки донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои ҳамаҷониба ва амиқи ба даст овардаи талабагон натиҷаи таълим мебошад. Раванди таълим тарзе бояд ташкил карда шавад, ки хонандагон, пеш аз ҳама, маводи таълимии дар ҳар шакл пешкашгардидаро дар сатҳи зарурӣ аз худ карда тавонанд.

Бояд гуфт, ки яке аз талаботҳои омӯзиши мавод дар дарс аз худ кардани он мебошад, ки дар он протессҳои маърифатии психологӣ (диққат, хотир, тафаккур, идрок) нақши муҳим мебозанд. Барои он ки мавод аз худ карда шавад, аввалан мазмуну муҳтавои он бояд дарк ва фаҳмида шавад, сипас, таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи алоқаҳои сабабу натиҷаҳои ҳодисаю рӯйдодҳои таърихӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ, корнамоиҳои ин ё он қаҳрамон ё персонажҳои асари насрию назмӣ ва драмавӣ лозим меояд, ҳифзу дархотирнигоҳдории донишу маълумотҳои бадастомада, мураттабсозии онҳо ва билохира, истифодаи донишҳо дар амалияи таълим ва ҳаёти ҳаррӯза. Аз ҳама мушкилу душвор азхудкунӣ ва идроки назарияи илмии ин ё он фанни таълимӣ, ба монанди мафҳумҳою қонуниятҳои илмӣ, қоидаю таърифҳо ва ақидаю ғояҳои илмӣ мебошад, ки ба умқи моҳияту маънии онҳо расидан иҷрои талаботи саволу супоришҳо ва масъалаҳои манзуршударо осон мегардонад.

Дар сурати иҷрои талаботҳои зикршуда бобати азхудкунӣ ва мураттабсозии донишҳои ҳосилшуда фаъолияти педагогию таълимии омӯзгору хонандагон дуруст ба роҳ монда мешавад.

Ба мақсади азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ педагог тарзҳои гуногуни таълим, методҳои фаъол ва интерактивиро истифода мебарад. Барои он ки дарс самаранок ҷараён гираду фаъолияти маърифатии хонандагон таъмин гардад, муҳим аст, ки мақсади мавзуъ ва маводи тадрисшаванда возеҳу равшан баён карда шавад, донишу маълумотҳои маърифатии бадастомада ҷамъбасту мураттаб карда шаванд, супоришу вазифаҳо ва суҳбат бо хонандагон инфиродӣ ва гурӯҳӣ доир

гардад, ҷалб ва иштироки аҳли синф – аълохону миёнахон ва сустхонҳо дар ҳар як амалҳои таълимӣ бояд бошад, вобаста ба моҳияти мавзуъ методҳои таълими мувофиқ истифода бурда шавад, вазифаҳою супоришҳо дар аввал содаю осон ва мураккабтар дода шавад. Ба хотири ҷолибияту шавқовар гардонидани дарс ташкили вазъиятҳои проблемавӣ ва баҳсҳои маърифатӣ на танҳо дар доираи мавзуъ, ҳатто атрофи масъалаҳои мубраме, ки ба мавзуъ иртибот доранд, аз манфиат орӣ нест.

Ҳамин тариқ, азхудкунии маводи нав ба истифодаи донишу маҳорат ва малакаҳои пештар ҳосилшуда асос меёбад.

Ниҳоят, маҳорату малакаҳо ва қобилиятҳои эҷодии шогирдон тавассути таҳлили мавод, мураттабсозию ҷамъбасти донишҳо ва хулосабарорӣ, ки ба ин донишҳои қаблан азхудшуда ёрӣ мерасонанд, ташаккул ва инкишоф бояд дода шавад.

Мустаҳкам намудани мураттабсозии маводи таълимӣ дар охири дарс марҳилаи нахустин ва басо муҳимми ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ мебошад. Ҳар як унсури дарс, мисли лаҳзаи ташкилӣ, омодагии хонандагон ба дарс, пурсиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзуи нав ва мустаҳкамкунии он бо ҳар роҳу восита, масалан, ташкили саволу ҷавоб, мубоҳиса ва иҷрои корҳои мустақилона бо риояи талаботи принсипҳои дидактикӣ хушсифату самарабахш сурат мегирад.

Фаҳмида мешавад, ки ҳар як дарс унсурҳои донишҳои зеҳниро дар бар мегирад ва ин омӯзгорро водор месозад, ки бо истифода аз донишҳои педагогию психологӣ ва методӣ ҷиҳати азхудкунии дониш, ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва ниҳоят, салоҳиятнокии шогирдон, ки талаботи замони муосир аст, фаъолиятро ба роҳ монад.

Тазаккур бояд дод, ки роҳҳои мураттабсозии донишҳо дар дарс гуногунанд, аз ҷумла *тавсифи мухтасар ва тавсифи батафсил, ки* истифодаи онҳо татбиқи босифати ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагонро осон мегардонад.

***Тавсифи мухтасар*** дар дарс ҳамчун унсури донишҳои зеҳнии маводи воқеӣ изҳор мешавад, ***тавсифи батафсил*** бошад, сифати донишҳои хонандагонро ифода мекунад.

Тавсифи ташаккулдиҳандаи ҳодиса ин тавсифи аниқи ба шакли муайян даровардашудаи моҳияти ашё, ҳодисаҳо, қоидаҳо, қонунҳо, ғояҳо ва интегратсияи онҳо мебошад. Мураттабнамоӣ дар ин ҳолат метавонад ***мухтасар*** ва ***муфассал*** бошад. Ҳамчун мисоли чунин мураттабсозӣ метавон ***тавсифи ташаккулдиҳандаи*** донишҳои зеҳнии вазъи иқтисодии мамлакат дар давраи муайян ва ғайраро овард.

Барои ***тавсифи ташаккулдиҳандаи батафсил,*** фаразан аз фанни ҳуқуқи инсон, тавсифи умумии вазифаҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил ва ғайраро ҳамчун ташаккулдиҳандаи донишҳои зеҳнии хонандагон метавон манзур кард. Образнокӣ барои ***тавсифи ташаккулдиҳандаи батафсили*** зеҳн мувофиқ меояд, ки ба сифати мисол аз фанни адабиёт тавсифи образҳои мусбату манфии қаҳрамонҳои асосию персонажҳои асарҳои бадеӣ, инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ дар ашъору осори адибону мутафаккирон ва таҳлили онро интихоб намудан мумкин аст.

Бо роҳи тавсиф ва таҳлили образҳо донишҳои хонандагон ва қобилиятҳои эҷодии онҳо такмил меёбад.

Ҳангоми кор бо маводи таълимӣ бояд ба нуктаҳои муҳим эътибор дода, донишҳои аз он ҳосилшуда мураттаб сохта шаванд. Махсусан, кор бо тавсифи масъалаҳои ҳуқуқӣ, таҳлили ҳодисаҳо ва рӯйдодҳо, сабабу натиҷаҳо ва арзёбии воқеӣ ба онҳо, тавсиф ва шарҳу эзоҳи мафҳуму қонунҳои илмӣ, ғояҳою ақидаҳои асосноки илмӣ ва хулосабарорӣ аз онҳо ва аз ҳама муҳим, ҳамгироии донишҳо, ки зимни истифодаи донишҳои як фан дар дигар фанни таълимӣ таъмин мегардад, аҳаммияти калон дорад. Чунончи, хонандагон ба осонӣ метавонанд аз фанни ҳуқуқи инсон донишҳои андухтаашонро аз мавзуи «Ғояҳои ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони форсу тоҷик» бо донишҳои аз фанни адабиёти тоҷик ҳосилшуда оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ,

ки дар осори гаронбаҳои адибони мо фаровон ҷой доранд, пурра намуда, ҷавобҳои мукаммал омода созанд.

Омӯзгорон баъзан нақши фаҳмонидани рӯйдоду воқеаҳои таърихӣ, ҳодисаю воқеаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва ғайраро дар дарсҳо ба эътибор нагирифта, ба нақлкунӣ маҳдуд мешаванд. Ҳол он ки бо ёрии фаҳмонидани фактҳо, ҳодисаю воқеаҳо дарку фаҳмидан ва шуурнок аз бар кардану мураттабсозии донишҳои хонандагон осон мегардад. Гарчанде ин дар назар одӣ намояд ҳам, аз хонандагон муфассал фаҳмонидан ва мураттаб сохтанро тақозо мекунад.

Агар супоришу вазифаҳо аз шарҳ додани мазмуни асосии назариявӣ ва хулосаҳо иборат бошад ҳам, фаҳмонидан хусусияти мураттабсозӣ, муҳокима ва исбот карданро касб мекунад. Тавассути фаҳмонидан омӯзгор хатоҳои бисёр ҳизбҳоро дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон исбот ва ошкор менамояд, ки мазмуну муҳтавои мавзуъ дар хотири хонанда беҳтар ҳифз мегардад.

Муҳокимаи зеҳниро мо инкишофи мантиқии мазмуни асосӣ ва исбот меномем, ки он хонандагонро ба натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ раҳнамун месозад. Он дар дарс барои маънидоди хулосаҳои назариявӣ хидмат мекунад ва аз ин хонандагон тарзи фикррониро ёд мегиранд. Муҳокима бояд дастрасу фаҳмо, эътимоднок, аниқу возеҳ ва мантиқӣ бошад.

Ҳамин тариқ, нақл, фаҳмонидан ва мулоҳиза рондан дар раванди таълим ҳам зимни идрок ва аз нав ҳосилнамоӣ ва ҳам дар ҷараёни фаҳмидагирии донишҳо изҳор мешаванд. Дар дарку сарфаҳмравии маводи таълимӣ таҳлил, таркиб (синтез), муқоиса, абстрактсия ва ҷамъбаст афзалият пайдо мекунанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар азхудкунии дониш ва ба сатҳи баланд расонидани он мураттабсозии дониш низ нақши муассир дорад. Дар дидактика намудҳои мураттаб сохтани донишҳои хонандагон вобаста ба ҷараёнгирӣ ва марҳилаҳои дарс ҷудо карда шудаанд, чунончӣ: мураттабсозии

муқаддимавӣ, мураттабсозии назоратӣ, мураттабсозии ҷорӣ, мураттабсозии таҳлилӣ, мураттабсозии ҷамъбастӣ.

*Мураттабсозии муқаддимавии донишҳо* одатан дар оғози дарс гузаронида мешавад. Ин ба он мақсад аст, ки хонандагон ба омӯзиши маводи нав бо роҳи мураттабсозӣ ё банизомдарории донишҳо, ки дар дарсҳои гузашта, як қатор дарсҳои дигар ва ё мустақилона аз сарчашмаҳои мухталиф: радио, телевизион, рӯзномаю маҷаллаҳо, интернет ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳамчунин, дар асоси таҷрибаи ҳаётӣ ба даст овардаанд, раҳнамун карда шаванд.

*Мураттабсозии назоратии донишҳо* ба мақсади санҷиши дараҷаи азхудкунӣ, амиқтару ҷамъбаст ва ба тартибдарории маводи таълимӣ бо роҳи санҷидани донишҳо, натиҷаҳои корҳои мустақилонаи анҷомдода гузаронида мешавад. Баъд аз ин роҳи минбаъдаи таълим пешбинӣ мешавад, яъне раванди ояндаи бадастории донишҳо мавриди ташхис қарор мегирад. Назорат бурда мешавад, ки дар куҷо, кадом вақт хонандагон ба иштибоҳ роҳ медиҳанд ва кадом метод ва амалҳо дар азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳо мусоидат мекунад.

*Мураттабсозии ҷории донишҳо* дар ҳар як дарс гузаронида мешавад. Ҳадаф он аст, ки омӯзгор дар рафти баён ва мустаҳкамкунии маводи таълимӣ, санҷиши вазифаи хонагӣ, кори мустақилона дар дарс мунтазам зимни ширкати бевоситаи хонандагон донишҳои онҳоро амиқтар ва мураттаб сохта, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии онҳоро ташаккул медиҳад.

*Мураттабсозии таҳлили донишҳо* дар дарс ба мақсади дарки маводи таълимии баёншуда ё омӯхташаванда, амиқтару васеътар ва мураттаб намудани донишҳо бо роҳи муҳокима, ки аз ҷониби хонандагон ҳақиқат, ҳодисаҳо, воқеаҳо, қоидаҳо, мафҳумҳо, қонунҳо ва қунуниятҳо омӯхта шудаанд, интегратсия ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳоро фаҳмонида, тавассути муқоиса, таҳлил, ошкор намудани алоқаҳои сабабу натиҷаҳо ва ҳоказо гузаронида мешавад.

*Мураттабсозии ҷамъбастии донишҳо*, ки онро одатан дар анҷоми ҳар як дарс мегузаронанд, ба мақсади ҷамъбасту хулосабарорӣ ташкил карда мешавад. Мақсади он мураттаб ва ҷамъбаст намудани дарс, санҷиши дараҷаи фаҳмидан ва азхудкунии мавод, мустаҳкамкунии он ва ҳамзамон, хонандагонро ба омӯзиши мавзуъ ва боби минбаъда раҳнамун сохтан мебошад. Мураттабсозии ҷамъбастӣ ба ташаккули мафҳумҳои нав ва зеҳни илмии хонандагон мусоидат мекунад.

Аз ин бармеояд, ки мураттабсозии донишҳоро дар тамоми марҳилаҳои дарс ташкил кардан мумкин аст. Ташкили оқилона, фаъолсозии шогирдон дар ин самт ва таъмини босифату самараноки он, асосан, ба маҳорату қобилияти касбии омӯзгор вобастагии калон дорад.

Муваффақияти ҳалли кулли масъалаҳои таълим дар рафти ҳар як дарс ба сифати роҳбарӣ, маҳорати барқароркунии муносибати тарафайни устод бо шогирдон, яъне ба санъати ӯ, фаъолияти хонандагонро, ба қавле дирижёрӣ намудан, диққати онҳоро ба нуктаҳои муҳим нигаронидан ва билохира, ба ёд додани фикрронии мантиқӣ ва дуруст таҳлил намудани мавод вобаста аст. Бояд омӯзгор дидадаро бошад, ҳамзамон, ӯ ҳолат ва фазои табиии дилкашу дилнишинро бояд фароҳам орад, ки байни устоду шогирдон гуфтугӯи ошкоро ва озод сурат гирад. Ҳамин тариқ, ба омӯзгор муяссар мешавад, ки барои ҳалли супоришу вазифаҳои додашуда донишҳо, фикрҳо, ҳиссиёт ва шавқу ҳаваси шогирдонро ба кор андозад. Дар акси ҳол, дарс танҳо ба азёдкунии фактҳо, мафҳумҳо, қоидаҳо, қонунҳо ва қонуниятҳо бахшида мешавад, ки дар он шавқу рағбати хонандагон ба амиқтару ҳамаҷониба фаҳмидани маводи таълимӣ инкишоф намеёбад.

Яке аз далел ва нишонаҳои болоравии сатҳу сифати таълим ва таъмини муносибати босалоҳият ба он ин аст, ки хонанда боварӣ ҳосил намояд, ки маълумот ва донишҳои заруриро аз худ кардааст, маҳорати мустақилона ба ҳар як савол ҷавоб доданро тавониста, фаҳмидани моҳияти онро омӯхтааст, ба ақидаҳояш бовариии қатъӣ дошта бошаду бомуваффақият онҳоро ҳимоя карда метавонад.

Дар ин раванди мураккаби азхудкунии донишҳо, маҳорат ва малакаҳо такрор яке аз қисмҳои асосии ҷараёни таълим маҳсуб меёбад. Такрор идроки амиқ ва азхуднамоии беҳтари маводи омӯхташавандаро таъмин месозад, ба мустаҳкам азбарнамоии он бо роҳи пешгирӣ намудани фаромӯшкунӣ ва мураттабсозии донишҳои ҳосилшуда мусоидат менамояд.

Аммо, тавре таҳқиқотҳои мо нишон доданд, то ҳол дар муассисаҳои таълимӣ танҳо намудҳои алоҳидаи такрор истифода бурда мешаванд. Одатан ҳамон вақт такрор ба ёди муаллимон мезанад, ки дар хонандагон норасоии донишҳо ба чашм расад ё худ, ҳангоми аз ёд рафтани қоидаҳо, таърифҳо ва ё ягон маводи муҳим, ки донистани он барои дарси имрӯза зарур аст, он гоҳ аз такрор кор мегиранд.

Муаллимон мунтазам ба маводи гузашта барнамегарданд, гузаштаро такрор намекунанд, ҷамъбаст намесозанд, ки далели набудани донишҳои мустаҳкамро дар хонандагон ва нокифоягии инкишофи маҳорату малакаҳои кори мустақилонаро ифода мекунад. Ҳол он ки такрор дар мураттабсозии донишҳо аҳаммияти муҳим дорад, агар он дурусту мақсаднок ва оқилона гузаронида шавад.

Ба мақсади мустаҳкамтар ҳифз намудани мавод, бояд маводи шинос низ аз нав такрор ва мустаҳкам карда шавад. Зимни мустаҳкамкунии аввал дар ҷараёни омӯзиши маводи нав ин мақсад асосӣ ва роҳнамо мебошад. Ҳангоми такрор, баъди ягон фосилаи вақт, вазифаи такрор зиёду васеъ мегардад: зимни такрор дар ин ҳолат дониш на танҳо аз нав ба хотир меояд, балки ба система низ медарояд, бо дигар маводи гузашта алоқаманд мешавад, амиқ идрок шуда, мукаммал мегардад.

Омӯзгор барои возеҳу равшан фаҳмидан ва азхудкунии дуюмбораи маводи омӯхташавандаро дар дарсҳо шарти ҳатмӣ меҳисобад; ӯ дар як вақт чандин маротиба дар бораи такрори маводи қаблан гузашта шогирдонро хотиррасон менамояд, барои чунин такрор аз як қатор принсипҳои педагогӣ кор мегирад.

Қоидаро аз худ карда, хонанда худаш онро барои фаҳмидану муайян намудани категорияҳои грамматикӣ истифода мекунад, яъне ӯ малакаҳои тафаккури мантиқиро ба даст меорад – исботкуниро истифода бурда, ба саволҳои: «Ин чист?», «Чӣ тавр ба вуҷуд меояд?», «Барои чӣ?» ва «Чаро?» ҷавоб медиҳад.

Маҳорату малакаҳои исбот кардану хулоса баровардан ҳангоми такрор бо туфайли имконияти таҳлилҳои грамматикӣ, муқоисаҳо ва мураттабсозии донишҳо афзун шуда, назар ба омӯзиши аввал, басо вақти камро талаб мекунад.

Гуфтан зарур аст, ки такрор ба инкишофи тафаккури мантиқӣ мусоидат мекунад ва асоси ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ мебошад.

Самаранокии раванди таълим он гоҳ таъмин мешавад, ки агар ҳар як қадам ба пеш дар ҳосил кардани донишҳои зеҳнӣ ба қадамҳои гузашта такя намояд. Аз ин бармеояд, ки донишҳои зеҳнӣ бояд дар рафти дарс, ҳар як марҳилаи он, пас аз ин дар охири мавзуъ, бобҳо ва умуман, зимни омӯзиши пурраи фанни таълимӣ дар охири соли таҳсил, вақте ки маводи омӯхташуда то андозаи муайян фаромӯш мешаванд, ташаккул ёбанд. Мураттабсозии донишҳо бояд фаромӯшкуниро пешгирӣ намояд ва шарти зарурии азхудкунии амиқи маводи таълимии нав ва пешина ва ҳамзамон, гарави таълими бобарор барои фаъолияти мустақилонаи маърифатии хонандагон мебошад.

Барои нишондиҳандаи донишҳои зеҳнӣ метавонанд меъёрҳои аз нав бавуҷудории иттилоот бо тарзҳои гуногун хидмат кунанд, мисли: тасвияи онҳо дар дигар системаи мафҳумҳо, дар системаи пештараи мафҳумҳо, муқоисаи онҳо, муқобилгузорӣ ва ғайра. Вале барои санҷиши дараҷаи мураттабшудаи донишҳо ин меъёр низ басанда нест. Ба назари мо, азбаски ҳангоми омӯзиши масалан, силсилаи фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ва мавзуъҳои гуногун ба донишҳо ва маҳоратҳо ҳар хел талабот гузошта мешавад, арзёбии сифати донишҳо низ бояд мувофиқан меъёрҳои тафриқавӣ истифода бурда шаванд.

Мураттабсозии донишҳо фаъолияти мушаххаси маърифатии хонандагонро талаб менамояд, ки бояд он ҳангоми омӯзиши фанни дилхоҳи таълимӣ ташкил карда шавад. Чунин тарзи муносибат мунтазамӣ ва пайдарпайии мантиқию дурусти мураттабсозии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои толибилмонро тақозо менамояд. Аз ин сабаб, системаи мукаммали ташкили фаъолияти таълимии хонандагон дар мактаб ва хона, омӯзиши шаклҳо ва тарзу усулҳои ташаккули маҳорат ва малакаҳои таҳлил, таркиб, муқоиса, ҷамъбаст ва мураттабсозии донишҳо, омӯзиши тарзҳои тафаккури мантиқӣ, тарзҳои донишҳои ҳосилшуда дар фаъолияти таълимӣ ва амалияи он зарур аст.

Танҳо дар ин ҳолат мо барномае таҳия месозем, ки он мураттабу азхудкунии донишҳои мустаҳками хонандагонро таъмин карда тавонад. Таълифи чунин барномаи мукаммал, ки онро ҷомеа ва замони нав дархост дорад, ба талабагон ҷиҳати амиқ аз худ намудани донишҳои зеҳнӣ роҳ мекушояд, ба онҳо имкон пайдо мешавад, то дар сатҳи зарурӣ доираи ҷаҳонбинии илмиашонро фарохтар созанд.

Дар раванди таълим хонанда, баробари ба даст овардани маҳоратҳои мураттабшуда, методи хоси азхудкунии донишҳои навро, ки ба тарзҳои фаъолияти таълимию маърифатӣ мувофиқат менамоянд, ёд мегирад. Вале, агар фаъолмандӣ ва мустақилии талабаро дар самти мураттабсозии донишҳо сарфи назар кунем, он гоҳ дар бораи таъсири самаранок ба фаъолияти таълимии ӯ набояд сухан гуфт.

Принсипи фаъолнокӣ дар таълим кайҳо боз дар педагогика маъмул аст, аммо на ҳамеша талаботи ин принсипи маъмули дидактикӣ дуруст ва саривақт иҷро карда мешавад. Аввалан, ба назар гирифта намешавад, ки барои мураттабсозии бомуваффақияти донишҳо на ҳар як шакли фаъолмандӣ ва мустақилнокии хонандагон коршоям аст, танҳо ҳамон шаклҳои ҷиддии муайян ва мақсадноке коршоямананд, ки як қатор шарту талаботҳоро қонеъ месозанд. Пеш аз ҳама, он бояд барои шарҳу тавзеҳи тарафҳое, ки хусусиятҳои маводи омӯхташавандаро фаро мегиранд, равона карда шавад.

Баъдан, бештари вақт онро ба асос мегиранд, ки хонанда қобилияти иҷрои амалиётҳои зарурииро оид ба ҷамъбаст ва мураттабсозии донишҳо дорад ва аз ин хотир, вазифаи асосӣ танҳо ин аст, ки дар ӯ маҳорату малакаҳо ва ҳосилнамоии донишҳо бояд ташаккул дода шавад.

Ҳамин тариқ, хусусусиятҳои хоси инкишофи фаъолияти зеҳнӣ дар системаи муоинашаванда ба таври зайл инъикос меёбанд:

а) ин раванд дар худ системаи қатъии тарзҳои муайянро ифода мекунад;

б) он бояд зимни азхудкунии маводи таълимӣ иҷро карда шавад.

Ҷойи зикр аст, ки қобилияти бадастории донишҳои мушаххас то андозаи зиёд сифати донишҳои қаблан мавҷударо муайян менамояд: ба омӯзгор басо аҳаммият дорад, ки шогирдаш бо кадом роҳ ин донишҳоро аз худ кардааст.

Набояд фаромӯш сохт, ки ба таври механикӣ аз худ кардани донишҳо ҳеҷ гоҳ воситаи самараноки бадастории донишҳои нав набуд ва шуда ҳам наметавонад. Агар хонанда дар таҳсил ба чунин роҳ раваду одат намояд, бояд донист, ки мазмуну моҳияти маводи таълимиро намефаҳмад ва онро низ дуруст дарк намекунад. Аз ин рӯ, амалисозии тарзҳои самараноки фаъолияти хонандагон оид ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ вазифаи аз ҳама асосии омӯзгор аст.

Таҳлили амалияи имрӯзаи таълим нишон медиҳад, ки ба ин ҷиҳат камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ дар раванди таълим, тавре ки он дар айни замон иҷро карда мешавад, талаботи муосири таҳсилотро қонеъ карда наметавонад.

Воқеан ҳам, дар аксари ҳолатҳо дар раванди таълим аз ҷониби омӯзгор дуруст иҷро намудани вазифаю супоришҳо назорат бурда мешаваду халос, мустаҳкамӣ, амиқӣ, ҷамъбаст ва мураттабсозии донишу маҳоратҳои хонандагон аз назар дур мемонанд. Омӯзгор ҳатто нишон намедиҳад, ки кадом тарзу усулҳои кори таълим барои аз худ кардани маводи мушаххас дурусту оқилона аст. Аз ин лиҳоз, вазифаю супориш ва корҳои хонагӣ дар

сатҳи зарурӣ иҷро намешаванд ва ин оқибати хуб надошта, ба тафаккур ва қобилиятҳои эҷодии шогирдон монеа эҷод мекунад.

Ҳар як фанни таълимӣ барои азхудкуниаш фаъолияти зеҳниро, ки вижагиҳои хоси худ, яъне тафаккурро (тафаккури таърихӣ, географӣ, ҳуқуқӣ, забонӣ (лингвистӣ), адабӣ – назм, наср, драма) дорад, талаб менамояд. Барои он ки амалҳои зарурӣ ҷудо карда шаванд, бояд ин тарзҳои махсуси тафаккур таҳлил ва муқаррар карда шавад, ки онҳо ҳамчун шакли фаъолияти таълимии хонандагон аз ҳамдигар мушаххасан чӣ тафовут доранд. Ин масъала таҳқиқоти махсуси маҷмуиро тақозо менамояд. Ба назари мо, маводи таълимӣ дар китоби дарсӣ бояд дар намуди системаи супоришҳо, ки истифодаи амалҳо ва тарзҳои муайянро талаб менамояд, дода шавад. Феълан тарзи пешниҳоди маълумотҳо дар китобҳои дарсӣ ба талаботи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ мувофиқат намекунад; маълумотҳо бидуни баҳисобгирии роҳу воситаҳои муайяни қабул оварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, шарти асосии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ дар раванди таълим фаъолияти фаъоли маърифатии хонандагон мебошад. Маҳз барои ҳамин ҳам ҳар як барномаи омӯзиш бояд на танҳо системаи донишҳоро, балки системаи тарзу усулҳои комилан мувофиқи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳниро дар бар гирад. Аз ин рӯ, дар амалияи таълим метавонад ду ҳолат вуҷуд дошта бошад:

1) системаи зарурии қабул дар хонандагон муайян шудааст. Дар ин ҳолат вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки маҳз системаи амалҳоеро, ки истифодааш барои ташаккул додани дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ комилан мувофиқ меояд, таъмин намояд;

2) фаъолияти зарурӣ оид ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ дар хонандагон ташкил карда нашудааст ва ё суст ба роҳ монда шудааст. Дар ин сурат омӯзгор бештар адабиёти педагогию психологӣ ва дидактикию методиро мутолиа намояд, дастуру тавсияҳои зарурииро гирад, ба дарсҳои муаллимони пуртаҷриба иштирок кунад, худомӯзӣ кунад, умуман, бо ҳар роҳу восита қобилият ва маҳорати касбиашро сайқал диҳад.

Дар чунин ҳолатҳо вазифаи омӯзгор якбора мураккаб мегардад. Ӯ бояд баробари омӯзиши мафҳумҳои нави илмӣ, қонуну қонуниятҳои илмӣ ба мураттабдарории донишҳои шогирдон пардозад. Ин кор бошад, бидуни азхудкунии донишҳо аз ҷониби хонандагон ва ҳосил намудани маҳорату малакаҳо ба ӯ муяссар намегардад. Барои аз худ кардани донишҳо сараввал мазмуну моҳияти маводи омӯхташаванда бояд дарк ва фаҳмида шавад, ки он ба риояи талаботи принсипи дидактикии шуурнокӣ ва фаъолнокӣ дар таълим ва маҳорату қобилияти омӯзгор сахт вобаста аст.

Ҳамин тавр, тарзҳои тафаккури ба худ хоси таърихӣ, географӣ, ҳуқуқӣ, лингвистӣ, адабӣ наметавонанд бидуни омӯзиши таърих, география, ҳуқуқ, забон, адабиёт ва ғайра аз худ шаванд. Мо танҳо чунин ҳолатҳоро дар назар дорем: ҳангоме ки ташаккули малакаҳои барои мураттаб сохтани донишҳо зарурӣ бо тарзи пешина, бо тарзи мураттабнамоии донишҳо омода шудаанд ва ҳамон вақте ки ташкили аз худ кардани мураттабсозии донишҳои банақшагирифта бидуни иҷрои онҳо имкон надорад.

Ба мақсади омӯзиши осону дастрас ва дарки амиқи мазмуни мавод, бахусус маводи мураккаби таълимӣ якчанд марҳилаҳои азхудкунӣ ва мураттабсозии донишу маҳоратҳои навро ҷудо менамоем. *Марҳилаи якум* – шиносоии пешакӣ бо тарзҳо (амалҳо)-и мураттабсозии донишҳо, вақте ки аз ҷониби омӯзгор шарҳҳои зарурӣ баён карда шуда, тарзу иҷрои ин амалҳо нишон дода мешавад. Дар *марҳилаи дуюм* акнун аз ҷониби хонандагон амалҳо мустақилона, вале дар шакли муфассал иҷро карда мешаванд; дар назди хонандагон мазмуни мавод шарҳ дода мешавад; тарзу қоидаҳои иҷрои он фаҳмонида мешавад; аз болои иҷрои ҳар як амалиёт оид ба мураттабсозии донишҳо назорат бурда мешавад. Дар ин ҳолат, тавре ки озмоишҳо нишон доданд, ҳамаи хонандагон тавассути системаи тарзҳои мураттабсозӣ донишҳоро аз худ мекунанд. Дар *марҳилаҳои сеюм ва чорум* тарзҳои мураттабсозӣ то дараҷаи шакли мухтасар ва автоматонида такмил меёбанд ва эҷодкунандаи фаъолияти зеҳнӣ мегарданд. Самаранокии чунин роҳи инкишофи маҳорат дар он ифода меёбад, ки он ба хонандагон имконият

медиҳад, то мазмуни тарзҳо ва ташкили азхудкунию мураттабсозии маводи таълимии омӯхташавандаро ошкор намоянд.

Дурусту оқилона ба роҳ мондани фаъолияти маърифатӣ, омӯзиш ва азхудкунии донишҳои назариявии фанни таълимӣ, мафҳумҳои илмӣ, қонуниятҳои илмӣ, қоидаю таърифҳо, донишҳои таҷрибаи ҳаётии хонандагон ва истифодаи онҳо дар амалияи таълим ва ниҳоят, инкишофи системаи ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ мазмуну мундариҷаи асосии таълимро ташкил медиҳанд. Бе ин такмили раванди таълим ва муваффақияти фаъолияти педагогӣ ва таълимӣ имкон надорад. Дар он дарсу машғулиятҳое, ки донишу маҳорат ва малакаҳои хонандагон босифат ташаккул меёбанд, раванди таълим низ билкулл дигар мешавад. Ин ҳолат аз таъмини сарфаи вақти муайянгардида, баланд рафтани сатҳи дониш, маҳорату малака ва қобилиятҳои азхудшудаи шогирдон дарак медиҳад.

Аз ин рӯ, зарур донистем, ки чӣ тавр иҷро шудани барномаи ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳниро дар раванди таълим бо мисолҳо нишон диҳем.

Ба сифати донишҳо, ки ба азхудкунӣ рабт дорад, мафҳумҳои асосӣ гирифта мешаванд. Муҳим он аст, ки хонанда дар ҷамъбасти дарс бояд на танҳо мафҳумҳои муайянро донад, балки онҳоро дар дигар ҳолату вазъиятҳои таълимӣ-маърифатӣ низ истифода бурда тавонад. Принсипҳои ин вазъиятҳо пешакӣ муайян карда мешаванд. Ба сифати воситаи азхудкунии мафҳумҳо ***амалҳои дарёфтану фаҳмидан*** низ истифода бурда мешаванд. Ин фаъолиятҳо аз чандин амалиётҳо иборат мебошанд: санҷиши мавҷудияти ҳар як аломатҳои зарурӣ ва кофии система; баҳои натиҷаҳои санҷиш (санҷиш аз рӯйи чунин қоидаи мантиқӣ сурат мегирад: агар ҳамаи аломатҳои зарурӣ ва кофӣ вуҷуд дошта бошад, пас ашё ба мафҳумҳои мазкур мувофиқат мекунад; агар якто аломат ҳам набошад, мувофиқат намекунад; агар дар бораи яке аз ин аломатҳо ҳеҷ чиз маълум набошаду дигар чизҳои боқимонда мавҷуд бошад, ҷавоби муайян додан мумкин нест).

Дар асоси ин принсип чунин ***меъёрҳои дарёфтану фаҳмидан*** тартиб дода мешавад:

а) аломатҳои аввали зарурии объект (ашё) муқаррар карда шаванд;

б) натиҷаҳои бадастомада қайд карда шаванд;

в) дурустии ҷавоб санҷида шавад.

Аз ин бармеояд, ки омӯзгорон бояд ба шогирдон чӣ тавр муқаррар намудани мавҷудияти аломатҳои зарурира дар объект (ашё) ё баръакс, набудани онҳоро омӯзонанд, дар ин самт бо онҳо пайваста кор баранд. Дар он сурат аз онҳо ҷавоби дурусту саҳеҳро интизор шудан мумкин аст.

Агар ҷавоб дуруст бошад, пас ба хонанда супориш дода мешавад, ки кореро монанд ба ҳар яке аз ин аломатҳои зарурии ба онҳо хос анҷом диҳад. Агар талаба хато кунад, ба ӯ пешниҳод карда мешавад, ки аз сари нав мавҷудияти аломатҳои матлуб ва хоси ашёро санҷад, ба донишҳои пешинааш рӯ оварда, онҳоро ба кор барад ва ё барои машварат ба омӯзгор муроҷиат намояд. Баъди санҷиши ҳамаи системаи аломатҳо ба талаба пешниҳод карда мешавад, ки натиҷаҳои бадастомадаро бо қоидаҳо муқоиса намояд ва пас аз ин ҷавоби ҳосилшударо ҳамчун хулосаи зеҳнии азхудшуда навишта гирад.

Дар ҷараёни тадриси фан бояд донишҳои назариявию амалӣ бо ҳам зич алоқаманд карда шаванд, то шогирдон аз уҳдаи истифодаи донишҳои ҳосилшуда дар ҳама гуна вазъиятҳои таълимӣ, дар ҳаёти иҷтимоӣ ва дигар намудҳои фаъолият ба таври васеъ бароянд.

Ин танҳо дар он ҳолат имкон дорад, ки маҳорат ва малакаҳо дар асоси назария ташаккул ёбанд, яъне татбиқи донишҳоро дар амал ифода мекунад. Дар амалияи таълим маҳорату малакаҳоро одатан аз рӯйи чигунагии натиҷаҳои амал ҷудо мекунанд. Масалан, дар фанни «Забони тоҷикӣ» қоидаҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, талаффузи дуруст, қоидаҳои имло ва гузоштани аломатҳои китобатӣ ва дар асоси ин малакаҳои истифодаву риояи онҳо маълуманд. Зимнан чунин тавсиф имконият медиҳад, ки танҳо малакаҳо ба ин ё он намуди мазмун нисбат дода шаванд, вале таъсири психологии онҳо ба назар гирифта намешавад.

Мақсади вазифаҳои таълим аз хонандагон ошкор намудани сабабу натиҷаҳо, замонҳо, маконҳо ва дигар шаклҳои интегратсия, азхудкунии системаи мафҳумҳои умумӣ, мушаххас, илмӣ ва қонуну қонуниятҳои илмиро талаб менамояд. Аммо барои ин хонандагон бояд на танҳо маҳорати нақл кардани мазмунро дошта бошанд (нақл аз рӯйи нақша, тартиб додани нақли мухтасар, фишурда, хусусиятҳо, ва ҳоказо), балки, асосан, маҳорати истифодаи донишҳоро барои таҳлили фактҳои нав, шароиту вазъиятҳои нав, равандҳои муҳимми таърихӣ, ғояҳои асар, ҷиҳатҳои мусбату манфии қаҳрамону персонажҳои асари бадеӣ, ҳамчунин маҳорати муқаррар намудани муносибатҳои нав ва интегратсияи объектҳоро низ соҳиб бошанд.

Бояд гуфт, ки истифодаи донишҳо дар таҳлили фактҳои нав раванди ҳалли вазифаҳоро осон мегардонад. Аз ин рӯ, бояд ба маҳорат ва тарзҳои фаъолият, ки хонандагон онҳоро зимни ҳалли вазифаю супоришҳои гуногун соҳиб шудаанд, диққат дода шавад. Баробари ҳалли вазифаҳо хонандагон ё тарзи амалро мекушоянд, ё ҳангоми таҳлили фактҳои нав роҳҳои барои ҳосил намудани натиҷаи зарурӣ мувофиқро, ки аллакай ба онҳо маълуманд, истифода мебаранд.

Маҳоратҳое, ки барои истифодаи роҳҳои ба хонандагон маълум асоснок шудаанд, дар таълим аз ҳама бештар паҳн гардидаанд. Аз ин рӯ, мо барои шарҳи онҳо муфассалтар меистем. Барои ин маҳоратҳо **ду марҳалаи таҳлил** хос аст: ***донистану фаҳмидани объект*** (марбут ба забон, адабиёт, таърих, ҳуқуқ ва ғайра) ва барои он ***истифода бурдани дастурҳое, ки дар қоидаю таърифҳо*** мавҷуданд. Аммо дар ҳар намуди маҳоратҳо ин марҳалаҳо гуногун ифода меёбанд.

Гуфтан зарур аст, ки марҳалаи якум (донистану фаҳмидан) бештар ҳамчун маҳорати мустақилона баромад мекунад, марҳалаи дуюм (истифода аз таърифу қоидаҳо) бошад, асосан ба ҳифз ва ба ёд овардани қоидаҳои, масалан, грамматикӣ ва ғайра иртибот дорад.

Чунончи, хонандагон фанни таърихро омӯхта, дар баробари ба даст овардани донишу маълумот ва тавсифи санаҳои таърихӣ, рӯйдод ва воқеаҳо

муайян намудани ба кадом давра тааллуқ доштани онҳо, сохти ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ва иҷрои дигар вазифаю супоришҳои ба маводи таълимӣ дахлдор барояшон осон мегардад. Яъне, агар ҳодиса дарк ва муайян карда шавад, он гоҳ супориш босифат иҷро мешавад. Одатан чунин маҳоратҳо хусусияти идрокшударо мегиранд, вале автоматонида намегарданд, на танҳо дар ҷараёни такмил, балки дар тули тамоми давраи амали онҳо низ. Ин ҳолат ба марҳалаи якуми маҳорат (*донистану фаҳмидан*) иртибот дорад.

Баъзан чунин маҳоратҳо аз шумораи зиёди амалиётҳо иборат мебошанд. Вале дар таълими мактабӣ чунин маҳоратҳо ва малакаҳо, ки беш аз 5-7 амалиётро дар бар мегиранд, кам ташаккул меёбанд. Худ аз худ амалиётҳои алоҳида мушкилиро дар ҷараёни ташаккули зеҳни хонандагон ба вуҷуд намеоранд. Аз дигар ҷиҳат, таъсири талаботи иловагӣ мебошад, масалан, хусусиятҳои мазмун, ки дар асоси он маҳорат ташаккул меёбад. Ин ҷо шумораи амалиётҳо аҳаммият дорад, то чӣ андоза онҳо дар таълими қаблан гузашта такмил ёфтаанд ва то кадом андоза хонанда барои азхудкунии онҳо омода аст.

Таҳлили ҳодисаи таърихӣ матавонад аз хонандагон муҳокимаи яквақтаи онро аз бисёр нуқтаи назар талаб намояд, дар ин ҳолат ҳар як нуқтаи назар бо донишҳои махсус бояд асоснок шуда бошад. Дар дигар ҳолатҳо хонандагон маҳорати таҳлили рӯйдодҳо ва ҳодисаю воқеаҳоро доранд, вале дар ҳолатҳои мушаххас бидуни донишҳои зарурӣ ин корро карда наметавонанд.

Аз фанни «Забони тоҷикӣ» муайян намудани мубтадо дар ҷумлаҳои зерин: «Тоҷикистон – воҳиди мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ», «Маҷлиси Олӣ – мақоми олии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Сулҳи пойдор – осудагии рӯзгор», «Асри XXI – асри иттилоот» мушкил набуда, аз хонанда заҳмат талаб намекунад, агар ӯ ҳамаи аломатҳои муҳимтарини мубтадоро донад. Вақте ки хонанда дар бораи мубтадо маълумоти хуб дошта бошад, мубтадоро бо хабар омехта накарда, фарқи онҳоро дар ҷумлаҳои намуна нишон дода, ҷумлаҳоро аз рӯйи қоида ба осонӣ таҳлили дуруст карда

метавонад. Бояд гуфт, ки донистани қоидаҳои аломатҳои китобат ҳам нақши муҳим бозида, дар ин ҳолат ёрӣ медиҳанд. Ин ҳолатро метавон ба марҳалаи дуюми маҳорат (истифодаи таърифу қоидаҳо) шомил сохт, зеро дар мисолҳои пешниҳодшуда, бе такя ба таърифи мубтадо ва хабар иҷрои дурусти супориш муҳол аст.

Месазад ишора кард, ки ғалатҳо ҳангоми иҷрои ин амал метавонанд бо он алоқаманд бошанд, ки мафҳуми «мубтадо» миқдори муайяни аломатҳоро (ба саволҳои кӣ? киҳо? ва чӣ? чиҳо? ҷавоб мешавад) дороcт. Яке аз талаботи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ ин аст, ки хонанда ба қоидаҳо, таърифҳо ва назарияҳо амиқ ва дурусттар аҳаммият дода, маънои онҳоро хуб дарк ва аз худ намояд ва дар амалияи таълим аз онҳо истифода барад.

Тавре ки гуфта шуд, маҳз хатмкунанда, ки тули солҳои хониши зиёд дар мактаб аз фанни «Забони тоҷикӣ» таълим мегирад, аломату хусусиятҳои сараъзоҳо (мубтадо ва хабар) ва аъзои пайрави ҷумла (муайянкунанда, пуркунанда, ҳол)-ро бояд хуб донад ва аз уҳдаи таҳлили синтаксисии ҷумла ба осонӣ барояд. Дар он сурат дар вақтҳои дигар ва фориғ аз дарсҳо хонанда метавонад мустақилона бо риояи талаботи усули эвристикӣ ва таҳқиқотии донишгирӣ тамоми амалҳои ба ашёю объектҳо вобастаро, ҳамчунин, мазмуни мавод ва ғояҳои асарҳои бадеӣ ва ғайраро таҳлил карда, ба ин васила дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ ва қобилияти эҷодии худро ташаккул диҳад.

Бояд зикр кард, ки хусусиятҳои азхудкунии маводи таълимӣ ба таҳлили мантиқӣ таъсир расонида, дар ташаккули маҳорат ва малакаҳо мушкилиҳоро эҷод менамоянд. Аз ин рӯ, ин мушкилиҳо дар навбати аввал бояд дар маркази диққати омӯзгор бошанд.

Яке аз омилҳои асосии ташаккули маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ истифодаи донишҳо дар раванди фаъолияти таълимии хонандагон мебошад, ки аз хусусият ва мазмуни маводи таълимӣ, мураккабӣ ё сода будани матни додашуда ва аз шарту талаботи иҷрои он вобастагӣ дорад.

Ин ҷо месазад таъкид кард, ки агар хонанда ҳар қадар мустақилона барои ба даст овардани донишҳои нав кӯшиш ба харҷ диҳад, доираи ҷаҳонбинии илмиашро фарохтар намояд, онҳоро дар амал ва ҳаёти рӯзмаррааш истифода бурда тавонад, ҳамон андоза зиёдтар салоҳиятҳои зеҳнии ӯ инкишоф меёбанд.

Дониш ва амал бо ҳам алоқаи зич дошта, он фаъолиятро ба дараҷаи баланд мебардорад. Фаъолиятро бе дониш тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳар фарде, ки соҳиби дониш шуд, кӯшиш мекунад, ки онро дар фаъолияти меҳнатӣ, ҳаёт ва ё ягон фаъолияти дигар истифода барад. Дар асоси донишҳо маҳорат ташаккул меёбад. Маҳорат ин тарзҳои мустаҳкамшудаи дар фаъолияти амалӣ татбиқ намудани донишҳо мебошад. Дониш ва маҳорат ба ҳам вобастаанд. Хонанда баъди дониш ҳосил кардан дар фаъолияти амалии худ татбиқ намудани онҳоро ёд мегирад ва, ҳамин тавр, маҳорат ташаккул меёбад.

Маҳорат ҳангоми машқҳои дуру дароз дар рафти фаъолияти амалӣ такмилу инкишоф меёбад. Агар донишҳо дар амал дуруст татбиқ карда шаванд, он гоҳ собит мешавад, ки маҳорати истифодаи донишҳо хуб ташаккул ёфтааст.

Як нуктаи муҳимро низ ин ҷо бояд таъкид кард, ки фарогирии донишҳо ва истифодаи онҳо дар амалияи таълим ва ҳамчунин, дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фаъолияти меҳнатии оянда асосан дар заминаи фаъолияти мустақилона сурат мегирад. Аз ин рӯ, бояд дар сатҳи зарурӣ омодагӣ ва ташкили корҳои мустақилонаи таълимии хонандагон ба роҳ монда шавад, зеро мустақилона донишу маҳорат ва малака ҳосил намудан ба ташаккули тафаккури эҷодӣ мусоидат мекунад. «Ҳамон вақт азхудкунии донишҳою фаҳмишҳо зоҳир мегардад, ки агар хонанда мустақилона фикр ронда, мустақилона кор карда тавонад. Дар ҳамин асос дар хонанда фаҳмишҳо ба вуҷуд меояд, вагарна ҳамаи донишҳои гирифтаи онҳо рӯякӣ – механикӣ мебошад» [31, с. 44 – 45].

Мустақилона иҷро кардани супоришу вазифаҳо ба дониш ва маҳорати хонанда вобастагӣ дорад. Барои фаъолияти босамари зеҳнии хонандагон, ки

асосан дар амалияи таълим аён мегардад, азхудкунии дониш, маҳорату малакаҳо ва қобилиятҳои эҷодӣ нақши муҳим мебозад.

Истифодаи донишҳо дар амалия аз нуқтаи назари фаъолияти зеҳнӣ раванди сершаклу гуногунтаркиб тавсиф карда мешавад. Дар кадом сатҳ истифода бурдани донишҳо ба вазъият, маҳорату қобилияти омӯзгор ва методҳои таълим вобаста мебошад. Ба андешаи мо, тавассути шаклҳои нави таълим, методҳои интерактивӣ ва риояи талаботи принсипҳои дидактикӣ татбиқи донишҳои назариявӣ дар амалияи таълим мувофиқи мақсад аст.

Ҳар як фаъолият, аз ҷумла иҷрои босифати кори мустақилона донишҳои муайяни зеҳниро тақозо менамояд. Ин дар асоси омӯзиш, таҳлил, ҷамъбасти натиҷаҳо ва хулосабарорӣ сурат мегирад. Ҳангоми иҷрои супоришу масъалаҳо дар вазъиятҳои нав, мураккаб ва ғайриодӣ шакли ҳаматарафаи ҳалли онҳо мушоҳида карда мешавад. Он аз рӯйи фаъолияти ҷиддию ҳамаҷонибаи таҳлилию таркибӣ, муҳокимаронӣ ва натиҷаю хулосаҳо арзёбӣ мегардад.

Аксар вақт тарзҳои истифодаи донишҳо дар худ ҳалли батафсил ва маҳдудро бо унсурҳои эҷодӣ мепайвандад.

Хонандагон дар раванди фаъолияти таълимӣ кӯшиш менамоянд, ки худашон, ба қавле қасдан ё махсус ҳалли батафсили масъалаҳои амалиро ба ҳалли маҳдудтари онҳо бурда расонанд ва бо ҳамин раванди ҳалли масъалаҳоро автоматӣ кунонанд ва тезонанд. Ин раванд махсусан дар фаъолияти хонандагоне, ки ба эҷодкорӣ машғуланд, возеҳу равшан ифода меёбад. Мо мушоҳида намудем, ки чӣ тавр баъзе шогирдон сараввал фаъолияти мураккаби таҳлилию таркибиро бо муҳокимаронӣ ва натиҷаю хулосаҳои ҳамаҷониба анҷом доданд, сипас ин кори душвори мантиқиро бо матнҳои китоби дарсӣ муқоиса ва иштибоҳҳои худро маълум карданд. Албатта, ин кор бо супориш ва назорати муаллим анҷомида, моҳияти зуҳуроту ҳодисот амиқтар дарк карда шуд.

Мусаллам аст, ки ҷараёни таълим зери роҳбарии омӯзгор қарор мегирад. Фаъолияти бошууронаи маърифатҷӯии хонандагонро ба роҳ монда, муаллим дар пеши онҳо вазифаҳо гузошта, тадриҷан онҳоро мураккаб мегардонад ва ба

ин васила тарзи фикрронӣ, идрок ва маърифати шогирдонро таъмин месозад. Ба мақсади муваффақона ба роҳ мондани омӯзиш муаллим тавассути истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили таълим, методҳои фаъоли самараовар ва дигар воситаҳои фаъолияти инноватсионии педагогӣ майлу хоҳиш, завқу рағбатҳои зеҳнии шогирдонро ҷиҳати азхудкунии дониш, ҳосил намудани маҳорату малакаҳо ва ҷаҳонбинии илмӣ бедор менамояд.

Рағбатҳои зеҳнию водоркунанда, ки ба қаноаткунонӣ аз раванди маърифатӣ асос меёбанд, инҳоро дар бар мегиранд: майлу рағбат ба донишҳо, шавқу ҳавас ба донишу илмдӯстӣ, кӯшиши баланд бардоштани сатҳи фарҳангу маърифати хеш, маҳорату малакаи муайянро соҳиб будан, иштиёқмандӣ ба ҳал намудани вазифаҳои таълимию маърифатӣ ва ғайра.

Бояд гуфт, ки дар миёни рағбатҳои зеҳнию водоркунанда рағбати маърифатҷӯӣ ва талаботҳо ҷойи махсусро ишғол менамоянд. Асоси воқеии инкишофи рағбати маърифатҷӯии талабагон дараҷаи олии таълими, воқеан, мазмуну мундариҷаи илмидошта ва ташкили педагогии мақсадноки маърифати фаъолу мустақилона мебошад.

Шавқу рағбати маърифатҷӯӣ ва муайян кардани роҳу шароити фароҳам овардани ташаккулдиҳии онро бо се дараҷа муқаррар намудаанд: дараҷаи одии паст, дараҷаи миёна ва дараҷаи олӣ. Олимони соҳа бар ин назаранд, ки: «Дараҷаи одии рағбати маърифатҷӯӣ дар диққат додан ба далелҳои мушаххас, донишҳо – тасвирҳо, амалҳо аз рӯйи намуна ифода меёбад. Дараҷаи миёна рағбати маърифатҷӯиро ба вобастагиҳо, робитаҳои байниҳамдигарии сабабу натиҷа ва ба барқарорнамоии мустақилонаи онҳо маънидод месозад. Дараҷаи олӣ бошад, рағбати маърифатҷӯиро ба проблемаҳои амиқи назариявӣ ва фаъолияти эҷодӣ доир ба азхудкунии донишҳо ифода мекунад» [293, с. 197].

Ташаккули дараҷаи олии рағбати маърифатҷӯӣ барои мавҷудияти талаботи маърифатҷӯӣ асос шуда метавонад. Рағбати маърифатҷӯӣ дар раванди тадрис тавассути мазмуну мундариҷаи фанҳо ва фаъолияти таълимӣ ташаккул меёбад ва муносибатро байни иштирокчиёни ҷараёни таълим барқарор месозад. Ба ин истифодаи васеи омили навгониҳои донишҳо, унсурҳои

мушкилот дар таълим, дарёфти маълумотҳо дар бораи дастовардҳои илму техника, нишон додани аҳаммияти ҷамъиятӣ ва шахсии дониш, маҳорат ва малакаҳо, ташкили корҳои мустақилонаи хусусияти эҷодидошта, ташкили таълими мутақобила ва ҳамдигарназораткунии хонандагон ва амсоли инҳо мувофиқ меояд.

Тавре аён гардид, барои инкишоф ёфтани рағбатҳои зеҳнию маърифатҷӯӣ амалҳои зиёди хусусияти инкишофдиҳандаро дар раванди таълим анҷом додан лозим меояд.

Проблемаи калон ва муҳим ин масъалаи зеҳникунонӣ дар дарсҳо (яъне, интихоби машғулиятҳои таълимӣ, шаклҳои нави тадрис, ки дар асоси он зеҳникунонии мафҳумҳо иҷро мегардад) мебошад. Барои дар шакли умумитар ташаккул ёфтани мафҳум муҳим аст, ки ҳамаи намудҳои махсусе, ки ба он объектҳо шомил мешаванд, гирифта шавад. Объектҳои амал ё дар шакли ашё, ки аз муҳити атроф гирифта шудаанд ё дар шакли моделҳо дода мешаванд. Зимнан объектҳое низ пешниҳод карда мешаванд, ки ба мафҳумҳои мазкур мувофиқат намекунанд. Баъди он ки ҳамааш пешниҳод мешавад, ба ташаккули мафҳумҳо шуруъ мекунанд. Ба хонандагон дар якчанд ашё ва воқеаҳо нишон дода мешавад, ки чӣ тавр ҳамаи системаи амалиётҳои зарурӣ иҷро мегардад, қоидаҳои иҷрои амалиёт бо онҳо чӣ гуна истифода бурда мешавад ва баъдан ба онҳо барои дарёфтану фаҳмидан супориш дода мешавад: пешниҳод мегардад, худашон муайян созанд, ки оё ашёи нишондодашуда ба мафҳумҳои мазкур мувофиқат мекунад. Хонандагон аломатҳои (хусусиятҳо, қоидаҳо) ба онҳо мансубро истифода бурда, мавҷудияти системаи зарурии аломатҳоро месанҷанд. Назорати рафти иҷрои амал метавонад бо ҳар тарз, хаттӣ ё шифоҳӣ анҷом дода шавад. Хонандагон метавонанд ба таври гурӯҳӣ кор кунанд, ҳар як нафар ба навбат гоҳ дар нақши иҷрокунанда ва гоҳ дар нақши назоратчӣ баромад мекунад.

Агар амал осон ва дуруст шифоҳӣ иҷро карда шавад, он гоҳ метавон онро дар шакли хаттӣ пешниҳод кард; дар ин ҳолат ҳар як хонанда худаш амалҳояшро иҷро мекунад ва ҳам назорат мебарад. Ҷараёни иҷрои амал

шифоҳӣ махфист, амал пурра зеҳнӣ ва идеалӣ гардид, вале мазмуни он ба хонанда маълум аст, чунки ӯ худаш онро ташкил намуд ва худаш онро аз амалҳо ба вуҷуд овард. Дар ин шароит хонандагон ҳангоми кор бо объектҳо аз аввал системаи ҷудокардашудаи аломатҳои хосро ба нишон мегиранд. Дар натиҷаи амалҳо бо объектҳо дар хонандагон мафҳумҳои додашуда ва баробар бо ин амалҳои дарёфтану фаҳмидан ташаккул меёбанд. Ҳангоми кор гирифтан бо мафҳумҳои минбаъда мазмуни мантиқии ин амал акнун ҳамчун мараттабнамоии тайёр баромад мекунад. Дар мавриди мазмуни хоси ин амал (системаи мушаххаси аломатҳо, тарзҳои ошкор сохтани онҳо) бошад, ҳаминро бояд ишора кард, ки он зимни кор бо ҳар як мафҳуми нав аз худ карда мешавад.

Аз рӯйи ин методика мо озмоиши ташаккули мафҳумҳоро дар хонандагони синфҳои X-XI, маҳз барои кор гирифтан бо сустхонҳо ва миёнахонҳо гузаронидем. Дар ҳамаи хонандагон мафҳумҳо мувофиқ бо сифатҳои қаблан муайяншуда ташаккул ёфтанд. Кор амалан бе хато сурат гирифт. Барои мисол, ҳангоми ташаккул додани мафҳуми «романтизм» аз фанни адабиёт ба 60 хонанда 240 супориш пешниҳод гардид. Ҳамагӣ дар 28 ҳолат ба ғалатҳо роҳ дода шуд. Бо вуҷуди ин, ғалатҳо на танҳо аз ҷониби хонандагон мустақилона ислоҳ карда шуданд, балки, чун қоида, онҳоро низ худашон ошкор намуданд.

Тавре ки таҳқиқот нишон дод, ҳангоми ташкили чунин таълим дар хонандагон мафҳумҳои мукаммал, яъне донишҳои зеҳникунонидашуда ташаккул меёбад. Бар замми ин, қисми умумимантиқии амалҳо оид ба дарёфтану фаҳмидан бомуваффақият аз ҷониби онҳо ба мафҳумҳои нав мегузарад ва дарҳол дар шакли шифоҳӣ иҷро карда мешавад.

Сониян, аз дидгоҳи мо, намоиш додан зарур аст, ки чӣ тавр аз нуқтаи назарияи муоинакунии ташаккули маҳоратҳо муносибат карда шавад. Барои мисол, маҳорати зеҳният кардани қонуниятҳои забониро меорем. Мусаллам аст, ки аксари қоидаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ дар синфҳои поёнӣ ва миёна аз худ карда мешаванд. Мо ба системаи синфҳои иҷрокунанда

(синфҳои поёнӣ) ва қисман ба синфҳои мустақил (синфҳои миёна) бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудем. Дар синфҳои болоӣ бояд ба фаъолияти мустақилона, эҷодӣ ва ҷустуҷӯӣ диққати асосӣ дода шавад.

Ҳамин тариқ, омӯзгор бояд маҳорати зеҳният кардан, амиқ намудани донишҳои дар синфҳои поёнӣ ва миёна бадастовардаро ташаккул диҳад ва дар ин баробар, ба шогирдон мустақилона азхудкунии донишҳоро омӯзонад, роҳ нишон диҳад. Зеро ин амалиётҳо бо мазмун ва хусусиятҳои донишу маҳоратҳои қаблан ҳосилшуда муайян карда мешаванд.

Ба мақсади ташаккули зеҳни илмӣ зарур аст, ки ба хонандагон тарзи таҳлили донишҳо, ҷудо намудани аломат ва нуктаю ғояҳои асосӣ, муқаррар сохтани муносибат ва интегратсияи онҳо ёд дода шавад; методҳои умумии таҳлилро, ки барои муайянсозии системаи ягон муносибат истифода бурда мешаванд, бояд омӯзонид.

Чунин таълими мақсаднок дар ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳникунонии донишҳо созгор буда, ба азхудкунӣ ва бомуваффақият идроку фаҳмидани маводи омӯхташаванда мусоидат менамояд.

Аз ин бармеояд, ки ҳамгироӣ ва мураттабии донишҳо дар инкишофи рағбати маърифатҷӯӣ ва фаъолияти эҷодии махсусан хатмкунандагон нақши барҷаста мебозад.

Ниҳоят, зикр кардан зарур аст, ки бидуни алоқаҳои байнифаннӣ ва ҳамгироии донишҳо тадриси фан боиси парокандагии дониш, номураттабии онҳо ва маҳдудшавии ҷаҳонбинии хонандагон мегардад. Дарсҳои ҳамгирошуда ба ташаккули тасвири ҳамаҷонибаи олам дар хонандагон, дарки робитаҳои байни ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва ҷаҳон мусоидат мекунад.

## ХУЛОСАҲОИ БОБИ ДУЮМ

Омӯзиш ва таҳлили проблемаҳои мавзуи таҳқиқот ошкор намуд, ки дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хатмкунандагони синфҳои болоии IX – XI дар амалияи таълим ба як қатор ҳолату омилҳо рабт дорад.

Таҳлили нақшаи дарсҳо ва дигар машғулиятҳои таълимӣ нишон дод, ки аксари омӯзгорон системаи аниқу равшан банақшагирифтаи инкишоф додани зеҳни хонандагонро надоранд.

Дар рафти таҳқиқот мушкилиҳои омӯзгорон дар самти тайёрӣ ба дарсҳо, интихоби маводи таълимӣ ва вазифаю супоришҳо бобати татбиқи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар раванди таълим ошкор карда шуданд. Онҳо хусусиятҳои мушкилиро дар мавҷуд набудани дастуру тавсияҳо оид ба роҳу воситаҳои ташаккулдиҳии дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон (92,5%), дар интихоби маводи таълимӣ (84,5%) ва интихоби методҳои мувофиқ (76,0%) нишон доданд.

Ҳамчунин, зимни иштирок ба дарсҳои омӯзгорон проблемаҳои дигар муайян карда шуданд, ки ба чанд ҳолат рабт дорад. Дар як ҳолат ноуҳдабароии омӯзгор, яъне дуруст муқаррар карда натавонистани ҳадафҳои дарсҳо ба назар мерасад, дар ҳолатҳои дигар – омӯзгор ба моҳияти маводи таълим сарфаҳм намеравад, дар ҳолати сеюм, нуктаҳои асосии дар матн баёншударо аниқ муқаррар карда наметавонад. Аз ин рӯ, барои ҷамъбасту мураттабсозии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии шогирдон тибқи мавзуъ ва бобҳо барояшон ба осонӣ даст намедиҳад.

Сифати раванди таълим вобаста ба он аст, ки омӯзгор то чӣ андоза бодиққат ва бомулоҳиза пешакӣ ҷараёни дарсро оид ба ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон ба нақша мегирад, метод, тарзу восита ва истифодаи онҳоро муқаррар месозад. Барои ин зарурати таълифи дастури тартиб (сенария)-и фаъолиятҳои якҷояи омӯзгор ва хонандагон зимни омӯзиши мавзуъ ба миён меояд.

Тартиб (сенария)-и фаъолият бо як қатор талаботҳо, ки мавҷудият ва таъмини иҷрои онҳо ба сифату самаранокии дарс мусоидат мекунад, таҳия карда шуд.

Ба мақсади муайян намудани донишҳои ҷамъбастӣ-зеҳнӣ ва маҳорату малакаҳо аз фанни «Адабиёти тоҷик» ба синфҳои XI аз рӯйи асарҳои С. Айнӣ супоришҳо дода, сатҳи азхудкунии хатмкунандагон муайян карда шуд. Муайян гардид, ки барои хонандагон махсусан шарҳу таърифи мафҳумҳои асосӣ ва ё назарияи адабиёт, таҳлили мундариҷа ва ғояи асосии асар низ мушкилӣ душвор аст ва натиҷаҳои паст ба даст омад.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки омӯзгорон дар ҷараёни дарс ба шарҳу баёни мафҳумҳои илмӣ, назарияи адабиёт кам эътибор дода, ба таҳлили асарҳои бадеӣ, мазмуну мундариҷа ва ғояҳои асосии асар сатҳӣ менигаранд ва дар шогирдон маҳорати таҳлил, ҷустани ғоя ва аломатҳои муҳимро дар маводи таълимӣ ба таври зарурӣ ташаккул надодаанд.

Озмоиши муқарраркунанда тасдиқ кард, ки дараҷаи фаъолнокии маърифатии хонандагон паст аст. Сабабҳои асосноки дараҷаи пасти дониш, эътибор надодани омӯзгорон ба маҳорату қобилиятҳои зеҳнии хонандагон ва надонистани роҳҳои инкишофи онҳо ошкор гардиданд.

Суҳбату пурсишҳо собит сохтанд, ки омӯзгорон, асосан, аз таълими ахбордиҳандаю намоишдиҳӣ истифода бурда, аз дигар намудҳои таълим, бахусус аз таълим проблемавӣ ниҳоят кам кор мегиранд. Сабаби асосӣ ба мавҷуд набудани адабиёт ва манбаъҳои илмӣ-методӣ барои омӯхтани хусусиятҳои чунин намудҳои таълим, интихоби маводи таълимӣ барои ин гуна дарсҳо, интихоби метод ва тарзҳое, ки самаранокии онҳоро таъмин месозад рабт дода шуд.

Бояд зикр кард, ки нақши таълими проблемавӣ дар фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ, алалхусус дар ташаккули тафаккури ҷустуҷӯии хонандагон бузург аст. Ба ташаккули бобарори дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнии талабагон ташкил намудани вазъияти проблемавӣ дар дарс мусоидат менамояд.

Дарвоқеъ, аксаран дар раванди дарс проблемагузорӣ карда наметавонанд, ки инро таҳлилу мушоҳидаҳои дарси омӯзгорон собит сохт.

Дар баробари масъалаи таълими проблемавӣ, ки он ҷо гузориши савол нақш мебозад, саволҳои пайдошудаи хонандагон вобаста ба моҳияту хусусиятҳояшон ба чор гурӯҳи хос – саволҳои пурракунанда, саволҳои аниқкунанда, саволҳои иттилоотӣ ва саволҳои эвристикӣ ҷудо карда шуданд.

Аҳаммияти таълими барномавӣ низ, ки барои идораи раванди корҳои мустақилонаи хонандагон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, нишон дода шуд. Санҷиши махсус ташкилкарда самаранокии таълими барномавӣ ошкор сохт.

Инкишоф додани салоҳиятҳои зеҳнӣ – фарогирии дониш, маҳорату малакаҳо ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон вазифаи асосии муассисаи таҳсилоти умумии муосир ҳисобида шуда, дар баробари ин, азхудкунии амиқу босифат, дарки қонуниятҳои инкишофи ҷамъияту табиат ва моҳияти назарияи илмӣ барои хатмкунандагон бағоят муҳим аст. Ба ин, маҳз алоқаҳои байнифаннӣ, ки дар таълими фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ талаботи дидактикӣ-педагогӣ ва вазифаҳои дарсро ҳал мекунанд, мувофиқ меоянд.

Робитаи байнифаннӣ барои дар хонандагон ба вуҷуд овардани назари ягона дар бораи олами иҳотакарда ва дар донишҳои фаннӣ пайдо кардани умумиятҳо нақши муҳим мебозад. Алалхусус дар ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва мураттаб гардонидани системаи донишҳои ҳосилшуда таъсири мусбат мерасонад.

Дар бораи алоқаҳои мавзуии дохили фанҳо, алоқаҳои байни як ва силсилаи фанҳои гуногун сухан рафта, аҳаммияти пайдарпайӣ ва иртиботи фанҳои забону адабиёти тоҷик, таъриху география, ки дар тули таҳсили мактабӣ донишҳои якдигарро идома ва такмил медиҳанд, тавзеҳ дода шудааст.

Мушоҳида ва таҷрибаҳо нишон доданд, ки аксари вақт омӯзгорон ҳамаи имконият ва донишҳои ҷамъиятшиносиро барои бартараф намудани

норасоии донишҳо истифода намебаранд ва бо барқароркунии интегратсия донишҳои бадастомадаро аз фанҳои ба ҳам наздик ҷамъбасту мураттаб намесозанд.

Барои ба даст овардани донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ ва таъмини сифати онҳо зарурати неруи якҷояи омӯзгорони як қатор фанҳо, бахусус фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ (забону адабиёт, таърих, география, ҳуқуқ), омодагии ҷиддии онҳо ва ҳам хонандагон таъкид карда шуд. Ташаббуси дастаҷамъонаи омӯзгорон дар ташкили семинару конференсияи махсуси байнифаннӣ, ки одатан ба бобу мавзуъҳои калонҳаҷм бахшида мешаванд, муҳим арзёбӣ шудааст.

Ба мақсади санҷиши интегратсияи донишҳо (истифодаи донишҳои байнифаннии таърихӣ, географӣ, демографӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ) бо хатмкунандагони синфҳои 11 саволу ҷавоб ташкил карда шуд. Ҷавобҳои номураттабу номукаммали онҳо оид ба мавзуи «Афзоиши аҳолӣ. Қашшоқӣ ва рушди нобаробари иқтисодӣ» беэътиноӣ ва муносибати сатҳии субъектони асосии раванди таълимро ба омӯзиши мавзуи мазкур ва ҳамгирро набудани донишҳоро ошкор гардид.

Аз таҷрибаи омӯзгорони пешқадам ва озмоишҳои анҷомдода оид ба воридшавии хонандагон ба ҷараёни ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ, ки иҷрои як қатор шартҳои дидактикиро дар талаб мекунад, андешаҳо иброз шуда, сабабҳои вориднашавии онҳо низ ба ин ҷараён ба таври васеъ шарҳ дода шуд.

Масъалаҳои мураттабсозии дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон зери озмоиш қарор гирифта, дар ин самт муҳиммияти молик будани як қадар маҳоратҳо, минҷумла маҳорати истифодаи далелҳо, дар онҳо аломатҳои муҳимтарро ёфтан, аз рӯйи нишонаҳои муайян муқоиса кардан, мафҳумҳои асосӣ, ғояҳо, қонуну қонуниятҳоро ҷудо намудан, онҳоро мураттаб ва хулоса баровардан нишон дода шуд.

Роҳҳои мураттабсозии донишҳо дар дарс – *тавсифи мухтасар ва тавсифи батафсил, ки* истифодаи онҳо татбиқи босифати ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагонро осон месозад, муайян гардиданд.

Дар азхудкунии дониш ва ба сатҳи баланд расонидани мураттабии онҳо муассирии нақши мураттабсозии муқаддимавӣ, мураттабсозии назоратӣ, мураттабсозии ҷорӣ, мураттабсозии таҳлилӣ ва мураттабсозии ҷамъбастӣ собит ва ҳар яки он муфассал тавзеҳ ёфтанд.

***Меъёрҳои дарёфтану фаҳмидан***, ки муайянсозии аломатҳои аввали зарурии объект (ашё), қайди натиҷаҳои бадастомада ва санҷидани дурустии ҷавобҳоро ифода мекунанд, муқаррар карда шуданд. Дар робита ба ин маҳоратҳои барои истифодаи роҳҳои ба хонандагон маълум асоснок шудаанд, ки ба ин маҳоратҳо **ду марҳалаи таҳлил –** ***донистану фаҳмидани объект*** (марбут ба забон, адабиёт, таърих, ҳуқуқ ва ғайра) ва барои он ***истифодаи қоидаю таърифҳо***и мавҷуда хос аст.

Дараҷаҳои шавқу рағбати маърифатҷӯӣ: дараҷаи одии паст, дараҷаи миёна, дараҷаи олӣ ва муайян кардани роҳу шароити фароҳам овардани ташаккулдиҳии он дар такя ба ақидаҳои педагогии олимони соҳа муқаррар карда шуданд. Маҳз ташаккули дараҷаи олии рағбати маърифатҷӯӣ барои мавҷудияти талаботи маърифатҷӯӣ асос шуда метавонад, ки бо он истифодаи васеи омили навгониҳои донишҳо, унсурҳои мушкилот дар таълим, дарёфти маълумотҳо дар бораи дастовардҳои илму техника, нишон додани аҳаммияти ҷамъиятӣ ва шахсии дониш, маҳорат ва малакаҳо, ташкили корҳои мустақилонаи хусусияти эҷодидошта, ташкили таълими мутақобила ва ҳамдигарназораткунии хонандагон ва амсоли инҳо мувофиқ меояд.

Хуллас, бидуни алоқаҳои байнифаннӣ ва ҳамгироии донишҳо тадриси фан боиси парокандагии дониш, номураттабии онҳо ва маҳдудшавии ҷаҳонбинии хонандагон мегардад.

# БОБИ III. АСОСҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАШАККУЛИ МАФҲУМҲОИ ИЛМӢ, УМУМӢ, МУШАХХАС ВА ҚОНУНҲОИ ИЛМӢ

## 3.1. Асосҳои назариявии ташаккули мафҳумҳои илмӣ, умумӣ ва мушаххаси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ

Қабл аз он ки хусусиятҳои омӯзиши мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва мазмуну моҳияти онҳоро шарҳу тавзеҳ диҳем, зарур аст, ки ба маънои худи «мафҳум» назар андозем. Масъалаҳои назариявии омӯзиш ва ташаккули мафҳумҳо мураккаб буда, дар миёни файласуфон, психологу педагогҳо ва ҳам мантиқшиносон доир ба он то ҳол андешаи ягона вуҷуд надорад. Дар ин бобат ақидаҳо зиёданд. Чунончи, мантиқдони шинохтаи венгерӣ Бела Фогараши дар китоби дарсии «Мантиқ» 34 таърифи мафҳумро меорад. Як қатор мантиқшиносон, аз ҷумла Строгович М.С. мафҳумро шакли тафаккур мешуморад, ки аломатҳои воқеии ашё ва зуҳуротро инъикос мекунад. Кондаков Н.И. дар «Луғатномаи мантиқӣ» мафҳумро чунин шарҳ медиҳад: «Дараҷаи баланди тафаккур шакли мафҳумро мегирад, ки маҷмуи ақоид аст ва асоси онро андешаҳои оид ба аломатҳои воқеию хусусии мавзуи мавриди таҳқиқ ташкил медиҳад» [143, с.459]. В.Ф. Асмус мафҳумро чун «фикр дар бораи ашё, ки дар он аломатҳои муҳимми ашё» муайян шудааст, шарҳ медиҳад. К.С. Бакрадзе мафҳумро чун фикре, ки аломатҳои муҳимми ашёро инъикос менамояд, муайян кардааст.

Психологи намоёни даврони шуравӣ В.А. Крутетский ба «мафҳум» чунин шарҳро муносиб дидааст: «Мафҳум ин шакли тафаккур аст, ки дар хусусиятҳои умумӣ ва асосии ашё ва ҳодисаҳо инъикос мегардад. Ҳар як ашё, ҳар як ҳодиса хусусият ва аломатҳои зиёди гуногун доранд ва онҳоро метавон ба ду қисм – асосӣ ва дуюмдараҷа ҷудо кард. … Мафҳум шакли комилан инкишофёфта ва ҳамаҷонибаи маърифат буда, назар ба тасаввурот воқеиятро хеле васеътару пурратар инъикос менамояд» [149, с.162].

Аломати фарққунандаи мафҳум умумиятнокии он мебошад. Аломатҳои асосии мафҳум аҳаммият ва характери умумӣ доранд, яъне онҳо ба ҳамаи ашё ва ҳодисаҳои якҷинса хос мебошанд.

Ҳамчунин, мафҳум ифодакунандаи алоқаҳои дохилию берунии ҳодисоту ашё низ мебошад, тавре ишора шудааст: «Фикре, ки ҳамчун инъикоси ашёву ҳодиса ё хосиятҳои алоҳидаи ашё буда, алоқаи дохилӣ ва берунии онро бо ашёи дигар дар бар мегирад, мафҳум номида мешавад. … Донишҳо дар бораи табиат ва ҷамъият дар шакли мафҳумҳо ташкил ёфта, бо калимаю ибораҳо ифода мешаванд» [258, с.113].

Мафҳум яке аз зинаҳои донишҳои ақлӣ (зеҳнӣ) мебошад ва он ҳамчун шакли олии фикр ҷамъбасти баъзе нишонаҳо, хусусиятҳои умумӣ, гурӯҳбандии навъи ашё ва ҳодисаҳоро муайян месозад. Ба ифодаи дигар, «Мафҳум як шакли шинохт аст, ки ба воситаи он инсон маҷмуи хусусиятҳо, тарафҳо, сифатҳо ва аломатҳои муҳимми ашё ва ҳодисаҳоро инъикос мекунад» [10, с.203]. Дар мафҳумҳо донишҳо дар бораи ашё ва ҳодисаҳои ҳаёт дар шакли ҷамъбаст ва абстрактӣ (мавҳум) ифода меёбанд. Ба он маъно, ки мафҳум хусусияти ҷамъбастию абстрактӣ дорад ва аёнӣ нест. Мафҳум фикри абстрактӣ дар бораи ашё аст.

Ҳама андешаҳоро ҷамъбаст карда, метавон мафҳумро чунин таъриф намуд: Мафҳум ҳамчун категорияи ниҳоят мураккаб маҳсули баъзе марҳилаҳои инкишофи донишҳои мо дар бораи ин ё он объекти олами воқеӣ шуморида мешавад. Баробари пайдо шудани мафҳум худ ба объекти тафаккур ва маърифат табдил меёбад. Аз тарафи дигар, мафҳум яке аз шаклҳои тафаккур мебошад ва ба ин маънӣ ҳамчун воситаи дарку маърифат шинохта шудааст. Тафаккур метавонад дар шаклҳои гуногун – мафҳум, ақида, андеша, хулосабарорӣ, фарзия, назария ифода шавад. Ҳамаи онҳо дар маърифатнокшавӣ нақши бузург мебозанд.

Мафҳумҳо инъикоси воқеият ба шумор рафта, дар натиҷаи азхудкунии донишҳо, ки бо ёрии узвҳои ҳис ҳосил мешаванд, саравал дар шуури хонандагон ташаккул меёбанд. Омӯзиши мафҳумҳо дар раванди минбаъдаи таҳсил аллакай дониши тайёр маҳсуб мегардад ва ҳамчун воситаи ҷамъбасту мураттабсозии маводи тоза хидмат мекунад.

Бояд гуфт, ки мазмуни мафҳум баробари инкишофи илму техника ва таълимот дар бораи ин ё он соҳа фаррохтар мегардад.

Муассирии нақши мафҳумҳоро дар ташаккули донишу ҷаҳонбинии илмии хонандагон ба назар гирифта, як самти мавзуи таҳқиқотамонро ба муаммоҳои омӯзиш ва азхудкунии онҳо бахшидем.

Пеш аз ҳама нақш ва ҷойгоҳи мафҳумҳоро дар системаи донишҳои илмӣ бояд муайян кард. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини мактаб таъмини шароити муносибест, то хонандагон тавонанд системаи донишҳо ва асосҳои илмро аз худ намоянд.

Системаи донишҳои илмӣ чиро ифода мекунад? Аз кадом ҷузъҳо таркиб ёфтааст? Дар асоси таҳлили мантиқӣ-генетикии сохтори донишҳои илмӣ метавон онро ба ҷузъҳои асосии зерин ҷудо кард: а) далелҳои илмӣ; б) мафҳумҳо (дар бораи сохти ашё, зуҳурот, ҳодисаҳо ва хусусиятҳои онҳо, методҳои таҳқиқоти илмӣ; в) қонунҳо; г) назарияҳо; ғ) аҳаммияти амалии донишҳои назариявӣ (равандҳои технологӣ, асоси омӯзишу таҳқиқи зуҳурот ва қонунҳо) (ҷадвали 10).

**Ҷадвали 10**




Ҷузъҳои мазкур бо ҳам робитаи зич доранд ва миёни онҳо ҳад гузоштан хеле мушкил аст. Масалан, назарияро бисёр вақт ҳамчун мафҳуми инкишофёфта ва мафҳумро ҳамчун қонун мешуморанд. Бо вуҷуди ин дар адабиёт вобаста ба назарияи маърифат ҷузъҳои нишондодашуда таъкид мекунанд, ки назарияро метавон ҳамчун воҳиди мустақили дониш ҳисобид, ки ҳама гуна илмҳо аз он бархӯрдоранд.

Ҷузъҳои нишондодашудаи таркиби донишҳо барои ҳамаи улуми табиӣ ва ҷомеашиносӣ умумӣ мебошанд. Ҳамаи илмҳо бо далелҳои илмӣ, системаи

мафҳумҳои илмӣ, қонунҳо ва назарияҳо сару кор доранд. Барои ҳамаи илмҳо гурӯҳи мафҳумҳое чун фаҳмиш дар бораи шаклҳои таркибии материя, шаклҳои мувофиқи ҳаракати онҳо, ҳодисаҳо ва зоҳиршавии онҳо (ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва ғайра), фаҳмиш дар бораи ашё, зуҳуроту ҳодисот ва хусусиятҳои онҳо як хел мебошад. Унсурҳои таркибии донишҳои илмӣ дар мазмуни ҳамаи фанҳои мактабӣ ифода ёфтаанд.

Мафҳумҳо дар системаи донишҳо нақши хеле муҳимро иҷро мекунанд. Онҳо дар натиҷаи таҳлили далелҳои нав ифшогардида ташаккул меёбанд. Тавассути мафҳумҳои илмӣ қонунҳо ба вуҷуд меоянд. «Ҳар як қонун, – ишора мекунад А.В. Усова, – робитаи байни мафҳумҳоро ифода мекунад. Бе мафҳумҳо ягон қонун ташаккул намеёбад. Агар мафҳумҳои зарурӣ аз худ карда нашаванд, қонунҳо низ аз худ карда намешаванд. Омӯзиши назария ҳам ҳамчунон азхудкунии мафҳумҳоро тақозо менамояд. Назарияи илмӣ ин инкишофи системаи мафҳумҳои илмӣ ба шумор меравад» [316, с. 5-7].

Тавре ки маълум гашт, бидуни фарогирии мафҳумҳо азхудкунии қонунҳо ва назарияҳо имкон надорад. Аз ин рӯ, дар ҷараёни таълим дарки мафҳумҳои асосӣ барои хонандагон зарур дониста мешавад. Барои он ки хонандагон мафҳумҳоро хуб аз худ намоянд, муаллимро зарур аст, то ҷараёни ҳосилшавии ин мафҳумҳоро дуруст ташкил намояд ва идора кунад.

Барои идораи бошууронаи ин ҷараён хусусиятҳои асосӣ ва қонуниятҳоеро, ки худи ҷараён ба онҳо тобеъ аст, бояд донист. Мутаассифона, дар нақшаҳои таълимии муассисаҳои таълимии омодакунандаи кадрҳои педагогӣ чунин фанҳое, ки масъалаҳои мафҳуму қонуниятҳои илмӣ ва хусусиятҳои хоси онҳоро ҳаллу фасл менамоянд, ҷой надоранд. Аз ин сабаб омӯзгорон дар ташаккули мафҳумҳо ба мушкилӣ дучор меоянд, вижагиҳо ва қонуниятҳои ҷараёни ташаккули мафҳумҳоро намедонад. Муаллим дурнамою пешравиҳои рушди мафҳумҳоро намебинад, ҳатто то лаҳзаи анҷоми таҳсили муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ намедонад, ки азхудкунии мафҳумҳои алоҳида чӣ гуна талабот дорад. Масалан, муҳандис-технолог (фановар) барои таъмини истеҳсоли маҳсулоти

зарурӣ тамоми ҷараён ва мавридҳои алоҳидаи онро бояд донад. То оғози ҷараёни технолог ӯ бояд аниқ донад: чӣ истеҳсол карда мешавад?, талаботи асосӣ. Дар асоси ин ду маҳсулоти ниҳоӣ муайян карда мешавад. Сипас, муҳандис-технолог роҳҳоеро ҷустуҷӯ менамояд, ки ба сарфаи вақт ва сифати баланди маҳсулот мусоидат кунанд.

Мазмуни мисоли овардашуда ин аст, ки омӯзгор низ дар бораи мафҳумҳо ва роҳҳои ташаккули онҳо дар раванди таълим ба мисли муҳандис аввалан талаботи асосӣ, сарфаи вақт ва ниҳоят, интихоби роҳу усулҳои муносибро, ки самаранокии баланд, омӯзиши босифат ва азхудкунии мафҳумҳоро таъмин месозанд, бояд донад ва пешакӣ ба нақша гирад.

Зимни иштирок ба дарсҳо ба мушоҳида мерасид, ки муаллимон (албатта, теъдоди камтарин, он ҳам аҳёнан) ба ташаккули ин ё он мафҳум оғоз карда, аксар вақт на талаботи то анҷоми давраи таҳсил зарурро медонанду на замина ва ё таҳкурсии мафҳумҳои асосиро, ки барои фаҳмиши хонандагон муҳимманд ва на мавридҳои инкишофи мафҳумҳорову на васоити мутобиқшавии рушди онҳоро. Аз ин сабаб, барои ташаккули мафҳум вақти зиёд сарф мешавад, вале дараҷаи азхудкунии он аз тарафи хонандагон ба талаботи барномаи таълим ҷавобгӯ нест. Инро пажуҳишҳои махсус анҷомдодаи мо, натиҷаҳои санҷишҳои ҷиддӣ, ҳамчунин таҳқиқи азхудкунии мафҳумҳои асосӣ аз тарафи хонандагон, тасдиқ мекунанд.

Дар робита ба ин, мо тасмим гирифтем, ки масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, дар бораи қонуниятҳои асосии ташаккули мафҳумҳо, шароити татбиқи онҳо дар раванди тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ маълумоти бештари асоснок пайдо ва дастраси алоқамандони соҳа гардад.

Ба ин мақсад масъалаҳои зерин матраҳ мешаванд:

- шарҳу тафсири мафҳум;

- хусусияти психологии инкишофи мафҳумҳо;

- махсусияти инкишофи мафҳумҳо дар илм;

- махсусияти инкишофи мафҳумҳо дар фаҳмиши таълимӣ;

- махсусияти азхудкунии мафҳумҳо аз тарафи хонандагон дар ҷараёни таълим;

- хатоҳои маъмулӣ дар азхудкунии мафҳумҳо, сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои бартарафсозии онҳо;

- роҳҳои асосии ташаккули мафҳумҳо;

- меъёрҳои азхудкунии мафҳумҳо;

- шароити мусоидаткунанда барои беҳтар азхудкунии мафҳумҳо;

- нақши мафҳумҳо дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ.

Хусусиятҳои асосии мафҳумро *мазмуни мафҳум, ҳаҷми мафҳум ва робитаи мафҳум бо мафҳумҳои дигар* ташкил мекунанд. Барои аз худ намудани матлаб, омӯзгор бояд ин хусусиятҳоро хуб донад.

Зери ифодаи мазмуни мафҳум маҷмуи хоссиятҳои гурӯҳи ашё ё зуҳурот дар назар дошта мешаванд, ки тавассути ин мафҳум дар майна пайдо мешаванд.

Ҳамон хоссиятҳое воқеӣ номида мешаванд, ки аз рӯйи онҳо гурӯҳи ашё ё зуҳурот аз ашё ва зуҳуроти дигар фарқ мекунанд. Хусусиятҳои воқеӣ, паҳлуҳои ашё ва зуҳуроти олами атроф ҳамчун аломатҳо номгузорӣ шудаанд. Хусусиятҳои воқеӣ барои ҳама объектҳои гурӯҳи мазкур умумӣ мебошанд, бе онҳо ашё вуҷуд дошта наметавонанд, зеро онҳо моҳият ва табиати дохили худи ашёро инъикос мекунанд.

Мафҳум аз ҷиҳати мазмун ба сода ва мураккаб тақсим мешавад. Масалан, *монархия* – сохти давлатӣ, ки дар он ҳокимияти олӣ ба як шахс тааллуқ дорад; *генотсид* – несту нобуд кардани нажод, авлод ва ғайра. Инҳо мафҳумҳои содаанд. *Сиёсат, идеология* мафҳумҳои мураккаб, фаҳмишҳои мураккабтар мебошанд.

Зери ҳаҷми мафҳум ҳаҷми предметҳое фаҳмида мешавад, ки мафҳуми мазкурро дар бар мегирад (ё тасаввуроте, ки тавассути ин мафҳум ҳосил мешаванд).

Аз рӯйи ҳаҷм мафҳумҳо ба *ягона (алоҳида), умумӣ ва категория* ҷудо мешаванд.

Мафҳумҳои ягона (алоҳида) мафҳумҳоеро мегӯянд, ки ҳаҷмашон ба воҳид баробар аст. Масалан, шаҳри Ҳисор, дарёи Вахш, «Шуриши Восеъ» ва амсоли инҳо.

Мафҳумҳоеро, ки ҳаҷмашон аз воҳид бештар аст, умумӣ мегӯянд. Ҳамин тавр, мафҳуми шаҳр умумист, зеро ҳамаи шаҳрҳоро ифода мекунад. Мисоли дигар, «муҳоҷир» мафҳуми умумист, зеро чанд намудро дар бар мегирад: муҳоҷири меҳнатӣ, муҳоҷири иҷборӣ, муҳоҷири дохилӣ, ки ба доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ тақсим мешавад; муҳоҷири экологӣ, муҳоҷири ихтиёрӣ ва ғайра. Дар ҷараёни омӯзиши асосҳои илм дар хонандагон асосан мафҳумҳои умумӣ ташаккул меёбанд.

Ба *категория* мафҳумҳои умумияташон густурда дохил мешаванд. Онҳо хусусиятҳои аз ҳама асосии воқеиятро инъикос мекунанд. Ба *категорияҳо*: ашё, ҳаракат, сабабҳо, омилҳо, оқибат, неру ва ҳоказо мисол шуда метавонанд.

Мафҳумҳо ашё ва зуҳуроти воқеиро инъикос намуда, инчунин алоқа ва муносибати байни онҳоро ифода мекунанд. Бозтоби ин робитаҳо дар шуури инсон худ робита ва муносибати байни мафҳумҳо дониста мешавад. К.Д. Ушинский дуруст қайд мекунад, ки мафҳумҳо дар майнаи хонанда ҳамчун риштаҳои мурда дар паҳлуи якдигар хоб накарда, балки аз бисёр ҷиҳатҳо ба ҳамдигар муносибат пайдо мекунанд.

Мафҳумҳо миёни худ робита доранд ва ҳамдигарро муваззаф месозанд. Ҳар як мафҳум бо мафҳумҳои дигар дар муносибат ва робитаи муайян қарор дорад.

Муносибати байни мафҳумҳо ин, пеш аз ҳама, муносибати миёни мазмун ва ҳаҷми онҳо ба шумор меравад.

Ҳар як ашё, аз як тараф, дорои аломатҳои воқеӣ мебошад, ки барои гурӯҳи ашёи дигар умумӣ ҳисоб мешаванд ва, аз тарафи дигар, аломатҳое доранд, ки ба гурӯҳи муайяни ашё хосанд.

Дар таърифи мафҳум чунин шарту талаботҳо инъикос меёбанд: а) аҳаммият ва моҳияти таърифи мафҳум; б) роҳҳои муайян кардани мафҳум; в)

қоидаи муайян кардани мафҳум (талаботи муайянкунӣ); г) хатоҳои дар муайянкунии мафҳум ҷойдошта; ғ) роҳҳои шиносшавӣ бо мафҳум, вақте ки онро муайян кардан мумкин нест; д) аниқ сохтани таърифи мафҳум ҳангоми аз синф ба синф гузаштани хонандагон.

Аҳаммият ва моҳияти таърифи мафҳум дар муайян кардани мафҳум ифода меёбад, ки он чӣ маъно дорад. Муайян кардани мафҳум амалиёти мантиқиест, ки дар ҷараёни он мазмуни мафҳум кушода мешавад, яъне аломатҳои воқеии фарққунандаи ашё нишон дода мешаванд.

Муайян кардани мафҳум ин пеш аз ҳама дар шакли мухтасар ифода кардани хусусиятҳои умумӣ, асосӣ ва воқеии ашё мебошад. «Муайян кардани мафҳум ба ҳеҷ ваҷҳ номбар кардани аломатҳои ашёро дар бар намегирад. Муайян кардани мафҳум, яъне онро рушд додан, сермаъно сохтан ва минбаъд вобаста ба ҷойгоҳаш дар системаи мафҳумҳо ва сохтори назариявӣ арзёбӣ кардан аст» [316, с.33].

Муайянкунӣ ду хел мешавад: муайянкунии воқеӣ ва муайянкунии номиналӣ. Аввалӣ аломатҳои воқеии ашё ва зуҳуротро инъикос карда, мақсадаш фарқ кардани ашёи муайяншаванда аз чизҳои дигар мебошад. Ба ин мақсад аломатҳои фарққунандаи ашё номбар карда мешаванд. Дуюмӣ маънии калима, ном ё истилоҳи ифодакунандаи мафҳумро шарҳ медиҳад [143, с.389].

Барои он ки мафҳум аниқ карда шавад, мазмуни онро ёфта, аломати асосии фарққунандаро нишон додан зарур аст. Аз ин рӯ, қоидаи таърифи мафҳумҳои илмиро ҳар як педагог бояд донад. Мутаассифона, дар амалия чунин хато бисёр ҷой дорад ва на танҳо дар амалия, балки дар адабиёти илмӣ низ.

Таърифи мафҳум зинае дар фаҳмидани олами атроф ба шумор меравад. Вале барои он ки ин зина моро ба дарки амиқи ашё ва зуҳурот, муносибату робитаи онҳо расонад, дар хотир бояд нигоҳ дошт, ки таърифи фишурда ё мухтасар ашё ва зуҳуротро пурра муаррифӣ карда наметавонад. Таърифи мухтасар ҳарчанд, ки мувофиқи ҳусни баён аст ва ҷиҳатҳои асосиро

натиҷагирӣ мекунад, вале барои нишон додани аломатҳои воқеии мафҳум ва зуҳурот кофӣ нест.

Аҳаммияти ҳамаи мафҳумҳо шартӣ ва нисбӣ буда, онҳо ҳеҷ гоҳ робитаҳои зуҳуротро вобаста ба рушди пурраи он фаро гирифта наметавонанд.

Ҳамин тавр, муайян кардани мафҳум ё таърифи онро сохтан – дар шакли мухтасар муайян кардани хусусияти асосӣ ва умумии ашёи таърифшаванда бидуни ҳамаи хосиятҳо, паҳлуҳо ва алоқаҳо мебошад.

Баъзан мешавад, ки дар таърифи мафҳумҳо ба ғалату иштибоҳҳо роҳ медиҳанд. Педагог бояд на танҳо қоидаҳои муайян кардани мафҳумҳо, балки ғалатҳои маъмулиеро, ки дар амалияи муайянсозии таърифи мафҳумҳо дар ҷараёни таълим ҷой доранд, низ донад. Ғалатҳое, ки дар таърифи мафҳумҳо роҳ меёбанд, зеринҳоянд:

- вайрон кардани қоидаи таносуб;
- такрор дар таъриф;
- ҳалқа дар таъриф;
- таърифи номаълум тавассути номаълум;
- ворид сохтани аломатҳои ғайривоқеӣ ба таъриф.

Ғалати аввал ин аст, ки таърифҳо ё аз андоза берун васеъ ё маҳдуду мухтасар дода мешаванд.

Ғалати дуюм – такрор мебошад ва моҳияти ин ғалат аз он иборат аст, ки предмет тавассути худ муайян карда мешавад ва танҳо дар таъриф тарзи баён фарқ мекунад.

Ғалати сеюм – ҳалқа дар мафҳум чунин аст, ки онро камтар ва қариб, ки пайхас намекунанд. Ин ғалат дар амалия бисёр рух медиҳад. Яъне як мафҳум тавассути мафҳуми дигар ва мафҳуми дигар тавассути мафҳуми аввалӣ муайян карда мешавад.

Ғалати чорум – таърифи номаълум тавассути номаълум. Ин чунин ғалатест, ки як мафҳум тавассути мафҳуми дигаре муайян карда мешавад, ки аломатҳояш маълум нестанд ва таърифи худро ҳоло пайдо накардааст.

Ниҳоят, ғалати панҷум, ғалатест, ки дар таърифи мафҳум аломатҳои ғайривоқеӣ ворид карда мешаванд.

Ин ғалатҳои маъмулӣ ба муаллим имкон медиҳанд, ки дар муайян кардани мафҳум ва таърифи он, ки ӯ ба хонандагон медиҳад ва ҷавобашро аз онҳо мешунавад, ҷиддиятро аз даст надиҳад.

Ҳангоми таърифи ин ё он мафҳум омӯзгор бояд дар назар дошта бошад:

1. Таъриф ҳама хосият ва аломати ашёро набояд нишон диҳад, балки ҳамон аломатҳоеро фаро гирад, ки нисбатан умумӣ ва фарқкунанда ба ҳисоб мераванд.

2. Вазифаи таъриф дониши бадастовардаро дар бораи ашё ва зуҳурот нишон додан аст.

3. Таърифи мафҳум чизи доимӣ ва тағйирнаёбанда нест. Бо мурури замон ва рушд ёфтани илму дониш он метавонад тағйир дода шавад.

Ҳамин тариқ, таърифи мафҳум мухтасар бояд хусусиятҳои асосӣ ва воқеии ашёи тавсифшавандаро ифода кунад, на ҳамаи аломат ва робитаҳоро.

Ба мақсади тавзеҳ додани муҳиммияти омӯзиш ва азхудкунии мафҳумҳо лозим донистем, ки ин ҷо ба таснифоти дидактикии мафҳумҳо рӯ биёрем. Мутахассисону муҳаққиқони соҳаи педагогика ва психология барои муназзамии мафҳумҳо ва осон гардонидани ҷараёни азхудкунӣ таснифоти дидактикии онҳоро зарур арзёбӣ намуданд.

Таснифоти мафҳумҳо аз рӯйи ҷою мавқеашон дар фанни таълимӣ нақш ва аҳаммияти бузург дошта, барои азхудкунии донишҳо ва пурмазмуну самараовар гардонидани раванди таълим созгор мебошад. Аз ин нуқтаи назар чанд намуди мафҳумҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

1) мафҳумҳое, ки танҳо зимни як мавзуъ омӯхта мешаванд;

2) мафҳумҳое, ки зимни якчанд мавзуъ мавриди омӯзиш қарор мегиранд;

3) мафҳумҳои муштарак, яъне мафҳумҳое, ки дар ду ва зиёда фанни таълимӣ мавриди истифода қарор доранд;

4) мафҳумҳое, ки дар як фан тули чанд соли хониш истифода мегарданд ва тадриҷан маъноям васеъ гашта, дар фанни дигари таълимӣ ба маънои дигар – дуюм омӯхта мешаванд.

Бояд гуфт, ки омӯзиши ин намудҳои мафҳум зимни як ё якчанд мавзуъ дар доираи як фанни таълимӣ ва фанҳои ба ҳам наздик, давоми соли таҳсил ва солҳои хониши минбаъда ҷараён гирифта, баробари мураккабтар гардидан ташаккул меёбанд, ки барои инкишофи зеҳни хонанда таъсири мусбат мерасонад. Албатта, дар ин кор, пеш аз ҳама, нақши муаллим бузург аст, ки ӯ нақшаи пешакии дарсро вобаста ба омӯзиш ва аз худ кардани мафҳумҳо чӣ тавр ба роҳ мемонад, аз кадом роҳу усулҳои мувофиқ кор мегирад ва ҷамъбасту натиҷагирӣ мекунад. Амалӣ гардонидани чунин тарзи фаъолият зимни баёни мавзуи нав, такрори мавзуи гузашта, иҷрои корҳои мустақилона ва супоришу масъалаҳои барои инкишофи тафаккур ва донишу маҳорату малакаҳои зеҳнӣ мусоидаткунанда мувофиқи мақсад аст. Баробари омӯхтани мазмуну муҳтавои мафҳумҳо хонандагон тарзу усулҳои азхудкунии онҳоро низ соҳиб мешаванд, ки ин минбаъд барои мустақилона андухтани донишҳои нав роҳ мекушояд.

Барои дидактика таснифоти мафҳумҳо аз рӯйи хусусияти робитаи онҳо бо маҳорату малакаҳои амалӣ хеле муҳим мебошад. Мусаллам аст, ки баъзе мафҳумҳо барои ташаккули маҳорату малакаҳо ба таври мустақим хизмат мекунанд, мафҳумҳои дигар бошанд, бо онҳо робитаҳои ғайримустақим доранд. Зимни омӯзиши ҳар як фанни таълимӣ метавон бо мафҳумҳое вохӯрд, ки танҳо маҷмуи донишҳои назариявӣ маҳсуб меёбанд ва аз маҳорату малакаҳои амалӣ комилан дуранд. Дар баробари омӯзиши назариявии мафҳумҳо кӯшиш бояд кард, ки он дар амалияи таълим, махсусан зимни иҷрои супоришу вазифаҳои маърифатӣ нишон дода шавад.

Ногуфта намонад, ки истифодаи дурусти принсипҳои дидактикӣ, методҳои таълимӣ ва риояи талаботи онҳо барои омӯзиши мафҳумҳо метавонад дар хонандагон муносибатро ба фанни таълимӣ, ба омӯзишу аз худ кардани маводи таълимӣ тағйир дода, майлу рағбат ва ҳавасмандиро зиёдтар ба вуҷуд орад.

Ҳамин тариқ, роҳҳои таснифоти дидактикии мафҳумҳо барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот муҳим буда, аз ин бештар барои хатмкунандагон ҳамгироии мафҳумҳо бо таҷрибаи ҳаётӣ ва дараҷаи мухталифи ҷамъбастнокии мафҳумҳои мавриди омӯзиш аҳамияти махсус дорад.

Мафҳумҳои умумӣ ва мафҳумҳои мушаххас дар ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон нақши калидиро мебозанд. Ҳар кадоми онҳо дар маводи таълимии ин ё он фанни мактабӣ вижагиҳои махсуси худро дошта, донистани моҳият, таърифу тавзеҳ ва аз бар намудани онҳо басо муҳим аст. Аммо ин кор дар раванди таълим ва таҳсил мушкил ва бисёр заҳматталаб буда, аз омӯзгор кордонию касбият ва маҳорати хуби истифодаи тарзу методҳои махсусро тақозо менамояд.

Барои хонандагон аз ҳама душвор ва мушкил аз худ кардани мафҳумҳои дараҷаи баланди зеҳн мебошад. Ин душворӣ дар худи хусусиятҳои хоси мафҳумҳои умумӣ, коркард ва такмил наёфтани методикаи омӯзиши онҳо ва таҷрибаи ками хонандагон дар азхудкунии онҳо ифода меёбад.

Мавриди зикри хос аст, ки болотар аз мафҳумҳои умумӣ мафҳумҳои умумии асосӣ ҳамчун мафҳумҳои марказӣ меистанд, ки дигар мафҳумҳо ба онҳо пайвастагӣ дошта, доираи омӯзиши маводи таълимиро васеъ ва дарки мазмуни онро амиқтар мегардонанд.

Хусусиятҳои хоси мафҳумҳои умумии асосӣ дар чӣ ифода меёбанд? Кадом вижагиҳои онҳоро омӯзгор дар амалияи таълим ҷиҳати татбиқи ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон бояд ба назар гирад?

Ба мафҳумҳои умумии асосӣ чунин хусусиятҳо ва талаботҳо хосанд:

1. Мафҳумҳои дараҷаи баланди зеҳн бояд бо амалияи таълим ва таҷриба наздик ва татбиқ карда шаванд. Омӯзиш, азхудкунӣ ва ҷамъбасту мураттабсозии мафҳумҳо дараҷаи баланди зеҳнро таъмин менамоянд.

2. Барои фанни таълимӣ мафҳумҳои марказӣ ва меҳварӣ ба ҳисоб мераванд, ки онҳо фарогирии пешакии системаи пурраи мафҳумҳои дигари умумиро талаб менамоянд. Ҳамчун мафҳумҳои марказию меҳварӣ дар

атрофи худ бисёр мафҳумҳои дигарро муттаҳид месозанд ва наметавонанд, ки бидуни алоқа бо онҳо аз худ карда шаванд. Масалан, дар фанни забони тоҷикӣ дар қисми морфология (сарф) яке аз мафҳумҳои умумии асосӣ «Ҳиссаҳои нутқ» мебошад, ки дар асоси мафҳумҳои қаблан фарогирифташуда ва ҷараёни дарси нав чунин мафҳумҳо, ба монанди «Исм»: «хос ва ҷинс», «танҳо ва ҷамъ», «ҷондор ва беҷон», «шахс ва ғайришахс», «муайян ва номуайян», «моддӣ ва маънӣ»; «Сифат»: «аслӣ ва нисбӣ», «дараҷаи одӣ, қиёсӣ ва олӣ», «сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ»; «Шумора»: «миқдорӣ (аслӣ, касрӣ, тахминӣ) ва тартибӣ»; «Феъл»: «тарзи фоил ва мафъул», «монда ва гузаранда», «мутлақ ва давомдор», «бавосита ва бевосита», «сиғаи хабарӣ, амрӣ, шартию хоҳишмандӣ, эҳтимолӣ ва нақлӣ» ва ғайра; дар қисми дигари забон – синтаксис (наҳв) бошад, мафҳуми умумии асосӣ «Ҷумла» маҳсуб меёбад, ки ба он мафҳумҳои «содда ва мураккаб», «яктаркиба ва дутаркиба», «хуллас ва тафсилӣ», «сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав», «чидааъзоҳо», «туфайлӣ ва мухотаб», «мураккаби пайваст ва тобеъ», «сарҷумла ва ҷумлаи пайрав» ва амсоли инҳо мутааллиқанд, бо як тартиби муайян аз худ карда мешаванд.

3. Бо роҳи фаъолияти зеҳнии басо мураккаб ташаккул меёбанд: дараҷаи баланди абстраксиякунонӣ ва истифодаи таҳлилу хулосабарории индуктивӣ ва дедуктивиро талаб менамоянд.

4. Нисбат ба дигар намудҳои мафҳумҳо, моҳияту хусусиятҳои ашё, ҳодисаю воқеаҳо ва дигар назарияву андешаҳоро амиқтар инъикос менамоянд ва аз ин рӯ, қобилияти баландтари хонандагонро ба абстраксиякунонӣ ва ҷамъбастнамоӣ талаб мекунанд.

5. Бо алоқаҳои васеъю гуногуншакл бо бисёр мафҳумҳои умумӣ ва алоҳида қарор мегиранд. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши амиқ, дарки мазмуни маводи мураккаб ва гуногуни таълимӣ ва мантиқан азхудкунии онҳоро дар миён мегузоранд.

6. Бисёр хусусиятҳои генетикиро дороанд, яъне фаҳмидани инкишофи ҳодисаҳо ва назарияи илмиро талаб менамоянд, ки онҳо инъикоскунанда мебошанд (масалан, аз фанни «Таърих» – «давраи таърихӣ», «феодализм»,

«сотсиализм», «инқилоб», «экстремизм»; аз фанни «Адабиёт» – «роман», «қисса», «ҳикоя», «достони ҳамосӣ», «афсона», «ёддошт», «сафарнома», «фоҷиа», «мазҳака», «драма» ва ғайра).

7. Омӯзиш ва аз худ кардани онҳо аҳаммияти муҳимми зеҳнӣ дорад, чунки бо азбарнамоии қонуниятҳои инкишофи ҷамъиятӣ зич алоқамананд.

Мушкилӣ кашидани хонандагон зимни омӯзиши мафҳумҳои умумии асосӣ аз чӣ иборат аст?

Барои мушкилии хонандагонро ошкор намудан як мисол аз рафти таҳқиқот меорем. Дар дарси таърих ҳангоми шарҳу тафсири мафҳумҳои «бухрони умумӣ», «инқилоб» ва ғайра хонандагон саҳву хатоҳои бисёре карданд. Маълум шуд, ки баъди омӯзиши мавзуъҳои дарсӣ аз рӯйи барнома аломатҳои муҳимми мафҳумҳои додашударо аз 162 нафар хонанда танҳо 17%-и онҳо дуруст шарҳ доданд ва қариб 40% қисман аз уҳдаи ин супориш баромаданд. Ҳамчунин, «аломатҳои инқилоби демократӣ»-ро асоснок карда натавонистанд, «шароитҳои мушаххаси таърихӣ»-ро дуруст маънидод накарданд ва ғайра. Ин ҷо танҳо 7% хонандагон аз уҳдаи ин супориш бомуваффақият баромаданд, 30% қисман иҷро намуданд, боқимондаҳо умуман ҳал накарданд. Сабаби ин ҳама суст донистани аломатҳои махсуси мафҳумҳои зикршуда мебошад.

Сабабҳои дигар ва гуногунро низ номбар кардан мумкин аст: дар як қисм хонандаҳо захираи донишҳои мушаххаси таърихӣ каманд, дар дигарашон номураттабии донишҳо дида мешавад, ҳамгироии байни онҳо вуҷуд надорад. Аксари хонандаҳо воқеаҳои мушаххаси таърихиро суст медонанд ва ин ба онҳо имкон намедиҳад, ки мафҳумҳо, хулосаҳои таърихӣ ва қонуниятҳоро хуб аз худ кунанд.

Миқдори зиёди саҳву хатоҳоро хонандагон дар муқаррарнамоии алоқаҳои байни мафҳумҳо содир мекунанд, ки сабабаш ба андозаи кофӣ мураттаб набудани донишҳост. Хонандагон аксаран мафҳумҳои бо як тартибу намуд ҷойдоштаро монанд мекунанд, алоқаҳои тобеъкунанда ва пайвасткунандаро нодуруст муқаррар менамоянд, бештари вақт ин ё он

мафҳуми умумиро дурусттар шарҳ дода наметавонанд. Аз рӯйи маълумотҳои бадастовардаи мо алоқаҳоро танҳо қариб 15% хонандагон дуруст муқаррар намуданду халос.

Камбудиҳои бештар дар фарогирии мафҳумҳои таърихӣ содир мешаванд, ки ин аз нафаҳмидани инкишофи ҳодисаҳои таърихӣ мебошад. Масалан, хонандагон медонанд, ки ҳар як сохти ҷамъиятии нав аз сохти пешина хубтар аст. Вале, бо вуҷуди ин ҳам, онҳо аксари вақт наметавонанд фаҳмонанд, ки хубии сохти капитализм дар қиёс бо феодализм дар чӣ ифода меёбад ва ғайра.

Санҷиши донишҳо, ки баъди омӯзиши маводи таълимӣ гузаронида шуд, нишон дод, ки танҳо аз 120 хонанда, яъне 20% мефаҳмад, ки беҳтар будани давраи ҷамъиятии капитализм қиёсан бо сохти ҷамъиятии пешина – феодализм дар чӣ ифода меёбад. Аз 120 хонанда анқариб ними онҳо ба сифати нишондиҳандаҳои инкишофи сохти ҷамъиятӣ (капитализм дар назар аст) на тарафҳои иқтисодии ҳаёти ҷамъиятиро (инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва болоравии маҳсулнокии меҳнат), балки ҳодисаҳои дуюмдараҷа – ҳаёти маънавии ҷамъият (болоравии маданият, инкишофи илм, санъат)-ро номбар карданд.

Ин далелҳо бозгӯи онанд, ки хонандаҳо ҳаматарафа дида баромадани ҳодисаҳо, яъне паҳлуи дигари онро фикр намекунанд, сабаби ҳаракатдиҳандаи прогресси ҷамъиятиро намефаҳманд, дарк наменамоянд. Баробари фаҳмонидани сабабу қувваҳои ҳаракатдиҳандаи инкишофи ҷамъиятӣ, аксар вақт танҳо ба нақши омилҳои субъективӣ ишора менамоянд. Яъне онҳо қувваи асосии муайянкунандаи инкишофи ҷамъиятиро ба шуур, манфиатҳои одамон, кӯшиши одамон барои ҳаёти беҳтар ва ғайра рабт медиҳанд.

Махсусан бояд зикр кард, ки баъзан дар ҳалли вазифаю супоришҳо, ҷавобҳои шифоҳии шогирдон роҳ ёфтани иштибоҳҳо ва ё дар ҳалли масъалаҳои мураккаб вуҷуд доштани ихтилофи назарҳо, ақидаҳои мухталиф

ва зид, мутаассифона, на ҳамеша аз ҷониби омӯзгор ислоҳ ва дурустии онҳо гуфта мешавад.

Ногуфта намонад, ки дар ташаккули мафҳумҳои умумии асосӣ, ҳамчун мафҳумҳои меҳварӣ, аз худ кардани мантиқии мафҳумҳо нақши асосӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми фаҳмонидани маводи таълимӣ ба кушода додани мазмуни мафҳумҳои дигар зарурат намемонад.

Вазифаи омӯзгор дар он аст, ки аз таҳлилҳо ду-се фактҳои асосии эътимоднокро, ки аз онҳо фаҳмиши дурусти мазмун бармеояд, интихоб намояд. Барои азхудкунии бомуваффақият фарқ надорад, ки аввал таърифи мафҳум дода шавад ва баъд мазмуни он шарҳ дода шавад ё баръакс – сараввал омӯзгор далелҳоро баён ва якҷо бо шогирдон таҳлил намояд ва пасон онҳоро барои таърифи мафҳум раҳнамун созад. Метавон дарсро аз корҳои амалӣ оғоз намуд, ки дар натиҷаи он омӯзгор ба шогирдон дар ҷудо кардани ҳодисаи нав, ки дар мафҳуми илмӣ инъикос шудааст, ёрӣ медиҳад. Аммо набояд фаромӯш сохт, ки тақсим ва истифодаи оқилонаи вақт дар дарс басо муҳим аст. Аз ин хотир, агар омӯзгор баръало донад, фактҳоеро, ки дар асоси онҳо мафҳуми илмӣ ташаккул меёбад, ба талабаҳо аз таҷрибаи ҳаётӣ ё омӯзиши пешина маълуманд, беҳтараш мафҳумро бо роҳи дедуктивӣ ташаккул диҳад, яъне аввал таърифро диҳад, баъдан онро бо далелҳо асоснок намояд. Вале зимни ташаккули мафҳумҳое, ки аз таҷрибаи ҳаётии хонандагон дуранд, бо роҳи индуктивӣ ҳал намудан оқилона ва дурусттар аст: сараввал таҳлили амиқи воқеаҳо, муқоиса ва ҷамъбасти онҳо ва баъд дар асоси он тасвияи таърифи мафҳум бояд сурат гирад. Бо чунин роҳ омӯзгор метавонад вақтро сарфа ва аҳли синфро ба фаъолияти пурсамар ҷалб намояд.

Дар такя ба маълумотҳои бадастовардаи мо бояд, пеш аз ҳама, гурӯҳи мафҳумҳои мушаххас ва фаннӣ, ки мафҳумҳои зеҳниро ташаккул медиҳанд, ҷудо карда шавад. Хусусиятҳои ташаккул ва азхуднамоии онҳоро идроки ашё, тасвири аёнии он ё тасаввуроти пурра ва возеҳ дар бораи он бевосита асос мебошад.

Ба ин гурӯҳ бисёр мафҳумҳои махсус аз фанҳои ҷамъиятӣ, маҳз аз фанни «Таърих» дахл доранд, масалан: ашёи моддии киштукор – «каланд», «зоғнул», «омоч», «панҷшоха», «сипор», «трактор» ва ғайра. Яъне, ин ашё бо чашми сар дида мешаванд ва онҳоро ҳамчун мафҳум бо забон ифода мекунанд. Барои баъзе фанҳои таълимӣ чунин мафҳумҳо хос нестанд.

Мафҳумҳои алоҳида ва умумӣ, ки қаблан омӯхта ва аз худ шудаанд, тадриҷан ташаккул ёфта, системаи пурраи мафҳумҳоро ташкил медиҳанд.

Аз таҳқиқотҳои психологӣ маълум аст, ки мафҳумҳои дар асоси таҷрибаи ҳиссӣ пайдошуда метавонанд ба андозаи калон дар амалияи ҳаётӣ ва фориғ аз таълим андухта шаванд. Аммо мафҳумҳои умумии асосии илмӣ, ки бо таҷрибаи ҳиссӣ бевосита алоқамананданд, дар шуури одам танҳо тавассути омӯзиши муттасил ва мунтазам ташаккул меёбанд.

Вижагиҳои хоси азхудкунии мафҳумҳои мушаххас барои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ дар чӣ ифода меёбад?

Агар ҷараёни аз худ кардани мафҳумҳои мушаххасро лоақал дар шакли умумӣ дида баромада, дар онҳо марҳалаҳои муайянро ҷудо намоем, он гоҳ равшан мегардад, ки дар кадом марҳила афзалияти хонандагони хатмкунанда дар муқоиса бо хонандагони синфҳои миёна бештар намоён мешавад ва дар кадом марҳала зоҳир намешавад.

Мусаллам аст, ки хонандагони синфҳои болоӣ дар қиёс бо синфҳои миёна ё поёнӣ дар бораи ашёю ҳодисаҳо захираи калони маълумоту тасаввурот доранд, доираи назари васеъ, донишу фаҳмиш ва маълумоташон нисбатан зиёдтар аст. Аз ин хотир, дар *марҳалаи аввали аз худ кардани мафҳумҳои мушаххас* омӯзгор метавонад, ки вақтро барои шиносоӣ бо мазмуну моҳияти мафҳумҳои мушаххас ва миқдори воқеаҳо ҷудо ва каме сарфакорона масраф намояд, аломатҳои асосиро ишора карда, дарҳол онҳоро ба як низоми муайян дарорад.

*Марҳалаи дуюм, азхудкунии мазмуни илмии мафҳумҳо* мебошад. Дар ин марҳала хонандагон зери роҳбарии омӯзгор, пеш аз ҳама, алоқаҳоро байни аломатҳои зоҳирӣ ва моҳияти ашё муқаррар менамоянд ва баъдан мавқеи

онҳоро дар системаи маводи қаблан азхудшуда муайян месозанд. Ҳамин тавр, хонандагон, чун қоида, ба осонӣ моҳияти таърифро фаҳмида мегиранд, зуд аломатҳои муҳимму асосии мафҳумро меёбанд. Дар қатори ин, бештар ду тамоюл ба мушоҳида мерасад, ки метавонад ҳангоми диққат надодани омӯзгор ба он дар таълим халал ворид шуда, бешак, сатҳи сифати донишҳоро ба поён барад. Яке аз онҳо ин кӯшиши маҳдуд сохтан дар азхудкунии мафҳумҳо танҳо бо фаҳмидани якумбораи мавод (моҳиятро фаҳмид, ҳамин кофист). Дуюм, ин хоҳиши ҳифз кардани таърифи мафҳумҳоро надоштани хонандагон мебошад. Ҳатто, агар омӯзгор тарзи ҳифзнамоиро ёд диҳад, аҳаммияти муҳим ва зарурати донистани онҳоро барои таълими минбаъда маънидод ва таъкид намояд ҳам, хонандагон эътибор намедиҳанд.

Гуфтан бамаврид аст, ки дидактика ва психологияи педагогӣ фаҳмиданро ҳамчун шарти зарурии азхудкунии муваффақиятноки донишҳо арзёбӣ менамоянд. Бо вуҷуди ин, танҳо бо фаҳмидан мушкилоти фарогирӣ ҳал намешавад, ин раванд ба итмом низ намерасад ва давомдор аст. Бояд мазмуну муҳтавои ҳодисаҳо зуд фаҳмида шаванд, моҳияти онҳо бо ҳама алоқаҳо ва муносибатҳо дуруст аз худ карда шавад.

Оё аниқу муназзам донистани таърифи мафҳумҳо зарурат дорад ва ҳамчунин, аз хонандагон ҳифзи онҳоро талаб намудан мумкин аст? Ба таври дигар гӯем, оё ҳифзи таърифи онҳо шарт аст?

Мушоҳидаҳои сершумори мо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии тобеи марказ нишон доданд, ки хонандагон аксаран таърифи мафҳумҳоро ноаниқу нодуруст мегӯянд. Мутаассифона, омӯзгорон, нокифоя будани вақти хонандагонро сабаб карда, ба ин таърифҳои нодуруст қаноатманд мешаванд ва дигар аз онҳо тавзеҳу таърифи пурраю равшани мафҳумҳоро талаб намекунанд. Шарҳу эзоҳи мафҳумҳо беэътибор монда, мазмуну маъно ва хусусиятҳои онҳо ба таври зарурӣ шарҳ дода намешаванд. Чунин беэътиноии муаллимон ба он оварда расонидааст, ки хонандагон ҷавобҳои хуб ва мантиқан асоснок дода наметавонанд, зеро аломатҳои муҳимму асосиро бо аломатҳои номуҳим ва дуюмдараҷа омехта мекунанд,

мафҳумҳои аз рӯйи мазмун гуногунро низ омехта месозанд. Ин аст, ки онҳо донишҳояшонро наметавонанд дуруст ва мураттаб намоянд. Бояд гуфт, ки на ҳамеша камии вақти хонандагон ба ин асос шуда метавонад. Хонандагоне, ки ба таълим муносибати ҷиддӣ доранду эҷодкорона фаъолият менамоянд, дар ҳифз намудани мафҳумҳо, тасвияи қоидаҳо ва қонунҳо комёб мешаванд. Дар ин ҳолат раванди омӯзишро тавре бояд ба роҳ монд, ки сустхонҳо низ дар пайравӣ бо фаъолон муносибаташонро ба омӯзиш тағйир дода, барои азхудкунии мафҳумҳо ҷаҳд намоянд.

Хонандагон барои хубтар аз худ намудани таърифҳо метавонанд тавассути такрори чандинкарата ва бо ҳар гуна алоқаҳои онҳо дар фаъолияти таълимӣ мушарраф гарданд. Таҷрибаи беҳтарин омӯзгорон бозгӯи он аст, ки тавассути серталабию сахтгирӣ метавон ба донишҳои амиқ ва дурусти таърифҳо ва қоидаҳои зарурӣ ноил шуд.

Тавсия дода мешавад, ки барои ҳифз намудани таърифҳо ва қоидаҳо аз тарзу воситаҳои гуногун бояд кор гирифт. Омӯзгор набояд мавқеъ ва аҳаммияти мафҳумҳоро дар мазмуну мундариҷаи фанни таълимӣ сарфи назар кунад. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии донишҳои азбаршударо ба шогирдон таъкид намуда, зарурати ҳифз ва дар хотир нигоҳ доштани мафҳумро ба онҳо фаҳмонад.

Дар *марҳалаи сеюми азхудкунии мафҳум* амиқтар фаҳмидани мазмуни мафҳум ва мустаҳкамтар фарогирии он ҷараён мегирад. Бакорбарии мафҳум дар шароитҳои нав имконият медиҳад, ки азхудкунии рӯякии донишҳо пешгирӣ карда шавад. Омӯзгор бояд пешакӣ ба назар гирад, ки дар кадом соҳаи фаъолият (фаъолияти таълимӣ, меҳнатӣ, ҷамъиятию сиёсӣ, ҳаётӣ ва ғайра) мафҳуми азхудшуда метавонад ба кор ояд.

Умуман, истифодаи мафҳум дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ зимни омӯзиши маводи нав ва дар фаъолияти ояндаи меҳнатӣ нақши барҷаста мебозад.

Барои омӯзгор ва хонандагон алоқамандии мафҳумҳо бо ташаккули ягон маҳорат ва малакаҳо басо муҳим аст. Барои мисол, мафҳумҳои таърихӣ,

географӣ, забон ва адабиёт, ҳуқуқ, чун қоида, бо маҳорат ва малакаҳои таълимӣ (донистани маълумоту санаҳо, солшуморӣ, шуришу инқилоб, макон ва ҷойгиршавӣ, табиӣ, иқлим, қоидаҳо, имло, жанрҳо, қонунҳо, ҳуқуқу меъёрҳо) алоқаи зич доранд.

Мафҳумҳое, ки бо малакаҳои «пешванд», «пасванд», «реша», «бандак» ва ғайра алоқамандманд, ба таври васеъ ва махсус фаҳмонида додани моҳияти онҳо зарурат надорад, онҳо тадриҷан дар раванди иҷрои машқҳои бисёр ва дар рафти ҳалли теъдоди зиёди мисолу супоришҳо ташаккул меёбанд. Аммо мафҳумҳое, ки бо малакаҳо алоқаи мустақим надоранд, масалан, «ҳиссаҳои нутқ», «лирика», «тахайюли бадеӣ», «империя», «сулола», «ҷанги сард», «табақаҳои ҷамъиятӣ», «тамаддун», «ҷаҳонишавӣ», «арзишҳои моддӣ», «демография», «маърифати ҳуқуқӣ», «озодии виҷдон ва эътиқод» ва ғайра ба таври дигар аз бар карда мешаванд. Дарку фаҳмидан ва тадриҷан мукаммалшавии онҳо ба таври мавҳум, тавассути васеъ намудани доираи донишҳои назариявӣ, муқаррарнамоии ҳар гуна сабабу натиҷаҳо, алоқаҳои бо ҳам тобеъ ва тобеъкунандаи байни мафҳумҳо ҷараён мегирад.

Ниҳоят, дар ҷамъбасти андешаҳо як нуктаи муҳиму дурустро зикр кардан бисёр зарур аст. Ба омӯзиши мафҳумҳо ва проблемаи азхудкунию фаҳмидани моҳияти онҳо даст зада, бамаврид аст, ки дар бораи вожаҳою истилоҳоти соҳа ва ё мафҳумҳои хоси фанни таълимӣ изҳори андеша намоем. Имрӯз, ки таҳсил ва таълим мувофиқ ба талаботу дархости ҷомеаи ҷаҳонӣ ва баробарарзиши таҳсилот сурат мегирад, ба андешаи мо, беҳтар аст, калимаҳою истилоҳоти байналмилалӣ ҳамчун мафҳумҳои зарурӣ амиқ омӯхтаю аз бар карда шаванд. Баробари рӯйи кор омадани таълими инноватсионӣ ва таълифи китобҳои дарсии ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ мафҳумҳои байналмилалии зиёде дар мавзуъҳою маводи таълимии бештари фанҳои таълимӣ ворид шудаанд.

Ҳангоми мушоҳида ва таҳлили дарсҳо мо ба барнома ва китобҳои дарсӣ низ назар кардем. Махсусан, дар сохтори китоби дарсии таърихи умумӣ барои синфи 10 (Ҳ. Нуриддинов, Қ. Искандаров, Қ. Расулиён ва диг. -

Душанбе, 2016) бо тартиби муайян матни асосии мавзуъ, шарҳи маводи иловагӣ, шарҳи истилоҳоти душворфаҳм, сарчашмаҳо (ҳуҷҷатҳо, нутқҳо, хотираҳо) ва саволу супоришҳо барои мустаҳкамкунии мавзуъ дар чор-панҷ саҳифа ҷой дода шудаанд, ки барои омӯзонидану омӯхтан хеле мувофиқ аст. Дар охири китоб барои луғати истилоҳот саҳифаи алоҳида ҷудо шудааст ва азбаски ин мафҳумҳо аз дигар забонҳо ба забони мо ворид гардидаанд, маънои онҳоро мухтасар шарҳу тавзеҳ низ додаанд, ки азхудкуниро осон менамояд.

Агар дар фанҳои забону адабиёти тоҷик, таърих, ҳуқуқи инсон мафҳуму истилоҳоти байналмилалӣ камтар дида шавад, вале онҳо дар фанни таърихи умумӣ ва аз ин бештар дар география ба чашм марасанд ва ин, албатта, сабаб дорад. Масалан, дар фанни таърихи синфи 10 – 11 бо истилоҳоти «авторитаризм», «агрессия», «блокада», «бюрократизм», «гуманизм», «идеология», «либерализатсия», «монархия», «плюрализм», «сепаратизм», «тоталитаризм», «федератсия», «интегратсия», «терроризм», «экстремизм»; дар географияи синфи 10 – 11 бо истилоҳҳои «агломератсия», «мегаполис», «геополитика», «генотсид», «демография», «депопулятсия», «урбанизатсия», «монархия», «протекторат», «технополис» ва ғайра метавон дучор омад. Ба хотири серистеъмолии ин мафҳумҳо ташкили дафтари алоҳида ва қайду омӯзиши тафсири онҳо на танҳо барои як ё ду соли хониш, балки барои идомаи таҳсил дар макотиби олӣ ва фаъолияти ояндаи кории хатмкунандагон дар ташкилоту муассисаҳо заруру манфиатнок аст.

Ин ҷо истилоҳотеро мисли «генотсид», «демография», «федератсия», «геополитика», «интегратсия», «терроризм», «экстремизм» ва ғайра дидан мумкин аст, ки ҳам ба фанни «Таърих» ва ҳам ба «География» иртибот ва дахл доранд, танҳо вобаста ба мавзую маводи он ва мазмуну аҳаммияти таърихӣ ва ё географӣ дар як фан зиёд ва дар дигаре камтар истифода мешаванд. Дар ҳар сурат донишҳои аз инҳо ҳосилшуда ҳамдигарро пурра месозанд.

Бояд гуфт, ки донистани ин мафҳумҳо дар омӯзиши фанни дигари таълимӣ, аз ҷумла таърих бисёр ёрӣ мерасонад. Истифодаи донишҳои географӣ дар дарси таърих ва баръакс, бакорбарии донишҳои таърихӣ дар фанни «География» нақши муҳим бозида, робитаи байни онҳоро таъмин месозад.

На танҳо азхудкунӣ, балки дар хотир нигоҳ доштани онҳо барои идомаи таҳсил дар дигар зинаҳои болоии таҳсилот, умуман фаъолияти минбаъдаи меҳнатӣ басо муҳим ва зарур аст.

Чунон ки дар боло зикр гардид, омӯзиш ва азхудкунии мафҳумҳои умумӣ ва мафҳумҳои мушаххас дар раванди таълим вижагиҳои махсуси худро доро буда, барои ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнӣ бештар хос аст.

Дар дарсҳои омӯзгорони пешқадам, ки маҳорату малакаи хуби корӣ доранду раванди омӯзишро дуруст ташкил менамоянд, хонандагон худашон ба таҳлили маводи таълимӣ пардохта, мафҳумҳои асосиро ба система медароранд. Ин одат зимни иштирок ба дарсҳо ба мушоҳида мерасид, ки хонандагон баробари омӯхтани мавзуи нав мафҳумҳои марказии умумии фанни таълимиро ба мақсади мушаххассозии мафҳумҳои умумии асосӣ мураттаб менамуданд.

Хонандагон ҳангоми истифодаи мафҳумҳо таърифи мафҳумҳо, сохтори мантиқии мазмуну муҳтавои онҳоро дар хотир нигоҳ медоранд ва мустаҳкам мекунанд, ҳамзамон, маводи амалиеро, ки мазмуни мафҳумҳоро инъикос месозад, комилан такмил медиҳанд. Ба ҳамин тариқ, ҳангоми корфармоии донишҳо дар бобати азхудкунии мазмуну муҳтавои мафҳумҳо низ дигаргунию пешравии муайяне ба амал меояд. Хонандагон нисбат ба миқдори торафт зиёдтару бештари далелҳои мушаххас, робитаю муносибати онҳо хулосаҳои ҷамъбастӣ мебароранд. Дар айни замон ин донишҳо тадриҷан шакли мураттабию муназзамӣ ва зичию ҳамбастагиро мегиранд.

Раванди омӯзиши мафҳумҳои умумиро аз рӯи марҳалаҳо муоина карда, таъкид кардан зарур аст, ки гузариши бомуваффақият аз як марҳала ба марҳалаи дигар танҳо дар натиҷаи ҷаҳду талоши якҷояи омӯзгор ва шогирдон ба амал меояд.

Марҳалаҳое, ки дар онҳо азхудкунии мафҳумҳои умумии асосӣ ҷудо карда шудаанд, барои ташаккули донишҳои хонандагон аҳаммияти якхела надоранд.

Дар марҳалаи якум дарёфти донишҳо аз таҷрибаи ҳаётӣ дурудароз ба таъхир андохтани онҳо камсамару нооқилона мебошад. Зеро синнусоли хонандагон гуногун буда, тасаввуроту маълумоти онҳо низ дар ҳар зинаи таҳсилот ва соли хониш фарқ мекунад ва ин бошад, муносибати фардиро тақозо менамояд. Аз ин хотир, сайъ бояд кард, ки мафҳумҳои мураккаби илмӣ дар шуури тамоми таълимгирандагон ҳамчун асос ташаккул ёбанд.

Ташаккули мафҳумҳои умумии асосӣ дар шуури шогирдон бо гузашти вақти тулонӣ ба амал меояд. Заминаи мушаххаси онҳо аксар вақт дар як фанни таълимӣ гузошта мешавад ва азхудкуниашон бошад, дар дигар фанни таълимӣ баъди чандин соли таҳсил анҷом меёбад. Чунончи, заминаҳои мушаххаси азхудкунии бисёр мафҳумҳои таърихӣ ҳанӯз аз синфҳои миёна дар дарсҳои таърихи қадим, таърихи асрҳои миёна оғоз ва дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи умумии синфҳои болоӣ васеъ ва амиқтар тақвият меёбанд. Барои мисол, мафҳуми «ҷамъият» ба ҷамъияти ғуломдорӣ, ҷамъияти феодалӣ ва дигар форматсияҳои ҷамъиятӣ барвақттар зимни омӯзиши фанни таърихи синфҳои поёнӣ замина мегузорад. Ҳангоми омӯхтани ҳодисаҳои қонунии таърихии замони ҳозира бошад, масалан, «ҷамъияти демократӣ» ва амсоли ин амиқтаршавию муназзамии онҳо ба амал меояд.

Бо сабаби тулонияти зиёди раванди ташаккули мафҳумҳои умумии асосӣ ва мушкилию мураккабии мазмуну муҳтавои онҳо ба омӯзгор аксар вақт омӯзиши ин ё он мафҳум дар ҳамин зинаи таълим ва пешбинии то кадом дараҷаи ҷамъбаст бурда расонидани он душвор мегардад.

Бояд гуфт, ки ташаккули мафҳумҳои умумии асосӣ, ки дар доираи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба амал бароварда мешавад, барои омӯзгор ҳангоми тайёрӣ ба дарсҳо муфид аст. Вале, боиси таассуф аст, ки дастурҳои методии то ин вақт мавҷудбуда дар ин бобат ба муаллим кумаки зарурӣ расонида наметавонанд.

Ногуфта намонад, ки дар таҷрибаи омӯзгорон, бо назардошти хусусияти хоси фан, роҳҳои воқеии баланд бардоштани самаранокии таълим кам нестанд. Яке аз роҳҳои ояндадори беҳтар гардонидани сифати донишҳо, ба андешаи мо, барномасозии системаи мафҳумҳо, қонунҳо, меъёру принсипҳо, баёни мантиқӣ ва мазмуну муҳтавои онҳо маҳсуб меёбад.

Ба мақсади рафъи камбудию мушкилиҳои ҷойдошта, баланд бардоштани сатҳу сифат ва мазмуни дарсҳо, ниҳоят, беҳтар намудани раванди таълим ва самарабахшии он зарурати таҳияи барномаи махсуси омӯзиш ва азхудкунии мафҳумҳо ба миён омад.

Бо назардошти натиҷагириҳо аз мушоҳида ва таҳлили дарсҳо, ниёзмандии омӯзгорон, расонидани ёрии методӣ ба онҳо, инчунин, баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявию амалӣ ва доираи ҷаҳонбинии илмии хонандагон «Барномаи ташаккули мафҳумҳо» таҳия карда шуд. Барномаи мазкур мантиқи ташаккули мафҳумҳоро инъикос намуда, аз рӯйи хусусият ва ҷиҳатҳои асосӣ барои тамоми мафҳумҳо, новобаста аз мазмуну аҳаммиятнокӣ ва фанни таълимӣ, ки ба он таалluқ доранд, умумӣ мебошад.

Барнома аз марҳилаҳои омӯзиш ва талаботҳои зарурӣ иборат буда, риояи онҳо дар ҷараёни таълим фаъолияти босамари субъектони асосии раванди педагогиро таъмин месозад.

Дар марҳилаҳои омӯзиш ва азхудкунии мафҳумҳо иҷро намудани чунин талабот дар назар дошта мешавад:

1. Ҷудо кардани аломатҳои муҳиму асосии мафҳумҳо.

2. Таҳлили аломатҳои асосии мафҳумҳо, муайян ва дарк кардани маънии онҳо.

3. Асоснок намудани аломатҳои мафҳумҳо бо далелҳои мушаххас.

4. Шомил намудани мафҳуми нав ба системаи мафҳумҳои дигаре, ки қаблан омӯхта шуда буданд: барқарор сохтани монандӣ ва фарқ аз дигар мафҳумҳои наздик; муқаррар кардани намудҳои гуногуни мавҷудияти зуҳуроту ҳодисоте, ки дар ҳамин мафҳум инъикос ёфтаанд; дарёфти монандӣ ва фарқ дар онҳо.

5. Донистани намудҳои муҳим ва асосии зуҳуроту ҳодисаҳо дар шароити муайяни мушаххаси таърихӣ.

6. Муайян кардани тамоюл ва пешомади инкишофи зуҳуроту ҳодисаҳо. Он ба чунин саволҳо амалӣ гардонда мешавад: Кай ва барои чӣ зуҳуроту ҳодисаҳо ба вуҷуд омаданд? Пешомади инкишофи онҳо чӣ гуна аст? Назару андешаҳои олимону мутахассисон дар бораи зуҳуроту ҳодисот чӣ гунаанд?

7. Шиносоии хонандагон бо зуҳуроту ҳодисаҳо ва истифодаи онҳо дар амалияи ҷамъиятию истеҳсолӣ (азхудкунии тарзу усулҳои истифода бурдан).

8. Истифодаи махсуси донишҳо роҷеъ ба ҳамин зуҳуроту ҳодисаҳо дар фаъолияти таълимӣ ва меҳнатӣ.

Дар заминаи ин талабот ҳар як омӯзгори фанниро зарур аст, ки чунин нақшаи ташаккули мафҳумҳои умдаю асосӣ ва аз ҳама мураккабтари фанни таълимиро пешбинӣ намояд: 1) омӯзиши амиқ ва ғанӣ гардонидани мазмуну муҳтавои мафҳуми умумӣ бо аломатҳои нав дар ҳар як мавзуъ; 2) марҳалаҳои азхудкунии мафҳумҳо аз ҷониби хонандагон.

Барои фаҳмотар гардидан ба сифати мисол мафҳумҳоро аз фанни «Таърих» меорем. Зимни омӯзиши таърихи умумӣ дар синфҳои 10-11, ки марҳалаҳои инқилоби илмию техникӣ, пурзуршавии раванди глобализатсия (ҷаҳонишавӣ), суръати ҷараёни воқеаҳо, таҳаввулоти бузурги сиёсию иҷтимоӣ, давраи афзоиши ҷангу низоъҳои мусаллаҳонаи минтақавӣ ва ҳамчунин, тамоили умумии рушди таърихи ҷаҳонро дар бар мегирад, бо мафҳумҳои зиёди хоси фанҳои таъриху ҷамъиятшиносӣ ва ҳуқуқ дучор омадан мумкин аст. Омӯзгор бояд кӯшиш намояд, ки дар шуури хонандагон мафҳум ва аломатҳои асосию муҳимми инъикоскунандаи ин равандҳо ҷой гиранд.

Ба ин ҳамон вақт муяссар шудан мумкин аст, ки агар аз рӯйи барномаи омӯзиши мафҳумҳо амал намуда, талаботи он риоя карда шавад. Истифодаи «Барномаи ташаккули мафҳумҳо», ки барои пешгирии саҳву хатоҳо пешбинӣ шудааст, имконият медиҳад, ки сифати азхудкунии донишҳо хеле баланд бардошта шавад. Ба мақсади санҷиши барнома аз фанни «Таърих» озмоиш гузаронида шуд. Дар зер ҷадвали муқоисавиро меорем, ки дар он омӯзиши

мазмуну муҳтавои мафҳуми «демократия» дар панҷ синфи озмоишӣ ва назоратӣ нишон дода шудааст. Шумораи хонандагон дар синфҳои озмоишӣ – 134 нафар ва назоратӣ – 142 нафар.

Маълумотҳо дар ҷадвал ба ҳисоби фоиз ифода ёфтаанд.

**Ҷадвали 11**

**Натиҷаҳои омӯзиши мазмуну муҳтавои мафҳуми «демократия»**

| **Хусусияти омӯзиш** | **«Демократия»** | |
|---|---|---|
| | **Синфҳои озмоишӣ** | **Синфҳои назоратӣ** |
| 1. Аломатҳои асосиро дуруст ва пурра муайян карданд ва онҳоро бо далелҳои мушаххас собит сохтанд. | 83,2% | 31,5% |
| 2. Аломатҳои асосиро дуруст номбар карданд, вале онҳоро ба таври ҷамъбастӣ муқаррар намуданд, бо далелҳои мушаххас асоснок насохтанд. | 11% | 30,5% |
| 3. Мазмуну муҳтавои мафҳумро нодуруст ва номукаммал муайян намуданд. | 5,8% | 38% |




***Диаграммаи 2. Натиҷаҳои азхудкунии мазмуну муҳтавои мафҳуми «демократия»***

Натиҷаи эксперименти озмоишӣ нишон дод, ки хонандагон тарзу усулҳои ҷамъбастсозии маводи мушаххасро бомуваффақият аз худ карданд, дастуру қоидаҳои умумии назариявиро бо далелу мисолҳо собит сохта метавонанд. Онҳо дар доираи донишҳои мактабӣ маҳдуд нашуда, аз тасаввуроту донишҳои таҷрибаи ҳаётӣ ва нафароне, ки дар баробари таҳсил кор мекунанд, аз маълумоту донишҳои соҳаҳои гуногуни фаъолият гирифтаашон истифода мебурданд.

Барои он ки дар раванди азхудкунии мафҳумҳои умумии асосӣ аз мадди назари хонандагон вазифаю супоришҳо дур намонанд, омӯзгор бояд: 1) моҳияти мафҳум, яъне маҷмуи аломатҳои асосии он; 2) механизм ё сабабҳои зуҳуроти онҳо; 3) аҳаммияти ҷаҳонбинию амалии равандеро, ки дар мафҳум инъикос меёбад, ҷудо кунад ва ба шуури хонандагон расонад.

Дарвоқеъ, зимни мушоҳидаи дарсҳо, кори муаллимоне, ки ташаккули мафҳумҳоро ба инобат гирифта, дар маводи таълимӣ ба аломатҳои асосӣ диққати ҷиддӣ медоданд, бо пешравиҳо ба куллӣ фарқ мекард. Хонандагон

захираи зиёди донишҳоро соҳиб шуда, маҳорати таҳлили воқеӣ карданро пайдо намуданд, ҳар як рӯйдоду ҳодисаҳои таърихиро бо далелҳои густурдаю ҳамаҷониба асоснок карда метавонистанд.

Новобаста ба ин, дар шуури хонандагон бисёр вақт робитаҳои дохилии байни мафҳумҳои умумӣ ва хулосаҳои ҷаҳонбинӣ вуҷуд надоранд. Зеро зимни баррасии маводи таълимӣ, бахусус таҳлили воқеаю ҳодисаҳои таърихӣ ва дигар нуктаҳои асосию муҳим сарфи назар шуда, дониши толибилмон ба дараҷаи ҷамъбасту мураттабсозӣ рафта намерасанд. Барои ин аз ҷониби омӯзгор таъкид кардани ҷиҳатҳои мусбату манфии равандҳои таърихӣ, тараққиёту пешравиҳо, ба дараҷаи сифатан нави рушд расидани халқҳою давлатҳо ва дигар таҳаввулоти азим дар ташаккули ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии хонандагон нақши бағоят муҳим мебозад.

Аксарияти мафҳумҳои умумии асосӣ ҳамчун дастуру раҳнамои омӯзиш маҳз ҳамин гуна муносибати ҳамаҷонибаро талаб менамоянд. Бароҳмонии омӯзиш аз рӯйи барнома ва такрори чандинкаратаи талаботи он азхудкунии мафҳумҳои як фанни таълимиро осон месозад, барои омӯзиш, азхудкунӣ ва дарки мазмуну муҳтавои мафҳумҳои нави мураккаби дигар фанҳо мусоидат мекунад. Бо ин ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва салоҳиятҳои зеҳнии махсусан, хатмкунандагон татбиқ мегардад.

Амалу фаъолияти зеҳние, ки таҳти роҳбарии омӯзгор дар ҳар як марҳалаи азхудкунӣ гузаронида мешавад, тадриҷан тарзу усулҳои худи талабагон мегарданд. Ба тарзи дигар гӯем, онҳо ба азхудкунии мантиқии омӯзиши ҳар як мафҳуми нав шуруъ менамоянд, яъне ба андозаи муайян бо тарзу усулҳои кори мустақилонаи таълимӣ мусаллаҳ мегарданд ва баҳри худомӯзии минбаъда омода мешаванд.

Хуллас, омӯхтани хусусияту аломатҳои махсуси мафҳумҳо ва амиқу дуруст аз худ намудани онҳо шарт ва вазифаи асосии субъектони асосии раванди педагогӣ маҳсуб ёфта, василаи баланд бардоштани сатҳу сифати донишҳо ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ мегардад.

## 3.2. Хусусиятҳои омӯзиши мафҳумҳои илмӣ, донишҳои таҷрибаи ҳаётӣ ва шароити педагогии татбиқи онҳо дар раванди таълим

Натиҷаи корҳои илмии пажуҳишгарон ва таҷрибаҳои педагогӣ бар он далолат медиҳанд, ки ба омӯзиши мафҳумҳои илмӣ мафҳумҳои ҳаётӣ, таҷрибаи ҳаётӣ ва ё аз ҳаёт омӯхтанҳои хонандагон таъсири мусбат расонида, фаъолияти таълимиро самараноктар месозанд.

Дар асарҳои педагогию психологии олимони хориҷию ватанӣ, аз ҷумла Л.С. Виготский, П.Я. Галперин, А.В. Усова, Х. Буйдоқов, М. Лутфуллозода ва Ф. Шарифзода мафҳумҳои ҳаётӣ ва мафҳумҳои илмӣ моҳият, тарафҳо, қиёсу тафовут аз ҳамдигар, инкишоф ва дигар хусусиятҳои хоси онҳо асоснок таҳқиқ шудаанд.

Мо низ сари масъалаи мафҳумҳои илмӣ ва проблемаҳои таълиму азхудкунӣ ва нақши онҳо дар ташаккули донишҳои илмӣ, малакаҳои зеҳнӣ, тафаккур ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон таҳқиқот анҷом дода, роҳҳои инкишоф, хусусиятҳои хоси таъсир ва самарабахшии онҳоро дар омезиш бо мафҳумҳои ҳаётӣ ошкор намудем. Дарвоқеъ, мафҳумҳои илмӣ хусусияти инкишофпазирӣ дошта, дар тули таҳсил доираи омӯзиши онҳо тадриҷан фарохтар мегардад. Чунончи, Л.С. Выготский арза медорад, ки «Раванди инкишофи мафҳумҳои илмии ҷамъиятшиносӣ дар шароитҳои фаъолияти таълимӣ, ки шаклҳои хоси ҳамкории мунтазами байни педагог ва хонандаро дар бар мегирад, сурат мегирад» [386, с.164]. Ба ақидаи ин психолог, мафҳумҳои илмӣ ду тараф доранд – камтаъсир ва пуртаъсир, ки ҳар кадом вижагиҳои худро соҳибанд. «Суст ё камтаъсирии мафҳумҳои илмӣ дар вербализми онҳо (костагӣ, норасоӣ дар таълим) мебошад, ки хавфи асосиро дар роҳи инкишофи мафҳумҳои илмӣ эҷод мекунад. Ҳамчунин, мушаххасан кофӣ набудани пурмазмунии онҳо низ ба ин сабаб мегардад. Пуртаъсирӣ бошад, дар озоду ихтиёрона истифода бурда тавонистани мафҳумҳои илмӣ ифода меёбад… Мафҳумҳои илмӣ дар шуур ва зеҳни кӯдак дар вақти таҳсили мактабӣ зимни омӯзиш ва азхудкунии онҳо инкишоф меёбанд» [386, с.156]. Пас, бо назардошти

ин ақида зарур аст, ки муаллимон ба омӯзишу азхудкунии мафҳумҳои илмӣ аз синфҳои поёнӣ эътибор диҳанд.

Мусаллам аст, ки фанҳои таълимӣ аз мафҳумҳои илмӣ, мушаххас, умумӣ ва ғайра иборатанд ва мазмуну муҳтавои онҳоро асосан мафҳумҳои илмӣ қолибу аҳамиятнок мегардонанд. Аз ин рӯ, ба омӯзишу азхудкунии мафҳумҳои илмӣ бояд таваҷҷуҳи бештаре зоҳир кард, зеро ба ташаккулу мукаммалии донишу маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии илмии талабагон ҳамин асос мегардад.

Ишораи Х. Буйдоқов низ дурусту бамаврид аст: «Дар ҳар як фанни таълимӣ донишҳо дар далелҳо, мафҳумҳо, қонунҳо ва назарияҳои илмие ифода ёфтаанд, ки дар низоми муайян баён гардидаанд ва ашёву равандҳо, зуҳуроту ҳодисоти олами моддиро инъикос мекунанд» [51, с.99]. Аз ин хотир, омӯзишу азхудкунии мафҳумҳо, қонунҳо ва назарияҳои илмӣ дар мадди назар бояд қарор гирад.

Омӯзиши низоми мафҳумҳои илмӣ, ки асоси мазмуну муҳтавои ҳама гуна таҳсилро ташкил медиҳад, барои азхудкунии фанни таълимӣ ҳалқаи марказӣ ба шумор меравад. Ба шарофати омӯзиши низоми мафҳумҳое, ки аз мазмуну муҳтавои илм дар фанҳои таълимӣ ҷой дода шудаанд, хонандагон амалан дар бораи ҳодисаву зуҳуроти ҷудогона донишҳои фаровон ҳосил менамоянд.

Моҳиятан аз худ кардани мафҳумҳои илмӣ барои таълими бомуваффақият, алалхусус барои инкишофи тафаккури ақлонию зеҳнӣ, ташаккули донишу ҷаҳонбинии илмии хонандагон, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва пурмазмунии он заминаи устувор мегузорад. Чунончи, аксарияти мафҳумҳое, ки ҳангоми омӯзиши фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ аз худ карда мешаванд, ба талабагон кумак мерасонанд, то моҳияти зуҳуроту равандҳои ҷомеаро амиқ дарк созанд. Ба ин васила ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон ва билохира, самаранокии фаъолияти таълимӣ таъмин мегардад.

Ишора менамоем, ки мафҳумҳои илмӣ аз мафҳумҳои дар ҳаёт омӯхташуда фарқ мекунанд. Мафҳумҳои ҳаётиро хонанда аз муомилаи ҳаррӯза – аз

тачрибаи ҳаётиаш ёд мегирад, вале мафҳумҳои илмӣ калимаю ибора ва ифодаҳое мебошанд, ки онҳоро асосан хонанда зимни таҳсил дар мактаб аз бар менамояд. Истилоҳоте ҳастанд, ки бо истилоҳоти дигар алоқаманд буда, дар низоми донишҳо ворид мешаванд. Чунон ки гуфта шуд, талабагон дар чараёни омӯзиши маводи таълимии фанҳои алоҳида бо мафҳумҳои илмӣ дучор меоянд ва баробари амиқ аз худ кардани онҳо захираи луғавиашон ғанӣ гашта, батадрич ин мафҳумҳо ҳам дар нутқашон маъмул мешаванд.

Тавре ки маълум аст, дар низоми таҳсилот таъсири тачрибаи ҳаётӣ ба омӯзиши донишҳои хонандагон аҳаммияти калон дорад. Ин гуна таъсир дар таълим нақши муҳим мебозад. Аз ин хотир, дар стандарти фаннӣ ва барномаю нақшаҳои таълим барои азхудкунии ҳачму андозаи донишҳо соат чудо карда мешавад. Ба омӯзгорон муҳим аст донанд, ки ҳангоми аз худ кардани кадом мавод, кай, дар кадом шакл ва меъёр омӯзишро осон мегардонанд ва метезонанд, дарачаи таъсир чӣ гуна аст, ин таъсир аз чӣ иборат мебошад, дар ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ то чӣ андоза он аҳаммият дорад?

Мушоҳидаҳо, натичаи иштирок ба дарсҳои муаллимон ва таҳлили илмии онҳо нишон медиҳанд, ки, дарвоқеъ, солҳои охир дар дарсҳо ба назарияи фанни таълимӣ кам ва ё умуман, эътибор дода намешавад. Ҳол он ки омӯзиши назарияҳо, ғояҳо, қоидаҳо ва мафҳумҳои илмӣ дар инкишофи зеҳн ва болоравии сатҳу сифати дониш нақши калидиро мебозанд. Чунончи, дар дарс бо назарияи адабиёт, махсусан мафҳумҳои «ташбеҳ», «тазод», «муболиға» ҳамчун санъати бадеӣ, ки аз он Муъмин Қаноат дар достони «Китоби захмин» истифода кардааст, кор гирифта, муаллим метавонад бо усули қиёс ва ё коркарди мантиқии онҳо маводи таълимиро илман, бо далелҳо ба таври муассир ва бо эҳсосоти баланд дуруст фаҳмонад. Дар ин маврид, аз хонандагон, ки аз дарсҳои гузашта захираи донишҳои назариявиро дороанд, зимни таҳлили ҳамачонибаи мавзуъ фаъолӣ ва фаъолияти мухталифи зеҳнӣ талаб карда мешавад. Бояд гуфт, ки аҳаммияти илмӣ доштани дарс махсусан барои синфҳои хатмкунанда, ки доираи назар ва чаҳонбинии илмиро ташаккул медиҳад, басо зарур аст. Мақсад

ва вазифаҳои принсипи дидактикии илмӣ дар таълим ба илмияти мавзуъ нигаронида шуда, пурмазмунии дарс ба риояи талаботи ҳамин принсип вобастагӣ дорад.

Аз худ намудани мафҳуми илмӣ ин на танҳо фаҳмидан, балки алоқаҳои байни аломатҳою падидаҳои асосиро амиқ дарк кардан, вобастагии сабабият онҳоро ошкор ва алоқаи мафҳуми мазкурро бо дигар мафҳумҳо муқаррар намудан ва ниҳоят, дар фаъолияти таълимӣ истифодаи онро ёд гирифтан мебошад.

Мафҳумҳои илмӣ ҳамеша абстрактианд, гарчанде онҳо бо ашёи мушаххас ва ҳодисаҳо таҷрид карда мешаванд. Истифодаи мафҳумҳои илмӣ дар марҳилаи ҷамъбасткунии донишҳо барқарорсозии алоқаҳои байни онҳо ва ташаккули тафаккур ва ақидаҳоро таъмин менамояд. Муқоисаи фикру ақидаҳо ба ҷамъбасту натиҷаҳо, ба баровардани хулосаҳои мустақил ва исботнамоӣ оварда мерасонад, ки ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ аз ҳамин маншаъ мегирад.

Барои амиқ ва беҳтар ба фаҳми шогирдон расонидани мазмуни мафҳумҳои илмӣ аз тарзу усулҳои қиёс намудан, монанд кардан ва овардани далелҳои мушаххас истифода бурдан муҳим аст. Чунон ки ишора шудааст: «…мафҳумҳои илмӣ ва мазмуни асосии абстрактӣ агар бо факту санадҳои мушаххас дар ҷараёни муқоиса, шабоҳат, монанд кардан ва ғайра тақвият дода шаванд, он гоҳ онҳоро хонандагон ба осонӣ хуб мефаҳманд» [293, с.179].

Тазаккур бояд дод, ки дар давоми тамоми давраи таҳсил, махсусан дар синфҳои болоӣ зимни тадриси ин ё он фан хонандагон дар маводи таълимӣ бо бисёр мафҳумҳои илмӣ дучор меоянд, вале ба маънии пурра ва азхудкунии онҳо сатҳӣ менигаранд, аз ин сабаб сифати дониш ва доираи ҷаҳонбинии илмии онҳо дар сатҳи паст қарор мегирад. Хонандагон ҳангоми ҷавоб гардонидан ба саволҳо, иҷрои супоришҳо, корҳои мустақилона, корҳои хаттӣ ва вазифаи хонагӣ иштибоҳҳои зиёде мекунанд, ки сабаби асосиаш ба таври кофӣ дарки амиқ накардану нафаҳмидани мазмуни мафҳумҳо ва алоқаҳои байни онҳо мебошад.

Инро ба назари эътибор гирифта, ба моҳиятан азхудкунии мафҳумҳо диққати махсус бояд дод, мазмуну моҳияти ҳодисаю воқеаҳо, равандҳои таърихӣ, корнамоиҳои қаҳрамонҳои асари бадеӣ ва дигар аломату хусусиятҳои зарурии дар матн ва маводи таълимӣ ҷойгирифта фаҳмонида шавад. Ҳамзамон донистану истифодаи мафҳумҳои илмӣ барои ҳалли вазифаҳои таълимии дорои хусусияти абстрактӣ басо муҳим ва зарур аст.

Ҳар як мафҳум маҷмуи донишҳоеро дар бар мегирад, ки онҳоро наслҳои зиёд дар тули ҳаёт ва фаъолияташон андухтаанд. Хонандагон аз ҳаёт бо мурури замон бисёр чизҳоро мегиранд, мушоҳида мекунанд, меомӯзанд, ба маънои аслии баъзе мафҳумҳо сарфаҳм нарафта, онҳоро аз худ менамоянд, ягон рӯйдоду ҳодисаҳоро дуруст ва ё ғалат аз рӯйи фаҳмиши худ бидуни таҳлил нақл мекунанд ва ин, албатта, дар омӯзиши фанҳои таълимӣ бетаъсир намемонад. Онҳо ин камбудию иштибоҳҳоро, ки дар таҷрибаи ҳаётиашон ҷамъ шуда, ба ҳукми одат даромадаанд, ба мактаб оварда, барои фаҳмидани маънои мафҳумҳо талоше ҳам намеварзанд ё ба он камтар эътибор медиҳанд. Ин проблемаи калонро ба миён оварда, барои дар зеҳн ва шуури хонандагон ҷой гирифтани донишҳои беасоси ғайриилмӣ имконият медиҳад.

Мутаассифона, ба ин гуна одату ғалатҳои хонандагон на ҳамаи омӯзгорон аҳаммият медиҳанд, вале ҳастанд омӯзгороне, ки баробари пешгирии чунин камбудиҳо шогирдонро барои таҳлил ва илман асоснок намудани ҳар як иттилооту маълумот ва нуқтаи назарҳо раҳнамун месозанд.

Донишҳо якхела набуда, онҳо вобаста ба фанни таълимӣ фарқ мекунанд ва ба соҳаҳои гуногуни илм марбутанд. Дар адабиёти психологӣ мафҳумҳои ҳаётӣ ва илмиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ба мафҳумҳои ҳаётӣ мафҳумҳое мансуб мебошанд, ки асбобҳои рӯзгор, ашё ва муносибати одитарини байни онҳо ва одамонро инъикос менамоянд. Барои мисол, хона, ҳавлӣ, замин, курсӣ, тиреза, табар, арра, бел, оила, бародар, ҳамсоя, шинос ва ғайра, ки чунин мафҳумҳо дар раванди робитаи хонандагон бо муҳити иҷтимоӣ ташаккул мёбанд. Онҳо мавриди таҳсили номуттасил омӯхта мешаванд ва дар раванди таълим ягон кореро талаб намекунанд.

Мафҳумҳои илмӣ, масалан, «грамматика», «фонетика», «лексика», «морфология», «синтаксис», «фразеология», «реализм», «жанр», «драма», «лирика», «композитсия», «сужет», «инқилоби маданӣ», «идеология», «агрессия», «буҳрон», «крепостной», «табъиз», «адолати судӣ», «ақаллиятҳои миллӣ» ва амсоли инҳо дар раванди таълими махсусан фанҳои забону адабиёт, таърих, ҳуқуқи инсон аз худ карда мешаванд. Чунин мафҳумҳо бо таҷрибаи шахсӣ чандон пурраю мукаммал нестанд, онҳо роҷеъ ба омӯхтани мазмуну муҳтавояшон кори махсуси омӯзгор ва хонандаро талаб менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки дар фанҳои таълимӣ ин гуна мафҳумҳо хеле зиёданд. Воқеан, таълимгирандагон аз таҷрибаи ҳаётиашон қисман бо онҳо, ба монанди «ҳуқуқ», «виҷдон», «озодӣ», «меъёр», «проблема», «низоъ» ва ғайра шиносанд, ки дар вақти таҳсил маъною мазмуни онҳоро бештару амиқтар мефаҳманд.

Дар муомилаю муносибати ҳаррӯза хонандагон ин истилоҳотро истифода мебаранд, вале дар бораи мазмуну муҳтавои илмии онҳо андеша намекунанд. Ин фаҳмост ва ҷойи баҳс надорад, зеро одам аксар вақт аввал калимаеро аз худ менамояд, ки мафҳумеро ифода менамояд, сипас бо мазмуну муҳтавои он шинос мешавад. Ҳангоми омӯхтани мафҳумҳои илмӣ дар аксар вақт саҳву хатоҳои толибилмон нишон дода мешаванд. Саҳвҳо аз ин сабаб рӯй медиҳанд, ки дар амалияи ҳаётии хонандагон бештари вақт фаҳмиши нодуруст ё нопурраи мазмуну муҳтавои мафҳумҳо ба вуҷуд меояд, агарчи калима-истилоҳотро онҳо истифода мекунанд.

Дар доираи донишҳои инсон чунин маълумоту тасаввуроти «то илмӣ» нисбатан ҷою мавқеи намоёнро ишғол менамоянд. Вале то кадом андоза ва дар чӣ гуна шароит онҳо метавонанд дар омӯхтани донишҳои илмӣ дар раванди таҳсил нақши муҳим бозанд?

Донишҳои илмӣ ин дараҷаи ҷамъбастии муназзами донишҳоест, ки асоси ташаккули онҳоро шаклҳои таҷрибавӣ, эмперикӣ, назариявии инъикоси олам ва қонуниятҳои инкишофи он дар бар мегиранд. Одатан, донишҳои илмӣ дар ду дараҷа – эмперикӣ ва назариявӣ баррасӣ карда мешаванд. Ҳар кадоми ин

дарачаҳо бо методҳои таҳқиқотии хоси худ истифода шуда, барои донишҳои илмӣ дар умум аҳаммияти гуногун доранд. Донишҳои илмӣ аз мафҳумҳои илмӣ маншаъ мегиранд.

Дар адабиёти педагогӣ роҷеъ ба он ки инсон зери таъсири маълумот ва ахбори фаровон қарор дошта, донишҳоро дар шароити ҳозиразамон тавассути радио, телевизион, кино, театр, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, матбуоти даврӣ ва дигар расонаҳои хабарӣ аз худ менамояд, махсус таъкид карда мешавад. Инҳо, дарвоқеъ, манбаъҳоеанд, ки шахс маълумоту донишҳоро, ба қавле муфт ва безаҳмат мегирад.

Ба ҷуз ин қисме аз хонандагон, тавре болотар ишора кардем, кор ҳам мекунад, аз атрофиён, коллективи кормандон дар коргоҳ, муомила ва суҳбат бо мутахассисони соҳа дар корхонаҳои истеҳсолӣ таҷрибаи истеҳсолӣ мегиранд, ки ин, албатта, бетаъсир намемонад. Ҷойи зикр аст, ки имрӯз мушкилиҳои зиндагӣ, пастии сатҳи иҷтимоӣ, рӯзгор ва талаботи иҷтимоии дигаршавандаи ҷомеа инсонро ба ҳар роҳ мебарад ва хонандаи мактаб аз ин дар канор нест. Махсусан барои раҳоӣ ёфтан аз ин мушкилот ва хуб кардани сатҳи зиндагӣ аз пайи кор, тиҷорат, соҳибкорӣ, деҳқонӣ ё ягон воситаю манбаи даромади дигар мешаванд.

Пӯшида нест, ки айни замон баъзе аз хонандагони синфҳои болоӣ дар баробари таҳсил ба фаъолияти меҳнатӣ низ дар ин ё он шакл машғуланд. Аз суҳбат бо омӯзгорон ва худи хонандагон маълум шуд, ки писарон ва ҳам духтарон барои худ ва барои тинҷ кардани шароити хонавода ба ҳама гуна намуди кор – вазнин ё сабук даст мезананд.

Албатта, ин дар вақтҳои холӣ, фориғ аз таҳсил буда, ҳатто, баъзан дар таътили тобистона дар муддати кӯтоҳ ба муҳоҷирати корӣ, махсусан ба Федератсияи Россия ва баъзе ҳамсоякишварҳо рафта, бидуни ҳуҷҷат ва қайди расмӣ машғули кор шуда, маблағи ночизе пайдо мекунанд. Кор дар муҳиту шароити хона ва ҷойи истиқомат, махсусан хоҷагии деҳқонӣ, фаъолияти соҳибкории хурд дар хона, кандакорӣ, заргарӣ, бофандагӣ, пухтупаз ва ғайра низ дигар тарафи ин масъала аст.

Бояд гуфт, ки илмҳои  педагогика, психология ва ҳам сотсиология ба чунин рафтор баҳоҳои гуногун (мусбат ва манфӣ) медиҳанд.

Дар баробари ба донишандӯзӣ, бешак, таъсири бад расонидан таъсири мусбати онро дар кору меҳнати хонанда, дар расидан ба қадри меҳнат ва пул, интизоми меҳнат ва масъулиятшиносӣ, ҷавобгарӣ, кор ва муносибат дар коллективи хурд ё калон, муомила, мустақилнокӣ ва, ниҳоят, аз ҳама муҳим дар таъмини иҷтимоии худ ва буҷаи оила дидан мумкин аст.

Аз ин беш истифодаи донишҳо дар фаъолияти корӣ, ҳосилнамоии маҳорату малакаҳои амалӣ ва рушди қобилият ва боз муҳимтар аз ҳама таҷриба омӯхтан ва фаҳмидани хусусияту аломатҳои бисёр ашёю рӯйдодҳо, ҳамчунин, дарки мазмуну моҳияти мафҳумҳои ба ҳаёт ва истеҳсолот рабтдошта паҳлуҳои мусбатро ифода менамояд, ки ин ба ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорату малакаҳо ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон таъсири калон мерасонад.

Дарвоқеъ, барои таҳсили бомуваффақият муоинаи мафҳумҳои мавриди омӯзиш аз нуқтаи назари ҳамгироии онҳо бо таҷрибаи ҳаётӣ аҳамиятнок аст. Мафҳумҳое ҳастанд, ки омӯхтани онҳо дар такя ба донишҳои мавҷудаи хонандагон сурат мегирад, баъзеашон тавассути маълумоти маводи нав, бидуни истинод ба тасаввуроту ахбороте, ки дар натиҷаи таҷрибаи ҳаётӣ ба даст омадаанд, бояд пурра омӯхта ва ташаккул дода шаванд.

Бо назардошти натиҷаҳои озмоиш, санҷишу суҳбатҳои доиршуда метавон хулоса баровард, ки хонандагон ҳама гуна ахборро аз худ карда, ҳаҷми муайяни донишҳоро меандӯзанд. Вале донишҳоро интихобан дар робита бо талаботи бевоситаи ҳаёт, аз ин бештар ба интихоби касби ояндааш ва муносибат ба фанҳои таълимии дар оянда ба касбаш зарур, меомӯзанд.

Мусаллам аст, ки дастрасӣ ба интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ,  ВАО – радиою телевизион, рӯзномаю маҷалла ва ҳоказо барои бадастории иттилоот имкониятҳои зиёде медиҳад. Аммо, доираи васеи маълумоту ахборот бо тамоми рангорангӣ ва пуррагию ҷолибиаш он тасаввуроту мафҳумҳоеро, ки хонандагон дар мактаб гирифтаанду мегиранд, он қадар зиёд тағйир дода

наметавонад. Инро метавон бо се сабаб маънидод кард: якум, маълумотҳо рӯякию сатҳӣ ва бе таҳлил қабул карда мешаванд, дуюм, барои идрок ва ҳифзи онҳо супориш ва ё таъкиде намешавад, сеюм, дар зеҳну хотири хонанда иттилооту маълумотҳо номураттаб, номуназзам ва ба таври пароканда ҷой мегиранд. Вале, ба ҳар сурат, оид ба ин ё он соҳа то андозае маълумоту тасаввурот доштан, аз фоида орӣ нест.

Инчунин, мақсад гузошта будем, то муқаррар намоем, ки зимни азхудкунии фанни «Адабиёти тоҷик» ба кадом донишҳои дар таҷрибаи ҳаётӣ андухтаи хонандагони синфҳои 10-11 метавон такя кард. Санҷиш аз ҷониби мо дар се муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ №96-и шаҳри Ҳисор, №89-и ноҳияи Синои ш. Душанбе, №34-и ноҳияи Рӯдакӣ) гузаронида шуд. Ба омӯзиш ҳамагӣ 98 нафар ҷалб гардид. Маълум шуд, ки синфҳои болоӣ дар таҷрибаи ҳаётӣ дар бораи одамон, муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавии онҳо донишҳои зиёде меандузанд, дар бораи меҳнат, маишату фароғат ва муносибатҳои инсонии ҷомеаи ҳозира тасаввурот пайдо мекунанд. Омӯзгор дар кори худ, алалхусус, дар омӯзиши фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ метавонад ин афзалияти хонандагонро истифода намояд.

Гуфтан зарур аст, ки ин ҷиҳатҳо, асосан, ҳангоми омӯзиши адабиёти тоҷик метавонад нақши муҳиму мусбат бозанд. Аммо, он чӣ ки ба адабиёти тоинқилобӣ (соли 1917) дахл дорад, пас дар ин маврид на ҳамаи ҷанбаҳои таҷрибаи ҳаётии хонандагон метавонанд ба омӯзиши донишҳо кумак расонанд. Дар ин сурат қобилияти дарки хонандагон ба психологияи шахси дигар ва фаҳмидани муносибатҳои байни одамон ҳамчун омили мусбат зоҳир мегардад, гарчанде дар ин самт ҳам шогирдон баъзан ба саҳву хатоҳо роҳ медиҳанд.

Ҳангоми омӯхтани адабиёти тоинқилобии тоҷик хонандагон аксар вақт қаҳрамонони асарҳои бадеиро ба замони худ мувофиқ месозанд, яъне таҷрибаю донишҳои маънавии худро дар бораи муносибатҳо дар ҷамъияти мо ба баҳодиҳии қаҳрамонҳое мувофиқ мекунонанд, ки дар симои онҳо намояндагони хоси синфҳои азбайнрафта ва муносибатҳои кӯҳнаи иҷтимоӣ инъикос гардидаанд. Ин аксар вақт дар тасаввуроти нодуруст дар бораи симои зоҳирӣ

ва муҳите, ки бузургон ё қаҳрамонони асарҳои бадеӣ умр ба сар бурданд, ифода меёбад.

Таҷриба ва омӯзиши махсус роҷеъ ба санҷиши пайдоиши тасаввуроти биноӣ ҳангоми мутолиаи асарҳои бадеӣ нишон дод, ки эҷоди тасаввурот оид ба ҷойи амалиёт дар байни хонандагон душвории зиёде ба вуҷуд меорад, вале тасаввуроти дуруст дар бораи рафтору хислати қаҳрамонҳои асарҳо нисбатан ба осонӣ тавлид мегардад.

Гап дар сари он аст, ки донишҳои дар робитаҳои ҳаётӣ дар бораи одамон ва муносибатҳои байни онҳо ҳосилгардида ба хонандагон кумак мерасонанд, моҳияти иҷтимоию маънавии тимсолҳои бадеиро дарк созанд ва доир ба рафтори қаҳрамонон тасаввуроти дуруст ба вуҷуд оваранд. Тасаввур кардани ҷойи амалиёт бошад, танҳо дар заминаи донистани шароити мушаххасе имконпазир мебошад, ки дар он замоне намояндагони синфҳо ва гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ зиндагӣ кардаанд. Чунин донишҳо дар таҷрибаи ҳаётӣ ҳосил карда намешаванд, аз ин рӯ, хонандагон мекӯшанд дар таҷрибаи шахсиашон такягоҳе пайдо кунанд ва бо ифодаи худи онҳо «чӣ гунае, ки тасаввур мекунанд», яъне бо матн мутобиқ намесозанд. Дар натиҷа, «замонасозӣ»-и қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ ва шароити зиндагии онҳо низ ба вуҷуд меояд.

Тарафҳои дигари беэътиноӣ ин аст, ки маҳз дар хонандагони синфҳои болоӣ, алалхусус, дар давраи аввали таҳсил як навъ аз даст додани бахотиргирӣ, омехта кардани далелҳои мушаххас, мисли номи асарҳо, қаҳрамонон, ному насаби муаллифон, санаҳои таърихӣ, феҳрасти географӣ ва амсоли инҳо мушоҳида карда мешаванд.

Ин, асосан, аз рӯйи танаффуси тулонии машқи бахотиргирии мавод сурат мегирад ва ишора бамаврид меояд, ки дар  шароити муқаррарии фаъолияти аксари хонандагон машқи дархотирнигоҳдории маводи таълимӣ вуҷуд надорад ва ташкили он муҳимму манфиатбор аст. Ба дараҷаи даркорӣ хотир инкишоф наёфтааст, ки тамрин мехоҳад.

Бояд қайд кард, ки бисёр омӯзгорон ба омӯзиш ва ҳифзу дархотирнигоҳдории далелҳои муҳимтарини илмӣ, хусусиятҳои асоси онҳо,

воқеаҳои муҳимми таърихию давру замон ва санаҳои онҳо, мақсади муаллифони асарҳо, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии образҳои қаҳрамонони асарҳо ва, аз ҳама муҳим, мазмуну муҳтавои мафҳумҳои меҳварию қонунҳои илмӣ, истилоҳоти назариявию адабӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ ва ҳоказо камтар эътибор дода, барои иҷрои онҳо низ аз шогирдон сахт талаб намекунанд.

Ниҳоят, дар заминаи ин маълумотҳо оид ба таъсири таҷрибаи ҳаётии хонандагон метавон баъзе хулосаҳо баровард, ки барои дурусту самаранок ба роҳ мондани раванди таҳсил бағоят муҳиманд.

1. Барои омӯзиши бобарору бомуваффақият донишҳои истеҳсолии хонандагон аҳаммияти мусбат доранд: дар бораи асбобу лавозими корӣ, маводи гуногун ва хусусиятҳои онҳо, равандҳои истеҳсолӣ, муносибатҳои байни одамон ва амсоли инҳо; тасаввурот дар бораи ашёе, ки инсонро дар зиндагию фароғат фаро гирифтаанд; маълумот роҷеъ ба зуҳуроти ҳаррӯза, дигаргуниҳои ҷамъият, муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавии одамон дар ҷомеаи ҳозира, инчунин, тасаввуроту маълумот оид ба объектҳои географӣ, таърихӣ ва ҳодисоту рӯйдодҳои ҷамъиятӣ, алалхусус дар ҳудудҳои мамлакати худ ва дар сурати ахбори густурда ва ҷузъӣ доир ба онҳо.

Ин донишҳои мушаххаси бар асоси таҷрибаи ҳаётӣ ҳосилшуда метавонанд омӯзиши маводи навро осон гардонанд ва раванди таҳсилро тезонанд. Вале онҳо ба шарҳу тавзеҳи илмӣ ва мураттабсозӣ эҳтиёҷ доранд. Дар шароитҳои кори ҳамаҷониба бо аҳли синф ба онҳо танҳо дар сурате умед бастан мумкин аст, ки омӯзгор боварии қатъӣ дошта бошад, ки аз таҷрибаи ҳаётӣ ва истеҳсолӣ хонандаи ҷудогона не, балки ҳама ё аксарияти таълимгирандагон маълумоти муайян доранд. Агар дар дарсҳо далелҳое омӯхта шаванд, ки аз ҳудуди таҷрибаи фардии аксарияти хонандагон берун бароянд, пас, чунин маводи мушаххас дар дарсҳо шарҳу маънидоди ҷиддӣ ва сарфаҳмравии амикро тақозо менамояд.

2. Донишҳое, ки дар таҷрибаи ҳаётӣ ва истеҳсолӣ андухта шудаанд, барои омӯзиши мафҳумҳои умумӣ ва робитаҳои сабабияти тафтишот аҳаммияти мусбат доранд. Вале барои он ки ин мафҳуму робитаҳо, воқеан, амиқ аз худ

карда шаванд, омӯзгор бояд ба он зуҳуроту равандҳои ҳаётӣ, ки хонандагон дар бораи онҳо аз таҷриба дониш ҳосил намудаанд, шарҳу эзоҳи илмӣ диҳад. Зарурати шарҳу тафсири илмӣ аз он ҷиҳат талқин мегардад, ки мафҳумҳои умумии илмӣ ва робитаҳои дохилию асосии зуҳуроту ҳодисот дар таҷрибаи ҳаётӣ танҳо аз ҷониби қисми на он қадар зиёди хонандагони пешқадам дуруст дарк карда мешавад. Одатан, ин қабил хонандагон дар соҳаи адабиёти бадеӣ ва илмию оммавӣ таҷрибаи хеле фаровони китобхонӣ доранд. Ба ташаккули мафҳумҳои умумии илмӣ, омӯхтани равобиту қонунҳои сабабияту тафтишот бояд дар дарсҳо диққати ҷиддӣ дод, зеро ин донишҳо, агарчи қисман вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале онҳо дар аксари хонандагон нопурраю берабт, носаҳеҳу норавшан ва баъзан нодурусту хатоанд.

3. Омӯзгор бояд ба эътибор гирад, ки далели мусбати мавҷудияти баъзе донишҳо дар бораи объектҳои мушаххас гоҳо то андозае метавонад нақши манфӣ бозад. Хонандагоне, ки далелҳои ягонаю воҳидро медонанд, аксар вақт чунин мепиндоранд, ки гӯё ба онҳо моҳияти ҳамин объект ё зуҳурот хуб маълум аст. Аз ин рӯ, дар назди омӯзгор вазифаи махсус меистад: бо тарзу усулҳои мухталиф бартараф сохтани эҳсосоти «шиносоӣ»-и хонандагон бо маводи таълимӣ, тавре манзур кардани мазмуну муҳтаво, ки гӯё он аллакай ба шогирдон маълум аст.

Мисолҳои чунин «худфиребӣ»-и талабагон нисбатан зуд-зуд вомехӯранд. Масалан, дар дарсҳои таърих ҳангоми омӯхтани сабабҳои ҷанги бисёрсолаи Афғонистон, хотима наёфтани ҷанг, ворид шудани артиши Шуравӣ ба ин кишвар, пайдошавии гурӯҳҳои миллатгаро, сатҳи пасти зиндагӣ, бесаводӣ, қафомонии мамлакат ва амсоли инҳо, ки хонандагон дар бораи онҳо маълумоти рӯякӣ доранд ва васеъ донистанро ҷоиз намедонанд.

Дар ин ҳолат муаллимро зарур аст, ки инро пай бурда, роҳҳои ҷалб ва шавқовартар кардани мавзуъро ҷустуҷӯ намояд. Тавсия дода мешавад, ки аз таълими проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ ва методҳои интерактивии таълим истифода барад.

Дар ин замина хонандагон метавонанд дар бораи ҷанги тулонии Афғонистон, анҷом наёфтани он, гурӯҳҳои террористӣ, ҳаёти ноосоишта, рушд наёфтани кишвар аз шуниданҳою тамошоҳои барномаҳои телевизионӣ ва дигар расонаҳои хабарӣ захираҳои зиёди маълумот ва донишҳои мушаххасро пайдо кунанд.

Маводи таълимӣ ба назари аксари мактабиён осону дастрас менамояд, чунки онҳо бе душворӣ ба саволҳое ҷавоб медиҳанд, ки ба гурӯҳҳои террористӣ, ҳаёти ноором, қафомонии кишвар дахл доранд. Маълумот ҳам гирифта шуд, ки баъзан вақт изҳор мекунанд, ки фанни таърихро хондан намехоҳанд, зеро ин гӯё ба онҳо чизе намедиҳад.

Омӯзгорон тавассути шарҳи мазмуну муҳтавои фанҳои худ мекӯшанд, ки шавқу рағбати хонандагонро бедор созанд. Барои ин аз таҷрибаи ҳаётӣ ва тасаввуроту маълумотҳои гирифтаи онҳо ҳамаҷониба истифода мебаранд, ки ин тарзи корбарӣ, бешубҳа, ҷиҳати мусбати таҳсил маҳсуб меёбад. Вале ин кор ҷиҳатҳои манфӣ хам дорад, бисёр вақт ба мушоҳида мерасад, ки хонандагон дар банди таҷрибаи ҳаётӣ ва маълумоти доштаи худ мемонанд. Ин дар мавриде рӯй медиҳад, ки диққати онҳо, асосан, танҳо бо чизҳои мушаххас ҷалб карда мешавад: номи қисмҳои ҷудогонаи объектҳои мавриди омӯзиш, шумораю ҷойгиршавии онҳо, пайдарҳамии гузаштани ин ё он равандҳо, санаҳо ва дигар ҷузъиёти осонфаҳм. Дар сурати чунин омӯзиши мавод хонандагон дар он масъалаи ҳалталаберо намебинанд, онҳоро ба ҳаяҷон намеорад, ба ҳайрат намегузорад, ба андешидан водор намесозад.

Дар дарси таърих, фарз кардем, муаллим агар ба мақсади ба умқи масъала даромадан, равшан кардани паҳлуҳои норавшан ва муҳим, мисли ошкор намудани сабабҳои сарзании ҷанг ва оқибатҳои он, руйдоду воқеаҳои таърихӣ ва хусусиятҳои онҳо саволҳо манзур намояд, аксари шогирдон ҷавоби хубу қаноатбахш дода наметавонанд.

Натиҷагирӣ аз озмоиш ва мушоҳидаҳо бозгӯи онанд, ки хулосаҳои муҳимтарини ҷаҳонбинӣ дар бораи омилҳои сарзании ҷанг, шӯришу инқилоб ва оқибатҳои он, сабабгори онҳо, ҳодисаҳои таърихӣ ва хусусиятҳои онҳо ва ғайра

дар шуури хонандагон нақш намебандад. Аз ин рӯ, дар натиҷаи омӯзиши мавзуъҳо донишҳои шогирдон то дараҷаи ҷамъбасти амиқу дақиқ намерасанд ва умуман, таҳсил ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ суст таъсир мекунад.

Камбудию норасоиҳое, ки дар ин ҷо нишон дода шуданд, дар дарсҳои фанҳои дигар ҳам ҷой доранд. Барои он ки ин нуқсу камбудиҳо рафъ гарданд, зарур аст дар ҳар як мавзуъ аломатҳои асосиву муҳим муайян ва мазмуну муҳтавои ҳар дарс ва ғояҳои марказии ҷаҳонбинии фан алоқаманд карда шавад. Бидуни ин, ҳатто мавриди аз таҷрибаи ҳаётӣ донишҳои хеле зиёд доштани хонандагон ва ҳангоми фаъолона аз он истифода кардани омӯзгор ҳам, идроки амиқи мавод ба вуқуъ намепайвандад. Дар натиҷаи азхудкунии мавзуъҳо хонандагон танҳо дар омӯзиши маводи мушаххас пеш мераванд, вале то сатҳи ҷамъбастсозии амиқ расида наметавонанд ва, аслан, аз он чизе ки аз таҷрибаи ҳаётӣ барояшон маълум буд, танҳо бештар дониш ҳосил мекунанд. Дар ин сурат ҷараёни ташаккули мафҳумҳо ва донишҳои ҷаҳонбинии илмии хонандагон бештар зарар мебинад.

4. Баъзан дар таҳсил дучори дигар хел ҳолат ва камбудиҳо гардидан низ эҳтимол дорад. Масалан, таҷрибаи рӯзмарраи шогирдонро комилан аз хотир баровардани муаллим, вуҷуд надоштани робитаи таълим бо ҳаёт, ба эътибор нагирифтани коршоямии донишҳо дар фаъолияти минбаъдаи хонадагон ва аҳаммияти онҳоро дуруст нафаҳмонидан ва ғайра камбудиҳоеанд, ки барҳам додани онҳо донишу ҷаҳонбинӣ ва маҳорати касбии омӯзгорро тақозо менамояд.

Чунончи, зимни омӯзиши мавзуи «Хатари умумиҷаҳонии бухрони экологӣ дар ибтидои асри XXI» дар дарси таърихи умумии синфи 11 баъзе омӯзгорон донишҳои хонандагонро дар бораи ифлосшавии муҳити зист ва зарари он, нестшавии ҷангалҳо, камшавии захираҳои оби тоза ва тадбирҳои пешгирии онҳо на ҳамеша истифода мекунанд. Тасаввуроту мафҳумҳои парокандаю номукаммале, ки аз таҷрибаи амалӣ андухта шудаанд, дуруст дарк намегарданд, аз ин рӯ, ҷамъбаст ва дар низоми донишҳои илмӣ низ дохил карда намешаванд.

Бинобар ин, дар шуури шогирдон аксар вақт донишҳои илмӣ ва тасаввуроти дурусти мафҳумҳои ҳаётӣ, вале рӯякӣ омӯхташуда мушоҳида карда мешаванд, ки он оқибати хуб надорад. Бояд қайд кард, ки дар байни омӯзгорони эҷодкор чунин зуҳурот мушоҳида карда намешавад. Ин муаллимон дар хонандагон мафҳумҳои муҳимтарини умумӣ ва махсусро ташаккул медиҳанд, ки дар такя ба маводи мушаххас доираи ҷаҳонбинии илмии онҳоро васеъ ва илмияти дарсро таъмин менамоянд. Дар ин маврид донишҳои таҷрибаи ҳаётӣ бо маводи мушаххас узван пайваста мегарданд, таҳти роҳбарии муаллим таҷдиди назар ва ҷамъбаст карда, ба дараҷаи комилан баланди назариявӣ расонида мешаванд.

Ҳамин тавр, хусусияти хоси таълим идораи мақсадноки раванди ҷамъбаст ва аз худ кардани донишҳои ҳаётӣ ва илмӣ мегардад. Бо назардошти чунин хусусият омӯзгорон бояд ба масъалаи банақшагирии мавзуӣ, ҳам ба интихоби маводи таълимии ҳар як дарс ва ҳам ба интихоби воситаҳои аёнӣ ва тарзу усулҳои методӣ ҳамин гуна муносибат кунанд. Дар низоми ягона муттаҳид намудани донишҳои нави илмӣ ва маълумотҳое, ки дар таҷрибаи ҳаётӣ ҳосил карда шудаанд, аз беҳтарин роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳсил ба шумор меравад.

Хуллас, собит шудааст, ки мафҳумҳои илмӣ инкишоф меёбанд, аммо на ба он тарзи мафҳумҳои ҳаётӣ, ки раванди инкишофи онҳо роҳи инкишофи мафҳумҳои ҳаётиро такрор намекунад.

Таъкид бояд кард, ки мафҳумҳои илмӣ дар сурате аз худ ва дар хотир нигоҳ дошта мешаванд, ки агар хонанда бо ёрии тафаккураш фаъолона ба он ҷаҳд намояд. Пас зарур аст, ки ба масъалаҳои фикррониии шогирдон беэътиноӣ накарда, тафаккури онҳоро тарбият намоем.

Таълим, ки хусусияти инкишофдиҳанда дорад, дар ҷараёни ғуншавӣ ва азбарнамоии донишҳо қобилияти фикриро мукаммал, дараҷаи мустақилӣ ва фаъолиро баланд мебардорад, ки ин ба ташаккули пурраи шахсият мусоидат мекунад. Дар навбати худ, «Инкишофи тафаккури зеҳнӣ, ки меҳнати фикриро тақвият мебахшад, ба азхудкунии донишҳо, малака ва маҳорати истифодаи

онҳо дар шароитҳои гуногуни ивазшавандаи фаъолияти таълимӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ таъсири калон мерасонад» [55, с. 239]. Ин ягонагӣ байни азхудкунии донишҳо ва инкишофи тафаккур барои ташаккули ҷаҳонбинӣ, ки меҳвари шуурнокӣ, фаъолмандӣ ва мустақилиятнокиро ташкил менамоянд, асоси устуворӣ мегардад.

Ҳалли муаммоҳои омӯзиши мафҳумҳои ҳаётӣ ва мафҳумҳои илмӣ, ки дар фаъолияти таълимии толибилмон ва коромад гаштани онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фаъолияти минбаъдаашон дар замони муосир басо муҳим аст, масъалаи мубрами соҳаи маориф – таълиму тарбия маҳсуб меёбад.

Умуман, истифодаи ҳадафмандонаи донишҳои аз таҷрибаи ҳаётӣ ҳосилшуда ба омӯзиши мафҳумҳои илмӣ дар дарс таъсир расонида, самарабахшии таълимро таъмин менамояд. Тавре аз иқтибоси зерин бармеояд: «Бешубҳа, ҳар қадар мафҳумҳои илмӣ пуртаъсир бошанд, ҳамон андоза мафҳумҳои ҳаётӣ камтаъсир мешаванд ва ё баръакс, мафҳумҳои ҳаётӣ вақте неруманд мегарданд, ки таъсири мафҳумҳои илмӣ суст бошад» [386, с.177].

Доираи донишу маҳорат, малака ва қобилияту тафаккури эҷодии хонандагонро ба паҳно бурдани омӯзгор, яъне дар назди онҳо гузоштани масъалаи муҳим (маънавӣ, ҷаҳонбинӣ, илмӣ, истеҳсолӣ) барои инкишофи фаъолияти зеҳнӣ ва салоҳиятнокӣ бағоят аҳамиятнок аст. Масъалагузорӣ барои бартараф кардани камбудию норасоиҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равшану возеҳ зоҳир мегарданд, ёрӣ мерасонад.

Мо дар самти омӯзиши донишҳо аз фанҳои алоҳида ва фаслҳои ҷудогона рафтори манфиатпарастонаро дар назар дорем, ки бисёр хонандагон зоҳир мекунанд. Гап дар сари он аст, ки дар хонандагон бештар манфиати интихобӣ ба мавод ва фанни таълимӣ мушоҳида карда мешавад, ки ин барои онҳо аҳаммияти калони амалӣ дорад. Чунин тарзи муносибат бисёр вақт боиси он мегардад, ки онҳо ба фаслу бобҳои басо муҳимми ин ё он фанни таълимӣ диққати даркорӣ намедиҳанд, гоҳҳо ҳатто ба фанҳои алоҳида хунукназарона ва бепарвоёна муносибат мекунанд. Ба иқрори худи хонандагон баъзе фанҳои таълимӣ барои онҳо, такмили донишҳо ва касби ояндаашон нозаруранд ва аз

ин лиҳоз, ба омӯзиши онҳо таваҷҷуҳ камтар мекунанд. Бояд гуфт, ки бо ин гуна муносибат дар раванди таҳсил проблемаи калон ба миён омада, дар омӯзиш ва азхудкунии мафҳумҳо, ки зимни тадриси фанҳои ба ҳам наздик ва дигар фанҳо низ ташаккул меёбанд, монеаҳои зиёде эҷод мешавад.

Вазифаи муаллим бартараф сохтани рафтори маҳдуди манфиатҷӯёнаи хонандагон бо донишҳо, таъкиду хотиррасон кардани аҳаммияти маърифатию таълимӣ, ҷаҳонбинӣ ва илмии донишҳои назариявӣ ба шумор меравад, ки ба комёбиву муваффақиятҳои фаъолияти истеҳсолӣ бевосита не, балки аксар вақт бавосита мусоидат менамояд.

Як масъалаи дигар низ моро ба ташвиш овард, ки дар вақти таҳқиқот ва мушоҳидаю озмоишҳо пай бурдем. Дар шуури шогирдон аксар вақт ҷойи холӣ боқӣ мемонад, ки комилан метавонад дар он тасаввуроти нодуруст ва ғайриилмӣ роҳ ёбад. Рафъи ин ҳолат заҳмати бисёр ва махсусан, донишҳои педагогию психологиро талаб менамояд. Умуман, кулли омӯзгорон ва аҳли ҷомеаро зарур аст кӯшиш намоянд, то дар шуури хонандагон донишҳои ғайриилмӣ ворид нашаванд, нагузоранд, ки донишҳои беасос ва дур аз ҳақиқат дар зеҳнашон ҷой гиранд.

Барои он ки қонунияти ҷараёни ташаккули мафҳумҳоро дар илм дарк кунем ва шароити мусоидаткунандаи аз тарафи хонандагон азхудкунии онҳоро нишон диҳем, зарур аст, ки асосҳои психологии ташаккули мафҳумҳо муайян карда шаванд. Асосҳои психологии ташаккули мафҳумҳоро пеш аз ҳама *ҳис кардани ташаккули мафҳум, дарк ва тасаввурот* ташкил медиҳанд. Ҳоло ташаккули мафҳумро аз ин нигоҳ мавриди назар қарор медиҳем.

Мо пештар қайд кардем, ки ташаккули мафҳум ҷараёни диалектики тазоддорест ва як шакли инъикоси олами воқеӣ ба шумор меравад.
Маърифат тафаккури абстрактӣ ё тафаккур дар мафҳумҳоро, ки танҳо хосси инсон дониста мешавад, ифода мекунад. Тафаккур дар заминаи зинаи эҳсосии маърифат ба вуҷуд меояд, вале на дар образҳо амал мекунад, балки дар мафҳумҳое инъикос мегардад, ки дар натиҷаи фаъолияти меҳнатии наслҳои зиёди одамон ба вуҷуд омадаанд.

Маърифати инсон ҳамеша дар амалия санҷида мешавад. Амалия бошад, меъёри асосии санҷиши фаъолияти инсон ба шумор меравад.

Зинаҳои ташаккули мафҳумро метавон чунин тасаввур намуд: эҳсос – дарк – тасаввурот – мафҳум.

Барои педагог ин паҳлуҳои ҷараёни ташаккули мафҳум басо муҳим арзёбӣ мегардад.

*Эҳсос* кардани ташаккули мафҳум ҳамчун зинаи аввал дониста мешавад. Ҳис кардан инъикоси хусусиятҳои алоҳидаи ашё дар майна мебошад. *Ҳис кардан ё эҳсос шакли ибтидоии дарки олами воқеӣ ва моддӣ аст.* Шуури мо ба шарофати таъсири доимии олами атроф ба ҳиссиёти мо вуҷуд дорад ва низоми ҳамешаамалкунандаи эҳсос ба он мусоидат мекунад.

Худи ҷараёни ҳис кардан ба ин тариқ мегузарад. Ангезандаи берунӣ ё дохилӣ ба аъзои ҳис (сомеа, босира, шомеа ва ғайра) таъсир гузошта, тасаввуроти мувофиқро ба миён меорад.

*Дарк* ин инъикоси олами ашё ва зуҳурот дар шуури мо мебошад, ки тавассути узвҳои ҳис дар бораи ашё тасаввурот ҳосил мешавад.

Мо дар маҷмуъ ашё ва ҳодисаҳоро дарк мекунем, вале хусусиятҳои алоҳидаи онҳоро ҳис менамоем.

Зинаи нисбатан баландтар дар ташаккули мафҳум тасаввурот мебошад. Ташаккулёбии мафҳум ба тасаввур вобаста аст. Мафҳумҳо, ки мундариҷаи умумишудаи на танҳо як ашё, балки гурӯҳи ашё ва ҳатто гурӯҳҳои калонтарро инъикос мекунанд, дар асоси тасаввуроти воқеӣ пайдо шуда, устувор мегарданд. Масалан, мафҳуми «миз» ба гурӯҳи калони ашё тааллуқ дорад.

*Мафҳум ва сухан* бо якдигар сахт алоқамананданд, зеро мафҳум танҳо тавассути сухан, калима ифода карда мешавад. Мафҳумҳо бо як калима ва ё ибораҳо ифода карда мешаванд. Масалан: озодии сухан, ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, буҳрони иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайра.

Дар хонандагон инкишоф додани системаи мафҳумҳо яке аз унсурҳои муҳимми бо системаи донишҳои илмӣ мусаллаҳ сохтани онҳо мебошад. Ба инкишофи мафҳумҳо дар илм ва маърифати таълимӣ чунин вижагиҳо хосанд:

1) хосиятҳои мафҳумҳои илмӣ ва нақши онҳо дар маърифати илмӣ;

2) хусусиятҳои рушди мафҳум дар илм;

3) аҳаммияти ташаккул ва рушди мафҳум барои хонандагон;

4) хусусиятҳои рушди мафҳум дар маърифати таълимӣ;

5) нақши тасаввуроти пешакӣ дар ташаккули мафҳумҳои илмии хонандагон.

*1. Хосиятҳои мафҳумҳои илмӣ ва нақши онҳо дар* маърифати *илмӣ.* Мафҳум ҷузъи муҳимтарини системаи донишҳои илмӣ буда, дар дарки илмӣ нақши бузург мебозад.

Аҳаммияти маърифатии мафҳумҳои илмӣ нақши бузурги онҳоро дар истифодаи амалии мафҳумҳои назариявӣ ва умуман, натиҷаҳои маърифатро шартгузорӣ мекунад.

Мафҳумҳо дар марҳилаҳои муайяни инкишофи илм номаълум намемонанд. Дар натиҷаи кашф шудани хусусият ва аломатҳои тозаи ашё ва ҳодисаҳо мазмуни мафҳумҳо пурра карда мешаванд, ҳаҷми онҳо васеътар гардида, алоқа ва муносибаташон такмил меёбад.

Дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеаи инсонӣ ва тафаккури одамон мафҳумҳо дар шакли эмпирикӣ (таҷрибавӣ) зуҳур намуда, дар зинаи баландтари инкишоф онҳо ба тафаккури абстрактӣ-назариявӣ робитаи ногусастанӣ пайдо мекунанд.

Ташаккул ва рушди мафҳумҳои нав дар улуми амалкунанда дар алоқамандии зичи қонунҳо ва назарияҳо сурат мегирад. Мафҳумҳо, қонунҳо ва назарияҳо паҳлуҳои гуногуни як ҷараёни маърифатро ифода мекунанд. Дар онҳо моҳияти ҳамон як доираи ҳаводис, вале дар шаклҳои гуногуни тафаккурӣ ва маърифатӣ ошкор мегардад.

Мафҳум моҳияти ҳодиса ва ашёро бо роҳи рӯ тофтан аз воқеияти дурӯғин ва дуюмдараҷа ба намоиш мегузорад. Қонун робитаҳои воқеии

байни ҳодисаҳо ва ашёро ошкор менамояд. Назария бошад, натиҷаҳои таҷрибаро ба мақсади шарҳу эзоҳи далелу ҳаводиси доираи мазкур ҷамъбаст мекунад.

*2. Хусусиятҳои рушди мафҳум дар илм.* Рушди мафҳум дар асоси ҳалли зиддияти байни далелҳои навпайдошуда ва мафҳумҳои қаблан ҷойдошта, ки барои шарҳ кофӣ нестанд, таъмин мегардад.

Ҷараёни рушди мафҳум дар ду самт сурат мегирад: якум, мафҳумҳои аввала таҳким меёбанд, аниқтар гардида, дар сатҳи нисбатан баландтари умумият қарор мегиранд; дуюм, мафҳумҳои аввала ҳамчун мафҳумҳои ғайриилмӣ рад карда шуда, ба ҷойи онҳо мафҳумҳои нав қабул карда мешаванд. Рад кардани мафҳумҳои ғайриилмӣ ва пазируфтани мафҳумҳои нав нуқтаҳои калидии рушди илм ба шумор мераванд.

*3. Аҳаммияти ташаккули мафҳумҳои илмӣ барои хонандагон.* Бидуни аз худ кардани мафҳумҳо қонунҳо ва назарияҳоро аз худ кардан имконнопазир аст. Азхудкунии мафҳумҳо ба фаъолияти тафаккури хонандагон ҳангоми таҳлил, муқоиса ва умумисозию хулосабарорӣ сахт вобаста аст. Мафҳумҳоро аз худ кардани хонандагон аз фаъолият ва сатҳи касбии омӯзгор вобастагии бештаре дорад, ки дар ҳолатҳои гуногун ӯ чӣ тавр метавонад роҳи ҳалли мушкилотро пайдо кунад.

*4. Хусусиятҳои рушди мафҳум дар* маърифати *таълимӣ***.** Рушди мафҳум дар маърифати таълимӣ бо як қатор махсусиятҳои зерин алоқаманд аст:

1. Ҳам дар маърифати илмӣ ва ҳам таълимӣ ташаккул ва инкишофи мафҳумҳо ҷараёни мураккаби диалектикию пурихтилоф ба шумор меравад. Хонандагон якбора мафҳумҳоро аз худ намекунанд, оҳиста-оҳиста ба мазмуни онҳо ворид шуда, ҳаҷм, алоқа ва муносибати онҳоро бо мафҳумҳои дигар муайян мекунанд. Азхудкунии мафҳумҳо дар заминаи гузаштан аз ихтилофоте сурат мегирад, ки дар миёни далелҳои муқарраршудаи илмӣ ва асосҳои маърифатӣ вуҷуд доранд ва барои исботи далелҳои дигар кофӣ нестанд.

2. Дар маърифати илмӣ пайдоиш ва инкишофи мафҳум натиҷаи ҷустуҷӯйи эҷодии олимон аст. Дар фаҳмиши таълимӣ ташаккули мафҳум зери роҳбарии омӯзгор, тавассути барномаю тавсияҳо ва дастурҳо, назария ва амалиҳои исботшуда, ки меҳнати тулониеро талаб мекунад, ба вуҷуд меояд. Омӯзгор мафҳумҳоро ташаккул медиҳад ва хонандагон онҳоро аз худ мекунанд.

3. Дар маърифати илмӣ пайдоиш ва инкишофи мафҳум, ҳамчунин, натиҷаи ҷараёни тулонии маърифат, дарки бештари олами воқеӣ ва баъзе марҳилаҳои маърифат аст. Дар ҷараёни таълим дар хонандагон мафҳумҳое ташаккул меёбанд, ки дар илм амал мекунанд.

4. Дар маърифати илмӣ ҷудо шудани хусусиятҳои воқеии ашё ва ҳодисот, ки дар шуури одамон бо ёрии мафҳумҳо пайдо мешаванд, самараву натиҷаи заҳмати олимон мебошад.

5. Манбаи пайдоиш ва инкишофи мафҳумҳо дар илм ихтилофоти миёни далелҳои нави илмии муқарраргардида ва меҳвари маърифатии мавҷуда, ки барои ошкор намудани ҳодисаҳо ва хусусиятҳои ашё донишҳои кофӣ надоранд, ба шумор меравад.

Рушди мафҳум дар хонандагон зери таъсири чунин омилҳо таъмин мегардад:

а) таҷрибаи ҳаётии хонандагон, тасаввурот дар бораи рӯзгор, ки дар илми психология тасаввуроти пешакӣ мегӯянд;

б) ҷараёни мақсадноки ташаккули мафҳум ҳангоми омӯзиши асосҳои фанҳои таълимӣ таҳти роҳнамоии муаллим;

в) мутолиаи адабиёти бадеӣ, тамошои филму барномаҳои радио ва телевизион, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои маърифатӣ аз интернет.

Ҷараёни ташаккули мафҳумҳо дар шуури хонандагон қонуниятҳои худро дорад:

- ташаккули мафҳумҳо дар шуури хонандагон ҷараёни бардавом ва пайдарпайи ошкоршавии сифатӣ ва миқдории хусусиятҳои ашё ва

ҳодисаҳост. Хонандагон якбора мафҳумҳоро аз худ намекунанд, оҳиста-оҳиста мазмуни онҳоро дарк карда, ҳаҷм, алоқа ва муносибати он мафҳумҳоро бо мафҳумҳои дигар муайян мекунанд.

- дар ҷараёни омӯзиши ин ё он фан, дар хонандагон аввал тасаввурот оид ба мафҳумҳои алоҳида, сипас, системаи мафҳумҳо пайдо мешавад.

- аз худ кардани мафҳумҳои як система ҳамон вақт бомуваффақият меанҷомад, ки агар алоқаи онҳо бо мафҳумҳои системаи дигар амалӣ карда шаванд.

- ҳамзамон, зимни таҳлили мазмуни мафҳум ҷараёни муқоисаю фарққунӣ сурат мегирад, ки он барои пешгирӣ кардани иштибоҳ дар ташаккули мафҳум хеле муҳим мебошад.

*5. Нақши тасаввуроти пешакӣ дар ташаккули мафҳумҳои илмии хонандагон.* Яке аз сарчашмаҳои ташаккули мафҳумҳо дар шуури хонандагон таҷрибаи ҳаётӣ, мушоҳидаҳои ҳаррӯзаи онҳо мебошад. Агар миёни тасаввуроти пешакӣ ва мундариҷаи мафҳумҳои илмӣ ихтилоф вуҷуд дошта бошад ва муаллим ба он сари вақт аҳаммият надиҳад, тасаввуроти пешакӣ ҷараёни аз тарафи хонандагон азхудкунии мафҳумҳои илмиро қатъ месозад. Агар чунин ихтилоф ҷой надошта бошад, омӯзгор метавонад ба тасаввуроти пешакии шогирдон такя карда, мавзуъро фаҳмонад, якҷоя маводи таълимиро таҳлил намоянд.

Моҳияти ҷараёни азхудкунии мафҳум дар азхудкунии мазмуни (аломатҳои воқеӣ) мафҳум, ҳаҷми мафҳум (маҷмуи ашёе, ки шомили мазмуни мафҳуманд), робитаҳои воқеӣ ва муносибати мафҳум бо мафҳумҳои дигари система ифода меёбад. Азхудкунии мафҳум ҳамчунин маҳорати коркард ва истифодаи онҳоро дар ҳалли вазифаҳои гуногуни дорои хусусиятҳои маърифатию амалӣ тақозо менамояд.

Мо хусусиятҳои ҷараёни аз тарафи хонандагон азхудкунии мафҳумҳо, меъёрҳои азхудкунӣ, тарзу усулҳои асосии ташаккули мафҳумҳо, ғалатҳои маъмулии азхудкунии мафҳумҳо, сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои бартарафсозии онҳоро дида баромадем. «Азхудкунии бомуваффақият чунин

фарогирие мебошад, ки хонандагон тавассути он мундариҷа, ҳаҷми мафҳум, робита ва таносуби он бо мафҳумҳои дигар, истифодаи он дар ҳалли вазифаҳои таълимию амалӣ – дар доираи вақти таълимии дар барнома пешбинишуда барои омӯзиши мавзуъ, қисм ва бобҳо, ки мазмуни мафҳумҳои ташаккулёбандаро дар бар мегирад, медонанд» [289, с.91].

Донистани ҳамаи ин барои фаъолияти пурсамари муаллим вобаста ба ташаккули системаи мафҳумҳои илмӣ дар хонандагон бисёр муҳим аст. Акнун зарурати ба низом даровардани матолиби мазкур ва муайян кардани шароити мусоидаткунандаи фарогирии мафҳумҳо пеш меояд.

Таҳлили хусусиятҳои мафҳумҳо, вижагиҳои раванди азхудкунии онҳо, хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор вобаста ба ташаккули мафҳумҳо дар хонандагон, инчунин таҳқиқоти махсус анҷомдодашуда имкон медиҳанд, ки шароити асосии азхудкунии самарабахши мафҳумҳо муайян карда шавад. Чунончи:

1. Шарти аввал мазмуни мафҳумро донистани омӯзгор дар низоми илми муосир мебошад. Бидуни иҷрои шарти мазкур дар бораи азхудкунии дурусти мафҳум аз тарафи хонандагон сухан гуфтан мумкин нест.

2. Шарти дуюм талаботи азхудкунии мафҳумро аз тарафи хонандагон ҳангоми анҷоми таҳсил донистани муаллим ва пешбинии сатҳи дилхоҳи дарки мафҳум мебошад. Иҷрои ин шарт барои он лозим аст, ки муаллим дурнамои инкишофи мафҳумро дида тавонад. Ин шарт дар амалия иҷро карда намешавад; одатан, муаллим бе чунин ояндабинӣ амал карда, кӯшиш менамояд, ки маводи китоби дарсиро пурра гузарад. Ин ба дараҷаи чашмрас самаранокии фаъолияти ӯро вобаста ба шаклгирии мафҳум коҳиш медиҳад, зеро он ҳадаф ва оянда надорад.

Ҳоло масъалаи ташкили модел (намуна)-и талабот барои азхудкунии гурӯҳҳои асосии мафҳумҳо ва мафҳумҳои нисбатан муҳимми фанни таълимӣ ба миён омадааст. Мо чунин талаботи умумиро барои азхудкунии гурӯҳҳои асосии мафҳумҳо дар омӯзиши методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ пешниҳод кардем.

Ин ҷо як намунаи талаботи умумиро вобаста ба азхудкунии гурӯҳҳои асосии мафҳумҳо аз фанни таърих дида мебароем. Масалан, талаботи азхудкунии зуҳуроту ҳодисаҳо, ки аз рӯйи он хонандагон бояд донанд:

а) аломатҳои зоҳирии зуҳуроту ҳодисаҳо;

б) шароите, ки таҳти он зуҳурот ва ҳодисаҳо сурат мегиранд;

в) моҳияти зуҳуроту ҳодисаҳо ва тарзи сурат гирифтани онҳо;

г) робитаи зуҳуроту ҳодисоти мазкур бо дигар зуҳуроту ҳодисаҳо;

ғ) хусусиятҳои зуҳуроту ҳодисотро муаррификунанда (аломату нишонаҳои ифодакунандаи робитаи байни хусусиятҳо);

д) воситаҳои нисбатан муҳимми истифодаи зуҳуроту ҳодисот дар амалия;

е) роҳҳои пешгирӣ кардани таъсири манфии зуҳуроту ҳодисот.

3. Шарти сеюми муҳимми азхудкунии мафҳум давраҳои асосии инкишофи мафҳуми ташаккулёбанда, нуқтаҳои калидӣ ва ғанишавии мафҳумро донистани муаллим мебошад. Ин дидани ояндаро дар фаъолият вобаста ба ташаккули мафҳум беҳтар сохта, дар иҷрои самараноки он мусоидат мекунад.

4. Шарти чаҳоруми самараноки шаклёбии мафҳум интихоби дурусти тарзи ташаккули мафҳум, методҳо ва усулест, ки зудтар ошкор шудани аломатҳои воқеии мафҳум, робитаи воқеии онро бо мафҳумҳои дигар таъмин менамояд. Аслҳое, ки ҳангоми интихоби роҳҳои ташаккули ин ё он мафҳум, омилҳо бояд ба эътибор гирифта шаванд, пештар баррасӣ шуда буданд. Инҳо мазмуни мафҳум, асоси маърифатии хонандагон, таҷрибаи ҳаётии онҳо, тасаввуроти сабук, вижагиҳои синнусолӣ, дараҷаи инкишофи тафаккур, заминаи моддии синфхона ва ғайра мебошанд.

5. Шарти муҳимму самараноки шаклёбии мафҳум ташкили фаъолияти баланди маърифатии хонандагон дар ҳамаи давраҳои шаклгирии мафҳум мебошад. Дар марҳилаи аввали шаклгирии мафҳум баландшавии фаъолияти маърифатии хонандагон ва диққати онҳо ташкил намудани вазъиятҳои проблемавӣ ё масъалагузорӣ ба шумор меравад. Таҳлил хонандаро ба

хулосае меорад, ки асоси маърифатии онҳо (маҷмуи мафҳумҳо) барои шарҳи далелҳои муқаррargардида (зуҳурот, ҳодисаҳо ва хусусияти онҳо, қонуниятҳо ва ғайра) ва ҳалли вазифаҳои амалӣ кофӣ нест. Масалан, аз фанни «Ҳуқуқи инсон» дар синфи 11 вобаста ба ташаккули мафҳумҳо «адолати судӣ» дар назди хонандагон вазифа гузошта мешавад: «Адолати судиро нисбат ба ноболиғон шарҳу тавзеҳ диҳед».

Шарти супоришро таҳлил намуда, хонандагон ба хулосае меоянд, ки стандартҳои ҳадди ақали қоидаҳои СММ марбут ба иҷрои адолати судӣ нисбат ба болиғон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои адолати судӣ нисбат ба болиғон, Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва дигар санадҳои қонунгузории иҷро кардани адолати судиро нисбат ба болиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд донист.

Дар асоси ин фаҳмиш дар бораи «адолати судӣ» ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ ва ифодакунандаи хусусияти адолати судӣ, инчунин муайянкунандаи муносибат ба ноболиғон ҳосил мешавад.

Масъалагузорӣ ё худ ташкили вазъиятҳои душвор диққатро ангеза бахшида, тафаккурро фаъол месозад, ба дарки беҳтари аҳаммияти азхудкунии мафҳум барои фаъолияти амалӣ мусоидат менамояд. Ҳамаи ин хубтар аз худ кардани мафҳумро аз тарафи хонандагон таъмин месозад.

6. Ҳангоми ташаккули мафҳум таносуби дурусти унсурҳои аёнӣ-образӣ, калимагӣ-мантиқӣ ва предметӣ-амалии тафаккури хонандагон бояд таъмин карда шавад. Ин тавассути истифодаи дурусти заминаи аёнӣ ҳангоми шаклгирии мафҳум, ташкили амалиёти тафаккурӣ мисли таҳлил, таркиб, муқоиса, таҷрид ва ҷамъбаст кардан муяссар мегардад. Баъд аз он ки мафҳум дар тасаввури хонандагон шакл мегирад, бояд системаи машқҳо ва супоришҳое андешида шавад, ки ба ҳосил кардани маҳорати истифодаи мафҳумҳо дар ҳалли супоришҳои таълимӣ ва шинохтани мафҳумҳои нав нигаронида шуда бошад.

7. Ташкили системаи корҳои мустақилона вобаста ба фарогирии мафҳумҳо. Якчанд намуди корҳои мустақилона вуҷуд дорад, ки онҳоро дар

марҳилаҳои гуногуни шаклгирии мафҳум ташкил кардан мумкин аст. Корҳои мустақилонаро вобаста ба нақшашон дар ташаккули мафҳум метавон ба навъҳои зерин ҷудо кард (ҷадвали 12).

**Ҷалвали 12**




8. Аз рӯйи имконот алоқаҳои нисбатан барвақтии мафҳуми шаклгиранда бо мафҳумҳои дигари системаи мазкур ва дигар системаҳо муқаррар карда шаванд.

9. Шарти ҳатмии шаклгирии бомуваффақияти мафҳум заминаи маърифатӣ ва таҷрибаи ҳаётии хонандагонро донистани муаллим аст, ки ҳангоми шаклгирии мафҳум метавон ба он такя кард. Инчунин захираи донишҳои хонандагонро, ки доир ба мафҳуми зарурӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои дигар ба даст овардаанд, низ набояд фаромӯш кард. Ҳангоми ташаккули мафҳумҳои ҷамъиятӣ ба эътибор гирифтани захираи донишҳои хонандагон, ки аз фанҳои таърих (масалан, қонунҳои таърихӣ, сохти ҷамъиятӣ, демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, инқилоби маданӣ), адабиёт (масалан, дар бораи назарияи адабиёт, реализм, жанрҳои адабӣ, лирика, композитсия, сужет, образ), география (дар бораи бухрони экологӣ, захираҳои табиӣ, сарватҳои зеризаминӣ, ашёи хом, муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсати демографӣ ва ҳоказо) ва ҳуқуқи инсон (давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, адолати судӣ, ақаллиятҳои миллӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ ва

ғайра) ҳосил намудаанд, хеле муҳим аст. Дар ин ҷо бояд робитаҳои байнифаннӣ дар самти таъмини инкишофи бефосила ва ягонагии мафҳум, шарҳи мафҳум, рад сохтан, огоҳ кардан аз эҳтимолияти тафовутҳо дар мазмун ё таҷзияи мафҳум, ки метавонанд дар фаҳмиши мафҳум ба иштибоҳ оварда расонанд, аз худ дарак диҳанд. Хосияти ин иштибоҳ дар он аст, ки як мафҳуми умумии илмӣ дар андешаи хонандагон ду ва аз он зиёдтар мафҳумҳои аз ҳам ҷудо пайдо мешаванд.

10. Маълумотҳои маърифатӣ ва донишҳои бадастомада аз барномаҳои симою садо, сомонаҳои интернетӣ, тамошои филмҳо ва мутолиаи китобҳо низ муҳим шуморида мешаванд. Чунки на ҳамеша манобеи мазкур мафҳумро аз ҷиҳати илмӣ дуруст шарҳу тавзеҳ медиҳанд ва хонандагон дар асоси маълумоти ин сарчашмаҳо наметавонанд, ки аломатҳои воқеии мафҳумро муайян кунанд. Бинобар ин, омӯзгор бояд сари вақт чунин донишҳоро санҷида, ислоҳ намояд ва тарзи дурусту воқеии онҳоро ба шогирдон фаҳмонад.

Умуман, махсусиятҳои омӯзиш ва азхудкунии мафҳумҳо, асосҳои психологии ташаккули мафҳумҳо, роҳу воситаҳои ташаккули онҳо, омилҳои пайдоиши ғалатҳо зимни таърифи мафҳумҳо ва роҳҳои рафъи онҳоро донистани субъектони асосии раванди педагогӣ самаранокии тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятиро таъмин хоҳад кард.

### 3.3. Аҳаммияти маърифатии қонунҳои илмии фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон

Дурусту оқилона ба роҳ мондани омӯзиши системаи мафҳумҳои илмӣ шарти зарурии раҳнамун сохтани хонандагон ба азхудкунии хусусиятҳои хоси қонуниятҳои табиат ва ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Зимни омӯзиши силсилаи фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ва дигар фанҳои таълимӣ талабагон бо як қатор қонунҳои илмӣ ошно мегарданд. Дар ҷамъбасти таҳсил дар онҳо дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ оид ба қонунҳои табиат ва

ҷамъият, ки чун меҳвари ҷаҳонбинии илмӣ хидмат мекунанд, ташаккул меёбанд.

Моҳияти ҳар як қонуни илмие, ки дар мактаб омӯхта мешавад, аз он иборат аст, ки он ягон алоқаи муҳимму умумии такроршавандаи объектҳоро, ки дар шароитҳои муайян барои ҳамаи ҳодисаҳои синфи мазкур хос аст, ифода мекунад.

Омӯзгорро муҳим аст донад, ки барои андухтани ҳар як қонуни илмӣ бояд ба кадом унсурҳои асосӣ такя кунад. Ин ба ӯ ёрӣ медиҳад, ки бо ягон тарз ва роҳу воситаҳои муайян диққати шогирдонро дар ҷараёни дарс ҷалб намуда, онҳоро омӯзонад. Барои бомуваффақият аз бар намудани ҳар як қонуни илмӣ хонандагон бояд дар бораи хусусиятҳои ашё, ҳодисаю воқеаҳо, ҳаракатҳо, равандҳо ва алоқаи байни онҳое, ки дар қонуни мазкур муқаррар карда мешавад, донишҳои ҷамъбастиро соҳиб бошанд.

Фарз кардем, барои он ки хонандагон тавонанд моҳияти равандҳои таърихиро таҳлил намоянд, онҳо аввалан бояд аз муҳтавои маводи таълимии дар синфҳои поёнию миёна гирифтаашон тасаввурот дошта бошанд, як қатор масъалаҳои муҳимро пешакӣ донанд. Дар шуури хонандагон бояд мафҳумҳо дар бораи шароити зиндагӣ ва муҳити атроф ташаккул ёбанд. Ҳамаи ин донишҳо дар бораи объектҳои амали қонун бояд хислати зеҳнӣ дошта бошанд ва ҳамзамон, хонандагон бояд бо мисолҳои мушаххаси зиёд мазмуни умумиро бо далелу бурҳон асоснок намоянд.

Олимони соҳа дар омӯзиши қонунҳои илмии фанҳои таълимӣ азхудкунии чунин унсурҳо, ба монанди вижагиҳои объектҳои амалҳои қонун, тарзҳои равобит миёни онҳо, доираҳои амали қонун дар табиат ва ҷомеа, нақши маърифатии он дар фаъолияти ҷамъиятӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва инкишофи тафаккуру зеҳни одамонро зарур пиндоштаанд.

Тавре ки мушоҳидаҳо нишон доданд, аз бар намудани ин унсурҳо дар дарсҳо яксон ва баробар ҷараён намегирад. Баъзеи онҳоро як қисм хонандагон хубу беҳтар аз худ менамоянд, қисми дигар бошад, сустар, ки ин чанд сабаб дорад. Яке аз сабабҳо ин аст, ки на ҳамаи хонандагон хусусиятҳои

умумию муҳимми ашёву ҳодисаҳо, алоқа ва муносибатҳои байни онҳоро ҷудо карда метавонад, ки ин ба тафаккури онҳо вобастагӣ дорад. Сababи дигар, ба донишу маҳорат ва тарзи ташкили дарсгузарии омӯзгор вобаста аст, ки ӯ шогирдонро барои азхудкунии унсурҳои асосии омӯзиши қонунҳо чӣ тавр ва то кадом сатҳ омода менамояд ва аз кадом методҳои таълим истифода мебарад. Инро мо дар муқоиса бо тарзи дарсгузарии омӯзгорони мактабҳо ва ҳамчунин, дар синфҳои мувозӣ (параллелӣ), ки таълими як фан ба зиммаи ду ё се муаллим вогузор шудааст, мушоҳида кардем.

Чун қоида, беҳтар ва ё бадтар аз худ намудани унсурҳои алоҳидаи ба таркиби донишҳо дар бораи қонун шомилшаванда вобаста ба он аст, ки омӯзгор бештар диққати шогирдонро ба кадом саволу масъалаҳо равона месозад ва кадом масъалаҳо аз мадди назар дур ва ё ноаён мемонанд. Камбудии асосие, ки хоси аксари омӯзгорон мебошад, он аст, ки ҳангоми омӯзиши қонунҳо на ҳамаи масъалаҳои зарурӣ матраҳ мешаванд ва он саволҳои гузошташуда бошанд, ба хонандагон аксаран бидуни ягон системаи муайян пешниҳод мегарданд.

Муҳим он аст, ки зимни омӯзиши қонунҳо ҷамъбасти донишҳо ва хулосабарорӣ дар бораи ҳодисаҳои омӯхташаванда ва алоқаҳои байни онҳо аз назар дур намонад. Ташаккули донишҳо дар бораи ягон қонунҳои умумӣ, чун қоида, на дар як дарс, балки бештар дар доираи як мавзуи муайян, қисм, боб ва ҳатто тамоми фанни таълимӣ ҷараён мегирад. Омӯзгор тадриҷан ва пайдарпай мувофиқ ба мазмуну муҳтавои ҳар як дарс ин ё он саволҳои ҷамъбастиро мегузорад. Аммо бо вуҷуди тадриҷию майда-майда тақсим намудани онҳо, ӯ набояд маҷмуи томи саволҳои фарогири ҳамаи унсурҳоро, ки аз онҳо донишҳо дар бораи қонун андухта мешаванд, аз доираи назар берун гузорад. Дар он бояд саволҳое матраҳ шаванд, ки барои шарҳ додани чор унсури дар боло зикргардида нигаронида шуда бошанд.

Масалан, метавон аз фанни «Таърихи умумӣ» мавзуъҳои оид ба таҳаввулоти бузурги сиёсию иҷтимоӣ, аз байн рафтани низоми сотсиалистӣ, барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, охири асри XX ва аввали асри XXI –

давраи афзоиши ҷангу низоъҳои мусаллаҳонаи минтақавӣ, авҷ гирифтани амалҳои террористӣ, тамоили умумии рушди таърихи ҷаҳон дар ҳар гуна шакл саволу супориш ташкил карда, дурустию нодурустӣ ва сифати ҷавобҳо, билохира донишҳои соҳибшудаи шогирдонро бо меъёри муқаррарнамудаи баҳо муайян кард. Чунин шакли санҷиш ҳам барои муаллим, ҳам барои хонанда ва ҳам барои роҳбарияти муассисаи таълимӣ бисёр муҳим буда, аз хулосабарории он бобати рафъи нуқсу камбудиҳои таълим ва ташкили оқилона ва самрабахши дарсҳо мусоидат мекунад.

Дар азхудкунии моҳияти қонунҳои инкишофи ҷамъият чунин ҳолатро мушоҳида намудем. Сабаби қонунӣ ё табиӣ дигаршавии як сохти ҷамъиятиро бо дигар сохти ҷамъиятӣ аксари хонандагон ин тавр мефаҳмонанд, масалан: «Одамони мазлум дар шароити даҳшатнок зиндагӣ мекарданд, аз ин сабаб намехостанд, ки бо низоми куҳна розӣ шаванд»; «Одамон сохти куҳнаи ҷамъиятии худро бо сохти мутамаддин иваз карданд». Чунин ҷавобҳоро дар мактабҳое, ки мо таҳқиқот мебурдем, аз 36% то 53% шумораи умумии хатмкунандагон медоданд ва агар он хонандагонеро, ки ба саволи мазкур тамоман ҷавоб намедоданд, ба назар гирем, ин рақам зиёдтар меафзояд.

Шояд худи тасвияи савол ё ба ибораи дигар, ҳамвору баробар кардани савол (Барои чӣ як сохти ҷамъиятӣ дигар сохти ҷамъиятиро иваз мекунад?) бисёр умумӣ бошад ва аз ин хотир барои хонандагон нофаҳмо шуд. Дарвоқеъ, аксари муаллимон дар саволгузорӣ беэътиноӣ зоҳир менамоянд, саволҳоро умумӣ ва ё нодурусту номушаххас медиҳанд, ки дар натиҷа ҳамин гуна ҷавобҳо гирифта мешаванд.

Барои он ки чунин иштибоҳҳо аз байн раванд, ба ҳамон хатмкунандагони мактабҳо саволҳо дар шакли дигар, мушаххастар дода шуданд: «Барои чӣ гузаштан аз сохти сотсиалистӣ ба сохти демократӣ таърихан ногузир мебошад?». Дар ин ҷо ҳам, бо чунин тасвияи савол хусусияти табиӣ ё худ қонунии гузариши форматсияҳои ҷамъиятиро танҳо 16% хонандагон пурра исбот карданд, 14%, – қисман, 18% гузариш аз як сохт

ба сохти дигарро бе далелу исбот тасдиқ намуданд, боқимондаҳо бошанд, ба саволи додашуда ҷавоб надоданд.

Ин далелҳо бозгӯи онанд, ки ҷамъбасти донишҳо дар раванди таълим то ба дараҷаи зарурӣ бурда расонда намешавад, донишҳо такмил намеёбанд. Танҳо 17% хонандагон, яъне аз чор як қисми камаш, донишҳои кофии мураттабу муназзам ва ҷамъбастӣ доранд, ки ба онҳо имкон медиҳанд, на танҳо амали қонунҳоро дуруст фаҳмонанд, балки онҳоро ҳам дар таҳлили мисолҳои мушаххас ва ҳам дар сатҳи таҷрид аз конкретӣ низ озодона истифода баранд. Бояд қайд кард, ки аксари хонандагон роҳу усулҳои исботро суст медонанд. Онҳо бештари вақт арқомро бо нақли пурраи маводи таълимӣ иваз менамоянд, исботу далелҳое меоранд, ки ба саволи гузошташуда алоқаи наздик надоранд, мазмунеро баён менамоянд, ки арқому далел шуда наметавонад ва умуман, дар ҷавобҳо ноқисию номукаммалӣ ба чашм мерасад. Пас фаҳмида мешавад, ки, аз як тараф, дар бораи худи воқеаҳо захираи донишҳо нокифояанд, аз ҷониби дигар, маҳорати аз ҳар тараф ва бо алоқаҳою муносибатҳои гуногун дида баромадани ин воқеаҳоро надоранд. Чунончи, дар дарси таърихи умумӣ дар синфи 10 мавзуи «Аврупои Шарқӣ дар роҳи сохтмони сотсиализм» гузашта шуд, ки ба саволи муаллим «Хусусиятҳои ислоҳоти солҳои 50-ум дар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ аз чӣ иборат буд?» зимни мустаҳкамкунии маводи таълимӣ ва ҳамчунин, дар пурсиши вазифаи хонагии дарси оянда доир ба ҳамин савол хонандагон танҳо факту рақамҳо, солҳо ва фоизи иҷрои, масалан, соҳаи кишоварзӣ, рушди солонаи истеҳсоли саноат, газ ва неруи баркро номбар карда, бо се-чор ҷумлаи сода ҷавоб мегардониданд. Ба хусусиятҳо, қонуниятҳо, сабабу омилҳо ва ба дигар нақшу таъсирҳо кам эътибор дода, мақсади асосии дарс ва мазмуни мавзуъ норавшан мемонд.

Омӯзишу таҳлили қонунҳо, махсусан қонуниятҳои умумии инкишофи ҷамъият ҳам барои хонандагон ва ҳам барои омӯзгорон кори саҳлу осон нест. Аз ин боис басо кам ба мушоҳида мерасад, ки хонандагон (13-17% ҳамаи теъдоди пурсидашудаҳо) барои исбот намудан зимни шарҳу тафсири ягон

рӯйдоду воқеаҳо, фаҳмонидани таърифу қоидаҳо ва ғайра маҷмуи маълумотҳои гуногунро истифода баранд.

Дар таъмини азхудкунии амиқ ва мустаҳкам, бештари вақт зарур меояд, ки мушкилиҳои воқеӣ паси сар карда шаванд. Ҷиҳати сари вақт ба шогирдон ёрӣ додан омӯзгорро лозим аст пешакӣ донад, ки мушкилиҳои хонандагон дар чист ва ба онҳо кай дучор меоянд. *Мушкилии якум* он гоҳ рӯ мезанад, ки агар ташаккули мафҳумҳо, ки барои азхудкунии қонун манбаъ ва таҳкурсианд, то ба дараҷаи зарурӣ нарасида, мукаммал нашуда бошанд. Барои он ки ин ё он қонун муваффақиятнок омӯзонида шавад, бояд хонандагон на танҳо мазмуни мафҳумро донанд, балки маҳорати муқаррар намудани алоқаҳои байнимафҳумиро дошта бошанд ва ҳамчунин, истифода бурдани мафҳуми мазкурро барои таҳлили воқеаҳои мушаххас низ тавонанд. Азбаски хонандагон бисёри вақт алоқаҳо ва муносибатҳои байни мафҳумҳоро таҳлил карда наметавонанд, барои дар миёни онҳо ёфтани аломатҳои асосӣ, мустаҳкам, такроршаванда, яъне онҳое, ки хусусиятҳои қонуниро дороанд, мушкилӣ мекашанд.

*Мушкилии дуюм* зарурати дар сатҳи баланди ҷамъбаст ва таҷрид таҳлил намудани воқеаҳои мушаххас мебошад. Муҳим он аст, ки зимни азхудкунии қонунҳо худи предмети таҳлил сифатнок бошад. Агар ҳангоми ташаккули мафҳумҳо предмети таҳлил, асосан, аломатҳои асосии ҳодисаю воқеаҳои мушаххас бошанд, пас зимни азхудкунии қонунҳо дар мадди аввал таҳлили алоқаҳо ва муносибатҳои байни онҳо қарор мегиранд.

*Мушкилии сеюм* ин аст, ки хонандагон наметавонанд мустақилона он шароитҳои муайяни мушаххас ва таърихиро, ки дар он қонуни мазкур амал менамояд, фаҳманд ва дарк кунанд. Ба мақсади ошкор сохтани сабабҳои ба мушкилиҳо дучороии хонандагон ҷиҳати муайян намудани доираи амали қонун ва таснифоти қонунҳои барояшон маълум: қонуни гузариши тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ, қонуни мувофиқати муносибатҳои истеҳсолӣ бо хусусиятҳои қувваҳои истеҳсолкунанда, қонуни алоқамандии рӯбино (надстройка) ба зербино (базис)-и иқтисодии ҷомеа, қонуни нақши

муайянкунандаи тарзи истеҳсолот дар сохт ва инкишофи ҷамъият, қонуни муборизаи синфҳо ва дигар қонунҳо кори мустақилона супорида шуд.

Супориш аз он иборат буд, ки ҳар як қонуни номбаршуда мувофиқ ба доираи амали воқеӣ дар ҷадвал дуруст гузошта шавад. Хонандагон ҷадвалро ба шакли зайл такмил карданд.

**Қонунҳои ҳаёти ҷамъиятии амалкунанда ва хос**

| Қонунҳои ҳаёти ҷамъиятӣ | | | Қонунҳои умумии асосӣ, ки ба ҷамъият ва тафаккур хосанд |
|---|---|---|---|
| Танҳо дар форматсияи демократӣ амал менамоянд | Танҳо дар форматсияҳои антагонистӣ амал менамоянд | Қонунҳои умумие, ки дар ҳамаи форматсияҳои ҷамъиятӣ-иқтисодӣ амал менамоянд | |

Кор бо 130 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронида шуд. Маълум гардид, ки зимни иҷрои супориш тақрибан нисфи хонандагон доираи амали қонунҳои номбаршударо нодуруст муайян намудаанд. Ин супориш бисёр ғалатҳои дағалро ошкор кард, аз ҷумла пурра надонистани доираи амали қонун, мансуб донистани қонун ба форматсияе, ки дар он амал намекунад ва амсоли инҳо. Шумораи умумии ғалатҳои содиркарда 7%-ро ташкил менамояд. Қонунҳои инкишофи ҷамъиятиро, ки танҳо ба як форматсияи алоҳида тааллуқ доранд, баъзеи хонандагон ба дигар форматсия, ки онҳо амал наменамоянд, шомил сохтанд, дигар хонандагон бошанд, қонунҳои инкишофи ҷамъиятиро ба қонунҳои табиат марбут донистанд.

Ғалатҳои маъмулӣ инҳоянд, ки бе асос васеъ намудани доираи амали қонунро баён месозанд. Дар миёни ҷавобҳои нодуруст ин хатоҳо 50%-ро ташкил медиҳанд. Масалан, қонуни муборизаи синфҳо ва инқилобҳои иҷтимоиро хонандагон чун қонунҳои ба ҳамаи форматсияҳои ҷамъиятӣ-иқтисодӣ рабтдошта шомил намуданд. Ҳамин тариқ, васеъшавии доираи амали қонунро дар аксари ҳолатҳо дар робита бо қонунҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ, ки ба форматсияҳои антогонистӣ хосанд, маънидод мекунанд.

Анқариб ба ин андоза хатоҳо дар бе асос маҳдуд сохтани доираи амали қонунҳо ба чашм мерасид. Дар бисёр ҳолатҳо ин ғалатҳо дар робита бо қонунҳои умумӣ ва умумии асосӣ содир карда мешаванд. Барои мисол, қонунҳои инкишофи ҷамъиятиро, ки ба ҳамаи сохтҳои ҷамъиятию иқтисодӣ хосанд, танҳо ба яке аз сохтҳои ҷамъиятӣ мансуб медонанд.

Яке аз сабабҳои ба хатоҳо роҳ додан ин аст, ки хонандагон дар раванди таълим, барои омӯхтану азбарнамоии қонунҳо – қонуни ҷузъӣ, умумӣ ё умумии асосӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир накардаанд. Сарфаҳм намераванд, ки моҳияти кадом қонунро медонанд ё намедонанд, дар идроки мазмуни қонун ва ба умқи маънии он расидан душворӣ мекашанд, муаллим низ ба ин ҷиҳатҳо эътибор намедиҳад.

Аввалан, ягон дастур ва ё роҳнамо вуҷуд надорад, ки омӯзгорон ба он такя кунанд ва дар китобҳои дарсӣ низ тавассути саволу супорише низ ишорае ҳам нашудааст. Сониян, донишҳое, ки дар бораи фактҳои мушаххас, ҳодисаю воқеаҳо, ки тавассути онҳо доираи амали қонунҳои ҳаётӣ ҷамъиятӣ муайян карда шавад, маълумоте зикр наёфтаанд.

Таълими фанҳои ҷамъиятӣ талаботи махсусро дар назди омӯзгор мегузорад. Барои он ки ба хонандагон ҳодисаҳои ҳаётӣ дуруст фаҳмонида шавад, омӯзгорро зарур аст, ки донишҳои васеъ ва ҷаҳонбинии илмӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, омӯзгорони ин фанҳо бояд назар ба фанҳои дигар ба дараҷаи баланд маҳорати азхудкунии системаи томи донишҳоро, ки маҷмуи қоидаҳои умумӣ ва қонунҳои илмиро дар бар мегиранд, молик бошанд.

Ҳамзамон, ба хонандагон муоина намудани воқеаю ҳодисаҳои мушаххас на ҷудо, балки дар робитаи мутақобила ва бо ҳам вобаста будан бо дигар ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият омӯзонида шавад ва дар ин баробар, маҳорати аз ҳар тараф ба онҳо баҳо додан низ ташаккул дода шавад. Омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ барои нишон додани алоқаи умумӣ ва бо ҳам вобаста будани ҳодисаҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолият имконияти васеъ медиҳад.

Барои он ки хонандагон ба вуҷуд доштани алоқаҳои умумӣ ва якҷоя амалнамоӣ амиқтар боварӣ ҳосил намоянд, омӯзгорро зарур аст, ки аз ҳар гуна соҳаҳои дониш барои исбот мисолҳо интихоб кунад. Масалан, дар дарсҳо метавонанд далелҳои алоқаҳои мутақобила ва бо ҳам вобаста аз соҳаи географияи табиӣ ва иқтисодӣ муоина ва ҷамъбаст карда шаванд: 1) харобшавии кӯҳҳо зери таъсири тағйирёбии ҳарорат, шамол, фурӯнишинӣ, боришот, обҳои равон; ивазшавии боду ҳаво дар асоси сохтани обанборҳои зиёд, вобастагии шароитҳои иқлимӣ аз наздикшавии ҷараёни хунукӣ ва гармӣ дар минтақаҳои гарми гуногун ва ҳоказо; 2) таъсири муҳити географӣ ва афзоиши аҳолӣ ба рушди истеҳсолот, нақши муайянкунандаи тарзҳои истеҳсолот дар инкишоф ва тағйирёбии шакли ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра.

Барои он ки хонандагон ҳодисаҳоро аз ҳар ҷониб муоина намуда, ба онҳо баҳо доданро ёд гиранд, зарур аст, ки далелҳо на танҳо аз соҳаи табиат таҳлил карда шавад, балки донишҳоро низ аз таърих бо тарзи нав фаҳмида гиранд. Ба чунин супориш нишон додани рушдёбии ин ё он сохти ҷамъиятӣ нисбат ба сохти пешина ва ошкор намудани сабабҳое, ки онро ба сохти нав иваз намуданд, мисол шуда метавонад. Бештар хонандагон хусусиятҳои ин ё он сохти ҷамъиятиро гуфта, танҳо нишонаҳоеро ишора менамоянд, ки онро ба таназзул мебаранд ва барои тараққиёти минбаъдаи он монеа мешаванд. Санҷиш нишон дод, ки аз 138 нафар 60% хонандагон наметавонанд ба таври кофӣ аниқу равшан фаҳмонанд, ки тараққиёти сохти капиталистӣ дар муқоиса бо сохти феодалӣ аз чӣ иборат аст.

Бартарии асосиро онҳо дар сатҳи баландтари рушди қувваҳои истеҳсолӣ ва дуюмин бошад, ҳодисаҳои ҳаёти маънавии ҷамъият (болоравии фарҳанг, инкишофи илм, санъат, муносибатҳои тиҷоратию пулӣ ва амсоли инҳо)-ро ҳисоб мекунанд.

Тарафи дуюми мусаллаҳсозии хонандагон бо унсурҳои муносибати зеҳнӣ ба ҳодисаҳо ва воқеаҳо ҳосил намудани маҳорати муоинаи ҳодисаҳо дар инкишоф ва тағйирёбӣ мебошад. Дар ин росто дар дарсҳо фавқулода муҳим аст, ки донишҳои хонандагон дар бораи тағйир ва инкишофи табиат

ва ҷамъият, шуури инсонӣ ва маърифати ҳақиқати воқеӣ ҷамъбаст карда шавад ва ин барои ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ мусоидат менамояд.

Санҷиш нишон дод, ки ҳангоми азхудкунии ғояҳои инкишофи табиати зинда ва ҷомеаи инсонӣ дар хонандагон як қатор камбудиҳои калон ба чашм мерасад. Бояд гуфт, ки беҳтарин масъалаҳои азхудшуда онҳое буданд, ки ба манбаи инкишоф дахл доштанд. Хонандагон хуб медонанд, ки кадом марҳала дар инкишофи табиати зинда ва ҷамъият аввалдараҷа мебошад ва захираи маълумотҳои мушаххасро дар бораи ин марҳала доранд.

Дар бораи он ки ба хусусияти рӯзафзуни инкишофи ҷамъияти инсонӣ чӣ тааллуқ дорад, ин ҷо донишҳои хонандагон баробар ва якхела набуданд. Марҳалаҳои асосии инкишофи ҷамъиятро бо пайдарпайии таърихии он ҳамаи хонандагон дуруст номбар карданд, сабабу омилҳои рушди онро бошад, шумораи ками хонандагон дуруст ҷавоб дода тавонистанд. Аммо азхудкунии марҳалаҳои инкишофи ҷамъиятӣ низ рӯякӣ мебошад. Хонандагон синфҳои асосии ҳар як сохти ҷамъиятиро пурра қаноатбахш номбар менамоянд, медонанд, ки мамлакати мо айни замон дар кадом марҳалаи инкишоф қарор дорад. Вале донишҳои хонандагон дар бораи вижагиҳои хусусигардонӣ, муносибатҳои байни синфҳо дар ҳар як марҳала ва дар бораи тараққихоҳии ҳар як марҳалаи минбаъда дар муқоиса бо марҳалаи пешина пурра набуда, сатҳӣ ва номукаммаланд.

Бояд гуфт, ки аз фанҳои ҷамъиятӣ, маҳз аз фанни таърих махсусан сабабҳо ва қонунҳои инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ суст аз худ шудаанд. Ҳамин тавр, хонандагон сабабҳои инкишофи ҷамъиятро дар дараҷаи зарурӣ дуруст фаҳмонида натавонистанд, танҳо 15% дуруст маънидод кард, ки сабабҳои рушди ҷамъият ба омилҳои иқтисодӣ вобаста аст.

Агар ба ин сифр он хонандаҳоеро, ки каму беш қобилияти қисман дуруст фаҳмонида доданро доранд, илова намоем, он гоҳ шумораи умумии сабабҳои вобастагии инкишофи ҷамъиятро мефаҳмидагӣ аз чор як ҳиссаи хонандагонро ташкил медиҳад. Аз се як ҳиссаи хонандагон сабабҳои иваз

шудани як сохти ҷамъиятиро ба дигар сохт дар омилҳои субъективӣ маънидод намуданд, боқимондаҳо бошанд, ба ин савол ҷавоб гардонидан нахостанд. Тахминан азхудкунии қонунҳои умумии инкишофи ҷамъият дар чунин сатҳ қарор дорад. Дар ин хусус дар ҷадвали 13 натиҷаҳо инъикос шуданд.

**Ҷадвали 13**

**Вазъи омӯзиши ғояҳои инкишофи ҷамъияти инсонӣ**

| **Унсурҳои донишҳо** | **Саволҳои ошкоркунандаи ғояҳои инкишоф, ки ба онҳо хонандагон ҷавоб доданд** | **Сифати ҷавобҳо** (бо фоиз) | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **Дуруст, пурра** | **Қисман дуруст** | **Нодуруст** | **Ҷавоб надоданд** |
| Дар бораи манбаи инкишоф | Фарқи инсон аз олами ҳайвонот чӣ тавр маънидод карда мешавад? | 97 | - | - | 3 |
| Дар бораи хусусияти рӯзафзуни инкишоф | Марҳалаҳои асосии пайдарпайии таърихиро, ки ҷамъияти инсонӣ дар инкишофи худ тай намудааст, номбар намоед. | 100 | - | - | - |
| | Нишонаҳои хусусиятҳои ҳар як марҳаларо ишора намоед: | | | | |
| | а) вижагиҳои хусусигардонӣ; | - | 100 | - | - |
| | б) синфҳои асосӣ; | 42 | 58 | - | - |
| | в) хусусияти муносибатҳо байни синфҳо; | 12 | 80 | 3 | 5 |
| | г) тараққихоҳии ҳар як марҳалаи нав дар муқоиса бо марҳалаи пешина аз чӣ иборат аст? | 8 | 28 | 50 | 14 |
| Дар бораи сабабҳои инкишоф | Барои чӣ ҷамъияти инсонӣ тағйирнаёбанда набуда, балки ҳамеша инкишоф меёбад? | 17 | 8 | 33 | 42 |
| | Сабабҳои асосии ҳаракатдиҳандаи инкишофи ҷамъияти инсонӣ чиҳо мебошанд? | - | 14 | 16 | 70 |
| Дар бораи қонунҳои инкишофи ҷамъият | Кадом қонун асоси гузариш аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигар мешавад? | 11 | 8 | 25 | 56 |
| | Барои чӣ гузариш аз сотсиализм ба демократия таърихан ногузир мебошад? | 16 | 14 | 16 | 54 |

Тавре ки аз ҷадвал аён аст, донишҳои ҷамъбастии умумӣ, ки истифода ва фаҳмидани амиқи қонунҳои муайяни инкишофи табиат ва ҷамъиятро талаб менамоянд, ба таври кофӣ аз худ нашудаанд. Ин мушкилиҳоро дар хонандагон бояд ҳамеша ҳангоми ташаккули системаи донишҳо ба ҳисоб гирифт.

Амиқӣ, ҷамъбаст ва мураттабсозии донишҳо дар бораи инкишофи табиат ва ҷамъият дар доираи як фанни таълимӣ ва бо неруи як омӯзгор ғайриимкон аст. Муҳокимаи чунин масъалаҳои зеҳниро бо қувваи тамоми омӯзгорони муассисаи таълимӣ, аз ҷумла якҷо бо омӯзгорони фанҳои таърих, география ва ғайра бояд омода кард. Вале дарсҳои ҷамъбастиро метавон ё дар шакли семинар, ё дар намуди конференсияи таълимии махсуси байнифаннӣ гузаронид. Бо тайёрии пухта дар сатҳи баланд ташкил ва гузаронидани чунин машғулиятҳои таълимӣ дар хонандагон майлу рағбати калон ва фаъолнокии баланди фаъолияти онҳоро ба вуҷуд меорад. Дар поён ҷадвал пешкаш мегардад, ки дар он саволҳои намунавӣ, ки барои якчанд фанни таълимӣ меҳварӣ маҳсуб мееёбанду ба донишҳои ҷамъбастии байнифаннӣ ёрӣ медиҳанд, дода шудаанд. Ҳамаи саволҳо бо ҳам алоқаманд буда, дар маҷмуъ барои аз худ кардани ғояҳои инкишофи олами воқеӣ равона карда шудаанд.

**Ҷадвали 14**

**Омӯзиш ва азхудкунии донишҳои раҳнамунсоз**

| **Гузориши савол ба омӯзиш ва азхудкунии кадом донишҳо тамоюл (раҳнамун) дорад** | **Фанҳои таълимӣ, ки донишҳои онҳо раҳнамунсозанд** | |
|---|---|---|
| | **География ва астрономия** | **Таърих** |
| Муайян намудани манбаи ташаккул ва инкишоф: Замин, ҳаёт дар он ва ҷамъияти инсонӣ чӣ тавр ба вуҷуд омаданд? | Кадом назарияҳои илмӣ дар бораи пайдоиши Замин ба шумо маълуманд? | Кадом марҳала дар инкишофи инсоният ибтидои ҷамъияти инсонӣ мебошад? Барои чӣ? |

| | | |
|---|---|---|
| Муайян намудани хусусияти рӯзафзуни давомдори инкишоф: кадом далелҳо ва марҳалаҳо дар тағйирот ва инкишофи Замин, организмҳои зинда ва ҷамъияти инсонӣ ба хонандагон маълум мебошанд? | Шумо кадом фактҳои далолаткунандаро медонед, ки сайёраи мо тағйир ёфтааст ва тағйир меёбад? | Ҷамъияти инсонӣ кадом марҳалаҳои асосиро дар инкишофи худ тай намудааст? |
| Манбаи инкишофро фаҳмидани хонандагон: кадом сабабҳои асосӣ инкишофро дар табиат ва ҷамъият ба вуҷуд меоранд? | Ба фикри шумо, зери таъсири кадом сабабҳо дар сайёраи мо тағйирот ба вуҷуд омад? | Барои чӣ ҷамъияти инсонӣ ҳамеша инкишоф меёбад? Сабаби инкишофи он чӣ мебошад? |
| Фаҳмидани хусусияти қонуни (табии)-и инкишофи табиат ва ҷамъият | Шумо қонунияти инкишофро чӣ гуна мефаҳмед? | Кадом қонун асоси гузариш аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигар мешавад? |

Ба ин саволҳо ҷавобҳо дода тавонистан, албатта, танҳо бо қувваи хонандагон муяссар намегардад. Дар ҷое, ки зарур аст, ба саволҳо омӯзгор бояд кумак намояд. Дар дигар ҳолатҳо ҳангоми тайёрӣ ба дарс метавон супориш дод, ки ҷавобҳо аз адабиёти илмӣ-оммавии мувофиқ ба мавзуъ ёфта шаванд, яъне барои ба саволҳо дурусту пурра ҷавоб гардонидан ба шогирдон додани тавсияҳои зарурӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар хонандагон ташаккул додани донишҳои зеҳнӣ оид ба ҳодисаҳои ҳаётӣ маҳорати муоинаи ашё, ҳодисаҳо, воқеаҳо ё қонунро дар шароитҳои мушаххаси макон ва замон талаб менамояд, яъне бояд хусусиятҳои хоси ҳар кадоми онҳо фаҳмида шавад. Ин маҳорат асосан бо азхудкунии ғояҳои инкишоф алоқамандии зичтар дорад.

Ишора бояд кард, ки омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ бо риояи талаботи муқаррарнамоии алоқаҳо бо дигар фанҳои таълимӣ барои такмили ин маҳорат имконияти васеъро медиҳад. Чунончи, аксари мафҳумҳои умумӣ

зимни омӯзиши фанни таърих ташаккул ёфта, баъдан дар дигар фанҳои ҷамъиятӣ инкишоф меёбанд ва агар хонандагон ҳодисаҳои ҷамъиятиро дар инкишоф, маҳз дар шароитҳои мушаххаси макон ва замон муоина карда набароянд, онҳо наметавонанд, ки мафҳумҳои умумиро дуруст ва дар сатҳи зарурӣ аз бар намоянд.

Ҳамин тавр, барои он ки хонандагон муоина кардани чунин ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, мисли капитализм, сотсиализм, демократия ва ғайраро дар шароитҳои мушаххаси таърихӣ ёд гиранд, омӯзгорро зарур аст, ки марҳалаҳои инкишофи ҳар яке аз ин ҳодисаҳоро нишон диҳад ва бо муқоиса хусусиятҳои хосеро, ки ҳодисаҳои мазкур онҳоро дар шароитҳои мамлакатҳои алоҳида дар давраҳои муайяни таърихӣ соҳиб шудаанд, фаҳмонад.

Маҳорати баррасӣ намудани амалҳои қонунҳои таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодиро дар инкишоф метавон бо роҳи супоришҳои махсус низ, ки ҷамъбасти донишҳоро талаб менамояд, ташаккул дод. Барои мисол, ҳангоми омӯзиши қонунҳои таърихӣ метавон ба шогирдон чунин супоришҳоро пешкаш кард:

1) Фаҳмонед, ки қонунҳои таърихии ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чӣ иборат аст; кадом хусусиятҳо ба соҳибихтиёрӣ хосанд?

2) Дар мисоли ягон давлати бузург фаро гирифтани буҳрони умумиро дар замони ҳозира исбот намоед.

Супориши якум, таҳқиқи дохилшавии давлати Тоҷикистонро ба марҳалаи нав – мустақилияти кишварро ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дар бар мегирад, хусусиятҳои соҳибихтиёрии он мавриди таҳлил қарор мегиранд, ки дар ин замина як қатор мафҳумҳои хос аз бар карда мешаванд.

Маҳорати мушаххассозии мазмуну муҳтавои мафҳум тибқи маводи нави амалӣ сараввал таҳти роҳбарии омӯзгор инкишоф меёбад ва баъдтар, аз ҷониби хонандагон мустақилона амалӣ гардонда мешавад. Ҳангоми диққати доимии муаллим ба ин марҳалаи омӯзиши мафҳумҳо ва талаботи ҷиддию қатъии ӯ дар

шогирдон серталабии муайян ба ҷавоби худ ва посуххои дигарон ташаккул меёбад: дар заминаи мисолҳои мушаххас ҳатман бояд тасвияи таърифи мафҳумро баён кард. Ин сахтгирию серталабӣ нисбат ба худ дар азбарнамоии донишҳо ҳамчун воситаи худназораткунӣ зоҳир мегардад ва дар ташаккули омодагӣ ба худомӯзӣ аҳаммияти калон дорад.

Супориши дуюм, (Ба бухрони умумӣ дучор омадани давлати бузург) шавқовар аст, зеро он ҷамъбасти донишҳо ва хулоса бароварданро аз фанни «Таърихи умумӣ» ва аз мустақилона мутолиа кардани рӯзномаю маҷаллаҳо, маълумотҳои аз барномаҳои телевизиону радио, интернету дигар шабакаҳои иҷтимоӣ бадастомада талаб менамояд. Иҷрои чунин супоришҳо, албатта, на ҳамеша барои хонандагон осону сабуканд, вале онҳо шавқмандии зиёдро ба вуҷуд оварда, мазмуни асосии азхудшударо эътимоднок мегардонанд. Агар педагог ба таври кофӣ хусусиятҳои хоси ҳодисаю воқеаҳоро вобаста ба шароити мушаххаси таърихӣ қайд накунад, дар он сурат хонандагон моҳияти мафҳумҳои умумӣ ва қонунҳоро ноаниқу нодуруст мефаҳманд, ҳамаро омехта мекунанд ва тасаввуроту донишҳои номукаммал ҳосил менамоянд.

Омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки дар асоси донишҳои ҷамъбастӣ дар шогирдон як қатор маҳоратҳоро такмил диҳанд. Ба онҳо дохил мешаванд: маҳорати баҳо додан ба ҳодисаҳои табиат ё воқеаҳои ҷамъиятӣ; маҳорати ҳимояи ақидаҳои илмӣ ва бо арқому далелҳо исбот намудани онҳо; овардани далелҳои ғайримустақим; маҳорати пай бурдани ақидаҳои нодуруст ва инкор кардани онҳо.

Барои он ки фаҳмидани ғояҳои ҷаҳонбинӣ асоси эътиқоди устуворро ташкил намояд, бояд барои истифодаи ин ғояҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ бо хонандагон машқ карда, онҳоро одат кунонидан лозим. Чунин истифодабариро метавон дар дарсҳои семинарӣ, конференсияҳои таълимӣ, мубоҳисаҳо ва дигар шаклҳои гуногуни ташкили таълим оғоз кард ва баъдан доираи онро берун аз ҳудуди муассисаи таълимӣ бояд васеъ намуд.

Ба мақсади дар шогирдон инкишоф додани эътиқоди идроки устувор омӯзгори ҳар як фанни таълимӣ ба ҳодисаҳо шарҳу тафсири илман асоснок

медиҳад. Аммо ин ҳанӯз басанда нест. Барои он ки донишҳо ба эътиқоди амиқ табдил ёбанд, зарур аст, ки ғояҳои ҷаҳонбинӣ дар шакли ҷамъбастӣ аз ҷониби хонандагон аз худ карда шаванд ва ба фактҳои алоҳида тааллуқ надошта бошанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки хонандагон метавонанд шумораи басо зиёди фактҳои алоҳидаи зоҳиршавиро донанд, вале то он вақте ки ҳанӯз омӯзгор онҳоро барои ҷамъбасти ин фактҳо асоснок накунад, хулосаҳои умумиро дар бораи моҳият, шароитҳо ва аҳаммияти он аниқ ва дар як шакли муайян набарорад, хонандагон ба он ки инкишофи қувваи пешбарандаи ҷамъият инкишоф аст, эътимод пайдо намекунанд.

Ҳамаи ин тарафҳо асосан дар амалияи таълим дар мактаб муоина ва баҳо дода  мешаванд, вале на ҳамаи омӯзгорон на ҳамеша онро дарк мекунанд, на ҳамеша дар алоқаи зарурӣ бо ҳамдигар аниқ ва возеҳу рашан онро ҷудо мекунанд.

Омӯзгорон дар тули солҳои дароз ақидаҳои илмиро бо роҳи шарҳу эзоҳи асосноки ҳодисаҳои табиат ва ҳаёти ҷамъиятӣ ба як тартиб медароранд. Аммо то он вақте ки ин ақидаҳо фаҳимидаю дарк карда нашаванд ва онҳо ба эътиқоди устувор табдил наёбанд, дар шуури шогирдон хавфи таъсири ақидаҳои бегона ва ғайриилмӣ нигоҳ дошта мешавад. Ана барои ҳамин ҳам басо муҳим аст сари вақт лаҳзаҳое дар раванди таълим ёфт шаванд, ки фактҳои дар шуури хонандагон ғуншуда имкони ба ташаккули хулосаи ҷамъбастии хусусияти ҷаҳонбинӣ гузаштанро диҳанд. Ин лаҳзаҳоро набояд аз даст дод, зеро маҳз дар ин вақт хулосаҳо метавонанд ба эътиқоди хонандагон табдил ёбанд.

Ба ин монанд, ҳамчунин ақидаҳо ва эътиқодҳоро низ танҳо бо як додани маълумоти хулосаҳои ҷамъбастӣ бе истинод ба шумораи зарурии далелҳои эътимоднок ташаккул додан мумкин нест. Гап на танҳо дар сари он аст, ки хонандагон ғояҳои умумиро бидуни исботи далелҳои онҳо намефаҳманд. Ҷамъбастҳои хушку холӣ талабагонро ба дурустии ин ғояҳо бовар намекунонанд, хулосаҳо рӯякӣ аз худ шуда, дар онҳо эътиқод пайдо намешавад. Чунин хавф дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуд аст

ва он оқибати нохушоянд дорад. Пешгирӣ ва аз миён бурдани хавфҳо шарти аввалдараҷа буда, ба роҳ мондани талаботи ягонаи педагогиро дар таълим мехоҳад.

Ниҳоят, ба масъалаи таҳқиқи вижагиҳои омӯзишу азхудкунӣ ва ташаккули мафҳумҳо ва қонуну қонуниятҳои илмӣ анҷом бахшида, хулоса баровардан мумкин аст, ки дарки мазмуну муҳтаво ва истифодаи онҳо асоси рушди зеҳнияти хонандагон шуда метавонад. Аз ин рӯ, дар раванди таҳсил омӯзгор бояд дар назди шогирдон масъалаҳои ҷиддии илмию ҷаҳонбинӣ гузорад, ба ҳаллу фасли ин ё он масъала онҳоро моҳирона раҳнамун созад, роҳҳои болобурди дараҷаи азхудкунии мафҳумҳо, қонунҳои илмӣ ва пешомади минбаъдаи имконпазири фароху ғанӣ гардондани донишҳоро аз фанни таълимӣ нишон диҳад. Он гоҳ шавқу рағбат, ҳавасмандӣ ва фаъолияти маърифатӣ меафзояд, доираи назар ва ҷаҳонбинии илмӣ васеътар мегардад, маҳдудият дар омӯзиши донишҳо ва интихоби мавод ва ҳамчунин, рафтору муносибати сард нисбат ба таълим аз байн меравад.

Аз ин бармеояд, ки омӯзиши мафҳумҳо ва қонуну қонуниятҳои илмӣ, ки дараҷаи аз ҳама баланди азхудкунӣ маҳсуб меёбад, муносибати ҷиддӣ ва таълими мақсадноку бошууронаро тақозо менамояд.

## ХУЛОСАҲОИ БОБИ СЕЮМ

Дар асоси омӯзиши адабиёти педагогию психологӣ ва дидактикӣ нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсию воситаҳои таълимӣ, дигар маъхазҳои илмӣ, ҳамчунин, озмоишҳои анҷомдода роҷеъ ба хусусиятҳои омӯхтани мафҳумҳою қонунҳои илмӣ ва дар хонандагон ташаккул додани онҳо аз рӯйи боби мазкур хулосаҳо бароварда шуданд.

Масъалаи асосҳои дидактикии ташаккули мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмӣ дар хонандагон, хусусиятҳои омӯзиши онҳо, асосҳои назариявии ташаккули мафҳумҳои илмӣ, донишҳои таҷрибаи ҳаётӣ ва шароити педагогии татбиқи онҳо дар раванди таълим мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Сабабҳои дар ташаккули мафҳумҳо ба мушкилӣ дучор омадани омӯзгорон муайян карда шуданд. Дар робита ба ин, тасмим гирифта шуд, ки дар бораи қонуниятҳои асосии ташаккули мафҳумҳо, шароити татбиқи онҳо дар раванди тадриси фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ маълумоти бештари асоснок пайдо ва дастраси омӯзгорону хонандагон гардонида шавад.

Барои таърифи мафҳум чунин шарту талаботҳо манзур шуданд: а) аҳаммият ва моҳияти таърифи мафҳум; б) роҳҳои муайян кардани мафҳум; в) қоидаи муайян кардани мафҳум (талаботи муайянкунӣ); г) хатоҳои дар муайянкунии мафҳум ҷойдошта; ғ) роҳҳои шиносшавӣ бо мафҳум, вақте ки онро муайян кардан мумкин нест; д) аниқ сохтани таърифи мафҳум ҳангоми аз синф ба синф гузаштани хонандагон.

Ғалатҳое, ки дар таърифи мафҳумҳо роҳ меёбанд, ошкор ва роҳҳои муайянсозии таърифи мафҳумҳо дар ҷараёни таълим нишон дода шуданд.

Таснифоти мафҳумҳо аз рӯйи ҷою мавқеашон дар фанни таълимӣ нақш ва аҳаммияти бузург дошта, барои азхудкунии донишҳо ва пурмазмуну самараовар гардонидани раванди таълим созгор мебошад. Аз ин нуқтаи назар чунин намудҳои мафҳумҳо ҷудо карда шуданд: 1) мафҳумҳое, ки танҳо зимни як мавзуъ омӯхта мешаванд; 2) мафҳумҳое, ки зимни якчанд мавзуъ мавриди омӯзиш қарор мегиранд; 3) мафҳумҳои муштарак, яъне мафҳумҳое, ки дар ду ва

зиёда фанни таълимӣ мавриди истифода қарор доранд; 4) мафҳумҳое, ки дар як фан тули чанд соли хониш истифода мегарданд ва тадриҷан маънояшон васеъ гашта, дар фанни дигари таълимӣ ба маънои дигар – дуюм омӯхта мешаванд.

Мафҳумҳои умумӣ ва мафҳумҳои мушаххас дар ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон нақши калидиро мебозанд. Ҳар кадоми онҳо дар маводи таълимии маҳз фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ вижагиҳои махсуси худро дошта, аз худ намудани моҳият, таърифу тавзеҳи онҳо муҳим арзёбӣ гардид.

Хусусиятҳо ва талаботҳои хоси мафҳумҳои умумии асосӣ зикр карда шуда, ҳар яки он муфассал тавзеҳ дода шуд. Гуфта шуд, ки омӯзиш, азхудкунӣ ва ҷамъбасту мураттабсозии мафҳумҳо дараҷаи баланди зеҳнро таъмин менамоянд.

Ба мушкилӣ дучороии хонандагон зимни омӯзиши мафҳумҳои умумии асосӣ шарҳу тавзеҳ дода шуда, барои исботи он аз рафти таҳқиқот мисолҳо оварда шуданд.

Сабабҳои ба ғалату иштибоҳҳо роҳ додани хонандагон махсусан дар фанни таърих аснои омӯзиши инкишофи ҳодисаҳои таърихӣ, хусусият ва фарқи сохти ҷамъиятии нав аз сохти пешина, таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо ҳамзамон, муқаррар карда натавонистаи алоқаҳои байни мафҳумҳо ва номураттабии онҳо ошкор гардиданд.

Мафҳумҳои мушаххас ва фаннӣ, ки мафҳумҳои зеҳниро ташаккул медиҳанд, ба се гурӯҳ ҷудо карда шуданд. Ба гурӯҳи якум, мафҳумҳое шомил карда шуданд, ки хусусиятҳои ташаккул ва азхуднамоии онҳоро идроки ашё, тасвири аёнӣ ё тасаввуроти пурра ва возеҳ дар бораи он бевосита асос мебошад. Ба гурӯҳи дуюм, мафҳумҳои азхудкуниашон мураккабтар, ки бевосита возеҳу равшан баён карда мешаванд, ворид карда шуданд. Шарти муҳимми фарогирии ин мафҳумҳо муқоисакунии онҳо мебошад. Сеюм гурӯҳи мафҳумҳоро, ки нисбат ба асосҳои аёнии ҳиссӣ таҷридтаранд, мафҳумҳои дорои дараҷаи баланди ҷамъбасти қобилияти ҳиссӣ ташкил медиҳанд. Ин

мафҳумҳо барои аксари фанҳои ҷамъиятӣ хос буда, азхудкунии онҳо дар васеъ намудани доираи назар ва донишҳои илмӣ нақши барҷаста мебозад.

Бо назардошти натиҷагирӣ аз мушоҳида ва таҳлили дарсҳо, ниёзмандии омӯзгорон, расонидани ёрии методӣ ба онҳо, инчунин, баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявию амалӣ ва доираи ҷаҳонбинии илмии хонандагон «Барномаи ташаккули мафҳумҳо» таҳия карда шуд.

Барнома аз марҳилаҳои омӯзиш ва талаботҳои зарурӣ иборат буда, риояи онҳо дар ҷараёни таълим фаъолияти босамари субъектони асосии раванди педагогиро таъмин месозад.

Дар заминаи ин талабот ҳар як омӯзгори фанниро зарур аст, ки чунин нақшаи ташаккули мафҳумҳои умдаю асосӣ ва аз ҳама мураккабтари фанни таълимиро пешбинӣ намояд: 1) омӯзиши амиқ ва ғанӣ гардонидани мазмуну муҳтавои мафҳуми умумӣ бо аломатҳои нав дар ҳар як мавзуъ; 2) марҳалаҳои азхудкунии мафҳумҳо аз ҷониби хонандагон.

Доир ба масъалаи мафҳумҳои илмӣ ва проблемаҳои таълиму азхудкунӣ ва нақши онҳо дар ташаккули донишҳои илмӣ, малакаҳои зеҳнӣ, тафаккур ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон таҳқиқот анҷом дода, роҳҳои инкишоф, хусусиятҳои хоси таъсир ва самарабахшии онҳо дар омезиш бо мафҳумҳои ҳаётӣ муайян карда шуданд.

Дар асоси маълумотҳои бадастомада оид ба таъсири таҷрибаи ҳаётии хонандагон хулосаҳо бароварда, нақши бағоят муҳимми онҳо дар самаранокии раванди таълим муайян карда шуд.

Дар хонандагон инкишоф додани системаи мафҳумҳо яке аз унсурҳои муҳимми бо системаи донишҳои илмӣ мусаллаҳ сохтани онҳо мебошад. Бинобар ин, чунин хусусиятҳои инкишофдиҳандаи мафҳумҳо ҷудо карда шуданд: 1) хосиятҳои мафҳумҳои илмӣ ва нақши онҳо дар маърифати илмӣ; 2) хусусиятҳои рушди мафҳум дар илм; 3) аҳаммияти ташаккул ва рушди мафҳум барои хонандагон; 4) хусусиятҳои рушди мафҳум дар маърифати таълимӣ; 5) нақши тасаввуроти пешакӣ дар ташаккули мафҳумҳои илмии хонандагон.

Илова бар ин, омилҳое, ки ба рушди мафҳум дар хонандагон таъсир мерасонанд, номбар карда шуданд: а) таҷрибаи ҳаётии хонандагон, тасаввурот дар бораи рӯзгор, ки дар илми психология тасаввуроти пешакӣ мегӯянд; б) ҷараёни мақсадноки ташаккули мафҳум ҳангоми омӯзиши асосҳои фанҳои таълимӣ тахти роҳнамоии муаллим; в) мутолиаи адабиёти бадеӣ, маълумотгирӣ аз барномаҳои радиою телевизион, шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои маърифатӣ.

Дар асоси таҳлили хусусиятҳои мафҳумҳо, вижагиҳои раванди азхудкунии онҳо, хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор вобаста ба ташаккули мафҳумҳо дар хонандагон ва натиҷаи озмоиши махсус анҷомдодашуда шароити асосии азхудкунии самарабахши мафҳумҳо муайян карда шуданд, ки иҷрои онҳо муҳиманд.

Барои омӯзиш ва таҳлили ҳар як қонун унсурҳо, ки нақш ва махсусиятҳои онро ошкор месозад, муайян карда шуданд. Мушкилиҳои хонандагон дар самти муайян намудани доираи амали қонун ва таснифоти қонунҳои барояшон маълум ва мансубияти онҳо ба ин ё он форматсияи ҷамъиятӣ ошкор гардида, сабабҳо, роҳҳои пешгирӣ ва ҳалли онҳо низ муайян карда шуданд.

Омӯзиши донишҳои раҳнамунсоз, ки дар он нақши донишҳои фанҳои таълимии ба азхудкунии муайянсозии манбаи ташаккул ва инкишофи ҳаёт дар ҷамъияти инсонӣ, хусусияти рӯзафзуни давомдори инкишоф, манбаи инкишофро фаҳмидани хонандагон, сабабҳои асосии инкишофи ҷамъият ва ниҳоят, ба дарки хусусияти қонуни инкишофи табиат ва ҷамъият тамоюлдошта муҳим арзёбӣ гардиданд.

Аз ин бармеояд, ки омӯзиши мафҳумҳо ва қонуну қонуниятҳои илмӣ, ки дараҷаи аз ҳама баланди азхудкунӣ маҳсуб меёбад, муносибати ҷиддӣ ва таълими мақсадноку бошууронаро тақозо менамояд.

Дар сурати омодагии мақсаднок, ташкили оқилонаи раванди азхудкунии мафҳумҳою қонуниятҳои илмӣ ва роҳҳои ташаккули онҳо дар хонандагон ба ноил шудани комёбиҳо умед баста мешавад.

# БОБИ IV. ТАҲҚИҚОТИ ОЗМОИШИИ РОҲУ УСУЛҲОИ ТАШАККУЛИ ДОНИШ, МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

## 4.1. Нақши шаклҳои гуногуни ташкили таълим дар азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон

Тавре ки таҷрибаи пешқадами омӯзгорон ва таҳқиқотҳои мо нишон доданд, дар азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ ташкили шаклҳои гуногуни таълим аҳаммияти калон дорад. Аммо дар амалияи кори мактаб на ҳамаи омӯзгорон шаклҳои гуногуни таълимро мунтазам ва пайдарпай истифода мебаранд. Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои камдонишӣ ва ё дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтани дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои хонандагон дар ҳамин ҳам ҳаст.

Таҳлили фаъолияти педагогии беш аз 50 омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр ва 92 омӯзгори мактабҳои деҳот роҷеъ ба тадриси фанҳои таълимӣ нишон дод, ки омӯзгорон ба ҷуз дарс – шакли асосии ташкили таълим аз дигар шаклҳои гуногуни ташкили таълим (семинару конференсияи таълимӣ, маҳфили фаннӣ, маҳфили зеҳнӣ, шабҳои саволу ҷавоб, викторина, мубоҳиса, экскурсия (сайр)-и таълимӣ ва ғайра) гоҳ-гоҳ ва кам кор мегиранд. Аз ин рӯ, нақши шаклҳои гуногуни ташкили таълимро дар азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон муайян намудан душвор аст.

Натиҷаи озмоишҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти маърифатии хатмкунандагон қаноатмандкунанда нест. Як сабаби инро агар ба доир накардани шаклҳои дигари ташкили таълим нисбат диҳем, иштибоҳ нахоҳем кард. Ба ин хотир, дар давраи гузаронидани таҳқиқот мо хостем муайян созем, ки омӯзгорон ғайр аз дарс кадом шаклҳои гуногуни ташкили таълимро бештар истифода мебаранд. Ба онҳо чунин савол пешниҳод гардид: «Кадом шаклҳои гуногуни ташкили таълимро истифода мекунед?». Натиҷаҳо дар ҷадвали 15 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 15**

**Мавқеи истифодаи машғулиятҳои таълимӣ**

| **Шаклҳои ташкили таълим** | **Теъдоди посухдиҳандаҳо** (ба ҳисоби %) |
|---|---|
| Дарс | 100 |
| Машғулиятҳои иловагӣ | 6,4 |
| Машварати таълимӣ | 7,6 |
| Вазифаи хонагӣ | 87,5 |
| Маҳфили фаннӣ | 11,5 |
| Машғулиятҳои факултативӣ | 8,2 |
| Экскурсия (сайр)-и таълимӣ | 8,5 |
| Конференсияи таълимӣ | 3,4 |
| Семинарҳои таълимӣ | 1,2 |
| Санҷиш | 2,5 |
| Санҷиши тестӣ | 2,0 |
| Имтиҳон | 0,7 |




***Диаграммаи 3. Мавқеи истифодабарии шаклҳои гуногуни ташкили таълим***

Маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда бозгӯи онанд, ки азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагонро тавассути шаклҳои гуногуни ташкили таълим ба роҳ мондан мумкин аст. Аммо на

ҳамаи омӯзгорон аз шаклҳои таълими дар ҷадвал нишондодашуда самаранок истифода мекунанд. Дар натиҷа ошкор гардид, ки ҳам дар мактабҳои шаҳр ва ҳам дар мактабҳои деҳот 87,5,5% муаллимон ба вазифаи хонагӣ эътибор дода, аз он кор мегиранд. Баъзе муаллимон аз дигар шаклҳои таълим истифода мекунанд, ки аз даҳ як қисми ҳамаи пурсишшавандаҳоро ташкил медиҳанд. Ин махсусан ба чунин шаклҳои таълим, ба монанди: машғулиятҳои иловагӣ – 6,4%, машварати таълимӣ - 7,6%, санҷиш ва санҷишҳои тестӣ – 4,5%, машғулиятҳои семинарӣ - 1,2% ва ғайра тааллуқ дорад.

Яке аз сабабҳои чунин ҳолатҳо он аст, ки роҳбарияти мактабҳо на ҳама вақт таваҷҷуҳи омӯзгоронро ба истифодаи шаклҳои гуногуни таълим ҷалб месозанд. Ба ҷуз ин, барои тайёрӣ ва истифода бурдани шаклҳои гуногуни таълим вақт ва неруи зиёд талаб карда мешавад. Омӯзгорон бештари вақт дар дурусту оқилона истифода бурдани шаклҳои гуногуни таълим ба мушкилот дучор меоянд. Ин норасоиҳо сол то сол самаранокӣ ва дар умум, сифати таълим – азхудкунии дониш, ташаккули маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ ва қобилияти эҷодии талабагонро коста мегардонад.

Аммо, тавре ки таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва таҳқиқотҳои мо нишон медиҳанд, барои ташаккули самараноку босифати дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ин басанда нест. Идомаи дарс дар шаклҳои гуногуни ташкили таълим, аз ҷумла дар сайрҳои таълимӣ, семинару конференсияҳои таълимӣ, корҳои хонагӣ, маҳфилҳо, машғулиятҳои факултативӣ ва беруназмактабӣ ва ҳамчунин, дар марказҳои таълимӣ инъикос меёбад. Онҳо низ он мақсаду вазифаеро, ки дар дарс гузошта мешаваду бояд иҷро гардад, ҳамонро иҷро менамоянд. Ташкили шаклҳои гуногуни таълим аз ин беш инкишофёбии фаъолнокии маърифатиро таъмин, мустақилияти хонандагон ва истифодаи донишҳоро дар амал самараноктар менамоянд, ки шартҳои асосии ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон ҳамин аст.

Экскурсияҳо (сайрҳо)-и таълимӣ барои аз худ кардани маводи таълимӣ тавассути мушоҳидаҳои амалии ашё ва ҳодисаҳои гуногун ташкил карда

мешаванд. Онҳо имкон медиҳанд, ки принсипҳои дидактикии аёният дар таълим, алоқаи назария бо амалия татбиқ гарданд, барои инкишоф додани зеҳн, донишҳои амалӣ, маҳорат ва малакаҳои хонандагон ёрӣ медиҳанд. Ин намуди корҳои таълимӣ зимни омӯзиши мавзуъҳои муайян ва бобҳои барнома аз фанҳои забон, адабиёт, таърих ва ҳуқуқи инсон ба кор бурда мешавад. Ҳатто вобаста ба мақсад ва мазмуни мавзуъҳо экскурсияҳои таълимию истеҳсолии алоқаманд бо омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ ташкил кардан мумкин аст. Ташкили экскурсияҳои маҷмуии алоқаманд бо донишҳои ҳамгиро имкон медиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни ашё ва ҳодисаҳо омӯхта шавад, маводи таълимии ҳаҷман калон ҷамъбаст гардад.

Ҳангоми омодагӣ ба экскурсия омӯзгор вазифа ва мазмуни онро муайян мекунад, объектеро, ки баъдан шогирдонро бо он шинос месозад, интихоб менамояд. Барои гузаронидани экскурсияи истеҳсолӣ метавон мутахассисонро ҷалб кард. Ҳамчунин, ба мақсад мувофиқ аст, ки шогирдон, масалан, ба тамошои осорхонаҳои ш. Душанбе, осорхонаи миллӣ, сафари таълимӣ ба қалъаи Ҳисор, Қаратоғ, аз рӯйи имконият ба Саразм, Ҳулбук, Тахти Сангин ва ҷойҳои дигари таърихӣ бурда шаванд. Дар нақшаи экскурсия муаллим марҳилаҳои корро муайян мекунад, саволҳоро барои мушоҳида тартиб медиҳад ва барои ҷамъ кардани мавод вақт ҷудо карда, аз кадом шаклҳои кори хонандагон (фронталӣ, гурӯҳӣ, инфиродӣ) истифода бурданро пешакӣ ба нақша мегирад.

Аз рӯйи натиҷаҳои экскурсия семинар, конференсияи таълимӣ-амалӣ ва ё дарси ҷамъбастӣ, дарс-мубоҳиса, ки фаъолияти назариявӣ ва амалии хонандагонро бо ҳам алоқаманд месозад, гузаронидан мумкин аст.

Ташкили конференсияи таълимӣ, ки асосан баъди омӯзиши мавзуи калон, боб ё фасл гузаронида мешавад, дар татбиқи ташакули донишҳои зеҳнии хонандагон нақш мебозад. Дар он хонандагони синфҳои мувозӣ метавонанд ширкат варзанд. Саволҳое, ки барои муҳокима манзур мегарданд, метавон онҳоро пешакӣ, то рӯзи гузаронидани конференсия ба хонандагон пешкаш намуд. Ин ба шогирдон имкон медиҳад, ки мустақилона

проблемаҳои гузошташударо омӯзанд, таҳқиқ намоянд ва барои муҳокимаи онҳо омодагӣ бинанд.

Семинар дар синфҳои болоӣ дар низоми чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ амале ба шумор меравад, ки барои бомуваффақият ҳал намудани вазифаҳои инкишофи фаъолнокии маърифатии хонандагон имконият фароҳам меорад. Агар дарс асосан воситаи идоранамоии фаъоли ҷараёни идроки иттилооти баёншуда маҳсуб ёбад, агар вазифаи хонагии хонандагон аз фаҳмидану сарфаҳмравии инфиродии илм ва шиносоӣ бо донишҳои дар асоси «диалог бо китоб» ва «монологи ботинӣ» иборат бошад, пас семинар, на танҳо ба фаъолона аз худ намудан, мустаҳкам ва ҷамъбаст намудани донишҳои ҳосилшуда мусоидат мекунад, балки майдони қувваозмоии эҷодии хонандагон низ мебошад, ҷоест, ки маҳорати ёдгирии муҳокимаронӣ, баҳсу мунозира ва асоснок кардани мулоҳизаҳои худ нишон дода мешавад. Ин хусусиятҳои семинар ба омӯзгор имкон фароҳам меоранд, ки на танҳо назоратро ба роҳ монад, балки, махсусан, муҳим он аст, ки муқоисаи назару ақидаҳо ва мулоҳизаҳои хонандагон тарзе ташкил карда мешавад, ки ҷамъбасти он ташаккули донишҳои зеҳнӣ ва хулосаҳо, ҷаҳонбинӣ ва мавқеи фаъоли ҳаётиро таъмин созад. Семинар маъмулан идомаи фаъолияти таълимию тарбиявӣ дар дарс мебошад, ки бояд фаъолмандии кору амали эҷодӣ ва мустақилияти хонандагонро ба вуҷуд орад.

Семинар муаллимро водор месозад, ки мавзуъҳоро пурра, ботартиб фаҳмонида, робитаи онҳоро амиқтар ошкор кунад, оид ба проблемаи мушаххас бори дигар хулоса барорад ва дар бораи мазмуни асосӣ ва бунёдии он фикру мулоҳизаҳояшро пурратар иброз намояд. Муҳимтарин хусусияти семинар он аст, ки вай унсурҳои худсанҷии хонандагонро дорад.

Тарзу усулҳои ҷолиби фаъолгардонии азхудкунии принсипҳои илм дар семинар истифодаи мафҳумҳои серистеъмоли рӯзмарра ва илман асоснок кардани онҳо мебошад. Масалан, хонандагон ба супорише, ки мазмуни мафҳумҳои ба монанди: «таърих», «инсоният», «тарзи ҳаёти иҷтимоӣ», «ҳуқуқу озодиҳои инсон», «гуманизм» ва амсоли инҳо аз ҷиҳати назариявӣ

бояд маънидод карда шавад, бо майлу рағбати калон муносибат менамоянд. Чунин методи таълим дар семинарҳо ба хонандагон шароит фароҳам меорад, ки омӯзанд, то ҳақ будани худро исбот карда тавонанд. Ташкили машғулиятҳои семинарӣ имконият медиҳад, ки хонандагон озод ва дар сатҳи зарурӣ проблемаҳои гуногуни ҳаёти имрӯзаро далелнок муҳокима намоянд.

Яке аз тарзҳои аз худ кардани донишҳо дар семинар хондани маърӯза ва маърӯзаи ҷавобӣ кардан бо назардошти муқобилгузории нуқтаи назари гуногун дар ҳалли ин ё он вазъияти проблемавӣ мебошад. Ин усул махсус самаранок маҳсуб меёбад, зеро дар адабиёт ақидаҳои ихтилофнок зиёд ба чашм мерасанд ва агар онҳо мавзуи семинар бошанду ҳамчун проблема мавриди муҳокима қарор гиранд. Бо вуҷуди ин, талаб карда мешавад, ки ҳам маърӯза ва ҳам маърӯзаи ҷавобӣ бағоят ҷиддӣ омода карда шаванд. Чунки нуқтаи назарҳои дар он иброзшуда дар ҷамъбаст на танҳо тафаккури эҷодӣ-ҷустуҷӯии хонандагонро тақозо менамояд, балки барои натиҷагирӣ ва хулосаҳои дуруст (мувофиқ ба мавзуъ) баровардан низ роҳ мекушояд, дар ин асно маводи таълимии барномавӣ амиқтар аз худ карда мешавад.

Барои мисол, аз фанни «Таърихи умумӣ» агар як маърӯза дар бораи «Таҳдиди афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ ба мавҷудияти ҳаёт дар кураи Замин» омода шуда бошад, дигар маърӯза «Проблемаи афзоиши пасти шумораи аҳолӣ ва камшаваии он дар мамлакатҳои тараққикардаи Ғарб» бояд барои инкор ва бар хилофи он нигаронида шавад. Азбаски ин ҷо ихтилофи назарҳо дида мешавад, дар саволу ҷавоб ва ширкати фаъол дар мубоҳиса интегратсияи донишҳои зарурии фанҳои таърих, география, демография, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқ, фарҳанг ва маълумотҳои оморӣ ба кор меоянд.

Дар ҳар сурат, албатта, дар семинар мубоҳисаи гарм авҷ мегирад, ки ин хонандаро ба ҷустуҷӯ, дарёфти сарчашмаю маъхазҳо, адабиёти зарурӣ ва омӯзиши амиқи онҳо водор месозад.

Мубоҳисаро метавон аз рӯйи як проблема дар чандин самтҳо васеъ кард. Интихоби самтҳо ба рафти воқеаҳои дар машғулиятҳои семинарӣ матраҳшаванда вобаста аст. Шавқу рағбатҳои дар рафти мубоҳиса

бавуҷудомадаро ба ягон ҷанбаи проблема мақсаднок истифода бурдан аҳамиятнок аст, назар ба он ки мубоҳиса ба ягон субъект ва ё самти беасос бурда мешавад. Яъне, беҳтар он аст, ки шавқи бедоршудаpo дар ҳалли проблемаи мавриди назар истифода бурд, зеро аз нав оғоз намудану шавқу ҳавасро ба миён овардан вақт ва заҳмати зиёдеро талаб менамояд.

Аммо барои ин, ба ҳама гуна шакл сурат гирифтани мубоҳиса омода будан зарур аст. Албатта, ҳама чизро ба ҳисоб гирифтан ғайриимкон аст, вале ҳар қадар муаллим, ба қавле «омодагии хонагӣ» (режиссёрӣ) дошта бошад, ҳамон андоза ӯ худро дар семинар боваринок ҳис мекунад, ҳамон андоза мубоҳисаро муваффақиятнок роҳбарӣ мекунад, онро бе душворӣ идома медиҳад. Ин ҷо зарур аст таъкид намоем, ки диққати хонандагонро ба ягон ҳолат аз ҳад зиёд сахт ҷалб намудан, гарчанде муҳим ҳам бошад, тавсия дода намешавад.

Омӯзгоре, ки вазифаи худро танҳо дар сухани муқаддимавӣ ва ҷамъбаст кардан мебинаду дар лаҳзаҳои дигар бепарвоёна баҳсҳоро мушоҳида мекунад, дар ташкили вазъияти проблемавӣ ба чизе муяссар намешавад. Ӯро лозим меояд, ки рафти мубоҳисаро назорат бурда, дар вақтҳои зарурӣ, махсусан, ҳангоми истифодаи донишҳои беасос, ғайриилмӣ ва дигар фикру андешаҳои нодуруст дахолат намуда, ба пурмазмунии мубоҳиса таъсир расонад.

Ҳалли вазъияти проблемавӣ гузоштани як силсила саволҳоро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки фарқи вазъияти проблемавиро, ҳамчун тарзи методӣ, аз методи саволу ҷавоб ишора намоем. Методи саволу ҷавоб алоқаи дохилии байни саволҳоро лозим намедонад. Агар чунин алоқа вуҷуд дошта бошад, он гоҳ хонандагон худашон ба муаллим ва ба ҳамдигар савол додан мегиранд. Дар ин метод тафаккури эҷодӣ-ҷустуҷӯӣ ва зеҳн одатан кунд мешавад. Зимни ташкили вазъияти проблемавӣ саволҳо маҳз тарзе тартиб дода мешаванд, ки муҳокимаи фаъоли эҷодӣ ва мубоҳисаи воқеию таъсирбахш ба вуҷуд ояд. Бо вуҷуди ин, мо истифодаи методи саволу ҷавобро дар семинарҳои таълимӣ комилан инкор намекунем. Дар рафти кор баъзан аз

ин метод истифода бурдан амали бад нест, он дар муайян намудани аломатҳои дуюмдараҷа, вале муҳим барои ташкили вазъияти проблемавӣ ёрӣ медиҳад.

Мубоҳисае, ки дар семинарҳои таълимӣ ба миён меояд, метавонад ду роҳ дошта бошад: хонандагон худашон ҳалли онро меёбанд ё ки муаллим дар сухани ҷамъбастӣ онро баён мекунад. Ин ду вариант паҳлуи мусбат ва ҳамзамон манфии худро дорад. Ҳалли мустақилона ба толибилмон қаноатмандӣ ва ҳаловати бештаре мебахшад, боварии онҳоро ба неру ва имкониятҳои эҷодиашон талқин мекунад. Аммо ин бештари вақт ҳангоми проблемаҳои нисбатан мураккаб, алалхусус, зимни бо душвориҳо дучор омадан рӯй медиҳад ва дар ин ҳолат дар хонандагон, воқеан, тафаккур зуд кор мекунад. Ҳар гунае ки набошад, бо ҳар роҳу усул ба хонандагон бояд имконият дода шавад, то онҳо дар ҳалли проблемаи муҳокимашаванда ширкат намуда, мустақилона хулоса ва қарор бароранд, вагарна фаъолнокии банақшагирифта ба муқобили он табдил ёбад. Яъне, то ҳадди имкон барои мустақилона кор кардану қарор баровардани шогирдон сахтгирӣ ва талаб бояд кард. Бо ин тарзи муносибат, аз як ҷиҳат, тафаккур тарбия ва ташаккул меёбад, аз дигар ҷиҳат, бо ин амал барои мустақилона фаъолият бурдану истифодаи донишҳои андухта дар ҳама гуна вазъият метавон роҳ кушод, ки ин аз коргирии таълими салоҳиятнок дарак медиҳад. Агар маълум гардад, ки хонандагон мустақилона аз уҳдаи кор намебароянд, азоб мекашанд, ҳатто проблемаи одиро ҳал карда наметавонанд, беҳтараш роҳҳои ҳалли онро муаллим баён намояд, ҳамон тавре ки дар дарс амалеро якҷоя анҷом медиҳанд, бо назардошти фикру андешаҳои шогирдон ҳамроҳ онро ҳал кунанд.

Дар ин ҳолат, якбора методи ҳалли проблемаҳои монанд гуфта шуда, хатоҳои хонандагон, ки ба нобарорию номуваффақӣ бурда мерасонанд, таҳлил карда мешаванд. Анҷоми мубоҳиса аз муаллим ҳисоботи баъзе лаҳзаҳои психологиро талаб менамояд. Якум, идома додани мубоҳиса, то вақте ки ҳамаи исботу далелҳои ҳақиқӣ ҳалли худро наёфтанд, маъно дорад ё

на. Зеро мубоҳиса, пеш аз ҳама, барои он лозим аст, ки хонандагон ҳамаи маводи гузаштаро оид ба масъалаи мазкур дар рафти он ба кор баранд. Дуюм, ҳангоми дуруст ба роҳ мондани кор авҷи мубоҳиса бояд то лаҳзаи ба анҷомрасиаш афзояд ва ба нуктаи баландтар расад.

Фавқулода омили муҳим барои имкониятҳои батафсил ва пуравҷ гардонидани мубоҳиса мавҷудияти вақт мебошад. Агар мавзуъҳои алоҳида, бо сабабҳои ба омӯзгор новобаста ба таври мухтасар баррасӣ гарданд, пас ба дигар масъалаҳо эътибор надода, аз рӯйи ду-се масъалаи зарурӣ мубоҳисаро ташкил ва онро пуравҷ намудан мувофиқи мақсад аст. Дар охир, ҳатман дараҷаи гуногуни тайёрии хонандагон бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Аз ин рӯ, баҳри ташкили вазъияти проблемавӣ дар семинар кӯшиш намуда, омӯзгор бояд имкониятҳои мушаххаси синфро ба пуррагӣ, аз ҷумла хонандагони алоҳидаро ба ҳисоб гирад. Бо яке метавон анқариб дар ҳамаи дарсҳо самаранок мубоҳиса ташкил кард, бо дигарон метавон танҳо як қисми семинарро дар шакли саволу ҷавоб мақсаднок гузаронид. Вале мубоҳиса бошад, метавонад танҳо аз рӯйи якчанд проблемаҳои мавзуъҳои калон, боб ва фасл сурат гирад. Дар ҳолати омодагии суст ба чунин семинару мубоҳисаҳо ҳатто дар синфҳои пешсафу аълохон низ, пурсиши одӣ ва ба онҳо фаҳмонидани баъзе масъалаҳо манфиатбор аст, назар ба муҳокимаи ҳамаҷонибаи проблема, ки онҳо айни замон бо он хуб ошно нестанд, талаб карда мешавад.

Дар давраҳои таҳқиқот ба мо муяссар шуд, ки дар якчанд семинар, алалхусус дар семинарҳои омехта, ки, асосан, дар синфҳои 10-11 доир гардиданд, иштирок намоем.

Дар чунин шакли омехта Буриева Н., омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89-и ноҳияи Синои ш. Душанбе дар синфҳои мувозии 11«А»,«Б» аз фанни «Адабиёти тоҷик» дар мавзуи «Мавзуъҳои байналмилалӣ ва сулҳу дӯстӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода» семинар ташкил кард. Дарвоқеъ, муаллима пеш аз оғоз баъзе шарту талаботи семинарро

фаҳмонида, шогирдонро барои фаъолмандӣ нишон додану пурмазмун гузаштани он таъкид кард.

Ду - се нафар хонанда бо тайёрии хуб аз рӯйи мавзуъ дар доираи вақти ба онҳо ҷудогардида маърӯза намуданд. Хонандагон ба онҳо саволҳо дода, ба саволашон гоҳе пурра ва гоҳе кутоҳ ҷавоб мегирифтанд. Дар рафти семинар на танҳо фаъолнокии хонандагон, балки фаъолии омӯзгор низ равшан ба чашм мерасид. Дар сурати ба саволҳо дуруст ҷавоб додани баромадкунанда омӯзгор ба ӯ ва ба аҳли синф ҷиҳати равшану фаҳмотар гардидани маводи баррасишаванда саволи нав медод. Баъзан баромадкунанда худаш аз уҳдаи ҷавоб додан ба саволу супоришҳо мебаромад, дар баъзе мавридҳо, дигар хонандагон ҷавобҳоро амиқ ва мушаххасан мегуфтанд. Дар атрофи баъзе саволҳо баҳсу мунозира сар мезад, ки ҷамъбасти онро муаллима анҷом медод. Вақте хонанда маводро нодуруст ва ноаниқ баён мекард, омӯзгор ба синф бо чунин савол «Оё ӯ дуруст мегӯяд, агар гуфтааш нодуруст бошад, пас хатоҳояш дар чист?» муроҷиат мекард. Талабагони боқимонда якҷо бо ҳамсинфон ба баҳсу мунозира ворид мешуданд, ки дар рафти он ҳама фикрҳо дуруст иброз шуда, ҳақиқат рӯ мезад. Умуман, хоҳишмандони дар саволу ҷавоб ва баҳс иштироккунанда зиёд буданд ва семинар пурмазмуну шавқовар анҷом ёфт. Ин аз таҷрибаю кордонӣ, доштани донишҳои педагогию психологии омӯзгор ва ниҳоят, ҳамкории педагогии ӯ бо шогирдон дарак медиҳад. Эроди мо танҳо дар ҳамин буд, ки ба назарияи адабиёт камтар эътибор дода шуд. Масалан, агар дар бораи маънои мафҳумҳои *«санъати бадеӣ», «жанри адабӣ», «достони лирикӣ», «достони ҳамосӣ», «таркибҳои маҷозӣ», «ғояи сулҳ», «васфи сулҳ», «ҷасорати ватанхоҳӣ», «сиёсати иртиҷоӣ», «нафратзадагон»* каме ҳам бошад, саволу ҷавоб сурат мегирифт, он гоҳ илмияти мавзуъ таъмин карда мешуд. Ҳол он ки дар дохили ҳамин мавзуъ ва умуман, дар маводи ба фаъолияту эҷодиёти М. Турсунзода бахшидашуда дар китоб мафҳумҳои илмии ишорагардида борҳо зикр ва тавзеҳ дода шудаанд. Бо ин хонандагон аз моҳирӣ ва бузургии шоир воқиф гардида, ҳамзамон доираи ҷаҳонбинии илмӣ

васеъ ва захираи луғавӣ ғанӣ мегардад, ки асоси иҷрои шартҳои муҳимтарини ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ дар ҳамин ифода меёбад.

Асосан семинари омехта дар амалияи таълим ҷой дошта, дар рафти он натиҷагирии донишҳои назариявӣ ва истифодаи онҳо зимни гардонидани ҷавоби саволҳо, истифодаи донишҳои як фанни таълимӣ дар фанни дигар, иқтибос овардан, дар баҳсу мунозираҳо фаъолона ширкат варзидан, нуқтаи назари хешро асоснок ва бо далелҳо баён намудан ба мушоҳида мерасанд.

Дар семинари омехта як қисми проблемаҳо дар шакли саволу ҷавоб ва дигаре дар шакли мубоҳисаҳои проблемавӣ таҳлил ва фаҳмида мешавад, аз ин рӯ, баргузории чунин семинар дар фаъолияти педагогӣ нақши муҳимро мебозад.

Вале, боиси таассуф аст, ки ташкили чунин семинарҳоро на дар ҳама муассисаҳои таълимӣ ва на дар фаъолияти педагогии ҳама омӯзгорон дидан мумкин аст. Иқрор низ бояд шуд, ки аксари омӯзгорон, масъулини иттиҳодиҳои методӣ ва роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ дар ин хусус маълумот надоранд ва ба маслиҳату роҳнамоӣ ниёз доранд.

Моро зарур омад, ки ба ёрии омӯзгорон пардохта, бобати аҳамиятнокии шаклҳои гуногуни ташкили таълим ва истифодаи онҳо дар дарс тавассути методҳои нави фаъол машваратҳои методӣ диҳем.

Пас аз машварату тавсияҳои додашуда дар бораи рангорангӣ ва мазмуннокии семинари омехта омӯзгорон тавонистанд, ки ба камбудию норасоиҳо камтар роҳ дода, дар ин самт муваффақ шаванд. Чунончи, муаллимон Исмоилов В. аз фанни «Адабиёти тоҷик» аз рӯйи мавзуи «Образи мардум дар асарҳои «Одина» ва «Ятим»-и С. Айнӣ» бо назардошти шарҳу тафсири маънои мафҳумҳои илмии *«асарҳои насрӣ ва назмӣ», «образ», «образҳои манфии асар», «қиссаи реалистӣ», «сужет », «мундариҷаи асар», «офаридани симо», «тасвири бадеӣ», «хусусияти ҳаҷвии образ», «қаҳрамони маркази асар», «шароити тоқатфарсо»,* Нурова Ш. аз фанни «Таърихи умумӣ» (синфи 11) дар мавзуи «Тоҷикистон – воҳиди мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ» бо тавзеҳи мафҳумҳои *«воҳиди мустақил», «истиқлолият»,*

*«санади таърихӣ», «роҳи демократикунонӣ», «гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ», ҳаракатҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ», «ҷанги шаҳрвандӣ», «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ», «сиёсати хориҷӣ», «узви ҷомеаи ҷаҳонӣ», «ҳамгироии байналмилалию минтақавии сиёсӣ ва иқтисодӣ»* ва муаллим Сафарзода Ш. аз фанни «Ҳуқуқи инсон» (синфи 10) дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон» баёни мазмуну маънои мафҳумҳои «шаҳрвандӣ», «соҳибият ба шаҳрвандӣ», «қатъшавии шаҳрвандӣ», «ҳуқуқу озодиҳо», «душаҳрвандӣ», «бисёршаҳрвандӣ», «қарордоди байналмилалӣ», «ашхоси воқеӣ ва юридикӣ», «ҳимоя ва парасторӣ» ва амсоли инҳо чунин семинар гузарониданд, ки маводи таълимӣ ҳамаҷониба мавриди таҳлили амиқ қарор мегирифт.

Хонандагон ба саволҳои омӯзгор ҷавоб медоданд, баъдан омӯзгор ба баромадкунанда ва аҳли синф саволи «печ дар печ», ки онҳоро барои фикр кардан ва нуқтаи назари хешро иброз намудан водор мекард, медод. Дар атрофи саволҳои додашуда мубоҳисаи, ба қавле зинда, пуравҷу шиддатнок сурат мегирифт. Хусусияти ин машғулият дар он буд, ки талабаҳо махсус ба мубоҳиса тайёрӣ надида, танҳо ба донишҳои доштаашон такя мекарданд.

Ташкили ин гуна семинар ҷолиб ва самараноку фоидаовар мебошад. Зеро он имкон медиҳад, ки на танҳо донишҳои мавҷуда ошкор, ҳамчунин, онҳо амиқ, ҷамъбаст, мураттаб ва васеъ карда шаванд.

Бояд гуфт, ки дар семинар имкониятҳо васеъ буда, бисёр проблемаҳои дар маводи таълимӣ ҷой гирифта метавонанд ба таври васеъ ва амиқ мавриди муҳокимаю таҳлил қарор гиранд.

Ҳамин тариқ, истифодаи мақсаднок ва аз ҷиҳати методӣ дурусти шаклҳои гуногуни ташкили таълим ва пайвастшавию мувофиқати онҳо бо дарс ба ташаккули муваффақиятноки дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва билохира, муносибати босалоҳият дар таълим мусоидат менамояд.

Дар асоси накшаи таҳқиқот вазъи воситаҳои кор бо китоби дарсӣ, алалхусус тарзи иҷрои вазифаю супоришҳои додашуда ва натиҷаи фаъолияти

омӯзгору хонандагон дар ин самт мавриди омӯзиш қарор гирифт. Ба мақсади баҳо додан ба натиҷаи кори муаллим ва донишҳои ҳосилнамудаи шогирдон дар давоми нимсолаи якуми соли таҳсил мо тариқи пурсиш санҷиш гузаронидем. Ба хатмкунандагони синфи 11 аз фанни «Таърихи умумӣ» саволи зерин манзур карда шуд: «Хусусиятҳои хоси тараққиёти иқтисодӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея (Кореяи Шимолӣ) ва Ҷумҳурии Корея (Кореяи Ҷанубӣ)»-ро шарҳ диҳед. Бояд гуфт, ки ҳамон вақт ин савол ба зудӣ ҷавоб меёбад, ки агар хонандагон аломатҳои асосиро ҷудо карда тавонанд.

Ба саволи мазкур фоизи ками теъдоди хонандагон ҷавоб доданд, он ҳам нопурра ва носаҳеҳ ва баъзеашон умуман ҷавоб нагардонданд. Аз ин бармеояд, ки дар вақти баррасии мавзуъ маводи он хуб аз худ нашудааст, рӯякӣ омӯхта шуда, нуктаҳои муҳим ва асосӣ аз назар дур монда, мавриди таҳлили амиқ қарор нагирифтаанд. Дар ин хусус сабабҳо зиёданд, вале сабабе, ки мо ошкор кардем, ин аст, ки муаллими фаннӣ шогирдонро ба омӯзиши амиқи мавод, таҳлили ҳамаҷонибаи он, дар матн ҷудо намудани аломатҳои аввалдараҷа ва дигар хусусиятҳои хоси маводи таълимӣ ҷалб насохта, онҳоро ба ин амалҳо одат накунонида, ёднадодааст, яъне барои ташаккул ёфтани маҳорату малакаҳои шогирдон дар раванди таълим кӯшиши ҷиддӣ накардааст. Сабаби дигареро ҳам бояд гуфт, ки шояд ба дарси ҳамин гуна омӯзгорон роҳбарияти муассисаи таълимӣ, иттиҳодияи методӣ, омӯзгорони фаннӣ, ҳамкасбон кам иштирок доштанд ва ё дарсҳоро мушоҳида, таҳлили дидактикию методӣ ва психологии қаноатбахш накардаанд ва худи омӯзгор ҳам аз қобилияти пасти рефлексивӣ дарсашро таҳлил карда наметавонад. Педагог бояд қобилияти худтаҳлилнамоӣ дошта бошад ва амалҳои дар дарс анҷомдодаро рефлексия карда, аз он хулоса ва натиҷагирӣ намояд.

Ногуфта намонад, ки нокифоя будани донишҳои педагогӣ, психологӣ ва дидактикию методии худи омӯзгор ва ҳам масъулин, ҳамзамон надоштани маҳорати таҳлили дарс ва баҳо додану хулосабарорӣ ба ин боис шуда

метавонад. Ҳол он ки ҳамин савол дар китоб дар охири мавзуи «Нимҷазираи Корея: Шимол ва Ҷануб» дар шакли ҷадвал пешниҳод ва ба таври муқоиса пур кардани он супориш дода шудааст ва онро аз рӯйи барнома чанд дарс пештар гузаштаанд:

**Хусусиятҳои хоси тараққиёти иқтисодӣ ва сиёсии ду давлати Корея**

| **Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея (Кореяи Шимолӣ)** | **Ҷумҳурии Корея (Кореяи Ҷанубӣ)** |
|---|---|
| | |

Муаллими босалоҳият ва кордон ба ин рӯякӣ муносибат накарда, барои пур кардани ҷадвал оид ба хусусиятҳои хоси тараққиёти иқтисодӣ ва сиёсии ду ҷумҳурӣ метавонад дар рафти дарс кори мустақилона диҳад ва ё онро ба хонандагон ҳамчун вазифаи хонагӣ супорад.

Бояд қайд кард, ки дар тамоми мавзуъҳои китоби дарсии таърихи умумӣ барои синфи 11 дар дохили матн хусусиятҳо, сабабҳо, омилҳо, пайдоиши проблемаҳо, ҳалли проблемаҳо, имкониятҳо, муносибатҳо, тамоюлҳо, рақобатҳо, инкишофҳо, дастовардҳо, сиёсат, иқтисодиёту иҷтимоиёт, фарҳангу маориф, илм, саноат, сарзании бухронҳо, вазъиятҳо, низоъҳо, ҷангу ошубҳо, ҳодисаю воқеа, рӯйдоду равандҳои таърихӣ ва оқибатҳои онҳо, шарҳу эзоҳҳо доир ба вазъу шароити ин ё он мамлакат ва дар маҷмуъ тамоили умумии рушди таърихи ҷаҳон муфассал бо риояи пайдарпайии мантиқӣ дода шудаанд. Аммо, гап сари он меравад, ки онҳо дар дарс чӣ гуна шарҳу тафсир ва таҳлил карда мешаванд, муаллим кадом метод, тарз ва воситаҳоро истифода мебарад ва чӣ тавр, ба кадом нуктаҳои асосӣ ва аввалдараҷа бештар аҳаммият дода, диққати шогирдонро амиқтар ҷалб менамояд, супоришҳои кори мустақилона, вазифаи хонагӣ ва сифати иҷрои онҳо дар кадом сатҳ аст, мустаҳкамкунӣ ва ҷамъбаст чӣ гуна сурат мегирад? Албатта, ҳамаи ин барои хусусиятҳои хосро ошкор ва дурусту батафсил баён намудан таъсир мерасонад.

Ба маҳорати ёфтани аломатҳои асосӣ ҳангоми ҷудокунии нишонаҳо аз рӯйи хусусиятҳои монанд ва фарққунанда таъсири методикаи кори омӯзгор ва ҳамчунин, хусусиятҳои баёни маводи таълимӣ дар китоби дарсӣ низ таъсир мерасонад. Масалан, дар асоси донишҳои ҳосилшуда аз дарсҳои гузаштаи фанни «Адабиёти тоҷик» ҳангоми омӯзиши романи С. Айнӣ «Ғуломон» вазъияти ҷамъиятию сиёсии ҳамон давраро ошкор намуда, омӯзгор пешниҳод менамояд, ки «Хусусиятҳои умумии хоси бойҳо, ки дар роман инъикос шудаанд, номбар карда шаванд». Гузориши савол дараҷаи баландтари зеҳнро, ки ба ҷамъбасти маводи таълимии дарсҳои қаблӣ асос ёфтааст, талаб менамояд. Аксари хонандагон дар ҷавобҳои худ ба саволҳо бештар бо номбар кардани хусусиятҳое, ки ба ҳар яке аз бойҳо хос аст, маҳдуд мешаванд. Ба дараҷаи зарурии инкишофи зеҳн ноил шуда, омӯзгор бояд диққати шогирдонро ба тасвияи саволи навбатии «Кадом умумиятҳо миёни ҳамаи бойҳое, ки дар дигар асарҳо инъикос ёфтаанд, дида мешавад?» ҷалб созад. Образи бойҳоро муқоиса намуда, хонандагон муфтхӯрии бойҳо, зиндагии онҳо аз ҳисоби меҳнат ва истисмори бераҳмонаи одамони талаботи маънавӣ надоштаро ишора мекунанд. Бо ҳамин роҳ ба омӯзгор муяссар мегардад, сатҳи зарурии инкишофи зеҳни шогирдонро таъмин созад.

Дар ташаккули зеҳни илмӣ дар асоси донишҳои ҷамъбастӣ маҳорати муҳокима намудан, нишон додан ва исбот кардан аҳаммияти калон дорад. Барои маҳорати муҳокима кардан на танҳо дониши алоқаҳои табиии байни ҳодисаҳо, инчунин, донистани қонунҳои мантиқ ва принсипҳои ақидаронию исботнамоӣ низ, ки имкони ба умқи ҳодисаҳою воқеаҳои омӯхташаванда расиданро медиҳад, зарур мебошад.

Дар муҳокимаронихое, ки дар шакли исботнамоӣ ташкил мешаванд, ҳақиқӣ будани ягон ҳолату вазъият бо ёрии дигар ҳолатҳо, ки ҳақиқат доштанашон исбот шудааст, бо далелҳо асоснок карда мешавад. Онҳо дар рафти муҳокима мисли як маълумот ва як чизи маълум ҳамроҳ мешаванд. Рафти муҳокима ва натиҷаи ниҳоии он асосан бо ҷамъбасткунии донишҳо ва бо возеҳию аниқии мулоҳизаҳои исботшуда дар шакли фишурда муайян

карда мешавад. Гарчанде дар муҳокима донишҳои ҳифзшуда истифода бурда шаванд ҳам, зарур аст, ки бо ёрии далелу арқом исбот, ошкор ва асоснок карда шаванд.

Аз ин рӯ, ҳангоми ҳалли ягон саволу масъала омӯзгор бояд ҷавобҳои хонандагонро бо ёрии луқмаҳои: «Исбот кун»; «Асоснок намо»; «Муқоиса, монандӣ ва фаркро нишон деҳ»; «Аз ҳаёти имрӯза мисолҳо биёр» ва амсоли инҳо пурратару беҳтар кунад. Яқинан хонандагони аълохон, ки асосан онҳо дар гуфтор ва нақлу тавзеҳи муаллим зуд ворид шудаю мазмуну моҳияти маводи таълимиро нисбат ба дигарон хубтар мефаҳманду аз худ мекунанд, дар исботнамоӣ худро фаъолтар нишон медиҳанд. Вале агар омӯзгор аз усулҳои фаъоли таълим кор гирифта, бо қолабшикании тартибу унсурҳои дарс шогирдонро озодтар монад, миёнахонҳою сустхонҳо низ дар исботу далелбиёрӣ фаъол мешаванд. Бешак, гоҳо бо истифода аз таҷрибаи ҳаётӣ хонандагони сустхон исботу далелҳое меоранд, ки мазмуну моҳияти маводро равшан ва онро ҷолибтар мегардонанд. Чунин тарзи корбарӣ хонандагонро ба муҳокимаронии мустақилона ва исботнамоӣ одат мекунонад, натиҷагирӣ кардану хулоса бароварданро ёд медиҳад.

Ҳамин тавр, тариқи исбот ва муҳокима бо назардошти талаботҳои муайяни педагогию психологӣ хусусиятҳои муҳимтарини тафаккур ташаккул ва системаи илмии ақидаҳои хонандагон такмил меёбанд.

Хусусияти асосии дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ин аст, ки зарурати азхудкунии на танҳо мафҳумҳо, қонуну қонуниятҳои илмӣ ва ғояҳо, балки тарзҳои таҳлили ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва ҳаёти иҷтимоиро ба миён оварда, ҷаҳонбинии илмиро ташаккул медиҳанд. Ёд гирифтани тарзҳои таҳлил ба воситаи дар хонандагон ташаккул додани маҳоратҳои муайян ба амал бароварда мешавад. Чунон ки болотар гуфта шуд, дар раванди таълим дар хонандагон маҳоратҳои гуногун аз рӯйи хусусиятҳояшон: таълимӣ-маърифатӣ (маҳорат кор кардан бо китоби дарсӣ, харитаи географӣ, маълумотномаҳо, адабиёти иловагӣ, сарчашмаю маъхазҳо, санаҳои таърихӣ,

ҷадвалҳои мавзуӣ ва ғайра) ва зеҳнӣ (маҳорати муқоиса кардан, ҷамъбаст намудан, мураттаб сохтан, исбот кардан) ташаккул меёбанд.

Бешубҳа, ҳамаи онҳо барои азхудкунии мафҳумҳои умумӣ ва қонунҳои илмӣ муҳиманд, вале бо вуҷуди ин ҳеҷ кадоме аз ин маҳоратҳо наметавонанд ҳанӯз ба мавқеи ҷаҳонбинии шахсият бевосита таъсир расонанд. Чунин таъсирро азхудкунии маҳорат, ки ба донишҳои принсипҳои муносибати диалектикӣ дошта, ба таҳлили ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва ҳаёти иҷтимоӣ асос ёфтааст, расонида метавонад.

Чунин намудҳои маҳорат барои ҳар як фанни таълимӣ хосанд (масалан, маҳорати таҳлил намудан, ҷудо намудани принсипҳои ҳар як ҳодисаи таърихӣ ва маҳорати таҳлил намудани ҳаракати демократӣ; маҳорати таҳлил кардани асари бадеӣ, драма ва маҳорати фаҳмидани шеъри лирикӣ ва ғайра), аммо аз рӯйи дараҷаи зеҳният аз ҳам фарқ мекунанд.

Яке аз унсурҳои асосии донишҳо, ки дар онҳо зеҳни илмӣ ба асос гирифта мешавад, тасаввурот дар бораи ғояҳои ҷамъиятӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ мебошад.

Дар асоси ғояҳои ахлоқӣ инкишофи ҳамаҷониба ва комили қувваҳои назариявии инсон меистад, ки ӯ дорои донишу тафаккур ва ақидаҳои нек, маънавиёт, ахлоқи пок ва ниҳоят, ҷисми солим мебошад.

Донишҳои зеҳнӣ дар бораи ғояҳои ахлоқӣ асосан зимни омӯзиши фанҳои таълимӣ ташаккул меёбанд, ки ҳар кадоми он дар омодагии хонандагон ҷиҳати аз худ кардани чунин ғояҳо саҳми худро мегузоранд.

Аз худ кардани ғояҳо, қонуну қонуниятҳои инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккур, тарзҳои таҳлили ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва ҳаёти иҷтимоӣ, тасаввурот дар бораи ғояҳо шарти асосӣ мебошад, аммо он барои такмил ва тарбияи зеҳнии хонандагон кифоя нест.

Шарти зарурии дуюми ташаккули он табдил ёфтани донишҳо ба эътиқод ва истифодаи онҳо дар амал ва дар ҳаёт мебошад. Аз худ кардани донишҳою ба эътиқод табдил ёфтани онҳо ҳамон вақт имконият дорад, ки агар донишҳои назариявӣ бо қаблан хулосаҳои азхудшуда ва далелҳо

мувофиқат кунанд. Мазмуни мавзуи дарсӣ бо ҳаёт, таҷриба, истеҳсолот ва илм пайвастагӣ дошта бошад ва аснои таҳлили маводи таълимӣ донишҳои назариявӣ бо таҷрибаи ҳаётии хонандагон алоқаманд карда шавад.

Бояд гуфт, ки дар таҳсил ҳолатҳое мешавад, ки хонандагон бо хулосаҳои баровардаи омӯзгор мувофиқ набуда, норизоӣ изҳор менамоянд, чунки ин хулосаҳо ба мушоҳидаҳои ҳаётии онҳо мухолифат мекунанд. Ин ба он алоқаманд аст, ки мушоҳидаҳои ҳаётии хонандагон дар шакли шуури одию муқаррарӣ инъикос меёбанд. Моҳияти ҳодисаҳо дар ин ҳолат норавшан боқӣ мемонад. Дар чунин ҳолатҳо бояд тасаввуроти дар хонандагон ташаккулёфта шикаста шавад ва муносибати далелҳои ҳаётӣ ва илмӣ муайян ва онҳо илман асоснок маънидод гарданд.

Проблемаи истифодаи таҷрибаи ҳаётии хонандагон дар таълим баъзан дар доираи басо маҳдуд фаҳмида мешавад. Он ҳангоми ба сифати намуна мисол овардан аз фаъолияти меҳнатӣ ва ё истеҳсолии одамон мазмуни илмӣ касб мекунад. Ин бештар дар таълими синфҳои болоӣ ба мушоҳида мерасад. Чунин шакли кор танҳо яке аз роҳҳои имконпазири истифодаи таҷрибаи ҳаётӣ мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқотҳои зиёд муайян шудааст, ки таҷрибаи ҳаётӣ аксаран аз ҷониби шахс яктарафа ё нодуруст маънидод карда мешавад ва метавонад барои азхудкунии донишҳои илмӣ монеа низ эҷод намояд. Баъзан хонандагон зимни таҳлили мазмуни ин ё он маводи таълимӣ мувофиқи фаҳмиш ва таҷрибаи ҳаётӣ дурустӣ ва нодурустии онро наандешида, фикрашонро баён мекунанд. Яъне, онҳо ба ҳар як корнамоӣ, рафтору муносибатҳои қаҳрамону персонажҳои асари бадеӣ, драмавӣ, инчунин ба ҳодисаю воқеаҳо, равандҳои таърихӣ ва ғайра аз диду назари хеш баҳо медиҳанд. Чунин тарзи баҳодиҳӣ то ҷое дурусту воқеӣ бошад, хуб аст, вагарна омӯзгорро зарур меояд, ки ба назару андешаи шогирдон тағйироти асоснок ворид намуда, якҷоя масъалаи мазкурро ҳал намоянд. Ин гуна корбарӣ аҳаммияти зеҳнӣ дошта, маҳз барои ташаккули донишу ҷаҳонбинии илмии хонандагон муҳим аст.

Таҳқиқотҳои махсус нишон доданд, ки бар хилофи баҳоҳои воқеии илмӣ дар бисёри хонандагон оид ба аҳаммияти ҳодисаҳои ҷамъиятӣ тасаввуроти нодурусти баҳодиҳӣ пайдо мегардад ва ҳангоми баҳодиҳӣ муносибати ғайриилмӣ карда мешавад. Яъне, нисбат ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, тағийрёбии форматсияҳои ҷамъиятӣ ва умуман, равандҳои таърихӣ тасаввуроту муносибатҳои ғайриилмӣ доштанашонро нишон медиҳанд, ки ин бар зарари худи онҳост. Кӯшиш бояд кард, ки дар шуури хонанда ва умуман, насли наврас ва ҷавон донишҳои ғайриилмӣ ворид нашаванд. Зеро ҳама гуна фаҳмишу ақидаҳои беасос оқибати нохуш дошта, дар таълим ва фаъолияти минбаъда ба нокомиҳо бурда мерасонанд.

Омӯзгори фаннӣ бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, шогирдонаш ҳангоми таҳлилу баҳодиҳӣ ба объект ва маводи омӯхташавандаю хулосабарорӣ аз он ва ҳалли вазифаҳою масъалаҳо аз донишҳои илмӣ истифода баранд. Аммо ин кор одию сода набуда, танҳо дар натиҷаи дурусту амиқ аз худ намудани мафҳумҳо ва қонуниятҳои илмӣ сурат мегирад. Дар он ҳолат нисбат ба фанни таълимӣ, маводи таълимӣ ва ниҳоят, ба муаллим муносибат ва эътиқод дигархелтар мегардад.

Инро ҳам фаромӯш набояд кард, ки донишҳое, ки зимни омӯзиши фанҳои забону адабиёт, таърих, ҳуқуқи инсон ва дигар фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ба даст оварда мешаванд, барои як қисм хонандагон ҳамчун воситае шуда наметавонанд, ки рафтору муносибати шахсии онҳоро ба низом дароранд. Барои таъсир расонидани донишҳои илмӣ ба ин қабил шогирдон заҳмати бисёр кашидан даркор, аз ҷумла дар рафти дарс ҷорӣ намудани талаботи ягонаи педагогӣ нисбат ба донишу илмҷӯии онҳо ва ба эътиқод табдил ёфтани донишҳо яке аз роҳҳои наҷот аз ин мушкилот аст.

Талаботи ягонаи педагогӣ шартҳои зерин: иштирок ба дарси ҳамдигар ва таҳлили илмии он, гузаронидани консилиуми педагогӣ дар хусуси муносибати хонанда ба фан, ба таълим; муайян намудани дараҷаи азхудкунии дониш, маҳорату малака, қобилияту тафаккури эҷодӣ,

салоҳиятнокии дилхоҳ талаба ва ҳалли дигар масъалаҳоро ба миён мегузорад.

Гуфтан бамаврид аст, ки ақидаҳои илмӣ доштани инсон ҳамчун сифатҳои шахсият ба ҳисоб рафта, муносибати ӯро ба омӯзиш ва азхудкунии системаи донишҳо муайян ва роҳи ояндаашро нишон медиҳад.

Дар ин ҳолат чунин савол ба миён меояд: бо кадом шартҳо азхудкунии системаи донишҳои илмӣ ва маҳоратҳо барои ташаккули муносибатҳои шахсии хонандагон нисбат ба ҳодисаҳои ҳаётӣ таъсир расонида метавонад?

Ба андешаи мо, дар ҳар сурат, метавон барои ин ду шарти заруриро ҷудо кард. Якум, омӯзишу азхудкунии донишҳо, махсусан донишҳои илмӣ, дар хотир нигоҳ доштани онҳо ва ҳосил намудани маҳорату малакаҳо; дуюм, дар амалияи таълим, ҳаёти иҷтимоӣ ва фаъолияти минбаъдаи меҳнатӣ мустақилона истифода бурда тавонистани донишҳои фарогирифта ва таҳлили воқеии ҳодисаҳои ҳаётӣ, ҷамъиятӣ.

Захираи донишҳо ва ба даст овардани маҳорату малакаҳо аҳамиятнок буда, дар ҳалли проблемаҳои маърифатӣ коромад мегарданд. Масалан, талабагон бояд моҳияти амалҳои мутақобилаи омилҳои объективӣ ва субъективии равандҳои таърихиро фаҳманд, робитаи тарафайни онҳоро ошкор намоянд ва хулосаи зарурӣ бароварда тавонанд. Аммо ин хулоса ҳамон вақт унсури зеҳни хонандагон мешавад, ки агар онҳо бо ташаббуси худашон мустақилона барои таҳлили ҳодисаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодие, ки дар онҳо шавқу рағбатро ба вуҷуд меорад, истифода бурда тавонанд.

Бинобар ин, дар раванди таълим ба омӯзиш, моҳият ва азхудкунии мафҳуму қонуниятҳои илмӣ муносибати ҷиддӣ намуда, дар хонандагон маҳорати ба ҳодисаҳо илман баҳо додан, маҳорати мустақилона таҳлили воқеӣ кардан ва боҷуръату ташаббускорона амал намуданро бояд ташаккул дод.

Имкониятҳои объективии тадриси фанҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ ба мақсади ташаккули зеҳни илмии хонандагон метавонанд ҳангоми талаботҳои

муайяни педагогӣ иҷро шаванд. Яке аз онҳо муносибати фаъоли маърифатии хонандагон дар раванди таълим мебошад. Аз худ кардани назарияҳо танҳо дар асоси шуурона ва мустақилона фаро гирифтани донишҳо имкон дорад.

Мавқеи хонандагон дар раванди таълим, муносибаташон ба фанҳои омӯхташаванда бештар дар асоси мақсадҳои фаъолияти таълимии онҳо муайян карда мешавад. Мақсадҳои омӯзиш зери таъсири як қатор омилҳо ташаккул меёбанд. Вобаста ба хусусиятҳои мақсадҳои омӯзиш дар хонандагон ин ё дигар майлу ҳавас ба идроки маводи таълимӣ пайдо мешавад: муносибати ҷиддӣ барои азхудкунии донишҳо, кӯшиши қонеъ шудан ҷиҳати дар хотир нигоҳдории хулосаҳои тайёр ё ки кӯшиши мустақилона ва амиқ фаҳмидани маводи таълимӣ.

Яке аз муҳимтарин омилҳое, ки муваффақиятнокии ташаккули зеҳни илмии хонандагонро муайян мекунанд, шахсияти омӯзгор, эътиқоди ғоявии ӯ, фазилату пурдонӣ, санъату истеъдоди педагогӣ, маҳорати тарбияи майлу рағбат ва муносибати хонандагон ба фанни худ ва билохира, ба худ ҷалб намудани шогирдон маҳсуб мешавад.

Ниҳоят, баробари ташаккулёбии зеҳни хонандагон бояд нақши амалия чун манбаи маърифат ва меъёри ҳақиқати донишҳо махсус ба эътибор гирифта шавад. Новобаста аз фаҳмо будани чунин нуқтаи назар, онҳо на ҳамеша метавонанд қонунҳои омӯхтаро дар таҳлили ҳодисаҳои ҳаётӣ ва ҳалли вазифаю супоришҳои амалӣ истифода баранд. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини омӯзгор ташаккули як қатор маҳоратҳо дар доираи донишҳои зеҳнӣ мебошад, ки зеринҳоянд:

- маҳорати таҳлил, синтез, муқоиса, монандкунӣ, ҷамъбаст, хулосабарорӣ ва мураттабсозии донишҳо;
- маҳорати истифода бурдани донишҳои ҳосилшуда дар амалияи таълим, фаъолияти минбаъда, таҷрибаи ҳаётӣ ва дигар ҳолатҳо;
- маҳорати истифодаи донишҳои як фанни таълимӣ дар фанни дигар ва баръакс;

- маҳорати мустақилона бартараф намудани душвориҳои дар таълим пешомада;

- маҳорати ошкор намудани ғояҳои асосӣ дар осори адабӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ;

- маҳорати ҷудо намудани аломатҳои асосӣ аз дуюмдараҷа;

- маҳорати шарҳи ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ, ҷамъиятӣ ва баҳо додан ба онҳо;

- маҳорати шарҳу тафсири мафҳумҳо ва қонуну қонуниятҳои илмӣ;

- маҳорати идроки мазмуни таъриф ва қоидаҳои грамматикӣ (фонетика, лексика, морфология, синтаксис);

- маҳорати сарфаҳмравии хусусиятҳои хоси забонӣ (граматикӣ) бе ғалат ва дуруст навиштани вожаю ибораҳо ва ҷумлаҳои мураккаб;

- маҳорати мустақилона навиштани корҳои хаттӣ (эссе, иншо, реферат) ва мақолаю очеркҳо;

- маҳорати ҳимояи ақидаҳои илмӣ, бо арқому далелҳо асоснок намудан ва барои исботи онҳо далел овардан;

- маҳорати ҳимояи ақидаҳои шахсӣ ва асоснок кардани онҳо бо ҳар тарз;

- маҳорати донистану фаҳмидани ақидаҳои нодуруст ва онҳоро рад намудан;

- маҳорати худомӯзӣ, худтарбиякунӣ, худинкишофдиҳӣ, худидоракунӣ ва худтаҳлилнамоӣ кардан.

Дар ниҳояти андеша, гуфтан бамаврид аст, ки имрӯз таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқон ва омӯзгорони пешқадам ба нақши рефлексия – худтаҳлилкунии фаъолият, ки аҳаммият ва таъсири он дар рушди соҳаи таълиму тарбия бузург аст, бештар мегардад. Аз ин рӯ, масъалаи ташаккули маҳорати рефлексивии хонандагон набояд аз мади назар дур монад. Ин маҳоратест, ки василаи он хонанда амалҳои анҷомдодаашро дар лаҳзаҳои дарс, ҳамчун бардоштҳо аз он – комёбию нокомӣ ва шавқовар будани мавод ва дарсро

худаш таҳлил намуда, хулоса мебарорад, барои пешрафт ва расидан ба мақсад талош меварзад.

Мусаллам аст, ки ташаккули маҳоратҳои болозикр, пеш аз ҳама, ба омӯзишу гирифтани донишҳои фарох ва амиқ вобаста буда, заҳмати зиёди омӯзгору хонандаро талаб мекунад. Барои ин раванди таълимро дуруст ба роҳ монда, дарсҳоро моҳирона ташкил ва шогирдонро ба омӯзиш чунон сафарбар намудан лозим, ки донишҳои андухтаашон ба эътиқоди устувор мубаддал гарданд.

Воситаи комёбшавӣ ба он вазифаю супоришҳои таълимӣ-маърифатӣ, аз ҷумла омӯзиши амиқи мафҳумҳою қонунҳои илмӣ, назарияҳо, шарҳу эзоҳи рӯйдоду ҳодисаҳои таърихию ҷамъиятӣ, хусусият, сабабу натиҷаҳо, таҳлил ва воқеъбинона баҳо додан ба онҳо мебошад, ки ин ҳама ба дараҷаи ташаккул ва инкишофи зеҳният иртибот дорад.

Ба ҷуз ин дар асоси таҳқиқотҳои педагогию психологӣ ва таҳлили таҷрибаи амалии муаллимони пешқадам метавон принсипҳои зеринро барои ошкор намудани масъалаҳои зеҳнӣ тавсия дод:

1. Асос барои қабули хулосаҳои зеҳнӣ-ҷамъбастии хонандагон таҳлили амиқи назариявии масъалаҳои умдаи инкишофи ҷамъиятӣ мебошад, ки ба арқому далелҳои зимни омӯзиши фанҳои таълимӣ азхудшуда истинод мекунад;

2. Фикру мулоҳизаҳои зеҳнӣ, ки барои эътиқод пайдо кардани хонандагон овардани далелҳои муфассали эътимоднокро талаб мекунанд;

3. Хулосаҳои зеҳнию ҷамъбастӣ дар он ҳолат эътимоднокии махсус пайдо мекунанд, ки агар ҳангоми асосноксозии онҳо омӯзгор вазъиятҳои гуногунро аз рӯйи масъалаҳои муҳокимашаванда дар асоси донишҳои васеи бадастомада таҳлил намояд;

4. Ғояҳои асосии инкишофи ҷамъият дар маводи фанҳои гуногун баррасӣ карда шавад. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи ин ё он ғоя онро амиқтар аз худ кунанд. Бо вуҷуди ин, бояд дар

назар гирифт, ки баъзе фикру мулоҳизаҳо метавонанд дар доираи як ё ду фанни таълимӣ тавзеҳ дода шаванд;

5. Аз ҳама эътимоднок барои хонандагон хулосаҳое мебошанд, ки онҳоро худашон мустақилона мебароранд. Аз ин хотир, ҳангоми тавзеҳи хулосаҳои зеҳнию ҷамъбастӣ омӯзгор бояд аз метод ва тарзу воситаҳое истифода барад, ки ҳавасмандиро нисбат ба мустақилияти донишомӯзии хонандагон ба вуҷуд орад.

Умуман, таҳлили масъалаҳои назариявии инкишофи ҷомеа ва баровардани хулосаҳои зеҳнӣ-ҷамъбастӣ тавассути далелҳои мушаххаси эътимоднок даст медиҳад, ки фикру мулоҳизаҳои боэътимод баён карда шавад ва ҳамин тавр дар шогирдон рағбату ҳавасмандии мустақилии маърифатиро афзоёндан мумкин аст.

## 4.2. Ҷойгоҳи системаи дарсҳо дар татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон

Мусаллам аст, ки дар асоси мавзуъҳо ва барномаи таълимӣ бо назардошти талаботи илмҳои педагогика, психология ва принсипҳои дидактика китобҳои дарсӣ таҳия мешаванд, ки дар умум як системаи томи донишҳоро ташкил медиҳанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар рафти таҳқиқот моро зарур омад, ки ҷойгоҳ ва нақши тартиб (система)-и дарсҳоро дар татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон муайян созем. Масъалаи муайян намудани мавқеи дарсҳои системавии ҳар як фанни тадрисшаванда, маҳз силсилаи фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар раванди таълим бисёр муҳим мебошад.

Барои ин саравval таҳия ва тавзеҳоти барномаи таълимӣ, пайдарпайии мавзуъҳо, миқдори соатҳои академӣ, таълифи китоби дарсӣ ва мувофиқати мавзуъҳо бо барнома, фарогирии мавзуъҳо дар боб, фасл ва мавзуъҳои калон, ҳаҷм, мураттабӣ, мазмуну аҳамиятнокии мавзуъ, матн, машқҳо, саволу супоришҳо, маводи иловагии ба мавзуъ рабтдошта ва дигар хусусиятҳои хоси

фанро аз назар гузаронидем, ки ин ҳама ба муайян сохтани системаи дарсҳо созгор аст.

Ба андешаи Х. Буйдоқов, системаи дарсҳо ва дар он ташкил ва баргузории ин ё он намуди дарсҳо бисёр муҳим аст: «Дар системаи дарсҳо дарсҳои муқаддимавӣ ва такрорӣ аҳаммияти муҳим доранд. Омӯзгор дар дарсҳои муқаддимавӣ хонандагонро ба самтгирии проблемаҳои муҳим роҳнамун мекунад, ки онҳо бояд фанни омӯхташавандаро аз нав дида бароянд ва байни маводи наву пешина омӯхтаашон иртибот барқарор кунанд. Гузаронидани дарсҳои такрорию ҷамъбастӣ, ки дар фароварди бобҳо ва ё ҷамъбасти фан анҷом меёбанд, аз шароити босамараи омодагӣ ба дарсҳои навбатианд» [59, с.84]. Мо низ ба ин ақида мувофиқем ва ташкили дигар шаклу намудҳои таълимро дар системаи дарсҳо низ тавсия медиҳем, ки барои оқилонаю ҳадафрас доиршавии онҳо омодагии ҳамаҷонибаи омӯзгор талаб карда мешавад.

Азбаски барои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон бештар дарсҳои махсус ҷудо мегарданд, бояд ба таври озмоишӣ санҷида шавад, ки мавқеъ, миқдор ва пайдарпайии онҳо дар омӯзиши фанни таълимӣ чӣ тавр муайян карда мешавад.

Ба сифати мисол аз фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар синфи 10 мавзуи «Ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» интихоб карда шуд. Мавзуи мазкурро интихоб кардани мо барои санҷиши озмоишии системаи дарсҳо тасодуфӣ набуд. Зеро он дар нимсолаи якуми соли хониш омӯзонида мешавад ва масъалаҳои тазодҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, вазъи иқтисодӣ ва тамаддуни халқи тоҷик ва, умуман, хусусиятҳои хоси давраи таърихии солҳои 1918 то 1945-ро фаро мегирад. Мақсад аз ин, тавре дар сарсухани китоб ишора шудааст, хонандаро ба раванди таъсиси давлати миллии тоҷикон – Тоҷикистон ва ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва мадании давлати тозабунёд дар ҳайати шуроҳо ошно сохтан аст.

Ин аз мавзуи III то мавзуи охирон XIII идома ёфта, аз маводи таълимии равандҳои тақсимоти миллӣ-маъмурии Осиёи Марказӣ, сабабҳои дар Осиёи

Марказӣ гузаронидани тақсимоти ҳудудию миллӣ, раванди таъсис ва ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, таъсиси органҳои идораи шуравӣ, азнавсозии хоҷагии халқ, саноат ва ҳунармандӣ дар ҶМШС Тоҷикистон, муборизаи синфӣ дар давраи мухторият, ҳаёти маданӣ, ташкили Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, гузаштан аз мухторият ба соҳибихтиёрӣ то сабабҳои асосии сар задани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҶШС Тоҷикистон дар давраи ҶБВ-ро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, мавзуъҳо системаноку пайдарпай омада, то охири соли таҳсил барои омӯзиш пешбинӣ шудаанд.

Чунон ки ишора кардем, омӯзиши зарурат ва сабабҳои гузаронидани тақсимоти ҳудудию миллии солҳои 1917-1924, ташаббускори тақсимот, ҷоиз донистани кадом воҳидҳои мухторӣ (вилоят, ҷумҳурӣ) ба Тоҷикистон, Эъломияи ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, авзои сиёсии ҶМШС Тоҷикистон ва дигар ҳодисаю рӯйдодҳоро, ки фарогирандаи давраҳои таърихии вобаста ба Тоҷикистони ҳамонвақта мебошанд, талаб менамояд.

Маводи таълимии давраҳои таърихии марбут ба Тоҷикистон барои ҷамъбасти арқому далелҳои мушаххаси таърихӣ ва ҳодисаҳо имкониятҳои васеъ медиҳад. Амиқ аз худ намудани ин фан бидуни системаи дарси ҷамъбастии хуб андешидашуда имконият надорад. Зеро паҳлуҳои асосии фанни «Таърихи халқи тоҷик» бо омӯзиши назарияи форматсияҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешаванд. Он барои фаҳмидани тамоми умқи ихтилофҳо, мушкилию проблемаҳо то охирин марҳалаи гузариш, алалхусус, то расидан ба истиқлоли давлатию эълон гардидани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва афзудани мақом ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони имрӯза, ки омӯзиши ин мавзуъҳо дар синфи 11 пешбинӣ шудаанд, роҳ кушода, хонандагонро бо донишҳои қонунҳои инкишофи ҷамъиятӣ мусаллаҳ месозад.

Вале, мутаассифона, аз ҷониби омӯзгорон мувофиқ ба талаботи барномаи фанни таълимӣ ва дастурҳои методии нашршуда системанокии мавзуъю дарсҳо сурат намегирад.

Ҳамин тариқ, ҷойгоҳи системаи дарсҳо бо мазмун ва сохти фанни таълимӣ, мақсадҳо, вазифаҳои таълим ва тарбия, ки дар назди фанни мазкур гузошта шудаанд, ҳамзамон дар тавзеҳоти барномаи фан ва сарсухани китоби дарсӣ омадааст, муайян карда мешавад.

Месазад қайд кард, ки системаи дарсҳо бештар ба хусусияти фан, алалхусус, мазмуни он вобаста мебошад. Чунин системаи дарсҳо, пеш аз ҳама, дар мазмуни маводи барнома муқаррар карда мешавад. Барои мисол, барномаи фанни «Таърихи умумӣ»-и синфи 11 аз панҷ боб иборат аст. Мо ба боби IV «Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» таваҷҷуҳ намудем, ки се мавзуъро дар бар мегирад.

**Ҷадвали 16**

**Системаи дарсҳо аз фанни "Таърихи умумӣ" дар синфи 11 аз рӯйи мавзуи «Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил»**

| Дарс аз рӯйи мавзуъ | Дарс аз рӯйи боб | Дарс аз рӯйи ҳалли вазифаҳо | Дарс аз рӯйи проблемаи меҳварӣ (асосӣ) |
|---|---|---|---|
| 1.Сиёсати «бозсозӣ» дар ИҶШС ва оқибатҳои он | Истифодаи мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ барои шарҳу тафсири бозсозӣ дар ИҶШС ва натиҷаҳои он | Истифодаи амалии мафҳумҳои умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмии сиёсати бозсозӣ | |
| 2.Барҳам хӯрдани ИҶШС ва ташкил ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил | | Истифодаи амалии мафҳумҳои умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмии алоқаманд ба барҳамхӯрии ИҶШС ва ташкил ёфтани ИДМ | |
| 3.Федератсияи Россия: талош баҳри мавқеи сазовор дар ҷаҳон | | | Хусусиятҳои хоси марҳилаҳои асосии бозсозӣ |

Тавре ки зикр кардем, боби мазкур аз се мавзуъ: «Сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС ва оқибатҳои он», «Барҳам хӯрдани ИҶШС ва ташкил ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», «Федератсияи Россия: талош баҳри мавқеи сазовор дар ҷаҳон» таркиб ёфтааст. Омӯзиши мавзуи якумро бояд бо дарси ҷамъбастӣ анҷом дод, зеро хонандагон бояд онро мустаҳкам аз худ карда, оид ба нуктаҳои зерин донишҳо ва маҳорату малакаҳо ба даст оранд; мафҳумҳои иттиҳод, бозсозӣ, буҳрони иқтисодӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, иқтисоди бозорӣ, хусусигардонии моликият, сиёсати тоталитарӣ, усули бисёрҳизбӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро, ки сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС ва оқибатҳои онро муайян мекунанд, ба низом дароранд ва маҳорати тартиб додани равандҳои омӯхташавандаро ташаккул диҳанд.

Мавзуъҳои дуюму сеюм «Барҳам хӯрдани ИҶШС ва ташкил ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» ва «Федератсияи Россия: талош баҳри мавқеи сазовор дар ҷаҳон» мавзуи ҷамъбастӣ ва хотимавии тамоми боб мебошанд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо, дар анҷоми чоряк ё нимсолаи соли хониш доир намудани дарси ҷамъбастӣ мувофиқ меояд. Мақсади ин дарс нишон додани истифодаи мафҳумҳо ва қонунҳои умумии дар боби мазкур омӯхташуда барои шарҳу эзоҳи бозсозӣ дар ИҶШС ва натиҷаҳои он мебошад.

Боби умумии «Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» мафҳуми сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС мебошад, ки бо ёрии он таҳлили таърихии ҳамаи ҳодисаҳою равандҳо дода мешавад. Аз ин рӯ, мавзуи дарси ҷамъбастӣ низ аз рӯйи ҳамин боб «Истифодаи мафҳумҳо ва қонунҳои илмӣ барои шарҳу тафсири бозсозӣ дар ИҶШС ва натиҷаҳои он» мебошад.

Барои дарси ҷамъбастӣ аз рӯйи тамоми боб бояд махсус «дарс-семинар» ё «дарсҳои ҷамъбастӣ ва мураттабсозии донишҳо» оид ба маҳорати истифодаи амалии мафҳумҳои умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмии сиёсати бозсозӣ ба мақсади ҳалли вазифаҳо пешбинӣ ва ташкил карда шавад.

Зарурати ташкил ва баргузории ин дарсҳо барои он аст, ки маҳорати ҳалли вазифаҳои омехта, истифодаи якчанд мафҳумҳою қонунҳо ва донистани як қатор принсипу қоидаҳо ва равандҳоро талаб мекунад.

Барои ҳалли ин вазифаҳо хонанда бояд қонунҳои ҷамъиятӣ, равандҳои таърихӣ, дигаргуниҳои сохти ҷамъиятиро донад ва маҳорати муқаррар намудани алоқаҳоро байни бобҳои гуногуни фанни таърих, маҳорати интихоби қонуниятҳо ва қоидаҳои зарурериро дошта бошад ва онҳоро тасаввур намуда, ҳалли дурустро ёфта тавонад.

Дар анҷоми соли хониш, ҳамаи маводи омӯхташударо ҷамъбаст намуда, бояд аз рӯйи проблемаи меҳварӣ «Хусусиятҳои хоси марҳилаҳои асосии бозсозӣ» дарс гузаронида шавад. Мақсади ин дарс аз он иборат аст, ки хонандагон донишҳои ҳосилкардаашонро истифода бурда, ба саволи «Самтҳои асосии ба амал баровардани сиёсати бозсозӣ аз чӣ иборат буд ва чаро бозсозӣ нокомӣ ба бор овард?» ҷавоб дода тавонанд.

Ба ин васила гирифтани маълумоти мукаммал дар бораи мазмуни асосии сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС ва оқибатҳои он, азбайнравии ИҶШС ва ташкили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ҳамчунин, кӯшиши Федератсияи Россия барои дар ҷаҳон мақому мавқеи сазоворро соҳиб шудан (Россия дар ИҶШС калонтарин ҷумҳурӣ ва аз ҳама пуриқтидор маҳсуб меёфт, 21 апрели соли 1992 ҳамчун ҷумҳурии соҳибистиқлол номи нави он расман Федератсияи Россия эълон карда шуд) на танҳо донишҳоро аз фанни таърих васеъ мегардонад, балки имконият фароҳам меорад, ки бобҳои минбаъдаи фанни таърихи умумӣ боз ҳам амиқтар ва муфассалтар омӯхта шаванд ва ҳамзамон, асосҳои зеҳнии хонандагон ташаккул ёбанд.

Ҳамзамон, ташкил ва доир намудани чунин дарсҳо тавассути методҳои интерактивии таълим, аз ҷумла кейс-метод, ки ҷиҳатҳои мусбат ва манфии мазмуни маводи таълимӣ, алалхусус ҳар як рӯйдоду воқеаҳо ва дигаргуниҳои таърихӣ ошкор карда мешаванд, мувофиқи мақсад аст. Дар ҷамъбасти мавзуъҳои фарогири боби мазкур метавон хонандагонро ба ду ё се гурӯҳ (ташкили гурӯҳи сеюм барои ҷамъбаст ва холисона баҳо додан ба ҷавобҳо

лозим меояд) ҷудо намуда, бо истифодаи кейс-метод тарафҳои мусбату манфии сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС, пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гаштани 15 ҷумҳурии иттифоқӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкил ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ғайраро мавриди баҳс ва таҳлил қарор дод.

Намунаи дигареро низ аз «Ҳуқуқҳои гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ», ки дар боби 10-и китоби дарсии Ҳуқуқи инсон барои синфҳои 11 дода шудааст, овардан мумкин аст, ки чанд мавзуъ ва зермавзуъро дар бар мегирад. Чунончи, «Гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ҳамчун гурӯҳҳои иҷтимоии ба ҳимоя эҳтиёҷманд», «Конвенсияи СММ оид ба мақоми гурезаҳо ва масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқи онҳо», «Масъалаҳои риояи ҳуқуқи муҳоҷирони иҷборӣ» ва ғайра, ки аз инҳо маълумоти зиёдеро гирифтан мумкин аст, ба ҳамон мавзуи калон иртибот доранд. Масъалаи гурезаҳо, муҳоҷират, ҳуқуқҳои онҳо ва умуман, муносибати давлатҳо ва ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ нисбат ба ҳуқуқ ва дастгирии онҳо, ки солҳои охир ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, доғи рӯз ва проблемаи муҳим маҳсуб меёбад.

Дар дарс мавзуи мазкурро мавриди баррасӣ, таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода, бо овардани мисолҳои мушаххас аз ҳаёти пешина ва кунунии кишварҳои ҷангзада, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, омилҳои сарзанӣ ва таъсири он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, гурезаҳои ҳамондавра, муҳоҷирони иҷборӣ, муҳоҷирони дохилӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамчунин, муҳоҷирони экологӣ мавзуъро метавон ҷамъбаст кард.

Ҳамаи ин таъкиду тавсияҳо аз муаллим, ба ҷуз педагоги асилу воқеӣ будан, ҳамчунин, тайёрии ҳамаҷонибаи ӯро ба дарс тақозо мекунад.

Чи тавре таҳқиқот нишон дод, омодагии муаллим ба дарс бобати муайян намудани пешомади умумии фан ва вазифаҳои маърифатӣ-таълимии он аҳаммияти муҳим дорад. Ӯро зарур аст, ки системаи дарсҳоро вобаста ба мавзуъ, боб, қисм ё параграф, аз рӯйи ҳалли вазифаҳо ва аз ҳама муҳим, аз рӯйи проблемаи меҳварӣ дар онҳо муайян ва ташкил намуда, пешакӣ дарсҳои мазкурро ба нақша гирад, талаботи принсипҳои дидактикиро риоя карда, бо

истифода аз методҳои фаъол ва интерактивии таълим дарсро пурмазмуну хушсифат ва моҳирона гузаронад.

Вобаста ба мақсаду вазифаҳои дарс, омӯзгор, пеш аз ҳама, масъалаҳои асосӣ ва марказии мавзуъ ё бобро ҷудо намуда, пешбинӣ мекунад, ки муносибати нав ба масъалаҳо аз чӣ бояд иборат бошад, ҳамчунин шогирдонро барои ҷустани роҳҳои нави таҳлили мавод ва баровардани хулосаҳои амалии зеҳнӣ омода месозад. Ҳамин тариқ:

1. Мазмуни дарс мувофиқи стандарти фаннӣ ва барномаҳои таълимӣ ба нақша гирифта мешавад. Мақсад ва вазифаҳои дарс бо назардошти мазмуни маводи таълимӣ, ки ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ аз рӯйи ҳар як фанни таълимӣ дар алоҳидагӣ мусоидат мекунад, муайян карда мешаванд.

2. Мақсадҳои асосии дидактикии дарсҳоро пайдарпайии системаи дарсҳо аз рӯйи мавзуъҳои алоҳида, бобҳо, проблемаҳои меҳварии фан муайян мекунад ва кори омӯзгорро бобати бо дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ мусаллаҳ намудани хонандагон ба роҳ мемонад.

3. Дуруст гузоштани мақсадҳои дидактикии дарсҳо барои коркард ва такмили мазмуни онҳо аҳаммияти муҳимтар дорад. Мақсади дарс аз омӯзгор тақозо менамояд, ки дарс бояд аз кадом нуқтаи назар ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ – дониш, маҳорату малакаҳо ва қобилиятҳои эҷодӣ ташкил карда шавад.

4. Мавқеи баъзе намудҳои дарсҳо дар системаи умумии онҳо бо худи мазмун ва вазифаҳои ин дарсҳо муайян карда мешавад. Барои мисол, дарсҳои муқаддимавӣ ва ислоҳкунанда метавонанд танҳо системаи дарсҳои баёни донишҳоро пешакӣ маълум кунанд. Дарсҳои хусусияти ҷамъбастидошта қобилияти хонандагонро инкишоф медиҳанд. Дарсҳои ҷамъбастӣ, ба монанди дарсҳои санҷишу арзёбии дониш, маҳорат ва малакаҳо мебошанд, ки баъди онҳо корҳои хаттии санҷишӣ гузаронида мешаванд.

5. Байни дарсҳо, дигар дарсҳо низ (дарсҳои шиносоии аввал бо мавод, азхудкунии донишҳои нав, истифодаи донишҳои ҳосилшуда дар амал,

мустаҳкамкунии донишҳо, ҷамъбаст ва мураттабсозии донишҳо аз рӯйи мавзуъҳои алоҳидаи барнома ва ғайра) ҷойгир карда мешаванд.

6. Сарфи назар аз он ки мавод ва хонандагон чӣ гунаанд, дониши онҳо дар кадом сатҳ қарор дорад ва ба дарс омодаанд ё не, мазмуни системаи дарсҳо бояд ба азхудкунии мафҳуму қонуниятҳои илмӣ нигаронида шавад, ки баъдан бар асоси онҳо донишҳои зеҳнии ҳақиқӣ ташаккул ёбанд. Ҳамчунин қоидаҳо, назарияҳо, ғояҳо ва ҷамъбастҳои амалӣ низ метавонанд чун донишҳои бадастомада дар амал хидмат кунанд.

Кадом хусусиятҳои дарсро бояд омӯзгор барои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон дар раванди таълим ба ҳисоб гирад?

Вазифаи муҳимтарини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар хонандагон инкишоф додани зеҳни илмӣ, сифатҳои баланди маънавию ахлоқӣ, меҳнатдӯстӣ ва ҷаҳонбинии васеи фарҳангӣ мебошад. Ин вазифаи мураккаб тавассути фаъолияти самараноки педагогӣ, аз ҷумла ташкили оқилонаи раванди таълим иҷро карда мешавад. Албатта, дар ин самт омӯзгор ва сатҳи омодагии ӯ ба ташкили дарсҳо нақши бузург мебозад.

Шакли асосии ташкили таълим дарс аст. Вобаста ба мақсади мавзуъ дарс ташкил ва ба роҳ монда шуда, ҳар як унсури дарс ва амалҳое, ки дар рафти он мақсаднок иҷро карда мешаванд, хусусиятҳои хоси худро доранд. Умуман, мақсади ниҳоии таълим, асосан, азхудкунии дониш, маҳорату малакаҳо ва ташаккули шахсият мебошад. Вале, мутаассифона, дар аксари дарсҳо ташкили нодурусти фаъолияти маърифатӣ мушоҳида карда мешавад.

Ба андешаи мо, сабаби нуқсонҳои дар дарсҳо рухдода зеринҳоянд. Якум, дониши сусти омӯзгор оид ба хусусиятҳои равандҳои маърифатӣ ва роҳҳои инкишофи онҳо. Дуюм, дар мадди назар қарор надоштани рушди хусусиятҳои психологӣ-инфиродии хонандагон. Сеюм, имкониятҳои воқеии таълимии шогирдон ва минтақаи инкишофи наздиктаринро муайян карда натавонистани омӯзгор. Ниҳоят, имкониятҳои инкишофдиҳандаи дарс, мазмуни он ва методҳои муносиби таълимро истифода бурда натавонистани

омӯзгор. Ин аст, ки дар дарсҳо омӯзгорон аксаран методҳои якрангаи таълимро истифода мекунанд.

Дар бисёри дарсҳо мо мушоҳида кардем, ки омӯзгор шогирдонро барои фаъолият намудан водор ва шавқманд намекард, баръакс, эрод гирифта, огаҳӣ медод ва барои иҷрои амале онҳоро маҷбур месохт. Хонандагон фаъол набуданд, хоҳиши бо диққат гӯш кардан, савол додан ва ё кӯшиши ба саволҳо ҷавобгардониро надоштанд. Сабаби фаъол набудани онҳо дар он аст, ки омӯзгор хонандагонро танҳо барои хондани мавод ҷалб мекарду халос, ҳамчунин, амалҳоро якранг (кор бо китоби дарсӣ, навиштани гуфтаҳои омӯзгор ва ҳамин гуна такрорҳо) анҷом медиҳад, барои инкишофи фаъолнокии эҷодии шогирдон намекӯшад. Фаҳмида шуд, ки на ҳамаи омӯзгорон роҳҳои фаъолкунонии фаъолияти маърифатии хонандагонро медонанд ва ин аз донишҳои сусти дидактикию методии онҳо далолат медиҳад.

Дарвоқеъ, фаъолии маърифатҷӯӣ ҳамчун қисми таркибии фаъолияти таълимӣ кору саҳлу осон набуда, амали якҷояи муаллиму хонандагон, заҳмат ва маҳорати баланди онҳоро талаб мекунад. Аз ин рӯ, педагогҳои намоён ҳушдор медиҳанд, ки «Бе саъю кӯшиш ва ҷидду ҷаҳди эмотсионалӣ, зеҳнӣ ва иродавӣ на фаъолсозии фаъолияти маърифатҷӯӣ, на иштироки бошуурона дар раванди таълим ва на амали мутақобилаи субъект-субъектии омӯзгору хонанда имконият дорад» [124, с.160]. Бинобар ин, зарур аст, ки дар баробари пешравиҳои соҳаи маориф ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамаи иштирокчиёни амалҳои мутақобилаи педагогӣ – на танҳо фаъолияти хонанда, балки фаъолияти педагог низ таҷдиди назар карда шавад. Зеро муносибатҳои нав донишҳои психологии асосҳои муомила ва таълим, маҳоратҳои дидактикӣ ва методии мувофикро ба усулҳои ташкили раванди таълим талаб менамояд.

Омӯзгор дар ҳар як дарс мазмуни онро ба асос гирифта, бояд вазифаи инкишофи чор соҳаи шахсиятро ба нақша гирад: зеҳнӣ, иродавӣ, эмотсионалӣ, маромнокӣ. Масалан, раванди дарс бояд хонандагонро водор созад, ки ягон мафҳумро таҳлил намоянд, муқоиса кунанд ва ҷамъбаст

созанд. Дар чунин дарсҳо омӯзгор метавонад амалҳои фикрӣ – таҳлил, таркиб, таснифот, муқоиса, ҷамъбасткунӣ, басистемадарорӣ, абстраксия ва мушаххаскуниро инкишоф ва андешаронии мантиқиро ташаккул диҳад, нутқро рушд дода, фаъолнокӣ, мустақилӣ, хушзеҳнӣ ва сифатҳои ахлоқии шахсиятро тарбия кунад.

Дар ҷараёни таълим бояд иҷрои машқҳое ба нақша гирифта шавад, ки ба рушди равандҳои маърифатӣ, маҳорати то ба охир расонидани кори оғозкарда ва бартараф намудани мушкилиҳо мусоидат намуда, суботкорӣ, қатъият, меҳнатдӯстӣ ва дигар сифатҳои иродавии шахсро дар хонандагон инкишоф диҳанд.

Ба эътибор гирифтани ҷанбаи эмотсионалии дарс дар раванди таълим шарти дигари таъминкунандаи самаранокии фаъолияти таълимӣ маҳсуб меёбад, зеро, аз як тараф, тобиши эмотсионалӣ доштани дарс онро барои шогирдон ҷаззоб гардонида, онҳоро водор месозад, ки ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ, ба монанди хурсандӣ, ифтихормандӣ, ваҷд, ҳаяҷон ва ғайраро аз сар гузаронанд, аз тарафи дигар, барои тарбияи эмотсияҳо, ташаккули маҳорати идораи эмотсияҳои худ ва зоҳирнамоии онҳо вобаста ба вазъият мусоидат менамояд.

Самаранокии раванди таълим бевосита ба он иртибот дорад, ки кадом мароми хонанда водоркунандаи асосӣ ба фаъолияти таълимӣ мебошад. Маром ҳамчун унсури якуми ҳатмии фаъолияти таълимӣ ба сохтори фаъолият дохил шуда, дар муносибат ба он метавонад дохилӣ ё берунӣ бошад, аммо доимо тавсифдиҳандаи ботинии шахс ҳамчун субъекти ин фаъолият маҳсуб меёбад. Ба ин маъно «мароми таълимӣ ин тамоюли хонандагон ба тарафҳои мухталифи таълим мебошад, ки вобаста ба қаноатмандсозии талаботҳои гуногуни маърифатӣ ва дарки мақсади таҳсил шакл мегирад» [28, с.24].

Мавриди қайд аст, ки маромнокӣ дар раванди таълим мавқеи махсус дорад, зеро азхудкунии дониш ва усулҳои фаъолият характери сирф шахсӣ доранд. Мусаллам аст, ки ба одам омӯзонидани ин ё он чиз ғайриимкон аст,

агар худи ӯ хоҳиш ва шавқу ҳавас надошта бошад. Баръакс, агар одам ба омӯзиши ягон соҳаи илм хоҳишу шавқу ҳавас дошта бошад, он гоҳ ӯ монеаҳоро бартараф намуда, барои мустақилона гирифтани маълумот саъю кӯшиш мекунад. Аз ин рӯ, рушди соҳаи маромнокии хонанда яке аз масъалаҳои муҳимми низоми муосири таҳсилот маҳсуб меёбад.

Аз ин гуфтаҳои зикршуда бармеояд, ки вазифаҳои инкишофи зеҳн вобаста аст ба:

а) мазмуни дарс;

б) хусусиятҳои хонандагони синфи мазкур ва ҳар нафари алоҳида;

в) дараҷаи имкониятҳои воқеии таълимии онҳо;

г) муносибат ба омӯзиш, сифатҳои иродавӣ ва маромҳои фаъолияти таълимӣ;

ғ) маҳоратҳо ва малакаҳои меҳнатии таълимӣ.

Омӯзгор инро дониста, метавонад методҳои гуногуни таълимро вобаста ба хусусиятҳои ҳар як синф истифода барад. Чунончи, дар як синф ба методҳои ҳавасмандкунии омӯзиш, дар дигар синф ба методҳои ташкили корҳои мустақилона ва ғайра эътибор дода, маводи таълимро баррасӣ ва онро бо шогирдон аҳлона таҳлил ва ҷамъбасту хулосабарорӣ намоянд.

Дар рафти таҳқиқот муайян карда шуд, ки яке аз тарзҳои самарабахши инкишофи зеҳн зимни омӯзиши маводи нав омӯзиши мантиқан маводи аввала аз рӯйи як нақша мебошад, ки он ба хонандагон имкониятҳои зиёдеро фароҳам меорад. Ин тарзи омӯзиш ба онҳо даст медиҳад, ки ҳодисаҳои ба ҳам монандро муқоиса намоянд, дар онҳо аломатҳои умумӣ ва фарққунандаро ҷудо кунанд, онро бо риояи қатъии пайдарпайии мантиқӣ нақл кунанд, ба ҷузъиётҳои камаҳмият ва нозарур эътибор надода, мазмуни асосиро ёфта, онро фаҳмонанд.

Имрӯз дар назди омӯзгорон вазифаҳои нав ба миён омаданд – дар хонандагон инкишоф додани мустақилият, ташаббускорӣ, фаъолнокии маърифатӣ, маҳорати рефлексивӣ (худтаҳлилкунӣ) ва ин, табиист, ки

омӯзгоронро барои ҷустани шаклҳо ва методҳои тозаи таълим водор менамояд.

Шаклҳо ва методҳои нави таълим, ки истифодаи онҳо дар машғулиятҳои синфҳои болоӣ қобили қабул ва дуруст меояд, мувофиқи мақсад аст. Барои ин омӯзгорро зарур аст, ки пайваста усулҳои гуногуну самарабахши таълимро ҷустуҷӯ намояд, савияи дониш ва ҷаҳонбиниашро васеътар ва адабиёти педагогию психологӣ, дидактикӣ ва дастурҳои методиро бештар мутолиа кунад, аз техника ва технологияҳои навини замони нав бархӯрдор бошад, бо дастрасӣ ба интернет аз он маводи заруриро гирад, бо шаклҳои инноватсионӣ ва методҳои интерактивии таълим ошно гардад.

Ин ҷо бамаврид аст ёдовар шавем, ки барои муайян сохтани салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагон истифодаи модели «Сабти рефлексивии фаъолияти таълимии хонанда» (нақши он дар боби 1, § 2 зикр ёфтааст) мувофиқ меояд. Бо ин усул омӯзгор на танҳо фаъолият ва зарфияти имконпазири таълимии шогирдонашро, балки сатҳи дониш, санъату қобилияти баррасии маводи таълимӣ ва шавқоваргардонии дарсашро низ муайян карда метавонад.

Чуноне ки гуфта шуд, ин усул ба хонанда имкон медиҳад, ки дар анҷоми дарс комёбиҳои худ, аз ҷумла дарки амиқи мавзуъ, азхудкунии дониш ва мафҳумҳои илмӣ, таҳлили ҳодисаю воқеаҳо ва баҳо додани онҳо, корнамоиҳои қаҳрамону персонажҳои асари бадеӣ, тарзҳои навиштани эссе, очерку ҳикояҳои хурд ва ғанигардии захираи луғавиашро таҳлил намояд. Бар замми ин, нокомиҳои фаъолияти таълимӣ – нафаҳмидани мавзуъ, ҷалб нашудани диққат, мушкилӣ кашидан дар ҳалли вазифаю супоришҳо ва хастагиашро дар дарс инъикос мекунад.

Умуман, рефлексияи фаъолият ҳамчун қобилияти худтаҳлилкунӣ хонандаро водор месозад, ки ҷиҳати пешрафт дар таълим донишу идрок ва маҳорату малакаашро такмил диҳад. Ҳамзамон, ба ҳар як омӯзгор муяссар мешавад, ки аз шиносоӣ бо салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон ва ҷиҳатҳои шавқовари тадриси фан хулоса бароварда, бо ҳисси масъулият баробари

рафъи эроду камбудиҳо ва афзоёндани комёбиҳо дарсашро хушсифату босамар ташкил намояд.

Бояд тазаккур дод, ки ба ин васила омӯзгорони синфҳои озмоишӣ салоҳиятҳои зеҳнии ташаккулёфтаи шогирдонро муайян сохта, ба маҳорати рефлексивии ҳар яки онҳо баҳо медоданд.

Инак, ба сифати намуна яке аз сабтҳои рефлексивии фаъолияти таълимии хатмкунандаи синфҳои озмоиширо аз дарси фанни адабиёти тоҷик меорем (расми 2).

**САБТИ РЕФЛЕКСИВИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДА**
**(дар мисоли фанни адабиёти тоҷик)**




***Расми 2. Модели арзёбии маҳорати рефлексивии салоҳиятҳои зеҳнии ташаккулёфтаи хонанда***

Ҳамин тариқ, дар хонанда дониш, маҳорат ва қобилиятҳои худтаҳлилкунӣ, худомӯзию худтарбиякунӣ, худтанзимнамоию худназоратӣ,

худбаҳодиҳӣ, худинкишофдиҳӣ ва маҷмуан салоҳиятҳои зеҳнӣ ташаккул меёбанд. Ин аст, ки олимону муҳаққиқони соҳа нақши рефлексия – худтаҳлилкунии фаъолиятро дар педагогикаи муосир муҳим арзёбӣ менамоянд.

Дарсҳои фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ шаклу метод ва тарзҳои махсуси худро доранд ва аз ин хотир, мо зимни пажуҳиш ва мушоҳидаю таҳлили дарсҳо ба мазмун ва вижагиҳои хоси фанҳои забону адабиёти тоҷик, таърих, ҳуқуқи инсон ва ҳатто география зиёдтар эътибор медодем. Дар синфҳои хатмкунанда аз бисёри ин фанҳо хондани лексия ҷоиз аст ва он намудҳои зиёдеро дар бар мегирад.

Барои тақвияти андеша метавон лексияи хулосавӣ, лексияи ҷамъбастӣ ва лексияи ба инкишофи зеҳн нигаронидашударо номбар кард, ки дар ҷараёни он хонандагон ба корҳои мураккабтар водор карда мешаванд: тартиб додани нақша, конспект (мухтасар навиштани мазмун) кардан, таҳлили мазмуни мухтасар, фишурда ва амсоли инҳо.

Хонандагон мазмуни мавзуъро конспект карда, маводи гузаштаро ба хотир оварда, ҷамъбаст ва хулосаҳо мебароранд, ба моҳияти ҳодисаҳои қаблан омӯхташуда амиқтар ворид мегарданд. Лексияи ба инкишофи зеҳн нигаронидашударо дар он ҳолат метавон мақсаднок истифода бурд, ки фасл, боби калон ё пурра фанни таълимӣ омӯхта шудааст ва ҷамъбаст карда мешавад. Чунин лексия таъсири донишандӯзиро пурзӯр мегардонад, барои маводи таълимиро дар дараҷаи баландтари зеҳн ва илмӣ ҷамъбаст кардану ба низом даровардан имконият медиҳад.

Қобили қайд аст, ки лексияи мактабӣ мисли лексияи мактаби олӣ набуда, албатта, он аз рӯйи тарзи баён, ҳаҷм, хусусият ва шакли назорат ба кори хонандагон тафовут дорад.

Ба андешаи олими рус И.П. Подласый «Муаллим ихтиёр дорад, ки роҳи калонкунии талаботи дидактикиро пеш гирад ва барои ин гузаронидани лексияи мактабӣ, ки ба хонандагон имкони ихчам фаҳмонидани мазмуни маводро медиҳад, афзалтар аст. ... Ба назар бояд гирифт, ки хонандагони

синфҳои миёна, ҳатто синфҳои болоӣ низ на ҳамеша ба лексия омодаанд – аломатҳои асосиро ҷудо карда наметавонанд, задаҳои мантиқӣ ва интонатсияҳоро намефаҳманд, дуруст конспект карда наметавонанд. На ҳар як муаллим лексия хонда метавонад…» [245, с.355].

Лексияи зеҳникунонӣ дар мактаб ба андозаи як соати академӣ ҷараён гирифта, ба вақти дарс мувофиқат мекунад, аз ин лиҳоз, ҳатто ҳангоми иҷрои кори шиддатнок ҳам хонандагон зиёд хаста намешаванд. Ҳангоми тайёрӣ ба чунин лексия омӯзгор бояд проблемаҳои асосии фасл, боб ё ба пуррагӣ фанро ҷудо намояд, саволҳоро ба таври алоҳида тартиб диҳад, барои лексияи ӯро дар дафтар конспект кардан ба шогирдон тавсия диҳад ва умуман, аз нақшаи тартибдодааш хуб истифода барад.

Озмоиши мо ва мушоҳидаҳои бисёрсола нишон доданд, ки лексияҳои ба инкишофи зеҳн нигаронидашуда ба кори пуршиддати фикри хонандагон мусоидат мекунанд. Асосан аз рӯйи боб ва ё мавзуъҳои калонҳаҷм лексия бояд омода сохт, ки фарогири чанд мавзуи ба ҳам алоқаманд, доираи васеи як давру замон ё аз хусусияти ба ҳам хос ва мазмуну муҳтавои пайдарпай ва системанок иборат бошад. Фарз кардем, интихоби чунин мавзуъҳо барои лексия омода кардану хондани он мувофиқи мақсад аст: аз фанни таърихи умумӣ мавзуи «ИМА ва кишварҳои Аврупо: тамоили умумии тараққиёт» ё дар анҷоми соли хониш «Фарҳанг ва масъалаҳои глобалии ҷаҳони муосир», аз фанни таърихи халқи тоҷик «Ҷанги шаҳрвандӣ. Сулҳ ва ваҳдат дар сарзамини тоҷикон», аз адабиёти тоҷик «Адабиёти ҷадидия (оғози садаи XX) ва намояндагони дигари адабиёт», аз фанни ҳуқуқи инсон «Ҷаҳонишавӣ ва ҳуқуқҳои инсон» ва ғайра. Мавзуъҳоеро низ метавон барои истифодаи лексия ё лексия-мубоҳиса ҳамчун методи интерактивӣ интихоб кард, ки интегратсияи донишҳоро талаб мекунад ва ҳангоми саволу ҷавоб ва дар қисми мустаҳкамкунии дарс ташкили баҳсу мунозира донишҳои аз фанҳои ба ҳам наздик гирифта коромад мегарданд ва ниҳоят, ба дараҷаи баланди зеҳникунонии донишҳо бурда мерасонанд. Чунончи: аз таърихи умумӣ мавзуи «Проблемаи терроризм» ва аз ҳуқуқи инсон – «Терроризм,

ифротгароӣ ва масъалаи ҳуқуқи инсон» аз ҳуқуқи инсон мавзуи «Масъалаҳои экологӣ ва ҳуқуқи инсон» ва аз таърих – «Рафъи буҳрони экологӣ», аз ҳуқуқи инсон мавзуи «Ғояҳои ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони форс-тоҷик» ва аз адабиёт - «Ғояҳои гуманистӣ дар эҷодиёти Саъдии Шерозӣ» ва дигар мавзуъҳо, ки ҳангоми омӯзиш онҳо донишҳои як фан ба донишҳои фанни дигар зам шуда, дар омезиш ва алоқамандӣ зеҳнро равнақ медиҳанд.

Ҳамин тавр, ҳатто ба мақсади ҷамъбаст намудани маводи таълимии ҳаҷман калон дар ҳамкорӣ бо омӯзгорони фанҳои таълимии ба ҳам наздик семинару конференсияҳои таълимиро дар доираи як боб ё мавзуи доманадор ташкил намудан мумкин аст.

Вале, мутаассифона, мо дар давраи таҳқиқот шоҳиди чанде аз лексияҳои мактабӣ гардидем, ки ҳар кадом омӯзгор мувофиқи фаҳмишаш, бидуни риояи тарзи дурусти лексияхонӣ дарс мегузаронд ва мақсаду мазмун ва ҷараёнгирии онҳо ба гуфтаҳои боло мувофиқат намекарданд.

Ин ҷо ба сифати мисол рафти яке аз лексияҳоро мухтасаран меорем.

Ба дарси Қамбарова Ҳ., муаллимаи МТМУ №59, шаҳри Ҳисор аз фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар синфи 9 иштирок кардем. Баёни мавзуи нав «Ғалабаи инқилоби октябр дар Русия ва барпо карда шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Бадахшон» тариқи дарс-лексия сурат гирифт.

Лексияи муаллима, бо вуҷуди дорои собиқаи бисёрсола (24 сол собиқаи педагогӣ), мутахассиси соҳа ва таҷрибаи ғанӣ ба талаботи дидактикӣ, методӣ ва психологии дарси замонавӣ мувофиқ намеомад. Муаллима матни маводро бо садои баланд дикта мекард, шогирдон менавиштанд, диққати ҳама, махсусан дар курсиҳои қафо нишастаҳо, тамоман ҷалб намешуд, тарзи конспектнависиро намедонанд, монанд ба диктанти фанни забони тоҷикӣ ҳарфу калимаҳои шунидаро менавиштанд. Дар тахтаи синф номи мавзуъ навишта нашуд, мақсад возеҳу равшан набуд, пайвастагию алоқамандии маводи нав бо мавзуи гузашта дида нашуд ва он дуруст мустаҳкам нагардид. Ҳамзамон, аёният истифода нагардид, вақт сарфа намешуд, барои таҳлили

мавзуъ, муаммоҳои ҷойдошта, мустаҳкамкунӣ ва ҷамъбасту хулосабарорӣ вақт нарасид, умуман талаботи ягон принсипи дидактикӣ пурра ва ба таври зарурӣ риоя нашуд.

Дигар камбудию норасоиҳои ҷиддӣ ин буд, ки маънои мафҳумҳои илмӣ, мафҳумҳои мушаххас ва қонуниятҳои илмӣ нофаҳмо ва бе тавзеҳ мемонданд. Барои мисол, мафҳумҳои «болшевик», «меншевик», «ҳизби болшевикӣ», «империя», «дуҳокимиятӣ», «Декрет дар бораи сулҳ», «Декрет дар бораи замин» ва ғайра дар ҷараёни дарс аз ҷониби муаллима бе шарҳу тавзеҳ борҳо садо медоданд, хонандагон маънои онҳоро сарфаҳм намерафтанд ва аз ин муаллима пай намебурд. Ҳол он ки мафҳумҳои зикршуда мафҳумҳои меҳварии мавзуъ маҳсуб меёбанду ба шарҳи маънидод ва моҳияти онҳо бояд эътибори махсус дода мешуд.

Ҳатто, бо итминони комил метавон гуфт, ки бо чунин тарз баррасии маводи таълимӣ, яъне дар канор мондану накушодани мазмуни ғояҳои асосию мафҳумҳои калидӣ зимни пурсиши вазифаи хонагии дарси оянда умед бастан ба ҷавобҳои пурра ва пурмазмуну моҳиятнок интизор шудан номумкин аст. Тавре ки қаблан ишора карда будем, системаи дарсҳо ва маводи таълимии дар он матраҳшаванда, пурсиши мавзуи гузашта – вазифаи хонагӣ, мустаҳкамкунӣ ва гузариш ба мавзуи наву ҷамъбасти он бо ҳам алоқаманд буда, якдигарро пурра ва донишҳоро мураттабу муназам мегардонанд.

Мо аз муаллимаи пуртаҷриба ташкили лексияи зеҳникунони (ба инкишофи зеҳн нигаронидашуда)-ро интизор будем, ки дар рафти он тафаккур бедор шуда, донишҳои зеҳнӣ ташаккул меёбанд.

Хуллас, барои ин омодагии ҳамаҷониба зарур аст: таҳияи нақша ё лоиҳаи дарс, донистану риояи талаботи принсипи дидактикии шуурнокӣ ва фаъолнокӣ дар таълим, минҷумла шарҳу тафсири мафҳумҳои илмӣ, қонунҳои илмӣ, идрок ва фаҳмидани онҳо, кор гирифтан бо проблемаҳои меҳварии маводи таълимӣ, истифодаи аёният, тартиб ва пешниҳоди саволҳои

проблемавӣ ва ниҳоят, дар фарҷом муқаррар намудани алоқаҳо байни фактҳо ва хулосаҳо, сабабҳо ва натиҷаҳо ва амсоли инҳо.

Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон намудҳои машғулиятҳои таълимиеро, ки барои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон истифода бурда мешаванд, ба тариқи зайл тасниф кард:

1) дарсҳои муқарраръ, ки дар онҳо дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ пурра ташаккул намеёбанд;

2) дарсҳои маҳз барои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон пешбинишуда:

а) аз рӯйи мавзуъ;

б) аз рӯйи боб, ки метавонад дар худ якчанд мавзуъро фаро гирад;

в) аз рӯйи проблемаи асосии фанни таълимӣ;

г) дарсҳои амалӣ, ки дар онҳо синтези донишҳо сурат мегирад ва барои маҳорату малакаҳои асосӣ заруранд;

ғ) дарсҳо аз рӯйи тамоми фанни таълимӣ (ҷамъбастӣ, хотимавӣ).

Дар дарсҳои ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ нигаронидашуда хонандагон маводи гузаштаро такрор мекунанд, донишҳоро амиқ, ҷамъбаст ва мураттаб месозанд, робитаҳои дохили мавзуъ ва дохили фанро муқаррар менамоянд ва агар мавод мувофиқат кунад, онҳоро ҳамгиро мекунанд.

Интегратсия дар дарсҳои муқаррарӣ дар он ҳолат ба таври васеъ истифода бурда мешавад, ки агар мавзуъ ба мавзуи қаблан омӯхташуда бисёр наздик бошаду он қисм ба қисм таҳлил карда шавад.

Донишҳои ҷузъӣ ва нопурраро дар дарсҳои муқаррарӣ истифода бурдан барои хонандагоне, ки дар дарсҳое гузашта ҳозир набуданд, аҳаммияти калон дорад. Истифодаи чунин донишҳо барои рафъи камбудиҳо дар идроки порчаҳои алоҳидаи маводи таълимӣ ва барқарорнамоии норасоии донишҳо ёрӣ мерасонанд ва бо ин роҳ хонандагон ба шуурона азхудкунии мавзуи нав дастёб мегарданд.

Ташкили дарсҳои маҳз барои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ пешбинишуда аз рӯйи мавзуъ ва боб барои дар хотири хонанадагон нигоҳ доштани маводи калон дар шакли ҷамъбастӣ ёрӣ медиҳанд. Ҳамзамон, барои ташкили дарсҳои ҷамъбастӣ ва хотимавӣ замина мегузоранд, ки ҳангоми ҷамъбасти пешакии донишҳо аз рӯйи мавзуъҳои калони баитмомрасида натиҷабахш ва самараовар мегарданд.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти системаи дарсҳои ҷамъбастӣ аз он иборат аст, ки он на танҳо барои маводи калонро мустаҳкам, ҷамъбаст ва мураттаб сохтан ёрӣ мерасонад, балки доираи пурраи робитаҳои дохилифаннӣ ва байнифанниро таъмин менамояд, ки ба тафайли он мазмун ва масъалаҳои асосии барнома дар шуури хонандагон муддати тулонӣ мустаҳкам боқӣ мемонанд.

Ба мақсади дуруст ба нақша даровардани дарс ва машғулиятҳои таълимӣ, қабл аз ҳама, муаллим бояд тартиботи мафҳумҳо ва қонуниятҳои фанни худро хуб донад. Ӯро возеҳу равшан тасаввур кунад, ки кадом арқому далелҳо, мафҳумҳо ва ғояҳо аллакай аз ҷониби хонандагон хуб аз худ шудаанд ва кадоме аз инҳо ҳанӯз ба таври зарурӣ фаро гирифта нашудаанд ва ё душворанду ба мустаҳкамкунӣ ва омӯзиши амиқи иловагӣ эҳтиёҷ доранд.

Мазмуни маводи таълимӣ, ки барои омӯзиш пешкаш мегардад, якхел ва баробарарзиш нестанд: дар ҳар як мавзуъ, ҳар як боб арқому далелҳо ва мафҳумҳои асосӣ ва дуюмдараҷа, аз рӯйи ҳаҷм – васеъ ва маҳдуд; қоидаҳо ва қонунҳо, зуд-зуд ва гоҳ-гоҳ истифодашаванда дар фаъолияти таълимӣ ва амалӣ дида мешавад.

Интихоби маводи таълимӣ барои дарсҳои зеҳникунонӣ як қадар фарқ мекунад ва ин вобаста ба он аст, ки то чӣ андоза донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо дар хонандагон ташаккул ёфтаанд, чӣ андоза онҳо методҳои кори мустақилонаро бо маводи таълимӣ аз худ кардаанд.

Дар ҷамъбасти андешаҳои баёнгардида метавон талаботи зеринро барои интихоби маводи таълимии дарсҳои зеҳникунонӣ пешниҳод кард:

1. Дарсҳое, ки ба хонандагон хуб маълуманд ва ҳамчунин, арзиши амалӣ надоранд, набояд гузаронида шаванд;

2. Ҳангоми интихоби маводи таълимӣ бояд ба ҳисоб гирифт, ки кадом мавод бидуни истифодаи доимии он дар рафти таълим метавонад аз худ карда шавад. Аз ин рӯ, барои дарс маводеро бояд ҷудо кард, ки то андозае он дар амалияи таълим, маҳз аснои гузаронидани корҳои амалӣ, ҳалли вазифаҳо, машқҳо ва ҳамчунин, иҷрои корҳои хаттӣ (диктант, нақли хаттӣ, иншо, эссе, реферат), тестҳо коромад мегардад;

3. Ба он маводи таълимӣ диққати калон бояд дод, ки бо сабаби мушкилӣ нофаҳмо боқӣ мондааст, ба таври кофӣ идрок, амиқ ва мустаҳкам аз худ нашудааст. Ғайр аз ин, бояд ба ҳисоб гирифт, ки аксари хонандагон донишҳои абстрактии назарияviро назар ба фактҳои мушаххас сустар аз худ мекунанд. Бинобар ин, зимни донишҳои ҷамъбастӣ ба мафҳумҳои мураккаби муҷаррад ва хулосаҳои назариявӣ бояд зиёдтар таваҷҷуҳ кард;

4. Ҳангоми интихоби маводи таълимӣ ба қисмҳо ҷудо кардани он нуктаҳое, ки бо ташаккули маҳорат ва малакаҳои асосии зеҳнии хонандагон алоқаманд мебошанд, муҳим аст. Ҳамзамон, ҷамъбаст ва мураттабсозии маводи таълимӣ низ, ки асос ва таҳкурсиро барои истифодаи амалии донишҳо ташкил медиҳад, басо аҳамиятнок мебошад.

Дар раванди таҳқиқот муқаррар карда шуд, ки ҳангоми риояи дурусти принсипҳои интихоби маводи таълимӣ ва раванди таълим масъалаҳои зерин ҳалли худро меёбанд:

- ҷамъбаст ва мураттабсозии донишҳо;

- азхудкунии амиқ ва мустаҳками маводи душвори назариявӣ (мафҳумҳои мураккаб, қонунҳо, хулосаҳои умумии назариявӣ);

- омӯзиши истифодаи донишҳои назариявӣ дар амал (истифодаи қоидаҳои мушкилтари назариявӣ ва қонунҳо барои таҳлили ҳодисаҳои мушаххас, қоидаҳои умумӣ барои ҳалли вазифаҳо);

- омодагии хонандагон ба худомӯзӣ ва ташаккули маҳорату малакаҳои иҷрои корҳои таълимии мустақилона;

- такмили минбаъдаи маҳорату малакаҳои зеҳнӣ, ба монанди муқоиса, таҳлил, таркиб, ҷамъбаст ва арзёбӣ.

Дар баробари ин таҳқиқот имкон дод, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1. Оқилона муайян кардани мақсаду вазифаҳои дарс. Интихоби дуруст ва камхарҷи мавод, ки имкон медиҳад, то хонандагон ба корҳои фаъоли зеҳнӣ дар дарс ҷалб карда шаванд. Ин барои фаъолияти мустақилонаи онҳо бобати ҷамъбаст ва мураттабсозии маводи таълимӣ мусоидат мекунад. Риояи принсипҳои интихоби маводи таълимӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарин дар фаъолияти омӯзгор ва ҳам хонандагон мебошад, ки самаранокии фаъолияти маърифатиро таъмин месозад;

2. Интихоби дурусти мавод ба омӯзгор ёрӣ медиҳад, ки сатҳу сифати таълимро боло бурда, раванди таълимро мақсаднок ва самарабахш гардонад;

3. Аниқу равшан муайян кардани маводи таълимии дарс ба омӯзгор имконият медиҳад, ки, аз як тараф, маводи интихобшударо ба мақсадҳои гуногуни дидактикӣ сарфакорона ва ҳадафнок истифода барад, аз тарафи дигар, барои мукаммал намудани донишҳои хонандагон ва онҳоро ба дараҷаи нав ва баландтари зеҳнӣ боло бурдан ёрӣ расонад.

Хуллас, дар сурати риояи чунин тавсияҳои педагогию психологӣ ва ҳам дидактикию методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сатҳу сифати дониш боло рафта, фаъолияти субъектони асосии раванди таълиму тарбия – омӯзгор ва хонандагон муваффақият ва пурсамар хоҳад гашт.

### 4.3. Таъсири озмоишҳои таълимӣ ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон

Дарвоқеъ, таъсири озмоишҳои таълимӣ ба ташаккули донишҳо, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон ниҳоят бузург буда, муҳаққиқону пажуҳишгаронро водор месозад, ки дар ин самт якҷо ба омӯзгорони дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ аз ин бештар кор баранд. Онҳоро зарур аст, ки аз натиҷаҳои озмоишҳои худ барои омӯзгорон, бахусус омӯзгорони ҷавон ва навкор, ҳамчунин роҳбарони

муассисаҳои таълимию иттиҳодияҳои методӣ дар шакли дастур раҳнамое таълиф ва пешкаш намоянд. Ин раҳнамо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, муваффақона ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва умуман, самаранокии фаъолияти таълимии субъектони асосии раванди педагогӣ – омӯзгор ва хонандагон бояд хидмат кунад.

Аз таҳқиқот ва озмоишҳое, ки дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе (асосан ноҳияи Сино, қисман ноҳияи Фирдавсӣ) ва шаҳру ноҳияҳои атрофи он оид ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ гузаронидем, бароямон бисёр паҳлуҳои норавшани таълим ва раванди он ошкор гардиданд ва натиҷаҳои онҳоро дар мисоли дарсҳои фанҳои таърихи умумӣ ва адабиёти тоҷик нишон медиҳем.

Муайян карда шуд, ки корҳои анҷомдодаи мо то андозае ҷиҳати беҳтар гардидани сифати донишҳои хонандагон тибқи меъёрҳои муқарраршуда баҳри такмили принсипҳо ва шаклу методҳои таълим, ҳамчунин барои пуррагӣ, амиқӣ ва мураттабии донишҳо ёрӣ расониданд.

Дар асоси хулосабардорӣ аз озмоишҳои гузаронида, мушоҳидаҳо, ошкор гардидани камбудию ҳолатҳои ногувор ва нишондиҳандаҳои пасти натиҷаҳои дарс ва шаклҳои гуногуни ташкили таълим мо тарҳи “Системаи дарси босамар”-ро андешида, манзури омӯзгорон гардонидем. Мақсад аз ин ба даст овардани натиҷаҳои хубу назаррас аз дарсҳо ва таъмини ҳаракату пешравиҳои хонандагон мебошад.

Натиҷаҳои санҷиши озмоишии ҳолати донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои XI-ро аз фанни «Таърихи умумӣ» дар он мактабҳое, ки дарсҳо аз рӯйи дастуру талаботҳои “Системаи дарси босамар” гузаштанд, бо сифати донишҳои хонандагони синфу мактабҳое, ки таълим бидуни дахолати мо ҷараён дошт, муқоиса намуда, дар баробари хулосаҳои зарурӣ баровардан пешниҳодҳои судманд ҳам кардем. Муқоиса дар мисоли мактабҳои шаҳр гузаронида шуда, барои натиҷагирӣ аз санҷишу озмоишҳо

ва хулоса баровардан ба ҳамаи хонандагон дар охири соли таҳсил ду савол пешниҳод карда шуд:

Саволи 1. Сабабҳои асосии бад гардидани вазъияти дохилии Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 70-ум – 80-уми асри гузашта кадомҳоянд? (Савол донишҳои амиқро аз рӯйи як мавзуъ талаб мекард).

Саволи 2. Хусусиятҳои хоси марҳилаҳои асосии бозсозӣ аз чӣ иборат аст ва чаро натиҷаҳои он яке аз давлатҳои бузургтарин – ИҶШС-ро пароканда кард? Ташкили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро шарҳ дода, дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлолиро фаҳмонед. (Савол донишҳои амиқро аз рӯйи давраи пурраи таърихӣ бо шарҳу тавзеҳи хусусиятҳо ва натиҷаҳои он талаб мекард).

Қобили қайд аст, ки пешниҳоди чунин саволу супоришҳо ва ҷавоби онҳо дар кадом сатҳ қарор доштани донишҳо, ташаккули онҳо ва системаи донишҳоро аз як мавзуи калон, боб ва умуман давраи пурраи таърихӣ ошкор мекунад.

Ҳамин тариқ, принсипҳои коркарди вазифаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда ҳам ба монанди принсипҳои коркарди озмоиши муқарраркунанда буданд: саволи якум пуррагӣ, амиқӣ, мустаҳкамӣ ва мураттабии азхудкунии донишҳоро аз рӯйи мавзуи мушаххаси таърихӣ ва саволи дуюм – аз рӯйи давраи калони таърихӣ ошкор мекард. Саволи дуюм аз хонандагон на танҳо мураттабии донишҳоро оид ба фактҳои мушаххаси таърихӣ дар дараҷаи баландтари абстрактӣ, балки донишҳои амиқу васеъро низ  талаб мекард, ки онҳо зимни шарҳ додани хусусиятҳо ва натиҷаҳои давраи калони таърихӣ равшану возеҳ мегарданд.

Саволу супоришҳоро хонандагон бевосита дар дарс хаттӣ иҷро намуданд. Ба корҳои анҷомдода аз рӯйи ҷадвали шартӣ мувофиқи меъёр (эталон)-и ҷавобҳо баҳо дода шуд (тасвири ҷадвали шартӣ ва принсипи тартиби меъёри ҷавобҳо дар боби 2, § 1 нишон дода шудааст).

Дар асоси талаботи принсипи тартиби меъёри ҷавобҳо дараҷаи донишҳои хонандагонро мо ба чор навъ: «ҷавоби беҳтар», «ҷавоби хуб»,

«ҷавоби суст» ва «ҷавоби сусттар» ҷудо намудем. Албатта, ин ба меъёри баҳогузорӣ, ки дар мактаб аз рӯйи системаи панҷбалла (асосан баҳоҳои «5», «4», «3», «2» гузошта мешаванд) муқаррар шудааст, дуруст ва мувофиқ меояд. Барои фаҳмотар шудани чунин тарзи озмоиш ва натиҷаҳои он шарҳи чор ҷавоби хонандагони синфҳои озмоишӣ вобаста ба истифодаи донишҳояшон дар зер оварда мешавад. Барои мисол, мо дар кори иҷронамудаи Бунафша, хонандаи синфи 11-и МТМУ №11 шаҳри Ҳисор ҷавобҳои пурра, дақиқу амиқ ва мукаммалро мушоҳида кардем, ки онро ба сифати «ҷавоби беҳтар» дар зинаи якум (баланд), яъне аз ҳама боло гузоштем. Зеро он саволе, ки донишҳои амиқро аз рӯйи мавзуи гузаронидашуда талаб мекард, гуфта шуда, сабабҳои асосии бад гардидани вазъияти дохилии Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 70-ум – 80-уми асри 20 ба таври васеъ ва системаноку пайдарпай тавзеҳ дода шудаанд.

Ба саволи дуюм низ, ки донишҳои амиқро вобаста ба як давраи пурраи таърихӣ талаб мекард, пурмазмун ҷавоб гардонида, вижагиҳои хоси марҳилаҳои асосии бозсозӣ ва натиҷаи он, ки давлати бузурги ИҶШС-ро аз байн бурд, қайд карда шудаанд. Сабабҳои таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати соҳибистиқлол баён шудаанд.

Дарвоқеъ, ба саволҳо ҷавоби навиштаи ӯ аз рӯйи ҷадвали шартӣ ба меъёри ҷавобҳо бисёр мувофиқ меояд. Чунончи:

Дараҷаи якум (баланд) – «ҷавоби беҳтар»

Ҷавоби хонанда Бунафша:

*1. Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 70 – 80-уми асри гузашта тараққиёти саноаташиро аз рӯйи нақшаи ягона барои рушди хоҷагии халқ ба роҳ монда буд. Иқтисоди ҳамаи ҷумҳуриҳои онро аз як марказ назорат ва ба танзим медаровардананд.*

*Сиёсати муттаҳид намудани иқтисодиёти ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки аз рӯйи дастурҳои марказ идора карда мешуд, нобаробарии тараққиётро ба вуҷуд овард.*

*Чунин сиёсат сабаби авҷ гирифтани норозигии аҳли ҷомеа гардид. Ҷумҳуриҳо мехостанд, ки аз ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ бароянд ва пеш аз ҳама Латвия, Литва ва Эстония аз он ҷудо шуданд.*

*Моҳи апрели соли 1986 дар неругоҳи барқии ҳастаии Чернобили Ҷумҳурии Украина садама рӯй дод, ки он яке аз нишонаҳои вазъияти душвори иқтисодӣ ва бесарусомонӣ ба шумор мерафт. Ин таркиш ба иқтисодиёт, муҳити зист ва хоҷагии халқи Украина, Белорусия ва Федератсияи Россия сахт таъсир расонид, ки зарари моддии он бештар аз 8 млрд. рублро ташкил дод. Одамони зиёд қурбон шуда, садҳо ҳазор оила ноилоҷ ҷойи зисти худро тарк намуданд, беш аз 30 км минтақаи бузурги офатдида барои зиндагӣ ва хоҷагидорӣ корношоям гардид.*

*Ҳукумат нисбат ба тақдири миллионҳо одамон бепарвоӣ мекард, барои кам кардани зарари офат чораҳои зарурӣ наандешид ва мушкилиҳо зиёд шуданд.*

*Барои ҷорӣ намудани ислоҳоти куллӣ дар хоҷагии қишлоқи кишвар бисёр кӯшишҳо карда мешуданд, аммо натиҷае намедоданд. Ҳукумат соли 1982 барои беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ «Барномаи озуқа»-ро қабул кард, вале бо сабаби бад шудани шароитҳои иқтисодӣ он иҷро нагардид.*

*Барои вазъияти душворро нест намудан роҳбарияти Иттиҳоди Шуравӣ бо номи «бозсозӣ» сиёсати дигаргунсозиҳои куллӣ, тараққиёти истеҳсолот, усулҳои роҳбарии иқтисодиёт ва ислоҳоти ҳаёти сиёсию ҷамъиятиро пеш гирифт.*

*Бозсозӣ бояд мушкилоту камбудиҳоро барҳам медод ва ҷамъияти сотсиалистиро ба дараҷаи баландтар мебурд. Вале баъзе қувваҳои ҷудоихоҳи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ онро ба мақсади худ истифода бурданд, ки дар натиҷа вазъияти дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ бад гашта, дар мамлакат намоишҳои эътирозӣ, зӯроварӣ ва қонуншиканиҳо рӯй доданд.*

*2. Дар ИҶШС иқтисодиёти ҷумҳуриҳои иттифоқӣ муттаҳид буд ва барои назорату идораи он аз як марказ дастур дода мешуд, ки ин ба рушди иқтисодии ҷумҳуриҳо таъсири бад расонид. Чунин муносибат сабаби зиёд гардидани норозигӣ ва ақидаҳои гуногуни халқҳо шуд.*

*Роҳбарият дар хоҷагии қишлоқи кишвар ислоҳоти куллӣ даровард, аммо натиҷаҳои дилхоҳ надод. Барномаҳои зиёди қабулгардида ҷиҳати беҳтарнамоии таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ бинобар сабаби дар вазъияти ногувор қарор доштани шароитҳои иқтисодӣ иҷро намешуданд.*

*Президенти Иттиҳоди Шуравӣ М.С. Горбачёв ба мақсади батараф сохтани мушкилоти бамиёномада сиёсати «бозсозӣ»-ро ба роҳ монд, то ин ки дар соҳаи иқтисодиёт, сохтори сиёсӣ ва ҳаёти маънавии ҷомеа навсозӣ ба амал биёяду истеҳсолот, иқтисодиёт ва сатҳи иҷтимоӣ баланд шавад, вале ҳамааш бенатиҷа мемонд.*

*Самтҳои асосӣ ва муҳимми бозсозӣ татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, ошкорбаёнӣ ва демократикунонии ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ба шумор мерафт. Новобаста ба кӯшишҳои зиёд ислоҳоти иқтисодӣ вазъияти хоҷагии халқро беҳтар накард ва ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба буҳрон дучор омаданд.*

*Дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ миллату халқиятҳои бисёр ва гуногун зиндагӣ мекарданд, ки ҳалли яктарафаи миллӣ байнашон норозигӣ ва низоъҳоро ба вуҷуд меовард. Дар шароити бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ ин зиддияту низоъҳо шадидтар мегаштанд. Махсусан дар Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон, Тоҷикистон ва дар дигар ҷумҳуриҳо низ вазъият номуътадил гардида, задухӯрдҳо ба амал меомаданд.*

*Мухолифини ҳукуматҳо ҳар гуна шартҳо гузошта, маҳз барои соҳиб шудан ба истиқлоли давлатӣ талошҳои зиёд мекарданд.*

*Моҳи марти соли 1991 доир ба масъалаи нигоҳ доштани ИҶШС раъйпурсии умумихалқӣ гузаронида шуд ва 76,4 % шаҳрвандон ба тарафдории бақои он овоз доданд.*

*Моҳи декабри соли 1991 маҷлиси машваратии ҷумҳуриҳои Россия, Украина ва Белорусия баргузор гардида, дар он Созишнома дар бораи таъсис додани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба имзо расид ва бо ҳамин давлати бузурги Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ барҳам мехӯрад.*

*Ҳамин тавр, сиёсати бозсозӣ ба охир расид ва натиҷааш ИҶШС-ро пароканда кард. Ҳар як ҷумҳурии он, аз ҷумла Тоҷикистон ба ҷумҳурии*

*президентӣ табдил ёфта, соҳибистиқлол гардид. Дар аввали солҳои истиқлолият ҷанги шаҳрвандӣ сар зад ва он зарарҳои зиёд овард.*

*Ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу оромӣ пойдор буда, Конститутсия ва дигар арзишҳою муқаддасоти миллиро соҳиб аст ва ба сӯйи ояндаи нек қадамҳои устувор мегузорад.*

*Дараҷаи дуюм (миёна) - «ҷавоби хуб»*

*Ҷавоби хонанда Исмоил:*

*1. Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 70 – 80 тараққиёти саноаташро аз рӯйи нақшаи ягона ба роҳ монда буд. Ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва иқтисодиёти онҳо роҳбарӣ ва назорат аз як марказ карда мешуд. Бо чунин муносибат иқтисодиёт пеш нарафта, вазъияти дохилии мамлакат рӯз то рӯз бад гардид.*

*Халқҳо аз чунин сиёсат норизо буда, кӯшиши аз ҳайати ИҶШС баромаданро мекарданд. Вазъияти дохилии Иттиҳоди Шуравӣ ташвишовар гардид ва дар натиҷа ҷумҳуриҳо аз он ҷудо шуда, ин давлати бузург барҳам мехӯрад.*

*Роҳбарияти Иттиҳоди Шуравӣ мехост, ки аз ин вазъияти ногувор бароияд, вале кӯшишҳояш бенатиҷа мемонданд. Ҳукумат барои беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ барнома қабул кард ва он бо сабаби бад шудани шароитҳои иқтисодӣ иҷро нагардид.*

*Ҳатто бо номи «бозсозӣ» сиёсати дигаргунсозиро барои тараққиёти истеҳсолот ва иқтисодиёт пеш гирифта, ислоҳоти ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятиро низ ба роҳ монд, ки ин ҳам самара надод.*

*Оқибат баъзе қувваҳои ҷудоихоҳи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ пайдо шуда, вазъиятро дар кишвар ноором мекарданд ва ин ба намоишҳои эътирозӣ, зӯроварӣ ва қонуншиканию бетартибиҳо оварда расонид.*

*2. Иқтисодиёти ИҶШС бо ҳар гуна сабабҳо рушд намёфт. Ҷумҳуриҳои иттифоқии он ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ пеш нарафтанд. Чунин вазъият ҳамаро ташвиш карда, норозигии аҳли ҷамъиятро ба миён овард ва ҷумҳуриҳо мехостанд, ки аз ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ бароянд.*

*Ҳукумат кӯшиш мекард, ки аз ин вазъият барояд ва ба мақсади таъмини намудани аҳолӣ бо озуқаворӣ барнома қабул кард, аммо он натиҷа надод ва вазъиятро ором накард.*

*Президенти мамлакат М.С. Горбачёв ба мақсади батараф кардани мушкилоти бамиёномада роҳи «бозсозӣ»-ро пеш гирифт. Бо ин роҳ дар сохтори сиёсӣ, ҳаёти маънавӣ, истеҳсолоту иқтисодиёт навсозӣ карда, бояд вазъи иқтисодии кишварро хуб мекард. Вале ин тарзи муносибат вазъиятро беҳтар накарда, баръакс, нақшаҳои давлатии тараққиёти соҳаҳои хоҷагии халқ иҷро намегардиданд. Ислоҳоти иқтисодӣ ҳам вазъиятро хуб накарда, ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба буҳрон дучор шуданд.*

*Бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ миёни миллату халқиятҳои гуногуни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ зиддияту низоъҳо ба вуҷуд овард. Қувваҳои нав пайдо шуда, аз ҳайати ИҶШС баромадани ҷумҳуриашонро талаб мекарданд. Кор то дараҷае расид, ки моҳи марти соли 1991 доир ба вуҷуд доштан ё барҳамхӯрии ИҶШС раъйпурсии умумихалқӣ гузаронида шуд. Гарчанде тарафдорони бақои он зиёд буданд, вале маҷлиси машваратии ҷумҳуриҳои Россия, Украина ва Белорусия дар бораи барҳам додани Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва ташкили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Созишнома ба имзо расонид.*

*Тоҷикистон аз соли 1991 истиқлолияти давлатӣ ба даст оварда, аъзои ин Иттиҳод мебошад. Халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронида, бо мушкилиҳои зиёд ба ҳаёти осоишта гузашт. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби Конститутсия ва муқаддасоти миллӣ буда, бо роҳи демократӣ ба пеш меравад.*

Дар ҷавоби Исмоил, гарчанде фикру андешаҳо нисбат ба ҷавобҳои дараҷаи якум (баланд) зиёд фарқ накунанд ҳам, вале номукаммалӣ ва номураттабии донишҳо гоҳо ба чашм мерасиданд. Бояд гуфт, ки ин хонанда низ ба саволҳо аз рӯйи як мавзуъ бо донишҳои амиқ сабабҳои асосии бад гардидани вазъияти дохилии Иттиҳоди Шуравӣ ва вобаста ба давраи пурраи таърихӣ махсусиятҳои марҳилаҳои асосии бозсозӣ ва натиҷаи онро, ки ИҶШС-ро барҳам ва ИДМ-ро созмон медиҳад ва ҳамзамон, Тоҷикистон

ҳамчун ҷумҳурии соҳибихтиёр эълон мегардад, ҷавоб гардонидааст. Танҳо дар ҷавобҳо баъзе унсурҳои принсипи тартиби эталони ҷавобҳо аз назар дур мондаанд. Ба ин хотир, ҷавоби ӯро «ҷавоби хуб» ҳисобида, онро дар зинаи дуюм (миёна) ҷой додем:

Дараҷаи сеюм (паст) - «ҷавоби суст»

Ҷавоби хонанда Ганҷина:

1. *Дар Иттиҳоди Шуравӣ солҳои 70-ум – 80-ум иқтисодиёташ бо ҳар сабаб тараққӣ накард ва вазъияти дохилӣ бад гашт. Ҳукумат барои боло бурдани иқтисодиёт барномаҳо қабул мекард ва онҳо ягон фоида намеовარданд. Роҳбарон кӯшиш мекарданд, ки зиндагии мардумро хуб кунанд, аммо наметавонистанд. Рӯз то рӯз вазъият бадтар шуда, дар мамлакат қонуншиканию бетартибиҳо сар мезаданд. Халқҳои ҷумҳуриҳои он аз чунин ҳолат розӣ набуданд ва мехостанд, ки аз ИҶШС ҷудо шаванд. Дар охир ИҶШС барҳам хӯрда, ҳар як ҷумҳурии он мустақил шуд.*

*2. Президенти Иттиҳоди Шуравӣ М.С. Горбачёв дар мамлакат бозсозӣ карда, мехост бо роҳи навсозӣ иқтисодиётро пеш бурда, сохтори сиёсӣ ва ҳаёти маънавии ҷомеаро беҳтар гардонад. Бо ин вазъият хуб нашуд ва нақшаҳои давлатӣ иҷро намегаштанд. Ҳукумат ислоҳоти иқтисодӣ кард, аммо он вазъияти хоҷагии халқро беҳтар накард ва дар ҷомеа бӯҳрон сар зад.*

*Бозсозӣ миёни миллатҳо кашмакашию низоъҳоро ба вуҷуд овард. Баъд ИҶШС пош хӯрд ва ҳар як ҷумҳурии он ҷудо шуд. Дар бисёри ҷумҳуриҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон низ вазъият бад шуда, ҷанги шаҳрвандӣ рух дод.*

*Баъд Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ташкил карда шуд ва Тоҷикистон аъзои он мебошад. Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ҷанги шаҳрвандӣ зиндагии осоишта дорад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби Конститутсия мебошад ва ба пеш меравад.*

Дар дараҷаи сеюм (паст) - «ҷавоби суст» ҷой додани ҷавоби Ганҷина ба хотири он аст, ки донишҳои талабкардаи саволҳо ошкор нагардиданд. Ҷавобҳои ҳар ду савол ҳам бисёр мухтасар, сабабу натиҷаҳо ба таври зарурӣ кушода нашудаанд. Донишҳо дар бораи давраи пурраи таърихӣ ва хусусияту

натиҷаҳои он порча-порча ва номураттабу номуназзам буда, вазъиятҳо шарҳу тавзеҳ наёфтаанд.

Дараҷаи чорум (аз ҳама паст) – «ҷавоби сусттар»

Ҷавоби хонанда Фаридун:

1. *Сабабҳои бад шудани вазъияти дохилии Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 70-ум – 80-ум бисёранд. Иқтисодиёти мамлакат пеш нарафт, роҳбарон натавонистанд, ки вазъиятро хуб кунанд. Бетартибиҳо рӯй доданд, дар миёни халқҳои он ҷангҳо сар заданд ва оқибат Иттиҳоди Шуравӣ аз байн рафт.*

*2. Дар Иттиҳоди Шуравӣ бо роҳи бозсозӣ мехостанд, ки иқтисодиётро тараққӣ дода, зиндагии мардумро хубтар кунанд. Иқтисодиёт, баръакс, ба поён рафт. Вазъият рӯз то рӯз бад шудан гирифт. Аз ин бозсозӣ ҳеҷ кас фоидае надид, дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бисёр низоъ шуд. Баъд ИҶШС аз байн рафта, ба ҷояш Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ташкил шуд. Тоҷикистон соҳибистиқлол гашт, мардум зиндагии хуб дорад.*

Ва, ниҳоят, сабаби дар дараҷаи чорум (аз ҳама паст) – «ҷавоби сусттар» қарор гирифтани ҷавоби Фаридун ин аст, ки донишҳои зарурӣ тамоман баён нашуда, онҳо номуназзам ва парокандаанд. Ҷавобҳо беҳад кӯтоҳ ва нопурра буда, сабабҳои асосии бад гардидани вазъияти дохилии Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 70-ум – 80-уми асри гузашта умуман ошкор нашудаанд. Дар бораи хусусиятҳои хоси марҳилаҳои асосии бозсозӣ ва пошхӯрии ИҶШС низ бисёр кам гуфта шуда, аз рӯйи давраи пурраи таърихӣ донишҳои амиқ ҳеҷ дида намешавад.

Илова ба ин, мо мақсад гузоштем, ки дараҷаи донишазхудкунии хонандагони синфҳои 10-умро аз фанни «Адабиёти тоҷик» низ муайян намоем. Маҳз барои ошкор намудани донишҳои байнифаннӣ, донишҳои амиқ ва васеъ роҷеъ ба ҷараёни нави адабиёт, аҳаммият ва хусусиятҳои хоси он саволҳо манзур шуданд, ки мавзуи «Вазъияти адабиёт дар нимаи дуюми асри XIX»-ро фаро мегирифт.

Саволи 1. Дар бораи вазъияти адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва омилҳои инкишофу таҳаввули адабиёти ин давра нақл кунед (дар ҷавоб бояд донишҳои байнифаннӣ истифода бурда шаванд).

Саволи 2. Омилҳои пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ ва хусусиятҳои онро шарҳ диҳед (ҷавоб бояд донишҳои амиқ ва васеъро оид ба ҷараёни нави адабиёт ва аҳамияту хусусиятҳои хоси он фаро гирад).

Инак менигарем ба ҷавобҳои зерин, ки кадом донишҳоро фаро гирифтаанд ва дар асоси талаботи саволҳо ва меъёри ҷавобҳо онҳо аз рӯйи дараҷа дар зинаҳо пайиҳам ҷой дода шудаанд.

Дараҷаи якум (баланд) – «ҷавоби беҳтар»

*Ҷавоби Азиза:*

1. *Солҳои 60-уми асри XIX Осиёи Миёна ба империяи Россия ҳамроҳ карда мешавад ва дар ин ҷо дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ рух медиҳанд. Дар адабиёти тоҷик ҳам тозакориҳо ва ҷараёнҳои нави созанда пайдо шуда, новобаста ба мушкилиҳо рушд мекунад. Шоирону нависандагон бо эҷодиёташон саҳми худро дар пешрафти адабиёт гузошта, барои аз байн бурдани беадолатӣ, бераҳмӣ ва пойдор намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мубориза бурданд. Вазъияти адабиёти тоҷик дар ин солҳо рӯ ба беҳбудӣ оварда, дар адабиёт назари нав, ба монанди ҷараёни маорифпарварӣ ба вуҷуд меояд. Ин таҳаввулот дар адабиёт бо хусусиятҳои хосаш тавонист бар муқобили адибони мунофиқ, ки сиёсати амирону соҳибмансабони нолоиқу ноуҳдабаро ва ситамкорро ҳамчун мансабдорони адолатхоҳ дар эҷодиёташон таъриф мекарданд, таъсир расонад ва баъзе нуқсонҳоро аз байн барад.*

*Дар он замон ягона доираи адабии машҳур Бухоро буд, ки ҳамчун маркази адабӣ хидмати таърихии худро ба ҷо овард. Дар ин ҷо маорифпарварон тарафдори зиёд пайдо намуда, бо назари танқидӣ бар зидди сиёсати сарварони онвақта ошкоро баромад карда, барои ҳақиқат, адолат, илму маърифат, фарҳанг, таълиму тадрис ва ҳимояи фақирон тавассути эҷодашон талош меварзиданд. Махсусан дар асарҳои А. Дониш, Ш. Шоҳин, Р. Возеҳ, А. Савдо,*

*М. Ҳайрат ақидаҳои тоза ва пешрав ҷой доштанд, ки бо ин адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX инкишоф ёфт.*

*2. Ҳамроҳшавии Осиёи Миёна бо Россия баробари дар сиёсат, иқтисодиёт ва фарҳанг таъсир гузоштанаш, дар адабиёти тоҷик низ таҳаввулот ба вуҷуд овард. Дар адабиёт равияи нав бо номи ҷараёни маорифпарварӣ пайдо шуд, ки бунёдгузораш нависанда, шоир ва мутафаккири машҳури тоҷик Аҳмади Дониш буд ва ӯ бо ин ҷараёни мафкуравӣ дар солимгардонии ҷамъият саҳми арзанда гузошт.*

*Ин ҷараён се хусусияти асосӣ дошт ва яке аз онҳо бедории фикрӣ бар зидди ҷомеаи феодалӣ ва дифои адолати иҷтимоӣ мебошад. Маорифпарварон зулму ситам, ноадолатӣ, беҳуқуқӣ ва дигар амалҳои ношоистаро дар ҷомеа дида, нисбат ба соҳибмансабони камсаводи золим ва кӯтаҳназар нафрат доштанд. Дигар хусусияти ин ҷараён дар осори адибони тоҷик ҷой гирифтани тарғиби маорифу илм, озодии инсон, муносибатҳои табақавӣ ҳимояи адолат ва ғайра буд. Хусусияти сеюмаш ин аст, ки маорифпарварон табақаҳои меҳнатии аҳолӣ, халқ ва деҳқононро ҳимоя ва тарафдорӣ мекарданд, барои беҳбудии зиндагии мардум фикру андешаҳои хуб пешниҳод менамуданд.*

*Ин андешаҳоро дар осори адабии Аҳмади Дониш, асосан дар асари беназираш «Наводир-ул-вақоеъ» ва шогирдону пайравони ӯ равшан дидан мумкин аст.*

Дараҷаи дуюм (миёна) - «ҷавоби хуб»

Ҷавоби Хуршед:

1. *Дар солҳои 60-уми асри XIX Осиёи Миёна бо империяи Россия якҷоя мешавад ва дар адабиёти тоҷик ҷараёни нав ба вуҷуд омада, инкишоф меёбад. Бисёр шоирону нависандаҳо барои нест намудани беадолатӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои одамон мубориза мебурданд. Вазъияти адабиёти тоҷик беҳтар шуда, ҷараёни маорифпарварӣ ба вуҷуд омад. Ин дар адабиёт навигарӣ буд, зеро адибон рӯирост ба муқобили сиёсати амирони ситамкор асарҳо менавиштанд, онҳоро танқид мекарданд, ин кор таъсири хуб гузошт ва дар ҷомеа пешравиҳо ба чашм мерасиданд.*

*Он замон Бухоро маркази адабӣ буд ва дар он ҷо маорифпарварон бо назари танқидӣ бар зидди сиёсати сарварони баромад мекарданд, ба монанди А. Дониш, Ш. Шоҳин, М. Ҳайрат. Ин нависандаҳо барои инкишофи адабиёти тоҷик саҳм гузоштанд.*

*2. Якҷояшавии Осиёи Миёна бо Россия дар адабиёти тоҷик низ дигаргунӣ овард. Дар адабиёт ҷараёни маорифпарварӣ ба вуҷуд омад, ки онро Аҳмади Дониш ташкил кард.*

*Ин ҷараён чунин хусусият дошт, ки мардумро бедор намуда, ба муқобили боёну феодалҳо мехезонд. Маорифпарварон зулму ситамро танқид мекарданд ва дар бораи адолату ҳуқуқҳои одамон менавиштанд ва мардумро дастгирӣ ва бедор менамуданд. Дар бораи маорифу илм, озодии инсон ва муносибатҳои табақавӣ тарғиб мекарданд. Бо як хусусияташ ҳамин буд, адибони маорифпарвар табақаҳои меҳнатии аҳолӣ, халқ ва деҳқононро ҳимоя ва тарафдорӣ мекарданд, барои зиндагии хуби мардум фикру андешаҳои фоидаовар пешниҳод менамуданд. Масалан, Аҳмади Дониш дар асарҳояш ақидаҳои беҳтаринро навишта, ҳамаро барои ҳимояи ҳуқуқҳояшон хезонда, беҳуқуқии одамони он давраро танқид мекард.*

Дараҷаи сеюм (паст) - «ҷавоби суст»

Ҷавоби Сорбон:

1. *Вақте ки дар нимаи дуюми асри XIX Осиёи Миёна бо империяи Россия якҷоя мешавад, адабиёти тоҷик ба мушкилиҳо дучор меояд ва баъд аз он инкишоф меёбад. Дар адабиёти тоҷик равияи маорифпарварӣ ба вуҷуд меояд. Яъне, шоиру нависандаҳо ба муқобили сиёсати мансабдорони ҷоҳил ҳар гуна шеъру асарҳо менавиштанду халқро ҳимоя мекарданд.*

*Дар Бухоро адибони маорифпарвар бисёр ҷамъ омада буданд ва онҳо мехостанд, ки зулму ситамро нест карда, ҳақиқату адолатро барпо кунанд. Барои ин кор деҳқонону камбағалонро бар зидди амирону мансабдорҳо мехезонданд, то ки онҳо дигар мардумро азоб надиҳанд ва аз сари вазифа раванд. Ин нависандаҳо Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин ва М. Ҳайрат буданд, ки бо ақидаҳояшон мардумро тарафдорӣ менамуданд.*

*2. Ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна бо Россия ба адабиёти тоҷик таъсири калон кард. Дар адабиёти тоҷик ҷараёни маорифпарварӣ пайдо шуд, ки онро нависандаи номӣ Аҳмади Дониш ҷорӣ намуд. Хусусияти маорифпарварӣ ин фикри мардумро дигар карда, одамонро бо феодалҳо зид нишон дода, бо онҳо мубориза бурдан буд. Ҳамаи ин барои зулму ситамро нест кардану ҳақиқатро ҷорӣ намудан буд. Шоирону нависандаҳои маорифпарвар дар асарҳояшон дар бораи бедолатӣ ва беҳуқуқии он замон менавиштанд ва бо ин корашон мехостанд мардум саводноку бодониш  шаванд. Халқ ва деҳқононро ҳимоя мекарданд, то ки зиндагиашон хуб шавад.*

Дараҷаи чорум (аз ҳама паст) – «ҷавоби сусттар»

Ҷавоби Аюбҷон:

1. *Дар давраи Осиёи Миёна бо Россия ҳамроҳ шудан адабиёти тоҷик пеш меравад. Шоирону нависандаҳои маорифпарвар бар зидди роҳбарону бойҳо менавиштанд, онҳоро танқид мекарданд, ки дигар мардумро азоб надиҳанд. Яке аз ин нависандагон дар Бухоро А. Дониш буд, ки мардумро тарафдорӣ мекард ва онҳоро барои ҳақиқат мехезонд.*

*2. Дар Осиёи Миёна адабиёти тоҷик дигаргун мешавад.  Нависанда Аҳмади Дониш маорифпарвариро ташкил кард. Ӯ мехост, ки деҳқонҳою камбағалон босавод шаванд ва ба муқобили мансабдорону бойҳо мубориза баранд. Беҳуқуқӣ ва азобдиҳии мардумро танқид ва халқро ҷонибдорӣ мекард. Ин кор ба халқ фоида овард ва ҳаёти онҳо беҳтар шуд.*

Чунон ки зикр карда шуд, саволи якум ба мақсади санҷиши натиҷаҳои ба роҳ мондани интегратсияи фанҳои бо ҳам наздик, ки дар он асосан донишҳои як фан дар фанни дигар ва, баръакс, истифода мешаванд, матраҳ шуда буд. Саволи дуюм бошад, барои санҷидани донишҳои назариявӣ аз фанни «Адабиёт» пешниҳод гардид. Ҳадафи асосӣ баъди анҷом ва ҷамъбасти мавзуъ муайян намудани сатҳи дониши хонандагон роҷеъ ба ҷараёни нави адабиёт – маорифпарварӣ, омилҳои пайдоиш, моҳият ва хусусиятҳои хоси он буд.

Тазаккур бояд дод, ки моҳирона коргирӣ аз роҳу воситаҳои интегратсияи байнифаннӣ, ҳамчунин амиқ азхудкунии донишҳои назариявӣ, донистану

фаҳмидани сабабу натиҷаҳо ва вижагиҳои ин ё он тағйироту дигаргуниҳо дар адабиёт, ташаккул ё таназзул, инъикоси замон, вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва хулосабарорӣ аз онҳо ба ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон замина мегузорад.

Бояд гуфт, ки ба хонандагони синфҳои назоратӣ низ ҳамин гуна саволу супоришҳо дода шуда буданд, аммо чунин ҷавобҳоеро, ки донишҳои амиқу муназзам ва дар бораи вазъият ва давраҳои таърихӣ, назарияҳои ҷараёнҳои нав ва хусусиятҳои хоси онҳо, омилҳо ва сабабу натиҷаҳо маълумотҳои пурраро фаро гиранд, дарёфт карда натавонистем.

Аз рӯйи маълумотҳои бадастомада натиҷаи беҳтарро хонандагони синфҳои озмоишии мактабҳои шаҳр – беш аз 72 % нишон доданд. Дар синфҳои назоратӣ, яъне дар синфҳое, ки тарзҳои ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ба роҳ монда нашуданд ва он ҷо низ талаботи системаи дарсҳо сахт ва қатъӣ риоя карда намешуд, ҳамагӣ 26 % хонандагон барои ҷавоб ба саволи додашудаи давраи таърихӣ баҳои мусбат гирифтанд.

Муқоисаи миқдори баҳоҳои мусбат тибқи шкалаи шартӣ дар бораи фарқи сифати донишҳои хонандагони синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ танҳо маълумоти умумӣ медиҳад. Аммо, мо натиҷаҳоро бо роҳи ошкор сохтани дараҷаҳои аз рӯйи сифат нобаробар (мувофиқи унсурҳое, ки ба меъёри ҷавобҳо дар бораи муайянкунии дараҷаи мураттабии донишҳо ворид карда шудааст) муфассалтар таҳлил намуда, хулоса баровадем. Чунончи, дар дараҷаи якум (баланд) – «ҷавоби беҳтар» хонандагоне гузошта шудаанд, ки донишҳояшон ба ҳамаи унсурҳои меъёри ҷавоб аз рӯйи мавзуъ ва ҳам аз рӯйи саволи додашудаи давраи таърихӣ мувофиқат мекунанд.

Ин гурӯҳ хонандагон доираҳои хронологиро дуруст нишон доданд, аломатҳои асосиро ҷудо карда тавонистанд, алоқаҳои сабабу натиҷаҳоро дуруст ошкор намуданд. Аз фанни «Адабиёти тоҷик» бошад, дар ҷавобҳо донишҳои байнифаннӣ истифода шуда, омилҳои пайдоиши ҷараёни нави маорифпарварӣ дар адабиёт, аҳаммият ва хусусиятҳои хоси он шарҳу тафсири худро ёфтаанд, ки донишҳои амиқ ва васеъро фаро мегиранд.

Гарчанде ҷавобҳо аз баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ орӣ набошанд ҳам, пурра ва мантиқан тартиб дода шудаанд.

Ба дараҷаи баланди донишҳои зеҳнӣ мо ҷавобҳои кӯтоҳ ва муҷазро низ ворид намудем, ки дар онҳо анқариб ҳамаи унсурҳои асосии меъёри ҷавоб инъикос ёфта буданд, вале онҳо нопурра ва номукаммал ошкор шуданд. Ишора кардан бамаврид аст, ки ҳангоми бо шогирдон озодона суҳбати иловагӣ доир намудан бароямон бисёр номаълумиҳо ошкор гашт, яъне дар муқоиса бо ҷавобҳои хаттӣ, ҷавоби шифоҳӣ пуррагӣ ва мукаммалии донишҳоро зиёдтар нишон дод. Чунин ҳолатро ба назар гирифта, мо ҷавобро ба дараҷаи баланди донишҳо ҷой додем.

Аммо, ҳолатҳои баръакс ҳам ҷой доштанд, яъне зимни суҳбат норасоиҳои донишҳо ба мушоҳида расиданд ва дар он сурат мо мавқеи хонандагонро ба дараҷаи дуюм, дараҷаи поёнтари донишҳо гузоштем. Аз ин бармеояд, ки донистани психологияи таълим ва ҳам психологияи шогирдон барои ҳар як омӯзгор муҳим ва шарти асосӣ низ мебошад.

Умуман, ба дараҷаҳо ҷудо намудани донишҳо имкон дод, ки таъсири “Системаи дарси босамар”-и андешидаро ба сифати зеҳни хонандагон дар раванди таълим муфассал дида бароем.

Дарвоқеъ, нақши бузурги таҳияи нави система барои ташкили дарсҳо эҳсос гардид, ки бо истифода аз он дар синфҳои озмоишӣ 144 нафар аз нисф зиёди хонандагон 110 нафар бо дараҷаи баланд (43%) ва миёнаи донишҳои зеҳнӣ (33%) фаро гирифта шуд. Бояд гуфт, ки то ин вақт дараҷаи донишҳои хонандагони синфҳои озмоишию назоратӣ то 17-18%-ро ташкил мекард.

Тазаккур бояд дод, ки дар синфҳои озмоишӣ дар “Системаи дарси босамар”-и таҳиякардаи мо маводи таълимӣ мувофиқи мафҳумҳои марказӣ ва проблемаҳои меҳварии фан интихоб шуда буданд ва бар замми ин, таълими мақсадноки хонандагон ҷиҳати тарзҳои ҷамъбаст ва мураттабсозии маводи омӯзишӣ роҳандозӣ гардида буд, ки ин ҳама барои сифати баландтари донишҳоро соҳиб шудан имконият фароҳам овард. Ҷадвали зерин аз ин шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 17**

**Дараҷабандии донишҳои зеҳнии ташаккулёфтаи хонандагони синфҳои 11 аз фанни «Таърих»**

| Синфҳо | Теъдоди хонандагон | Дараҷаҳо | | | | Ташаккулёбии дониш |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Баланд | Миёна | Паст | Аз ҳама паст | |
| Синфҳои озмоишӣ | 144 | 62 *(43%)* | 48 *(33%)* | 25 *(17%)* | 9 *(6%)* | 135 *(93%)* |
| Синфҳои назоратӣ | 146 | 15 *(10%)* | 31 *(21%)* | 36 *(25%)* | 64 *(44%)* | 82 *(56%)* |

Дараҷаҳои гуногуни донишҳои зеҳнии хонандагонро дар намуди диаграммаи сутуншакл тасвир менамоем.




***Диаграммаи 4. Дараҷабандии донишҳои зеҳнии ташаккулёфтаи хонандагон***

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи озмоиши таълимии гузаронидашуда аз рӯйи маводи таърих дар синфҳои XI донишҳои аксари хонандагон пурратару амиқтар гардиданд. Онҳо дар маводи мушаххас ба қисмҳо ҷудо намудани алоқаҳои аз ҳама асосӣ ва муносибатҳоро, ҳамчунин ба воқеаҳои таърихӣ ва ҳодисаҳои иҷтимоӣ баҳои дуруст ва илмӣ доданро ёд гирифтанд, ки протоколҳои таҳлили ҳамаҷонибаи бисёр дарсҳо аз он шаҳодат медиҳанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои имтиҳонҳои фанни «Таърих» дар синфҳои болоии

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ, ки он ҷо таҳқиқоту озмоишҳо ҷараён гирифтанд, ба ин гуфтаҳо далел шуда метавонанд.

**Ҷадвали 18**

**Натиҷаҳои имтиҳонот аз фанни «Таърих» дар синфҳои XI дар охири соли таҳсил**

| Синфҳо | Теъдоди хонандагон | Баҳоҳо | | | | Азхудкунӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | «5» | «4» | «3» | «2» | |
| синфҳои озмоишӣ | 186 | 48 *(26%)* | 81 *(44%)* | 53 *(28%)* | 4 *(2%)* | 182 *(98%)* |
| синфҳои назоратӣ дар мактабҳои шаҳр | 192 | 22 *(11%)* | 65 *(34%)* | 78 *(41%)* | 27 *(14%)* | 165 *(86%)* |
| синфҳои назоратӣ дар мактабҳои деҳот | 188 | 18 *(10%)* | 63 *(34%)* | 76 *(40%)* | 31 *(16%)* | 157 *(84%)* |




***Диаграммаи 5. Дараҷаи донишазхудкунӣ аз фанни «Таърих» дар синфҳои XI***

Аз ин бармеояд, ки ба омӯзгорон, дарвоқеъ, додани дастуру тавсияҳои методӣ ва ҳамзамон, дар синфҳои озмоишӣ коргирӣ аз “Системаи дарси босамар” таъсири шоиста мегузоштааст. Зеро дар системаи нави таҳияшудаи дарсҳо баробари интихоби маводи таълимӣ вобаста ба мафҳумҳои марказӣ, проблемаҳои меҳварии фан, бароҳмонии таълими мақсаднок барои омӯзиши тарзҳои ҷамъбаст ва мураттабии донишҳо, ҳамзамон, истифодаи шаклҳои нави таълим, методҳои интерактивии таълим, риояи талаботи муҳимтарин

принсипҳои дидактика, махсусан, принсипҳои шуурнокӣ ва фаъолнокӣ дар таълим, илмӣ дар таълим ва мустаҳкамӣ дар таълим имконият фароҳам месозанд, ки ташаккул ва болоравии сатҳу сифати донишҳо таъмин карда шавад.

Аз ҳама муҳим дар "Системаи дарси босамар"-и пешниҳодкардаи мо баробари азхудкунии донишҳои назариявӣ ва истифодаи моҳиронаи онҳо дар амалияи таълим ва вазъиятҳои гуногун ва ниҳоят, коргирӣ аз методу тарзҳои муносиб ва иҷрои шарту талаботи онҳо, ки ҳамаи инҳо мусоидкунандаи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳниянд, ба эътибор гирифта шудаанд.

Дарвоқеъ, натиҷаи дастуру тавсияҳои додашуда ва ба эътиборгирии шарту талаботи гузоштаро мо дар фаъолияти таълимии муаллимону хонандагони синфҳои озмоишӣ баръало мушоҳида менамудем. Далели ин гуфтаҳоро, воқеан, дар қиёси синфҳои озмоишӣ ва синфҳои назоратӣ дидан мумкин аст.

Дар озмоиши таълимӣ аз фанни "Адабиёти тоҷик" дар тули тамоми таҳқиқот чандин маротиба аз рӯйи мазмун озмоишҳои якхела (барои муқоиса) гузаронида шуданд, ки сифати донишҳои хонандагонро дар синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ нишон медоданд. Чунин таҳқиқотҳо пас аз омӯзиши мавзуъҳои алоҳида ё бобҳо, алалхусус дар анҷоми нимсолаи якум, ё соли таҳсил ҳамчун дарси ҷамъбастии проблемавӣ ва ҳамзамон, дар имтиҳоноти хатмкунӣ дар синфи XI низ доир карда шуданд.

Барои он ки таъсир ва самаранокии системаи таҳиянамудаи мо оид ба принсипҳои сохти дарсҳо, самаранокӣ ва хусусиятҳои онҳо бобати мураттабсозии донишҳо намоён гардад, аз ҷониби мо баъзе намудҳои донишҳои зеҳнӣ аз фанни адабиёт ҷудо карда шуданд. Ҳамин тавр, ба мақсади санҷидани сатҳу сифати дониш ва маҳоратҳои зеҳнии хонандагони синфҳои X аз фанни "Адабиёти тоҷик" чунин саволҳо пешниҳод гардиданд:

1. Ғояи асосии асари бадеӣ дар як шакли умумӣ тартиб дода шавад;

2. Проблемае, ки дар асарҳои гуногуни як муаллиф ошкор гардидааст, мухтасар баён карда шавад;

3. Ба қаҳрамонҳои бадеии монанд дар асарҳои муаллифони гуногун хислатномаи мураттаб дода шавад;

4. Проблемаҳое, ки муаллиф дар асари калон гузоштааст, баён ва сабабҳои онҳо дар вазъияти иҷтимоию таърихии ҳамон замон нишон дода шаванд;

5. Мазмуни мафҳумҳои мураккаби назарияи адабиёт шарҳу тавзеҳ ва онҳо дар мисоли ягон асари бадеӣ муайян карда шаванд.

Дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот вазифаҳо аз рӯйи мазмун барои синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ як хел буданд. Сифати иҷрои вазифаҳо дар муқоиса бо меъёри ҷавобҳо, ки онҳоро мо якҷоя бо омӯзгорон тайёр карда будем, баҳогузорӣ карда шуд. Вариантҳои вазифаҳо ва меъёри ҷавобҳоро мо дар боби II, § 1 нишон додаем.

Мо маҳз ба хотири он ки вазифаҳо дониш ва маҳорату малакаҳои ташаккулёфтаро талаб менамоянду ҷавобҳои онҳо ба хонанда душворӣ меоранд, пайдарпай мураккабтар карда, манзур кардем (ниг. ба сутуни якуми ҷадвал).

**Ҷадвали 19**

**Натиҷаи дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии азхуднамудаи хонандагони синфҳои X аз фанни “Адабиёти тоҷик” аз рӯйи меъёри ҷавобҳо**

(ба ҳисоби %)

| Талаботи фарогирии дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ аз рӯйи мазмуни асари бадеӣ | Синфҳо, мактабҳо ва теъдоди озмоишшудаҳо | | |
|---|---|---|---|
| | Синфҳои озмоишӣ - 186 нафар | Синфҳои назоратии мактабҳои шаҳр - 192 нафар | Синфҳои назоратии мактабҳои деҳот - 188 нафар |
| 1. Ғояи асосии асари бадеӣ дар як шакли муайян тартиб дода шавад | 78,5 | 41,6 | 38,3 |
| 2. Проблемаи умумӣ дар асарҳои гуногуни як муаллиф ошкор ва мухтасар баён карда шавад | 71 | 36,5 | 35 |
| 3. Ба қаҳрамонҳои бадеии монанд дар | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| асарҳои муаллифони гуногун хислатномаи мураттаб дода шавад | 68 | 32,5 | 27,2 |
| 4. Проблемаҳое, ки муаллиф дар асари калон гузоштааст, баён ва сабабҳои онҳо дар вазъияти иҷтимоию таърихии ҳамон замон нишон дода шаванд | 54,8 | 28,3 | 24 |
| 5.Мазмуни мафҳумҳои мураккаби назарияи адабиёт шарҳу тавзеҳ ва онҳо дар мисоли ягон асари бадеӣ муайян карда шаванд | 51,3 | 22,7 | 18,5 |

Мусаллам аст, ки дар сурати торафт мураккабтар гардонидани мазмуни супоришу вазифаҳо маҳз дар ҷамъбаст, ки донишҳо аз назарияи адабиёт зарур мешаванд, теъдоди хонандагони донишҳои амиқ ва мустаҳкамдошта низ камтар мегардад. Ин ҳолатро рақамҳои ҷадвал ҳам барои синфҳои озмоишӣ ва ҳам назоратӣ тасдиқ мекунанд. Вале, дар ҳар сурат, мураттабсозии дурусти донишҳо дар дарсҳо таъсири калон мерасонад, ки ба ин фоизнокии баланди донишҳои синфҳои озмоишӣ далел шуда метавонад.

Мушоҳидаҳо ва корҳои анҷомдода нишон доданд, ки дарвоқеъ, шавқу рағбати хонандагон ба дарсҳое, ки дар онҳо дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ ташаккул меёбанд, басо зиёд мегардад. Ин маънои онро дорад, ки дар дарсҳое, ки мақсади онҳо зеҳникунонии донишҳо мебошад, назар ба дигар дарсҳо, ба дараҷаи баланд хонандагон қонуниятҳои умумии ин ё он ҳодисаҳои омӯхташавандаро дарк мекунанд. Ҳамчунин, фаҳмидани рӯйдоду ҳодисаҳои ҳаётӣ, ҷамъиятӣ, пешравиҳои ҳаёту ҷомеа, фактҳо ва воқеаҳоро меомӯзанд, ки онҳоро хонандагон қаблан ҷудою алоҳида медонистанд ва дар ин дарсҳо дар алоқаи мутақобила ва бо ҳам вобаста баромад мекунанд.

Омӯзгорони дар озмоиши таълимӣ ҷалбгардида принсипҳои интихоби маводи таълимӣ ва методу тарзҳоро дар дигар синфҳо (маҳз дар синфҳои хатмкунанда) истифода бурданд ва ин кор ба онҳо имкон дод, ки дар ин синфҳо ҳам ба муваффақиятҳои назаррас комёб шаванд. Дар ин хусус зимни суҳбати инфиродӣ бо муаллимони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқи инсон маълумот гирифтем. Роҷеъ ба самаранокии кори омӯзгорон

ҷавобҳои хонандагон ҳангоми супоридани аттестатсияи хатм шаҳодат медиҳанд. Ба сифати мисол ҷавобҳои хонандагони МТМУ №89 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ки онҳоро сабт карда будем, меорем. Аз ҷумла хонандаи синфи XI Раҳимзода Шаҳбоз ба саволи «Зарурати гузаронидани ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон» ҷавоб гардонида, аҳаммияти ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва хусусиятҳои асосии онро шарҳ дода, дар бораи сохтори бисёрҳизбӣ дар ҷумҳурӣ, вазъи саноат, кишоварзӣ ва иҷтимоёт дар мамлакат, ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва ниҳоят, корнамоӣ ва талошҳои роҳбарияти давлату ҳукуматро, ки дар ин ҷода саҳми арзанда гузоштанд, муфассал баён кард.

Ҳамин тариқ, дар ҷавобҳои хонандагони синфҳои озмоишӣ як қатор маҳоратҳои зеҳнӣ зоҳир шуданд:

1. Дар маводи таълимӣ аломатҳои асосиро аз дуюмдараҷа ҷудо ва фактҳои мушаххасро ҷамъбаст ва мураттаб намуда, дар асоси онҳо хулосаҳои умумӣ баровarда тавонистанд;

2. Сабабу вобастагиро ошкор ва муқоиса намуда, дар ин асос ба ҷамъбастҳо наздик карда шуданд;

3. Дар ҷавобҳо тарзу методҳои гуногун, аз ҷумла индуксия, дедуксия, таҳлил ва таркиб, муқоиса ва ғайраро истифода бурда тавонистанд;

4. Ҷавобҳо равон, фасеҳ ва мантиқан баён гардиданд;

5. Дурустии фикру андешаҳо бо факту рақамҳо ва иқтибосҳо исбот намуда шуданд;

6. Маводи таълимии омӯхташаванда бо комёбиҳои нави илму техника, истеҳсолот, инкишофи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷомеаи муосир алоқаманд карда шуданд.

Ин ҳама нишонаи он аст, ки озмоиши таълимӣ ва ҳамаи системаи донишҳои зеҳнӣ ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи шуурнокӣ ва мустаҳкамию амиқии донишҳо, ҷамъбасту мураттабсозии онҳо ва ташаккули мавқеи ҳаётии хонандагон созгор омадаанд.

Аз натиҷаҳои озмоиши таълимӣ метавон хулоса кард, ки ҳангоми ташкили шароити педагогӣ ва дурусту мақсаднок ба роҳ мондани фаъолият, маҳз фаъолияти мустақилонаи хонандагон салоҳиятҳои зеҳнии онҳо инкишоф меёбад.

Инкишофи донишҳои зеҳнӣ раванди ягона мебошад. Инкишофи зеҳн ва қобилият бо ҳам вобаста буда, барои ҳамдигарро пурра намудан мусоидат мекунанд. Дар ин раванди ягона табиист, ки инкишофи қобилият аз дараҷаи донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон вобаста мебошад, вале дар ҷараёни таълим қобилияти инкишофёфтаи зеҳн, дар навбати худ, азхудкунии амиқтар ва босуръати дониш ва маҳорату малакаҳои навро муайян месозад.

Барои муайян кардани натиҷаҳои таҳқиқот дараҷаи ташаккул ёфтани донишҳои зеҳнии хонандагони синфҳои X – XI, маҳорату малакаҳои ҷамъбаст намудани маводи омӯхташаванда, ки аз муҳимтарин роҳҳои баланд бардоштани сатҳи сифати донишҳо ва рушди шахсияти талабагон мебошад, аз фанҳои адабиёти тоҷик ва таърихи халқи тоҷик вобаста ба мавзуъ, боб ва проблемаи меҳварӣ вазифаю супоришҳо манзур карда шуданд (ҷадвали 20).

**Ҷадвали 20**

**Дараҷаи фарогирии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон**

(ба ҳисоби %)

| Фан ҳо | Вазифаҳо | | Аз рӯйи проблемаи меҳварӣ | Синфҳои озмоишии шаҳр ва деҳот -372 нафар | Синфҳои назоратии шаҳр ва деҳот -380 нафар | Дараҷаи дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аз рӯйи мавзуъ | Аз рӯйи боб | | | | |
| Адабиёти тоҷик | Дар як шакли муайян тартиб додани ғояи асосии асари бадеӣ | Ошкор кардани мазмуни мафҳумҳои мураккаби назарияи адабиёт ва дар мисоли ягон асари бадеӣ муайян намудани онҳо | Баён намудани проблемаҳое, ки муаллиф дар асари калон гузоштааст ва нишон додани сабабҳои онҳо дар вазъияти иҷтимоию таърихии ҳамон замон | 93,3<br>69,2<br>52 | 52,2<br>36,5<br>8,3 | I - баланд<br>II - миёна<br>III - паст |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Таърихи халқи тоҷик** | Шарҳи сабабҳои саршавӣ ва рафти ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ошкор намудани аломатҳои умумӣ ва хусусиятҳои инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI | Дарёфти аломатҳои умумӣ ва хусусиятҳои соҳибистиқлоли и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти таърихии он | 90,5<br>71<br>47,3 | 54,5<br>48,2<br>13 | I - баланд<br>II - миёна<br>III - паст |

Тавре ки ҷадвал нишон медиҳад, иҷрои вазифаҳои пешниҳодгардида аз ҷониби хонандагони синфҳои озмоишии шаҳр ва деҳот қиёсан бо синфҳои назоратӣ болоравии сатҳ ва муваффақиятнокии ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии онҳоро тасдиқ менамояд.

Ногуфта намонад, ки дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот вазифаҳо ҳам барои синфҳои озмоишӣ ва ҳам синфҳои назоратӣ мазмуни якхела дошта, ба сифати иҷрои онҳо аз рӯйи меъёр (эталон)-и ҷавобҳо баҳо гузошта шуд.

Ҳамин тариқ, дастурҳои таълифгардида оид ба ташкили самараноки раванди таълим чун раҳнамои педагогӣ аз омӯзгор талаб менамояд, ки:

- ҳамаҷониба шахсияти хонандагон, аз ҷумла дараҷаи дониш, маҳорат, малакаҳо, қобилият ва муносибати босалоҳият дар таълим, муносибат ба фанни таълимии омӯхташаванда, фаъолнокии маърифатӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва мустақилнокии онҳо дониста шавад;
- дар хонандагон худназоратӣ, худтаҳлилкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои ҳосилшуда ташаккул дода шаванд;
- дараҷаи баланди ғояҳои пухта, маърифатнокӣ, фаъолмандӣ ва ҳисси масъулиятшиносӣ дар амалҳои хонандагон таъмин карда шавад.

Умуман, дар муассисаҳои таълимӣ бояд фаъолияти педагогӣ ва таълимии омӯзгорону хонандагон тавре роҳандозӣ гардад, ки дар натиҷа дониш, маҳорату малакаҳои зеҳнӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва салоҳиятнокӣ инкишоф ёфта, барои доираи васеи ҷаҳонбинӣ, назариёт, ақидаҳои маънавию эстетикӣ роҳ кушода шавад. Ташкили таълими мақсадноку бошуурона баробари ба инсон маълумот додан тарбия, инкишоф ва иҷтимоишавии ӯро

низ таъмин месозад ва ҳамчунин, ҳадафи ниҳоии он тарбияи шахсияти комил, ҳамаҷониба рушдёфта, дорои ахлоқи наку, фазилат, фарҳанг, маънавиёти паҳновар, масъулиятшинос ва худогоҳ мебошад. Аз ин рӯ, мактаб, ки дар таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавон вазифаи пурмасъулиятро ба дӯш дорад, бояд якҷо бо дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла оила ва ҷомеа барои иҷрои он тавассути таълими босамару муваффақиятнок кӯшиш ба харҷ диҳад.

Бо итминон метавон гуфт, ки дар сурати масъулиятноку дақиққорона анҷом додани тавсияҳои пешниҳодшуда ба рушди салоҳияти касбии омӯзгор, фаъолияти таълимии хонандагон ва дар маҷмуъ, ба пешравиҳои таълим кафолат ва умед баста мешавад.

## ХУЛОСАҲОИ БОБИ ЧОРУМ

Таҳлили назариявӣ ва амалии мавод ва маълумотҳои бадастомада аз натиҷаҳои пажуҳиш имконият медиҳанд, ки аз рӯйи боби мазкур хулосаҳои зарурӣ бароварда шаванд.

Таҳқиқоти озмоишии роҳу усулҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон, аз ҷумла нақши шаклҳои гуногуни ташкили таълим, ҷойгоҳи системаи дарсҳо дар таъмини ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ ва таъсири озмоишҳои таълимӣ дар ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон як қатор проблемаҳоро муайян сохт.

Таҳлили фаъолияти педагогии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр ва деҳот нишон дод, ки омӯзгорон ба ҷуз дарс дигар шаклҳои гуногуни ташкили таълимро гоҳ-гоҳ истифода мебаранд.

Натиҷаҳои озмоишҳо собит намуданд, ки фаъолияти маърифатии хатмкунандагон қаноатмандкунанда нест. Яке аз сабабҳои ин ба баргузор накардани шаклҳои дигари ташкили таълим нисбат дода шуд.

